ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ
## БАХШИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА, ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТШИНОСӢ

***Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ***

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
## СЕРИЯ ФИЛОСОФИЯ, ПРАВО И ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни***

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY
## SERIES OF PHILOSOPHY, LAW AND POLITICAL SCIENCES

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 2-3 (14-15)**

**Душанбе – 2024**

**ISSN 2710-4672**
***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст***
*Маҷалла аз 01.10.2024 шомили феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ аз рӯи самтҳои зерин нашр мешаванд: 09.00.00 – Илмҳои фалсафӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 – Илмҳои сиёсатшиносӣ*
*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти № 293/МҶ-97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*
*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосоварии илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.* http: //elibrary.ru

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** vestnik.tgpu@gmail.com

***Сомонаи маҷалла:*** http: // filosofiya.tgpu.tj

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Холов С.С.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Самиев Бобо Ҷураевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Назариев Рамазон Зибуҷинович*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Раҳимзода Маҳмад Забир*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоеивч*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Раҷабов Саидумар Одинаевич*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Муҳаммад Абдураҳмон Навруз*** *- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Бедилзода Ҳусейн Кабут*** *- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2710-4672**

***Журнал основан в 2021 году***

*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов Республики Таджикистан с 01 октября 2024 года. В журнале публикуются научные статьи по следующим направлениям: 09.00.00 - Философские науки, 12.00.00 - Юридические науки, 23.00.00 - Политические науки*

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 1 мая 2023 года за № 293/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.* http: //elibrary.ru

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik. tgpu@gmail. com*

***Сайт журнала***: *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор***:* ***Холов С.С.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Самиев Бобо Джураевич*** - *доктор философских наук, профессор,*
***Назариев Рамазон Зибуджинович*** - *доктор философских наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон*** *– доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** *– доктор философских наук, профессор*
***Рахимзода Махмад Забир*** *– доктор юридических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Сафарзода Анвар Ислам*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоевич*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Раджабов Саидумар Одинаевич*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулла*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Мухаммад Абдуррахман Навруз*** *– доктор политических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Кувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктор политических наук, доцент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктор политических наук, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктор политических наук, доцент*
***Бедилзода Хусейн Кабут*** - *кандидат политических наук, доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2710-4672**
***The journal was founded in 2021***
*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals of the Republic of Tajikistan since October 1, 2024. The journal publishes scientific articles in the following areas: 09.00.00 - Philosophical Sciences, 12.00.00 - Legal Sciences, 23.00.00 - Political Sciences*
*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 1, 2023 for No. 293/ZhR-97*
*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Phone**: (+992 37) 224-20-12*

***Fax:** (+992 37) 224-13-83*

***E-mail:** vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:** http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo** - Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad** - Doctor of Low Sciences, Professor, Vice-rector on Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Kholov S.S.***

**THE EDITORIAL BOARD:**
***Samiev Bobo Jurayevich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Nazariyev Ramazon Zibujinovich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Sultonzoda Soqi Aslon** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Haydarov Rustam Juraboevich** - Doctor of Philosophy, Professor*
***Rahimzoda Mahmad Zabir** - Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences*
***Safarzoda Anvar Islam** - Doctor of Law, Professor*
***Melikov Umrillo Asadulloevich** - Doctor of Law, Professor*
***Rajabov Saidumar Odinaevich** - Doctor of Law, Professor*
***Azizzoda Ubaydullo Abdullo** - Doctor of Law, Professor*
***Muhammad Abdurrahmon Navruz** - Doctor of Political Science, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences*
***Quvvatzoda Saidullo Zuvaid** - Doctor of Political Science, Associate Professor*
***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich** - Doctor of Political Science, Professor*
***Murodova Nigina Sulaymonovna** - Doctor of Political Sciences, Associate Professor*
***Bedilzoda Hussein Kabut** - Candidate of Political Sciences, Associate Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ // ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**Бердиев Ш. П., Бердиёрова Г. И.**
Падидаи ифротгароӣ ва таъсири манфии он дар муносибат ба дин ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ........ 7
**Гулов И. Ф.**
Робитаи дониш ва таҷрибаи ирфонӣ дар таълимоти фалсафӣ ва динии Ғазолӣ ........ 17
**Саидумаров С.С., Тураев Ф.Р., Саидов Б.Б.**
Шуури инноватсионӣ: мушкилот ва роҳи ҳалли он (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) ........ 26
**Бердиев Ш.П., Алимардонзода З.**
Ифротгароии динӣ ва идеологияи хатарноки он ........ 31
**Муродзода И. Д.**
Таърихи таҳаввули таълимотҳо дар бораи идоракунӣ дар ҷомеаи Шарқи Наздик ва Миёна (аз қадим то охири асри XIX) ........ 36
**Шерматов Б. Г.**
Образовательная мобильность рабочей силы ........ 49
**Рахмонзода Дж. М.**
Философские аспекты сохранения культурного наследия в Центральной Азии в рамках UNESCO ........ 54
**Саидзода М. С., Тағоймуродзода М.Т**
Нақши омӯзгор дар тарбия дар партави дидгоҳҳои гуногуни фалсафӣ ........ 59
**Каримов Қ. О.**
Тамоилгирии андешаҳои Жан Жак Руссо доир ба масъалаи инсон ва ҳалли мушкилоти низоми ҷомеадорӣ ........ 65
**Бердиев Ш.П., Қаххоров Ғ.Ғ.**
Ифротгароии динӣ ва омилҳои пешгирии он ........ 73

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ // ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Ализода З.**
Давлати дунявӣ: масоили конститутсионӣ, илмӣ ва амалӣ ........ 81
**Сангинзод Д. Ш.**
Оид ба баъзе масоили тазоду муқобалаҳои маърифати ҳуқуқӣ ........ 86
**Қозиён Ш. Қ.**
Нақши давлати босамар дар мубориза бо коррупсия ва такмили тадбирҳои сиёсию идоракунӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ........ 90
**Сангинзод Д. Ш., Абдуллозода М. А.**
Маърифати ҳуқуқии олими ҳуқуқшинос ........ 97
**Маҳмудов И. Т.**
Нақши иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлатдории миллӣ ........ 102
**Шодиён И. Р.**
Махсусияти ислоҳоти судӣ - ҳуқуқии солҳои аввали таъсисёбии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ........ 113
**Абдуҷаборзода Х. А.**
Воситаҳои муосири бозоргонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ (реклама ва брендикунонӣ) ........ 121
**Амирзода Ф. А.**
Функсияҳои асосии таъсиси иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ........ 125
**Қобилҷонзода К.**
Шартномаи хизматрасонии брокерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 131

## ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ/ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Шарифзода А.А., Шарифзода Ф.А**
Сиёсати робитаҳои байни Тоҷикистон ва Латвия дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ ........ 137
**Бедилзода Ҳ.К.**
Сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ........ 147
**Нуриддин П. Р.**
Сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун мавзуи илмҳои сиёсӣ ........ 152
**Қудратов К.А., Шарифов И.И.**
Сохти ташкилӣ ва анатомияи созмонҳои террористӣ ........ 157
**Саъдулоев А., Муминов М. А., Давлатзода А. Б.**
Алоқамандии ахлоқ ва сиёсат аз нигоҳи Саъдии Шерозӣ ........ 166
**Фазл А. М.**
Марҳилаҳои асосии шаклгирӣ ва рушди парламентаризм дар Афғонистон ........ 172
**Мирзоев С. М.**
Сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва таҳияи стратегияи ягонаи амал дар ин самт. 180

ТДУ 271.12:316.77(575.2)

# ПАДИДАИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН ДАР МУНОСИБАТ БА ДИН ВА АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

**Бердиев Ш.П.**
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
**Бердиёрова Г. И.**
*МДТ «Колеҷи тиббиии шаҳри Панҷакент»*

Аз луғатномаҳои мухталиф, мақолаҳои ҷудогонаи олимони ватанию хориҷӣ бармеояд, ки мафҳуми «ифрот» аз решаи калимаи арабӣ «фарт» гирифта шуда, яъне «авҷ» ё «ҳади ниҳоят» мебошад. Мазмунан маънои аз ҳад гузаштан, зиёдаравӣ кардан, аз андоза берун баромадан, бештар аз тавоноӣ рафтор кардан, масъулият гирифтанро ҷиҳати иҷрои амале ва ғайраро ифода менамояд. Масалан, дар фарҳанги Деҳхудо «ифрот» ба се маъно шарҳу тавзеҳ дода шудааст: аввалан, «ифрот - фармудан, амр намудани касеро коре, ки берун аз тавоноияш аст. Дуюм, бо ифрот додан, беҳад сарф кардани дороӣ, исроф кардан дар истеъмоли неъмат; Сеюм, ифрот кардан – аз ҳад гузаштан, зиёдаравӣ кардан дар коре дар амале аст»[1, с. 3042 - 3043].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки ифрот як зуҳуроти манфур аст, ки аз ҷониби як нафар шахси гумроҳу ақлонӣ рушднакарда имкон дорад «дар шаклҳои супоришӣ-амрӣ, ки дигаронро ба иҷрои амали берун аз тавоноияшон маҷбур менамояд; дар шакли амалкардҳо аз меъёр берун тақсим кардани дороӣ ва имконият, мисол бори аз қудраташ вазнинтарро мебардорад, ҳарфи болотар аз тавоноияшро ироа медорад, ваъдаи зиёдтар аз қудраташро медиҳад ва ғайра» [7] - иҷро карда шавад.

Донишмандони тоҷик Холиқзода А. Ғ., Ш. Шосаидзода зимни шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои ифрот, тундагроӣ (радикализм), терроризм (даҳшатафканӣ) дуруст тавзеҳ медиҳанд, ки «Ифрот - дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ин аз ҳадди муайншуда, эътирофшуда, сарҳади эътидол ва муназзамии ҳолати умумии муносибатҳои мавҷуда гузаштан аст, ки дар ин гузаштнамоӣ адлу инсоф, назму тартиби вуҷуддошта вайрон гардида, манфиати қонунии шаҳрвандон зарар дида, ҳолати муътадили вуҷуд ва рушди ҷомеа дар умум вайрон мегардад» [7].

Аз ин андешаҳо маълум мегардад, ки ифротгаро фардест, ки тарзи фаҳмиш ва ё тарзи амали ӯ дар иҷро ё анҷом додани ин ё он кор аз ҳадди эътидол мегузарад. Ба монандӣ: пургӯӣ ҳангоми суҳбат; пӯрхурӣ; харҷи беҳудаи пул, исрофкории аз ҳад зиёди неъматҳо, ба дӯш гирифтани масъулият ҳангоми иҷрои амали зишти супоришӣ ва ғайра

Дар илми муосир ҷомеашиносон ва муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ин мафҳумро бо ба эътибор гирифтани асли пайдоишаш бо истилоҳи «экстремизм» мавриди корбарӣ қарор додаанд. Махсусан, донишманди тоҷик Н.Маҳмадизода дар таҳқиқоти худ, дар асоси сарчашмаҳои муътамад дақиқ мушаххас менамояд, ки “Истилоҳи “экстремизм” (“ифротгароӣ”) - ро ҳамчун мафҳуми илмӣ аввалин бор ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М.Лерой дар ибтидои асри XX мавриди истифода қарор дод. Аз дидгоҳи ӯ фарқияти асосии ин раванди сиёсӣ аз дигар ҷараёну равияҳо дар он аст, ки ифротгароён аз пайравони худ ба ғояҳои тарғибкунандаи сиёсӣ эътиқод доштанро талаб мекунанд. Барои мисол, неруҳои сиёсии ифротгаро, ки он вақт дар саҳнаи сиёсӣ амал мекарданд, М.Лерой “экстремизми сурх”-и болшевикон ва “экстремизими сафед”-и монархистон номида буд” [2, с. 11].

Аз ин рӯ, аз ин андеша метавон хулоса баровард, ки мафҳуми “экстремизм” аз истилоҳи фаронсавии «extremisme» гирифта шуда, маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру

андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза берун баромаданро ифода мекунад. Ба мазмуни дигар, истилоҳи “экстремизм” аз калимаи лотинии extremus ба маънои шадид гирифта шуда, назария ва амалияи расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, мазҳабӣ, миллӣ бо ёрии воситаҳои "экстремалӣ" (мамнӯъ) мебошад [3].

Бояд зикр кард, ки дар адабиёти илмӣ доир ба фаҳмиш шарҳи мазмун ва моҳияти экстремизм андешаҳои гуногун мавҷуд мебошад. Инчунин, аз ҷониби муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ ба он таърифҳои зиёде дода шудааст. Ҳарчанд таърифҳо шаклан ба ҳам монандӣ доранд, вале мазмунан такмилдиҳандаи ғоявии якдигар мебошанд. Барои муқоиса чанд таърифро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳем. Масалан, сиёсатшиноси тоҷик А.Раҳнамо зикр медорад, ки “муқобил ва ё антоними калимаи «ифрот» калимаи «тафрит» аст, ки он низ аз решаи «фарт» буда, ба маънои камравӣ, бепарвоӣ ва камтаваҷҷуҳии беш аз ҳад нисбат ба чизе ифода меёбад» [4, с. 16].

Таърифе, ки нисбати ин мафҳум дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо ифротгароӣ” дода шудааст, ҳамаи паҳлуҳои ин зуҳуроти номатлуби замони муосирро равшан мегардонад: “Ифротгароӣ - ин зуҳуроти аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ифода кардани шакли ифротии амалиёт ба шумор меравад, ки ба тахрибкорӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳо, барангехтани низову адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват менамояд”[5].

Аз таҳлил ва муқоисаи ин мавод ошкор мегардад, ки ифротгароӣ аз зумраи ҳаракатҳои иртиҷоӣ аст, ки расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, ба даст овардани қудрат, ҳокимиятро тавассути зӯрӣ, воситаҳои ҳарбӣ, қатлу куштор, иғвою фитна ва ғайра ба роҳ монданӣ мешавад. Пас, ифротгаро бошад, на танҳо қотил ё ҷаллод, балки симои ҷинояткори "идеологӣ"-ро бар худ касб мекунад. Ифротгароӣ майли ҷудоихоҳӣ, тундгароӣ ва иғвоангезиро дошта, шабеҳи терроризм аст. Ё худ оқибати ифрот терроризм аст.

Ифротгароӣ вобаста ба тамоилгирии ғояҳо дар намуди ифротгароии иҷтимоӣ, ифротгароии этникӣ ё миллӣ, ифротгароии сиёсӣ, ифротгароии динӣ пайдо шуда, паҳн мегардад. Ҳадафҳои ифротгароён бошад, иборатанд, аз:

- ба таври маҷбурӣ тағйир додани асосҳои конститутсионӣ ва томияти арзии мамлакатҳо;
- ҷонибдорӣ кардани амалҳои хусусияти террористидошта ва ҳар гуна фаъолиятҳои террористӣ ва дар ин замина ба вуҷуд овардани ихтилоф ё норозигии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ дар ҷомеа;
- эътироф накардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон;
- даъват ва таблиғ кардани маводи хусусияти ифротгароидошта ё ҳифз намудани онҳо бо мақсади паҳнкунӣ миёни омма;
- беасос бадном кардан коркунони идораҳои давлатӣ;
- маблағгузорӣ кардан ва таъмин доштани ҳаракату ҳизбҳои осебпазир ҷиҳати омодагӣ дидан ва дар амал татбиқ кардани амалҳои қатл, куштор, одамрабоӣ ва аҳдофи дигари худ ва ғайра.

Ифротгароии динӣ як навъи ифротгароӣ буда, мазмунан ва мантиқан фаъолияти бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани якпорчагии давлатро ифода мекунад. Ҳамчун зуҳуроти номатлуб ягон умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва ба ислом омезиш додани ғояҳои ифротиён ин танҳо ба ҳадаф расонидани нияти худ, ба даст овардани қудрат, боигарӣ, сарват ва ғайра ташкил медиҳад. Идеологияи ифротгароёни динӣ хурофотӣ буда, маншаи асосии ташаккул ва вусъат додани таассуб ва низоъҳои мазҳабӣ мебошад.

Ифротгароии динӣ яке аз маъмултарин шаклҳои экстремизм буда, ҳолатест, ки инсон дар фаҳмиши меъёрҳои дин, таблиғи таълимоти динӣ сахтгирии беш аз ҳад намуда, аз ҳадду андозаи эътидол мегузарад. Ифротгарои динӣ он шахсест, ки аз таълимоти муътадили динӣ дур монда, динро ба таври бисёр рӯякӣ, маҳдуд ва танг фаҳмида, ба ҳамин фаҳмиши худ амал карда, аз дигарон низ чунин тарзи амалро татбиқ карданӣ мешавад. Ифротгарои динӣ он касе аст, ки:

- таълими динӣ нагирифта, маърифати зарурии динӣ надорад ва маълумоти динии доштааш берабту бепоя мебошад;
- мафҳум ва истилоҳоти диниро дар мавриди баён ва зикри аркони дин, муқаддасот ва муҳаррамот дуруст баён карда наметавонад, мазмуни онҳоро шарҳу тавзеҳ дода наметавонад. Ба уламои асил ва воқеъбин эътимод надошта, таблиғгари уламои фосиқу манфиатҷӯ мебошад;
- аз рукнҳои ахлоқӣ, ки ҷавҳари дин ва китобҳои муқаддаси онро ташкил медиҳанд дуруст воқиф намебошад ва онҳоро дар зиндагии рӯзмарраи худ истифода намебарад. Бо мардум, дағал, дурушт, аз доираи муносибатҳои инсонӣ берун муоширaт менамояд;
- тартиби пӯшидани либос, хондани намоз ва дигар аркони онро риоя намекунад. Парҳезкору тақводор нест. Нисбат ба мардум раҳму шафаққат надорад, илму маърифати диниро такмил намедиҳад, аз омӯзиши илмҳои дунявӣ дурӣ ҷуста барои худ ҳаром меҳисобад.
- ба пайравони мазҳаб ва динҳои дигар бетаваҷҷуҳӣ карда, эҳтиромашонро қойил намешавад;
- беасос ва бе далели қотеъ ҳаммазҳабони худро «фосиқ», «бидъаткор», “ҷоҳил” «тоғут», “муртад”, «кофир» ва ғайра мехонад;
- аз баҳси динӣ ва илмӣ тарс дорад ва аз он доимо дурӣ ихтиёр менамояд ва ғайра.

Умуман, ифротгароии динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур дар дохили худи инсон аст, аммо агар ин навъи тафаккур ба марҳилаи паҳншавӣ ва амал гузарад, он ба радикализм ё тундравии динӣ табдил меёбад. Пас, радикализми динӣ марҳили ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи ифротгароии динӣ аст; он ифротгароиест, ки аллакай аз сатҳи тафаккур баромада, ба сатҳи таблиғот, ба сатҳи талаботи қатъӣ аз дигарон ва ба сатҳи амалҳои тунд мегузарад. Дар ин марҳила шахси ифротгарои динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба муборизаи амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ин ҳолат аллакай шакли радикалишудаи ифротгароии динӣ мебошад.

Аз сабабе, ки тарзи фаҳмиш ва арзишҳои ифротгароён барои аъзои дигари ҷомеа қобили қабул нестанд, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз зӯроварию хушунат истифода мекунад. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҷомеа ва давлатро тарсонида, бо роҳи зӯрӣ инсонҳоро ба худ тобеъ карда, мақсадҳои худро ба ҷомеа таҳмил намоянд. Ҳамин тавр, ифротгароии динӣ аз марҳилаи радикализми динӣ ба марҳилаи сеюми худ, яъне ба марҳилаи терроризм мегузарад.

Воқеан, дин ин эътиқод ва боварӣ ба Худо аст. Бо тафсири муҳаққиқон барои ташаккули маънавиёти инсон нақши хосса дошта, онро барои расидан ба саодати дорайн раҳнамун менамояд. Пас, донишҳои динӣ асоси илмӣ надоранд, тасаввуроти хаёлии одамон мебошанд. Чӣ тавре файласуфи олмонӣ Л.Фейербах зикр менамояд: дин тасаввури хаёлии инсонҳо дар бораи худоён ва эътиқоди инсонҳо ба онҳо мебошад. Донишманди дигари шинохта, равоншинос Э.Фрейд бошад, қайд менамояд, ки дин натиҷаи фаъолияти равонии инсон, аз ҷумла тахайюлот ва тасаввуроти ӯ аст. Яъне дар ташаккули ғояҳои динӣ хосияти ғайришууронаи фаъолияти инсон нақши муҳим мебозанд.

Ба маънои дигар дин ва дониши динӣ масъалаҳои вобастаи фавқуттабии ва таъсири онҳоро ба олами воқеӣ, муносибати эътиқодии инсонро нисбат ба ҳастии олӣ – Худо ё худоён, муқаддас шуморидани онҳоро меомӯзад. Яъне мавзуи диншиносӣ қонуниятҳои пайдоиш ва рушди дин, робитаю таъсиргузории тарафайни дин бо дигар соҳаҳои гуногуни ҷомеа мебошад. Дин шакли фаъолияти маънавии инсон, тарзи ифодаи хеш ва аз байн бурдани худбегонашавӣ, рукни муҳимми фарҳанг мебошад. Дар замони Шӯравӣ бо сабаби хусусияти идеологӣ касб кардани илмҳои диншиносию исломшиносӣ дар ин илмҳо дин на ҳамчун як унсури тамаддуни башарӣ ва як зинаи ногузири ташаккули шууру ҷаҳонбинии инсоният баррасӣ мешуд, балки ба он ҳамчун як падидаи комилан манфии таърихи инсоният баҳо медоданд.

Вазифаҳои асосии дин дар ҷомеа - ин ҷубронкунӣ, муттаҳидсозӣ, танзимӣ-назоратӣ, муайян кардани ҷавҳари будиш (вуҷуд) ва ғайра мебошанд. Онҳо чун воситаи ба назму

тартиб даровардан ва ҳифз намудани рафтор, расму анъана ва маросимҳои мардумӣ; меъёрҳои рӯзгор ва орзую омоли ахлоқиро, ки имрӯз ҳам барои инсонҳо заруранд, ҳифз медоранд. Шуури динӣ бошад, ифодакунандаи маҷмуи ғояҳо, эҳсосҳо, афкори динӣ ва инъикоси фаъолияти ниҳодҳои зерин: калисо, ташкилотҳои динӣ, ҳизбҳо, мазҳабҳо ва ғайра махсуб меёбад.

Умуман, имрӯз дар натиҷаи демократикунонии ҷомеа дар ҳаёти маънавии мардум дин ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанг ва танзимкунандаи ахлоқу одоб мебошад. Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] дин аз давлат ҷудо буда, давлати мо дар заминаи принсипҳои демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ роҳи идоракунӣ ва рушди худро интихоб кардааст ва ҳаёти маънавии мардумро ташаккул медиҳад. Махсусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон, ки фисади зиёди аҳолиро пайравони мазҳаби ҳанафии Ислом ташкил медиҳанд бояд рӯҳониён аҳолиро ба ягонагии маънавӣ, ваҳдати миллӣ ва ибодати Худо дар доираи қонунҳои шариат, на таассубу хурофот даъват намоянд. Фаъолияти ташкилотҳои динӣ ва рӯҳониён бояд ба ҳамин қоидаҳо асос ёбад, ки барои дар тозагии ахлоқӣ нигоҳ доштани ҷомеа ба давлат ёрӣ расонанд. Зеро давлат имрӯз новобаста аз бархурдҳои доимии ҷомеаи ҷаҳонӣ озодии виҷдонро барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба таври куллӣ таъмин намудааст.

Боиси таасссуф аст, ки имрӯз ҳам баъзе аз рӯҳониёни мутаассиб ва хурофотпараст рисолати инсонию исломгустарии худро ҷиҳати риояи рукнҳои асосии шарисати исломӣ риоя намекунанд. Андешаи ҷавонони гумроҳу дур аз илм ва аркони диниро бо ақидаҳои таассубангез, хурофотӣ ва ғайришариатӣ омехта карда, барои пайваст шудани онҳо ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротию тундгаро, ки аз номи ислом амалҳои номатлубу ғайриинсонии худро амалӣ карда, ҷомеаи инсониро ноором мегардонанд, ба шаъну эътибори миллат нанг меоваранд, мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, дар тадқиқоти сотсиологии худ, ки соли 2023 дар минтақаҳои гуногуни кишвар гузаронида шуд, муаллифон ба мавзуи муносибати дин ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистони муосир таваҷҷуҳи хосса доданд. Дар асоси баргузор намудани пурсишномаи сотсиологӣ вазъ ва ҳолати вусъатёбии ифротгаройии диниро дар байни ҷавонони кишвар, муносибати онҳо ва дигар қишрҳои гуногуни аҳолии минтақаҳои кишварро ба дин ва арзишҳои иҷтимоӣ муайян намуданд. Баъзе аз натиҷаҳои бадастовардаро барои намуна ҷиҳати сатҳи баррасии масъала мавриди таҳлил қарор медиҳем. Саволи аввалини ба ин қисми таҳқиқот бахшида, ба мазмуни "Шумо таълимоти динӣ доред?" ба мусоҳибон пешниҳод карда шуд. Гузориши саволи мазкур ба чунин мазмун аз он ҷиҳат муҳиммияти хосса дошт, ки тавассути он тавонист сатҳи маърифати динии мусоҳибонро, ки дар баргузории тадқиқот иштирок меварзанд, муайян кард. Дақиқ намуд, ки мусоҳибон худ таълимоти динӣ доранд ва барои посух додан ба ҷавобҳои кутоҳи саволи мазкур, ки муносибати ҷавонони кишварро ба дин ва арзишҳои динӣ муайян менамоянд, қодир мебошанд.

Баъд аз ҷамъоварӣ ва коркарди ҷавобҳои саволи мазкур маълум карда шуд, ки аз теъдоди 1144 нафар пурсидашавандагон 50% - и онҳо таълимоти динӣ доштаи худро тасдиқ кардаанд ва 50 %-и дигар ҷавоб додаанд, ки дар ягон муассисаи динии дохил ва хориҷи кишвар таълимоти динӣ нагирифтаанд. Ба натиҷаҳои ҷадвали 3.1. нигаред.

Ҷадвали 1.1. - Шумо таълимоти динӣ доред?

| | Миқдор | Фоизи воқеӣ | Фоизи ҷамъшаванда |
|---|---|---|---|
| Ҳа | 572 | 50,0 | 50,0 |
| Не | 572 | 50,0 | 100,0 |
| Ҳамагӣ | 1144 | 100,0 | |

Агар ин маводи омориро дуруст таҳқиқ намоем, маълум мешавад, ки 50%-и мусоҳибоне, ки таълимоти динии гирифтаи худро тасдиқ кардаанд, асоси воқеӣ надорад. Шубҳанок аст, ки онҳо воқеан дар муассисаҳои динӣ таълим гирифта бошанд. Фикр мекунем дар мавриди посух додан ба ин савол мусоҳибон ба иштибоҳ роҳ додаанд. Шояд таълими гирифтаи худро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи барномаи таълимии

фанни “Диншиносӣ”, ки барои ташаккули маърифати динии онҳо мусоидат карда бошад, ба сифати таълимоти динӣ гирифтан, омехта карда бошанд. Ҳоло он ки маърифати динӣ аз таълимоти динӣ тафовут дорад. Маърифати динӣ дониш ва маълумоти доштаи ҳар як афродро роҷеъ ба дин, муҳаррамот, муқаддасот, аркон ва қоидаҳои динӣ таҷассум медорад, вале таълимоти динӣ ин азхуд кардани барномаҳои таълимии дар муассисаи динӣ ба танзимдаровардашударо, ки дорои як чорчӯбаи муайян мебошад, дар назар дорад.

Муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Душанбе, шумораи гирифтагони маълумоти динӣ 69,2% ташкил дода, дар ВМКБ ин теъдод ба 22,2”% баробар аст. Аз муқоисаи ин натиҷаҳо дар ин ду минтақа метавон як омилро зикр дошт, ки аз сабаби он ки дар шаҳри Душанбе муассисаи динӣ фаъолият мекунад, бинобар ин, теъдоди таълимгирандагон шояд зиёд бошад. Вобаста ба ҷинсияти мусоҳибон назар ба мардон (44,3%) теъдоди таълмгирифтагон аз ҳисоби занон (53,7%) бештар зикр карда шудааст. Пас, маълум мешавад, ки имрӯз нисбат ба мардон, аз ҷониби занон таҳсил кардан дар муассисаҳои динӣ ва гирифтани маълумоти динӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин қисмат иҷрокунандагони лоиҳа ба он аҳамияти хосса дода, дар шакли савол пешниҳод намуданд чунин мазмун дошт: “Шумо то кадом дараҷа ба чорабинӣ ва ҳодисаҳои ҳаёти динии кишвар - Тоҷикистон таваҷҷуҳ доред?

Дар ҷараёни баргузории пурсишнома саволи мазкур ба 1084 нафар мусоҳиб ҷиҳати ҷавоб гардонидан ва мушаххас кардани мавқеъгириашон оид ба масъалаи баррасишаванда пешниҳод карда шуд, ки натиҷаи бадастомада дар ҷадвали 1.2. инъикоси худро ёфт.

Ҷадвали 1. 2..-Шумо то кадом дараҷа ба чорабинӣ ва ҳодисаҳои ҳаёти динии кишвар - Тоҷикистон таваҷҷуҳ доред?

| | Микдор | Фоизи воқеӣ | Фоизи ҷамъшаванда |
|---|---|---|---|
| Хеле таваҷҷуҳ дорам | 235 | 21,7 | 21,7 |
| То дараҷае таваҷҷуҳ дорам | 286 | 26,4 | 48,1 |
| Таваҷҷуҳи кам дорам | 296 | 27,3 | 75,4 |
| Тамоман таваҷҷуҳ надорам | 124 | 11,4 | 86,8 |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 90 | 8,3 | 95,1 |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 53 | 4,9 | 100,0 |
| Ҳамагӣ | 1084 | 100,0 | |

Дар мавриди муайян кардани муносибати аҳолии кишвар ба дин ва арзишҳои иҷтимоӣ бошад, ҷойгоҳи хоссаро масъалаи то чӣ андоза таъсир доштани дин дар ҳаёти мардуми кишвар ташкил медиҳад. Ба ин хотир, дар ин қисмати тадқиқоти мазкур ин мавзуъ аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб рафт. Махсусан, натиҷаҳои аз раванди тадқиқот бадастомада аз он далолат мекунанд, ки нақши дин дар ҳаёти шахсӣ ва хонаводагии иштирокчиёни тадқиқот хеле муҳим мебошад. Зеро аз ҷавобҳои пешниҳодшуда: хеле муҳим аст (61,3%); нисбатан муҳим аст (17,9%); начандон муҳим аст (9,2%); тамоман муҳим нест (1,7%); ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам (6,6%); аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд (3,3%) маълум мешавад, ки фоизи зиёди иштироккунандагон хеле муҳим будани динро дар ҳаёти мардуми кишвар ҷонибдорӣ кардаанд.

Ба саволи Шумо нақши динро дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ медоред, ки ба саволи қаблӣ иртиботи зич дорад иштирокчиёни тадқиқот низ ҷавоби мусбат дода, фисади зиёди онҳо нақши калон бозиданро муҳим шуморидаанд. Хусусан, вобаста ба натиҷаҳои аз минтақаҳои кишвар бадастомада маълум гашт, ки аҳолии шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар нақши калон бозидани динро дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон бештар ҷонибдорӣ мекунанд. Барои ба даст овардани маълумоти тасдиқкунанда ба ҷадвали 1.3. таваҷҷуҳ диҳед:

Ҷадвали 1.3. - Шумо нақши динро дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед? (Вобаста ба ҷойи истиқомат)

| | Шахр / вилоят | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | Хатлон | НТҶ | ВМКБ | Суғд | |
| Ягон нақш надорад | 41 | 17 | 46 | 1 | 36 | 141 |
| | 12,3% | 12,0% | 13,9% | 3,0% | 12,5% | 12,5% |
| На чандон нақши калон дорад | 70 | 62 | 87 | 9 | 94 | 322 |
| | 21,1% | 43,7% | 26,3% | 27,3% | 32,5% | 28,6% |
| Нақши калон дорад | 143 | 39 | 123 | 14 | 86 | 405 |
| | 43,1% | 27,5% | 37,2% | 42,4% | 29,8% | 35,9% |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 52 | 21 | 48 | 6 | 52 | 179 |
| | 15,7% | 14,8% | 14,5% | 18,2% | 18,0% | 15,9% |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 26 | 3 | 27 | 3 | 21 | 80 |
| | 7,8% | 2,1% | 8,2% | 9,1% | 7,3% | 7,1% |
| Ҳамагӣ | 332 | 142 | 331 | 33 | 289 | 1127 |
| | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи хусусияти сирф динидошта бе ягон сарчашмаи муътамад ва ё василае дигаре дастраси аҳолӣ гардонида намешавад. Сарчашма ва воситаҳои гуногуне ҳастанд, ки тавассути онҳо аҳолӣ китобҳои диниро дастрас мегардонанд, таълимоти динӣ мегиранд, сатҳи дониши динии худро такмил медиҳанд аз динҳои ҷаҳонӣ, таълимот, мазҳаб, равия ва фирқаҳои онҳо огоҳ мешаванд. Яъне ҳамеша зери назорати ниҳодҳои марбутаи давлатӣ қарор доранд.

Воқеан, китобҳои муқаддаси динӣ, ҳадисҳо ва китобҳои мухталифи тамоили динидошта яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули дониши динии аҳолӣ, воқиф гаштани онҳо аз аҳкоми шариату идеологияҳои динӣ, хусусан идеологияи созмону ҳаракатҳои ифротӣ мебошад. Имрӯз бошад, сарчашмаҳои дигари ниҳоят муътамад - васоити ахбори умум (телевизион, радио, рӯзномаву маҷаллаҳо ва сомонаҳои интернетӣ) ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, ба хотири муайян кардани ҷойгоҳи ин воситаҳои ахбори умум дар тадқиқот ба саволи “Оё Шумо дар ВАО (ТВ, радио, рӯзнома, интернет) ба рекламаҳои ташкилотҳои динӣ, адабиёти динӣ, барномаҳо ва ахбороти хусусиятҳои динидошта таваҷҷуҳ менамоед? диққати хосса дода шуда, ҷиҳати ба даст овардани маводи воқеӣ бо тарҳрезӣ намудани ҷавобҳои зерин: зуд-зуд, баъзан, аҳёнан, тамоман, ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам, аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд пешкаши мусоҳибон гардонида шуд. Нигаред ба ҷадвали 1.4.

Ҷадвали 1.4. - Оё Шумо дар ВАО (ТВ, радио, рӯзнома, интернет) ба рекламаҳои ташкилотҳои динӣ, адабиёти динӣ, барномаҳо ва ахбороти хусусиятҳои динӣ дошта таваҷҷуҳ менамоед?

| | Миқдор | Фоизи воқеӣ | Фоизи ҷамъшаванда |
|---|---|---|---|
| Зуд-зуд | 134 | 11,5 | 11,5 |
| Баъзан | 390 | 33,6 | 45,1 |
| Аҳёнан | 175 | 15,1 | 60,2 |
| Тамоман | 314 | 27,0 | 87,3 |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 84 | 7,2 | 94,5 |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 64 | 5,5 | 100,0 |
| Ҳамагӣ | 1161 | 100,0 | |

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум мешавад, ки 33,6%-и иштирокчиён ҷавоби баъзанро тасдиқ намуданд. Аз ин рӯ, аз ин рақам бармеояд, ки шаҳрвандон барои гирифтани маълумоти динӣ аз воситаҳои гуногуни ахбори умум истифода мебаранд.

Бояд зикр дошт, ки озодии виҷдон ва эътиқод аз зумраи музаффариятҳои муҳимми ҳар як инсон мебошанд. Аз ҷумла, озодии виҷдон яке яз ҳуқуқҳои асосии шахсии (шаҳрвандии)

инсон буда, озодии шахсият аз ҳама гуна назорати идеологӣ, ҳуқуқи ҳар касро барои мустақилона баҳри худ интихоб кардани низоми арзишҳои маънавӣ дар назар дорад.

Ба маънои нисбатан мукаммалтар озодии виҷдон ҳуқуқи фитрии бунёдии инсон буда, озодии ӯро ҷиҳати интихоби ҷаҳонбинӣ пешбинӣ мекунад. Ба ҳар фард аз давраи таваллуд мансуб буда, аз шаҳрвандӣ вобаста нест. Инсон ҳуқуқи худро ба озодии виҷдон амалӣ гардонда, худро инсон эҳсос мекунад ва ҳаёташ маънӣ пайдо карда, мавқеи худро дар зиндагӣ муайян месозад. Чунки мафҳуми "озодии виҷдон" аз рӯйи маъно бо мафҳуми "озодии афкор" хеле наздик буда, бештар вақт дар ҳамбастагӣ истифода мешавад.

Озодии афкор ва виҷдон назар ба озодии эътиқод хеле васеъ мебошад, чунки он ақидаҳои атеистиро низ фаро гирифта, сонияն, на танҳо ҷанбаи динӣ, балки ҳамаи ҷанбаҳои хаёти зеҳнӣ ва маънавии инсонро ифода медорад. Озодии афкор ва виҷдон хуқуқи мутлақи инсон буда, аз ҷониби давлат маҳдуд карда намешавад. Онҳо аз ҷониби ҳар як давлат ҳимоя карда мешаванд. Махсусан, дар ҷомеаи имрӯза ҳар як давлати демократию ҳуқуқбунёд вазифадор аст, ки озодии виҷдонро таҳким бахшида, кафолати онро таъмин намояд.

Озодии эътиқод яке аз унсурҳои озодии виҷдон аст. Он ба дин муносибати бевосита дошта, дар ҳамин соҳа амалӣ мешавад. Озодии эътиқод ҳуқуқи негативӣ буда, ҳимояи озодии дин аз ҷониби давлат таъмини гуногуннавъии диниро дар назар дорад.

Дар робита бо ин, дар раванди баргузор намудани тадқиқот муайян кардани ҳолати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Озодии виҷдон ва эътиқодҳои динӣ" - то чӣ андоза дар амал татбиқ мегардад? - аз масъалаҳои дигари баррасишаванда маҳсуб ёфт.

Дар тадқиқоти мазкур оид ба ин масъала саволи алоҳида гузошта шуд. Натиҷаҳои онро вобаста ба ҷавобҳои тарҳрезидошта дар минтақаҳои кишвар ва ба эътибор гирифтани ҷинсияти иштирокчиён дар ҷадвалҳои 1.5. пешниҳод мегардонем:

Ҷадвали 1.5. - Ба фикри Шумо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Озодии виҷдон ва эътиқодҳои динӣ"-то чӣ андоза дар амал татбиқ мегардад?

| | Шаҳр / вилоят | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | Хатлон | НТҶ | ВМКБ | Суғд | |
| Умуман татбиқ намегардад | 40 | 7 | 35 | 5 | 15 | 102 |
| | 12,2% | 4,7% | 10,4% | 15,2% | 5,2% | 9,0% |
| То дараҷае татбиқ мегардад | 115 | 59 | 126 | 15 | 112 | 427 |
| | 35,1% | 39,6% | 37,5% | 45,5% | 39,2% | 37,7% |
| Пурра татбиқ мегардад | 97 | 52 | 79 | 5 | 71 | 304 |
| | 29,6% | 34,9% | 23,5% | 15,2% | 24,8% | 26,9% |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 46 | 25 | 65 | 4 | 54 | 194 |
| | 14,0% | 16,8% | 19,3% | 12,1% | 18,9% | 17,1% |
| Аз ҷавоб гуфтан рӯй гардонд | 30 | 6 | 31 | 4 | 34 | 105 |
| | 9,1% | 4,0% | 9,2% | 12,1% | 11,9% | 9,3% |
| Ҳамагӣ | 328 | 149 | 336 | 33 | 286 | 1132 |
| | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% | 100,0% |

Дар маҷмуъ, таҳлили натиҷаҳои ба дастомада нишон медиҳанд, ки муносибати қишрҳои гуногуни аҳолии минтақаҳои кишвар нисбат ба масъалаи муайян кардани муносибат ба дин ва арзишҳои иҷтимоӣ дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтааст. Ин далел чанд омил дорад:

- сатҳи пасти дониши динии иштироккунандагони тадқиқот;
- огоҳии комил надоштани онҳо аз сарчашмаҳои муътамади динӣ, муассиаҳо ва ташкилотҳои динии дар Тоҷикистон фаъолияткунанда;
- дуруст фарқ карда натавонистани мазҳаб, фирқа ва равияҳои исломӣ;
- маълумоти зарурӣ надоштан дар бораи динҳои дигари ҷаҳонӣ;
- назари таҳлилӣ ва интиқодӣ надоштани онҳо ва ғайра.

Ниҳоят, ба андешаи муҳаққиқон ва коршиносон хурофот, ҷаҳл, тассуб ва нодонӣ аз мушкилоти асосии асри ҷадид дар кишварҳои ҷаҳон аст, ки оқибатҳо бисёр манфиро ба бор

овардааст. Аз ҷумлаи бархӯрду даъвоҳои номуносиб худхоҳӣ, тамомиятхоҳӣ, эҳтиром накардани арзишҳои якдигар, рушд кардани фарҳанги бегонапарастӣ, ривоҷ ёфтани таҳаммулнопазирӣ ба дину эътиқод ва андешаҳои дигар, сабаби бенизомӣ, куштору нобудӣ гардида, хатари аз байн бурдани давлату миллатҳоро дар ҷаҳони муосир ба миён овардааст.

Дар мавриди табъизи ҷинсӣ бошад, ифротгароён ҳеҷ гоҳ занҳоро ҳамчун ҷинси баробар ба мардон эътироф намекунанд. Онҳо занонро ба ҳайси як навъ барда (ғулом) истифода менамоянд. Мудом аз хушунату зӯроварӣ ва маҳдуд кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои занон ҳарф мезананд. Хусусан, занонро аз дастрасӣ ба илму маориф маҳдуд менамоянд ва ҳатто то ҷое мактабу мадрасаҳое, ки дар он ҷо занону бонувон таҳсил мекунанд, бо бераҳмии хос мавриди ҳамла қарор медиҳанд ва нобуд менамоянд.

Ақлонӣ фикр намекунанд, ки тарбиятгари асосии хонавода занҳо ба ҳисоб меравад. Дуруст намеандешанд, ки дур аз маърифат қарор гирифтани занҳо боиси он мегардад, ки фарзандони миллат низ аз раванди маърифати солим ва илмомӯзӣ дур монанд. Яъне насл ба насл сафи нодонӣ ва таассубзадагию хурофаандешӣ зиёд гардида, ба раванди иҷтимоӣ табдил гардида, дар маҷмуъ ба нобудии миллату давлатҳо оварда мерасонад.

Инчунин, вусъат пайдо кардани ин гурӯҳҳо метавонад дар маҷмуъ давлату миллатҳои минтақаро боз ҳам осебпазир намуда, ҷиҳати аз байн рафтани онҳо заминаҳои воқеиро ба вуҷуд оваранд. Хатари исломгароӣ барои кишварҳои ҳавзаи Осиёи Миёна низ таҳдиди ҷиддӣ ба ҳисоб меравад ва бояд дар ин амр шаҳрвандони ин кишварҳо низ бо таҳлилҳои илмӣ ва дарки огоҳонаи вазъият амал намуда, худ ва миллату давлати худро аз хатари ин гурӯҳҳои хатарзо ҳимоя намоянд.

Дин дар ҳама давру замон ахлоқ буд. Вазифаи динҳо аз аввали пайдоишашон то имрӯз ба танзим даровардани ахлоқи инсонҳост. Ҳамин бузургӣ ва вазифаи динҳо буд, ки инсоният то имрӯз ба ҳар шакле аз динҳо пайравӣ ва пуштибонӣ мекунад. Пас агар аз ҳудуди дин ва диндорон ин вазифа ё масъулият биафтад, яъне ахлоқ аз меҳвари дин канор гузошта шавад, дар ҷомеаҳо ҳеҷ ҷое барои дин намемонад. Зарурати мавҷудияти дилхоҳ дину мазҳаб дар ин ҳолат бемуҳобо зери суол хоҳад рафт.

***Адабиёт***


1. Деххудо, А. Луғатнома. Ҷилди 1. / А. Деххудо. – Теҳрон, 1372. - 4616 с.
2. Маҳмадизода, Н. Д. Зоҳиршавии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва воситаҳои пешгирии он [Матн] Монография. / Н.Д. Маҳмадизода. - Душанбе, 2022. – 324 с.
3. http://aydarovskoe.ru/administratsiya/protivodeystvie-terrorizmu-i-ekstremizmu/chto-takoe-ekstremizm-i-terrorizm.(таърихи мурочиат 05.08.2024)
4. Раҳнамо, А. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист / А. Раҳнамо. – Душанбе. «ЭР-граф», 2021. – 16 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо ифротгароӣ”. - Душанбе, 8-уми декабрси соли 2003, №69.
6. Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1994.
7. https://mit.tj/article. (таърихи мурочиат06.08.2024)


## ПАДИДАИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН ДАР МУНОСИБАТ БА ДИН ВА АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиффон зуҳуроти ифротгароиро бо таъсири манфиаш дар муносибат бо дин ва арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ мавриди таҳлил қарор доранд. Мутаасифона дар солҳои охир дар шароити ҷаҳонишавӣ арзишҳо, авҷ гирифтани бархурди тамаддунҳо, назари одамон нисбат ба арзишҳои фарҳанги муносибатҳои ҷамъиятӣ дигаргун гашт.

Ҳаракату созмонҳои мухталиф пайдо шуда, идеологияи ифротии худро тобиши динӣ

дода, бархилофи низоми ҷомеадории феълӣ ба роҳ мондаанд, ки дар натиҷа ба амнияту субот, ҳамзистию ҳамдилии мардум халал ворид кардаанд.

Дар мақолаи мазкур муаллифон қайд мекунанд, ки тадқиуоти сотсиологӣ, ки дар мавзӯи "Ҳолат ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби устодони кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ баргузор карда шуд, аз он ҷиҳат афзалият дорад, ки барои муайян кардани омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар ҷинсият. Миллат, сатҳи маълумотнокӣ, касбу шуғл, вазъи оилавии муҳосибонро ба эътибор гирифта, маводро захира ва коркард кардаанд. Аз ин рӯ таҳлил ва тавсияҳои тадқиуотчиён барои пешгирӣ вв вусъатёбиии сафи ифротгароён дар миёни аҳолии Тоҷикистон мусоидат карда, барои муаҳаққиқон ҷиҳати таҳия кардани мақолаҳои илмӣ, дастурҳои тарбиявӣ аз аҳамият холӣ намебошанд.

**Калидвожаҳо**: ғоя, радикализм, дин, арзишҳои иҷтимоӣ, ифротгароӣ, терроризм, тамаддун, амният, субот, савод, фарҳанг, ҷомеа.

## ФЕНОМЕН ЭКСТРЕМИЗМА И ЕГО НЕГАТИВНОЕ ВОЗДЕЙСТВИЕ НА РЕЛИГИЮ И СОЦИАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ

Авторы анализируют проявления экстремизма и его негативное воздействие на религию и социальные ценности в современном таджикском обществе. К сожалению, в последние годы в условиях глобализации, изменения ценностей, усиления столкновения цивилизаций, изменилось отношение людей к культурным ценностям и общественным отношениям.

Различные экстремистские движения и организации, используя религию как прикрытие, выступают против существующего социального строя, что в результате подрывает безопасность, стабильность, сосуществование и солидарность людей.

В данной статье авторы отмечают, что социологическое исследование на тему «Состояние и уровень религиозного экстремизма среди молодежи Республики Таджикистан», проведенное преподавателями кафедры философии и культурологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, приоритетно в определении факторов возникновения религиозного экстремизма в различных регионах страны. Были учтены национальность, уровень образования, профессия, семейное положение респондентов, данные были сохранены и обработаны. Таким образом, анализ и рекомендации исследователей по предотвращению распространения экстремизма среди населения Таджикистана, а также разработка научных статей и учебных пособий являются важными задачами.

**Ключевые слова:** идея, радикализм, религия, социальные ценности, экстремизм, терроризм, цивилизация, безопасность, стабильность, грамотность, культура, общество.

## THE PHENOMENON OF EXTREMISM AND ITS NEGATIVE IMPACT ON RELIGION AND SOCIAL VALUES IN MODERN TAJIK SOCIETY

This paper analyzes the manifestations of extremism and its detrimental effects on religion and social values in contemporary Tajik society. Unfortunately, in recent years, globalization, changing values, and the intensification of civilizational clashes have altered people's attitudes towards cultural values and social relations.

Various extremist movements and organizations, using religion as a guise, oppose the existing social order, thereby undermining security, stability, coexistence, and solidarity among people.

The authors of this article highlight a sociological study on "The State and Level of Religious Extremism among the Youth of the Republic of Tajikistan," conducted by faculty members of the Philosophy and Cultural Studies Department at the Sadriddin Ayni Tajik State Pedagogical University. This study prioritized the identification of factors contributing to the emergence of religious extremism in different regions of the country. Factors such as nationality, education level, profession, and marital status of respondents were considered, and the data was collected and processed. Thus, the analysis and recommendations of the researchers for preventing the spread of extremism among the population of Tajikistan, as well as the development of scientific articles and educational materials, are crucial tasks.

**Keywords:** idea, radicalism, religion, social values, extremism, terrorism, civilization, security, stability, literacy, culture, society.

***Дар бораи муаллифон***

Бердиев Шоҳназар Пирназарович
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47,
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна
Номзади илмҳои фалсафа, муаллимаи калони кафедраи фанҳои гуманитрӣ
МДТ «Колеҷи тиббиии шаҳри Панҷакент»
Тел: (+992) 926 33 56 60.
E-mail: gulbarg@mail.ru

**Об авторах**

Бердиев Шохназар Пирназарович
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна
Кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук.
ГОУ «Медицинский колледж Пенджикента»
Тел: (+992) 926 33 56 60
E-mail: gulbarg@mail.ru

**About the authors**

Berdiev Shohnazar Pirnazarovich
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Berdiyorova Gulbarg Ibodulloevna
Candidate of Philosophical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Humanities
State Educational Institution "Penjikent Medical College"
Ph.: (+992) 926 33 56 60
E-mail: gulbarg@mail.ru

ТДУ 141.83.297.9

# РОБИТАИ ДОНИШ ВА ТАҶРИБАИ ИРФОНӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФӢ ВА ДИНИИ ҒАЗОЛӢ

***Гулов И. Ф.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дониш ва таҷриба дар ҷомеаи муосир дар бештари соҳаҳои ҳаёти инсоният нақши муҳим доранд. Сатҳи рушди илм яке аз нишондиҳандаи пояи бунёдии инкишофи ҷамъият ба ҳисоб рафта, ҳамчунин нишондиҳандаи инкишофи кишвари муосирро низ таҷассум менамояд. Он муҳите, ки инсонро иҳота менамояд, дастовардҳои илм мебошад.

Ғазолӣ дар бунёди низоми маърифатии худ се навъ неруҳои инсониро барои дарки ҷаҳон фарқ мекунад: ҳис (аз ҷумла ламс, диди оддӣ ва ғ.), ақл ва эҳсос (ё чашми ботин). Ин гуна қобилиятҳо меъёрӣ буда, навъҳои гуногуни падидаҳоро пайгирӣ мекунанд: ҳис воқеияти моддиро дарк мекунад, ақл моҳиятҳои ниҳонии ашёро эътироф мекунад ва интуитсия (ҳадс) имкониятҳо ва муносибатҳои муайяни пинҳоншударо муайян мекунад.

Фаҳмиши калидӣ дар таърифи ҳадс (интуитсия) дар он аст, ки дар илму дониш дар бораи рӯйдодҳо (ва муносибати байни онҳо) мавҷуд аст, ки ба таври таҷрибавӣ (эмпирикӣ) ба даст овардан ғайри имкон аст ва он тавассути хулосаи оқилона тавассути фаҳмиши мо дар бораи универсалҳо (умумиятҳо) ба даст намеояд. Дар истилоҳи илмии муосир, дар заминаи инкишофи илмӣ, одамон илҳом гирифта, назарияҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба ягон маъно аз далелҳои мавҷуда берунтаранд (ва ба ин васила таҳқиқоти ояндаро роҳнамоӣ мекунанд ва дар бораи дониш берун аз маълумоти таҷрибавии мо пешгӯи мекунанд). Ба андешаи Ғазолӣ, чунин илҳом маҳсули чашми ботинӣ ё интуитсия ва пешгӯӣ аст. Рӯҳи инсон метавонад ба воситаи ҳисси рӯҳонӣ, ки интуитсия ном дорад моҳияти Илоҳиро бубинад ва дарк кунад. Инсон дар таълимоти Ғазолӣ ҳам шакли зоҳирӣ ва ҳам хислати ботиниро дар бар мегирад, зеро инсон аз ҷисм, ва рӯҳ иборат аст. Вай бо ақл дарк мекунад ва рӯҳе, ки ба ақл дарк мекунад, аз ҷисме, ки бо чашм дарк мекунад, боарзиш аст.

Таваҷҷуҳи Ғазолӣ, нисбат ба тасаввуф чунин будааст: «Дар миёни он чизҳое, ки ман ҳангоми ба шеваи онон (яъне сӯфиён) амал кардам, бароям равшан шуд, асли нубувват ва вижаги хоси он аст». [8, с.432]

Бо таваҷҷуҳ ба он ки ин гуна қобилиятҳои маърифатии инсон, ки дорои се вуҷуд аст, метавон ба таври фарзия далели Ғазолиро чунин пешниҳоид кунад: дониши муваффақ рӯйдодҳоеро пешгӯӣ мекунад, ки ба ҳассосият ва табъизи оқилонаи универсалиҳо дастнорасанд ва муваффақияти илм маҳсули тасодуф нест. Аз ин рӯ, барои таҳияи назарияи муваффақи илмӣ роҳнамоии сохтор (ё хосиятҳои махсус), ки аз ҳиссиёт ва табъизи оқилона пинҳон аст, тақозо карда, пешгӯи бо эҳсосотро роҳнамоӣ мекунад аз ин рӯ пешгӯии воқеӣ аст. [18, с.253]

Маҷмӯи пажӯҳишҳои густурдаи Ғазолӣ, ки аз сафарҳои зиёдаш ба вуҷуд омада буд, ба ӯ имкон дод, ки андешаҳояшро бар асоси сарчашмаҳои зиёде, ки онҳоро такмил дода ва истилоҳое, ки дар тарғиби таълимоти ирфонии худ истифода кардааст, асоснок кунад. Қобили зикр аст, ки сарчашмаи муҳимтарин таҷрибаи худи ӯ буд.

Аммо омӯзиши фалсафа ӯро водор сохт, ки бисёре аз хулосаҳои худро рад кунад ва бо вуҷуди ин, аз афкори юнонӣ, бахусус неоплатонизм сахт таъсир кард ва ин таъсир дар тамоми осори ирфонии ӯ мушоҳида мешавад. Аз Афлотун ғояи Худо ҳамчун Ҳақиқати ягона, Сарчашмаи ҳама мавҷудот, комил ва бартарӣ аз ҳама сифатҳо ва мавҷудот маълум меояд. «Ӯ як аст, нахуст ва охир, зоҳиру ботин, вале на ҷисм аст, на ҷавҳар, на тасодуф ва на чизест, ки вуҷуд дорад... Ӯ дар ҳеҷ чиз вуҷуд надорад ва чизе дар Ӯ вуҷуд надорад, зеро дурӯғ хеле олӣ аст, ки дар ҳама ҷо нигоҳ дошта нашавад ва аз рӯи вақт маҳдуд карда нашавад, зеро Ӯ пеш аз офарида шудани вақт ва макон буд ва ман танҳо дар зоти худ вуҷуд дорам». [19, с.67]

Ғазолӣ майли худро ба таълимоти ҳадсӣ аз неоплатонизм бармеангезад. Ӯ мегӯяд, ки воҳидҳо чизҳоро гуногунандешӣ мебинанд, аммо бисёриро аз якто, олӣ мебинад ва боз мегӯяд, ки Худо аввалин аз чизҳои мавҷуд аст, зеро ҳама аз рӯи тартиби худ аз Ӯ сарчашма гирифтаанд. Дар таълимоти Афлотун аввалин зуҳури эманатсия ақли ҷаҳонӣ буд ва Ғазолӣ низ аз ин истилоҳ (ал-Ақл-ул-аввал) истифода мекунад, ки онро Пешвои ҳама мавҷудот меномад. Яъне он чизест, ки қавитар, олитар ва наздиктар ба Офаридгор аст ва худ ба далели иртибот бо якто комил аст ва он чиро, ки пас аз он ба анҷом мерасонад, анҷом медиҳад. Ҳангоме ки Худо мехоҳад, ки ба мавҷудот ваҳйе ато кунад, аввалин ақлро ба кор мебарад: «ақли умумиҷаҳонӣ».

Пас, Ғазолӣ равшан мегӯяд, ки Худои ҳақиқӣ вуҷуд дорад, вале аз нубувват низ сухан меронад. Аммо ҳарчанд Ғазолӣ ишора мекунад, ки нубувват ва эҳсос метавонад як навъ дарк ва таҷрибаи ирфониро низ дар бар гирад, аммо қобили таваҷҷӯҳ аст, ки изҳороти ӯ низ бо тафсири ба қадри кофӣ мувофиқ аст: ин нубувват ҷуз дарки нигаронидаи "хусусиятҳои" чизҳо ва донише, ки барои ақл нофаҳмо аст.

Ғазолӣ илмҳои тиб ва астрономияро дар ин дониш шомил карда, таъкид мекунад, «ҳар кӣ ин илмҳоро омӯхта бошад, бояд дарк кунад, ки ба онҳо танҳо ба василаи илҳоми илоҳӣ ва кумаки Худованд ба даст меояд. Онҳоро тавассути таҷриба ба даст овардан ғайриимкон аст, зеро маълум аст, ки роҳи муайяни дарк кардани ин чизҳое вуҷуд дорад, ки барои ақл нофаҳмо мебошанд». [8, с.435]

Дар умум, метавон хулоса намуд, ки идеалогияи ифротгароӣ тардиди қонунҳои давлатҳои дунявӣ ва меъёрҳои фарҳангии умумибашарӣ мебошанд. Ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки дар он вайрон намудани низоми мавҷудаи иҷтимоиву фарҳангӣ баръало мушоҳида мешавад, ва моҳиятан ҷараёни зиддитамаддунӣ мебошад. Ба таври куллӣ, ифротгароиро ба маъни ифрот (аз ҳадди зарурӣ зиёд нишон додани маҳфуме ё чизе) ва тафрит (аз андозаи зарурӣ кам нишон додани маҳфуме ё чизе) дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ маънидод карда мешавад. Шабакаҳои интернетӣ ифротгароиро имрӯз ба сатҳи ҷаҳонӣ ва байналмиллалӣ баровper варданд. Далели муҳими он ин воқеаҳои фоҷеавори “Крокус сити Ҳол”-и вилояти Москваи Федереатсияи Россия гардид.

Амали аблаҳонаи чаҳор нафар тоҷиконе, ки дастгир гардиданд, чӣ қадар ҳаммиллатони бегуноҳи моро зери азобу ранҷи русҳо қарор додааст. Аз мушоҳидаҳо аён гардид, ки ин идда гумроҳҳо тавассути шабакаи интернетӣ суҳбат намуда ба доми гурӯҳҳои ифротӣ- динии “Вилояти Хуросон” афтида ба ин амали нангин даст заданд. Намояндагони шохаи “Вилояти Хуросон” ин амали нангинро бар душ гирифтаанд.

Дар шароити имрӯза имконияти баҳсу мунозираҳоро бо доираи муайяни одамон ба даст оварда, назари худ, мавқеъ ва идеалогияи хешро ташвиқот мебаранд, одамони зиёдеро ҷалб намуда тарафдорони худро дар ҷомеаи итилоотӣ зиёд менамоянд. Омилҳои асосии ин зуҳуротҳои номатлуб-омилҳои беруна мебошад. Ҳамдиёрони дар муҳоҷират будаи мо бештар ба доми ин гуна гуруҳҳои ифротӣ- террористӣ афтода барои хеш ва ҷомеа бадбахтиҳо меоваранд, як қатор муҳҳаққиқон ба сифати омилҳои асосии таҳдидҳои ифротгароии динӣ сиёсати ҷаҳони имрузаро гуноҳгор меноманд. Зеро, ба андешаи онҳо, кишварҳои абарқудрат (Россия, Туркия, ИМА, ИА ва ғайра) манфиат ва талаботи аҳолии худро дар мадди аввал гузашта, манфиатҳои аксарияти кишварҳои боқимондаро (Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Афғонистон, Туркманистон, ва ғайра),ки дар ҳолати камбизоатӣ қарор доранд, нодида мегирад.

Метавон вазъияти буҳронии иқтисодиёт шаклҳои тақсимоти моликият ва ба даст овардани захираҳои миллӣ дар доираи хусусигардониро аз зумраи ин омилҳо ҳисобид. Ҳамзамон, паст гардидани сатҳи зиндагонии аксарияти аҳолӣ, зиёд гардидани тафриқаи иҷтимоӣ, боло рафтани бемуҳофизатии шаҳрвандонро дар ин радиф ном бурд. Дар даҳсолаҳои охир фосилаи байни одамони сарватманд ва камбизоатон зиёд шуда истодааст, ки албатта, боиси нигаронӣ мебошад.

Хулоса, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин рӯзҳо дучори инқирози сахти маънавию иқтисодӣ гардидааст, ки боиси нигаронии динӣ терраризм ва экстремизм ҳамчун таҳдиди хатарнок дар шароити ҷаҳонишавӣ барои ҷомеаи башарӣ гардидааст.

Тамаддуни итилоотӣ дар асри XXI дар баробари пешравии шадиди илму технологияи нав боз зуҳуротҳои номатлубро, ки гуруҳҳои ифротӣ аз он сӯистифода менамоянд, рӯи кор овардааст. Идеологияи гуруҳҳои ифротгаро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда мешавад. Танҳо ақли солими аҳолӣ, маърифатнокӣ, худшиносии миллӣ ва зиракӣ метавонад инсониятро аз ин вартаи мудҳиш раҳои хоҳад бахшад. Бахусус шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хурофот набояд роҳ диҳанд ва аз зиёдаравию бегонапарастӣ бояд худдорӣ намоянд.

Умуман, ифротгароӣ аз зумраи ҳаракатҳои иртиҷоӣ ба шумор рафта, роҳи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, ба даст овардани қудрат, ҳокимиятро тавассути зӯрӣ, воситаҳои ҳарбӣ, қатлу куштор, иғвою фитна ва ғайра ба роҳ монданӣ мешавад. Пас, ифротгаро бошад, на танҳо қотил ё ҷаллод, балки симои ҷинояткори “идеологӣ”-ро бар худ касб мекунад.

Ифротгароӣ майли ҷудоихоҳӣ, тундгароӣ ва иғвоангезиро дошта, шабеҳи терроризм аст. Ифротгароӣ вобаста ба самтгирии идеология дар намуди ифротгароии иҷтимоӣ, ифротгароии этникӣ ё миллӣ, ифротгароии сиёсӣ, ифротгароии динӣ пайдо шуда, паҳн мешавад. Ҳадафҳои ифротгароёнро дар ҷомеаи имрӯза метавон ба таври зайл нишонрас намуд:

- ба таври маҷбурӣ тағйир додани асосҳои конститутсионӣ ва томияти арзии кишварҳо;
- ҷонибдорӣ кардани амалҳои хусусияти террористидошта ва ҳар гуна фаъолиятҳои террористӣ;
- ба вуҷуд овардани ихтилоф, низоъ ё норозигии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ дар ҷомеа;
- ташвиқи афзалият ё камарзишии инсон аз рӯи нишонаҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, мансубияти забонӣ ва муносибат ба дин;
- эътироф накардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар муносибат бо мансубияти иҷтимоӣ нажодӣ, миллӣ, забонӣ ва динӣ;
- монеъа пеш гузоштан ба ҳуқуқи интихобнамоии шаҳрвандон, ҷиҳати ширкат дар интихобот ва ё вайрон кардани овоздиҳии пинҳонӣ, маҷбуран муттаҳид кардан ё таҳдид намудани ашхос ҷиҳати иштирок дар раъйпурсӣ;
- монеъа гаштан алайҳи фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомотҳои маҳаллии худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию динӣ ва дигар ташкилотҳо, ки ба таври таҳдид ва зӯрӣ муттаҳид карда мешаванд;
- ташвиқи расмии баргузории намоишҳои хусусияти миллатгароидошта;
- даъват ва таблиғ кардани маводи хусусияти ифротгароидошта ё ҳифз намудани онҳо бо мақсади паҳнкунӣ миёни омма;
- беасос бадном кардан коркунони идораҳои давлатӣ ҷиҳати бо онҳо ҳамкорӣ доштан ва ё ҳангоми иҷрои амали террористӣ ба онҳо ҳаммаслак будан;
- маблағгузорӣ кардан ва таъмин доштани ҳаракату ташкилотҳои хатарзо ва осебпазир ҷиҳати омодагӣ дидан ва ба амал татбиқ кардани амалҳои зишт, куштор, одамрабоӣ ва дигар аҳдоф бо маводи таълимӣ, воситаҳои техникӣ, яроқ, телефонҳои мобилӣ ва дигар хизматрасониҳои иттилоотӣ.

Ифротгароии динӣ як навъи ифротгароӣ буда, мазмунан ва мантиқан фаъолияти бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани якпорчогии давлат равона карда шуда, воситаи барангезандаи кинаву адоват ва бадбинии динӣ, низои мазҳабӣ мебошад. Аз ин рӯ, ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб ва мухарриб ягон умумияте ба дин, аз ҷумла дини мубини ислом надорад ва ба ислом омезиш додани ғояҳои ифротиёнро ҳадаф ба даст овардани қудрат ташкил медиҳад. Идеологияи ифротгароёни динӣ таҳрифкорона, хурофотӣ буда, маншаи асосии ташаккул ва вусъат додани таассуб ва низоъҳои мазҳабӣ мебошад.

Ифротгароӣ хоси он гурӯҳҳои тундрав ва иртиҷоӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳар як марҳилаи таърихӣ онҳо қодиранд, вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодии кишварҳоро халалдор намуда, барои амалӣ кардани ҳадафҳои зишти худ аз ҳар гуна роҳу воситаҳо, аз ҷумла куштору зӯроварии ғайриинсонӣ истифода баранд.

Барои пешгирӣ аз вусъат пайдо кардани ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб пешниҳодҳо ва тавсияҳои худро ба ҷавонон ба таври зайл зикр мекунем:

- ҷиҳати таҳким ва устувории ваҳдати миллӣ, ки халқи тоҷикро аз хатари парокандагӣ ва давлати тозаистиқлоли тоҷиконро аз вартаи нобудӣ раҳоӣ бахшид, пайваста саҳмгузорӣ намоянд;
- барои андешаи сулҳу ваҳдати миллиро ҳамчун бозёфти нодири халқамон, инъикосу ифодаи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии тамоми шаҳрвандон, наслҳо ва ақидаҳо муаррифӣ намудан, худшиносу худогоҳ бошанд. Зеро, таҳти таъсири раванду рӯйдодҳои ҷаҳони пуртазоди имрӯза, аз ҷумла торафт вусъат гирифтани таҳдиди хатарҳои нав, аз қабили таассубу хурофот, ифротгароии динӣ, терроризм ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили трансмиллӣ метавонанд мафкураи онҳоро осебпазир гардонанд;
- донанд ва эҳтиром гузоранд, ки сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ ва ақидаи сиёсии худ рушди ҷомеа ва умеду орзуи онҳо танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ амалӣ мегардад;

-ҳушёру зирак будан, ба ҳар гуна дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардиданро ба ҳамсолони худ ташвиқ намоянд;
- истифодаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва мубодилаи иттилоот ҳарчанд ба рушди зеҳният ва ташаккули тафаккури аҳли ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон ба таври мусбат мусоидат менамояд, вале аз тарафи дигар маншаи пайвастани ҷавонони ноогоҳу гумроҳ ба созмонҳои ифротӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми истифодаи маълумоти интернетӣ, мутолиаи маводи шабакаҳои иҷтимоӣ бояд ҷавонон ба ақлу заковат ва донишу хиради худ такя намоянд, тафаккури хешро рахнаи гароиш ба ҳар гуна дасисаву тарғиботи бегонаи ғаразнок насозанд ва ғайра.

**Адабиёт**


1. Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгарои динӣ- сиёси дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва раҳҳои пешгирии он. дис.д.и.ф. // Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе, 2020. – 170 с.
2. Маҳмадизода, Н.Д. Социальные корни релегиозного экстримизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадизода. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 172 с.
3. Косиченко, А. Религиозный фактор в современном терроризме / А. Косиченко. - Астана, 2022. -148 с.
4. Бердиев, Ш. Ифротгарои динӣ. Мониторинги афкори омма \ Ш. Бердиев, Б. Самиев, Ғ. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2023. - 142 с.
5. Эмомали Раҳмон. Мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. Омӯзгор, №11 (124-144), 14 марти соли 2024.


## ИФРОТГАРОИ ДИНӢ ВА ИДЕОЛОГИЯИ ХАТАРНОКИ ОН


Муаллифон дар мақола оиди ифротгароии динӣ ва идеологияи хатарноки он андешаҳои хешро иброз медоданд. Ҳодисаҳои дар вилояти Москваи Федереатсия Руссия - "Крокус сити Ҳол" яке аз вақеаҳои мудҳиши башарӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Ҳаракатҳою созмонҳои ифротӣ идеологияи хешро тобиши динӣ дода бар зидди низоми ҷомеадории феълӣ ба роҳ мондаанд, ки ба аминияту субот, ҳамзистию ҳамдилии мардумон халал ворид намудаанд.

Муаллифон омилҳои асоси бавуҷудоии ифротгарои динӣ, терроризм ва экстримизм ба ду навъ: беруна ва дохила ҷудо намудаанд. Дар мақола муаллифон роҳҳо ва усулҳои пешгирии ифротгароии динӣ дар байни шаҳрвандонро нишон додаанд, ки аҳамияти муҳим дорад.



**Калидвожаҳо:** ифротгароии динӣ, терроризм, экстримизм, сулҳу субот, таҳқир, маърифати динӣ, хурофот.


## РЕЛИГИОЗНЫЙ РАДИКАЛИЗМ И ЕГО ОПАСНАЯ ИДЕОЛОГИЯ


В данной статье авторы рассматривают религиозный радикализм и его опасную идеологию. Террористический акт, который 22 марта 2024 года был совершен в «Крокус Сити Холл» в Московской области, является страшным явлением в истории современного человечества. Религиозный радикализм, придавая своей идеологии религиозный оттенок, идет вразрез с существующим общественным порядком, подрывая безопасность, стабильность, существование и солидарность людей.

Авторы в данной статье анализируют основные факторы возникновения религиозного радикализма и делят их на два типа: внешние и внутренние. В статье авторы указывают основные пути и методы противостояния и предотвращения религиозного радикализма, терроризма и экстремизма среди граждан нашей страны.



**Ключевые слова:** религиозный экстремизм, терроризм, экстремизм, мир и стабильность, оскорбления, религиозное образование, суеверия.


## RELIGIOUS RADICALISM AND ITS DANGEROUS IDEOLOGY


In this article, the authors examine religious radicalism and its dangerous ideology. The terrorist attack that took place on March 22, 2024, at the Crocus City Hall in Moscow Oblast is a horrific event in the history of modern humanity. Religious radicalism, cloaking its ideology in

religious garb, goes against the existing social order, undermining security, stability, the very existence, and solidarity of people.

The authors of this article analyze the main factors contributing to the emergence of religious radicalism and divide them into two types: external and internal. The article outlines the main ways and methods of countering and preventing religious radicalism, terrorism, and extremism among our country's citizens.

**Keywords:** religious extremism, terrorism, extremism, peace and stability, humiliation, religious education, superstition.

**Дар бораи муаллифон:**
Бердиев Шоҳназар Пирназарови
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарщангшиносӣ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47,
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ
ассистенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (992) 985 32 20 06
E-mail: azulahj@mail.ru

**Об авторах:**
Бердиев Шохназар Пирназаров
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Алимардонзода Зулайхо Файзали
ассистент кафедры философии и культурологии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (992) 985 32 20 06
Электронная почта: azulahj@mail.ru

**About the authors:**
Berdiev Shohnazar Pirnazarov
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Alimardonzoda Zulaykho Faizali
Assistant of the Department of Philosophy and Cultural Studies.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
Ph.: (992) 985 32 20 06
E-mail: azulahj@mail.ru

ТУД 323.15(57) + 323.15(53)

# ТАЪРИХИ ТАҲАВВУЛИ ТАЪЛИМОТҲО ДАР БОРАИ ИДОРАКУНӢ ДАР ҶОМЕАИ ШАРҚИ НАЗДИК ВА МИЁНА (АЗ ҚАДИМ ТО ОХИРИ АСРИ XIX)

***Муродзода И. Д.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Тамоюли инсонӣ ба зиндагии иҷтимоӣ тақозои қонеъ гардонидани талаботҳои биологӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Чунки инсон мехоҳад аз мафҳуми ҳаёт ҳар чӣ бештар бархӯрдор гашта, аз неруҳое, ки дар табиат захира шудаанд, ҳадди аксар баҳра гирифта, ба манфиати худ истифода барад. Аммо инсон онҳоро дар танҳоӣ ба даст оварда натавониста, мунтазам дучори мушкилот мешавад ва эҳтимол ба муваффақият ноил намегардад, вале ба шакли дастаҷамъӣ, гурӯҳӣ метавонад осонтар неруҳои табиатро тобеи худ кунад. Аз ин рӯ, зарурат барои таъсиси гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҷиҳати танзими муносибати байни онҳо ба дастгоҳи назораткунанда пеш омад, ки онро ҳукумат унвон медиҳем.

Бояд қайд кард, ки дар ибтидо, дар зиндагии иҷтимоии ҷомеаҳои шарқӣ байни омилҳои мухталифи иҷтимоӣ фарқияте мушоҳида намешуд. Хонавода, мазҳаб, давлат ва созмонҳои оммавӣ ба якдигар робита доштанд ва андешаҳои идоракунӣ аз мазҳаб, ахлоқ, фалсафа ва иқтисод ҷудо набуданд. Ахлоқ ва қонун дар омезиши ҳамдигар ҳам муносибатҳои байни хонаводагӣ ва гурӯҳиро ба танзим медароварданд. Мардуми минтақа бар хилофи мардуми Ғарб камтар ба ҷанбаи моддии зиндагӣ таваҷҷуҳ менамуданд. Масалан, дар аввалин навиштаҳои пайравони браҳмаҳо, Буддо ва Конфутсӣ ибораҳое дар мавзӯъҳои сиёсӣ ва идоракунӣ дида мешаванд, ки омехта бо мазҳаб ва ахлоқанд. Чӣ тавре, ки И.И.Семёнов аз рисолаи қадимаи ҳиндии «Артхамастр» (дар асрҳои IV - III - т. м. ба нашр расидааст) маълум менамояд, илми фалсафа, таълимот оид ба хоҷагидорӣ, идоракунии давлатӣ ҳанӯз дар он давра рушд карда буданд. Хусусан, дар забони санскритӣ санъати идоракунӣ «дан-данит», яъне «роҳбарӣ бо соҳибикунии чӯбдаст» - ро мефаҳмонид. Барои ташкилотҳои сиёсӣ бошад чунин хусусиятҳо хос буданд: миқдори зиёди роҳбарон, амалан мавҷудият надоштани роҳбарони звеноҳои миёна; кори идоракунӣ аксаран тақсим карда намешуд ва аз фаъолияти ғайриидоракунӣ ҷудо набуд; мақоми идоракунии ташкилотро аз рӯи ирс ва бо роҳи зӯрӣ ба даст меоварданд ва миқдори ташкилотҳои бузург кам буд[15, с. 11].

Аз ин нуқтаи назар омилҳои зикршуда аз он далолат мекунанд, ки дар низоми идоракунии чиниён ва ҳиндуёни қадим принсипҳое, монанди баробарии инсон ва гароиш ба демократия мушоҳида карда намешавад. Давлат ва ҳукумат дар шакли монархӣ ва истибдодӣ фаъолият мекарданд. Подшоҳ ҳамчун Худо парастиш мешуд, ки ин равиш хоси сарзамини Миср буда, ё намояндаи Худо шинохта мешуд. Монанди салотини Ошӯр ва Форс дар ин шеваҳо гурӯҳе аз мақомоти ҳукумати вайро дар анҷоми вазифа кӯмак мекарданд. Масалан, Конфутсӣ иҷрои қонунҳои Фуҳиро ягона роҳи наҷоти қавми худ аз зери ситамҳои ҳукком медид, бинобар ин, тамоми саъю эътимодашро ба эҳёи қонунҳои мазкур ва қонунҳои дигар, ки бар асоси онҳо бо гузашти замон вазъ гардида буданд, мунҳасир созад ва ба ҳамин ҷиҳат худро фақат ровии қонунҳои қадим ва шореҳи онҳо мехонд, на возеъи қонунҳои ҷадид[10, с. 56].

Ин ҷо аз омӯзиши сарчашмаҳо, таҳқиқу таҳлили маводи муътамад метавон маълум намуд, ки таҳаввули зуҳуроти идоракунӣ дар таърихи кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ба панҷ давра тақсим карда мешаванд. Ҳар як давра вобаста ба хусусиятгирии низоми идоракунӣ аз ҳамдигар фарқ мекарданд, ки тавсифи онҳоро дар ин зерфасл ба таври зайл пешниҳод менамоем:

1. Давраи таҳаввули назариёти идоракунӣ 4-5 ҳазор сол пеш аз давраи Ҳаммурапӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин давра одамоне пайдо гаштанд, ки урфу одат ва талаботи динии мардумро тағйир дода, ба ҷои қурбонии одамон қурбонии рамзи дигарро ҷорӣ намуданд. Дар натиҷа, ин диндорон аз ҳисоби қурбонии мардум пулу мол, гову гӯсфанд, равғану дигар захираҳо ба даст оварда, соҳиби сарват шуда, қишри алоҳидаи ҷомеаро ташкил намуданд. Онҳо на тоҷир ва на сармоядор, балки барандагони урфияти динӣ маҳсуб ёфта, дар як

муддати кӯтоҳ боигарии калонро ба даст меоварданд. Аз ин рӯ, дар давраи аввали таҳаввул идоракунӣ ҳамчун восита ё асбоби дин ва тиҷорат ташаккул ёфта, навиштаҷоту сабти амвол, ҳисобу китоб ва назорати фаъолияти одамон ҷорӣ гардид.

Аз ҷумла, дар тамаддуни шумерӣ аввалин маротиба алифбо ва хатнависӣ ташаккул ёфт. Коҳинони шумерӣ аз оғози соли 3000 - и т.м. шурӯъ намуда, дар шаҳри Ур (ҳудуди ҳозираи Ироқ) сабтҳои корӣ, ҳуқуқӣ ва таърихиро навишта, дар тахтаҳо мечаспониданд. Баъзе аз ин сабтҳо ба амалияи идоракунии коҳинони шумерӣ таъсир расонид. Ҳамзамон қайд мекунанд, ки аз ташаккули алифбо ва рушди хат талаботи коҳинон дар раванди идоракунӣ таҳким ёфт. Баъдан ин дастовардҳо ба ташаккули гурӯҳҳои махсуси коҳинон - «савдогарон» ва «корчаллонҳо», ки ба амалиёти тиҷорат, ба қайд гирифтани ҳисоби маблағи даромад ва харҷ машғул мешуданд, мусоидат карданд. Дар ёдгории хаттии қадимаи мисриён «Пандномаи Птаххотеп» дар ин бобат маслиҳат ва тавсияи зерин дар бораи роҳбар дода шудааст: «Агар ту роҳбарӣ, бояд ором бошӣ вақте сухани гӯяндаро мешунавӣ; ӯро аз худ дур накун, то ӯ омода шуда, чизи хостаашро ба ту гӯяд» [8, с. 63-64].

Муҳтавои ин ҳикмат он аст, ки роҳбар бояд зимни иҷрои вазифа таҳаммулпазир, сабур ва ҳалим бошад, то ин ки коргарон нисбат ба ӯ эътимод ва боварӣ пайдо карда, супоришҳоро саривақт ва босифат иҷро кунанд.

Инчунин, аз таҳлили ин мавод маълум карда мешавад, ки таҳаввули аввалини идоракунӣ хусусияти динӣ-тиҷоратиро доро буд.

2. Давраи рушди идоракунӣ ба фаъолияти шоҳи Бобул Ҳаммурапӣ (солҳои 1792-1750 т.м.) алоқамандӣ дорад, ки маҷмӯаи қонунҳоро ба миқдори 285 номгӯ оид ба идоракунии давлатӣ ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоии байни гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ таҳия кард. Бонақшагирии меҳнат, назорати маҳсулот, варақаи музди маош (ведомост) - ро бо нишон додани маълумоти вақти корӣ, музди ҳадди ақали маошро коркард карда, барои роҳбар ҷиҳати истифодабарӣ дар раванди идоракунӣ муҳим шуморид. Ба андешаи Н.В. Кузнецов дар асоси маҷмӯаи қонунҳо услуби дунявии идоракунӣ ҷорӣ гардида, назорат ва ҷавобгарӣ барои иҷрои кор тақвият дода шуд[9, с. 23-24].

Воқеан, ин қонунҳо нишонаи пурарзиши ҳуқуқӣ ва давраи муайяни таърихи идоракунӣ дар Шарқи Қадим мебошанд. Ҳамзамон, бартарии ин давра дар он мебошад, ки аввалин маротиба дар ҷомеаи Шарқи Қадим низоми маъмурӣ, фанни қонунгузорӣ пайдо гашт. Ин системаи маъмурӣ барои подшоҳони баъдина ҳамчун навоварӣ қабул шуд, чунки он танзими муносибатҳои одамонро дар ҷомеа роҳандозӣ намуд. Инчунин бештари қонунҳои ӯ имрӯз низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар давлатҳои Аврупо истифода мешаванд. Ба вижа, мард аз молу мулки хона чизе гирифтан ҳақ, надошт, молу мулки хона ҳаққи фарзандон буд. Афсарон барои рафтори дағалона ҷазои то ҳукми қатлро мегирифтанд. Барои сохтмон маоши хуб медоданд ва агар хона чаппа ё қисман хароб мегашт, аз ҳисоби меъмор бозсозӣ карда мешуд…[10, с. 66-67]

Инчунин, маҷмӯаи қонунномаи Ҳаммурапӣ дар аҳди қадим миёни дигар қонунҳо, аз ҷумла, қонунҳои Рум, ки асос барои таҳияи қонунҳои зиёди имрӯз шудаанд, дар низоми идоракунӣ арзишнок мебошад. Масалан, агар қонуни Рум ба талабгор ҳақ додааст, ки қарздори худро дар сурати сарпечӣ аз пардохти дайн шаққа кунад, вале қонуни Ҳаммурапӣ ба ӯ ҳақ медиҳад, ки барои мутолабаи талаби худ ба додгоҳ муроҷиат намуда, дар сурати сарпечӣ дархости ҳабси ӯро намояд. Тибқи талаботи қонунҳои Ҳаммурапӣ қарздор мулзам ба пардохти айни талаб нест, балки метавонад ба ҷои он пули нақд ва ё гандум, ҷав бипардозад. Пас маълум мешавад, ки қонунномаи Ҳаммурапӣ дорои чунин афзалиятҳо будааст:

- муҷозотҳо дар он хусусияти интиқомӣ надоштанд, балки фақат барои бартараф кардани зарар дода мешуданд;
- даъвогарони хусусӣ ҳақ надоштанд бевосита иқдом ба қасос намоянд, балки танҳо аз тариқи муроҷиат ба додгоҳ метавонистанд муҷозоти гунаҳгорро тақозо кунанд;
- қозиёни маҳкамаи Ҳаммурапӣ бар хилофи аксари мамлакатҳои Машриқзамин коҳинони маъбад набуданд, балки қуззоти шоҳӣ ва ё калонтарони маҳаллӣ маҳсуб меёфтанд;
- дар қонунҳои Ҳаммурапӣ озодиҳои аҳли тамоми қишрҳои ҷомеа ҳамсон буд. Ҳатто байни мардуми Бобул ва аҳолии маҳалҳои он фарқияте гузошта нашудааст[10, с. 65-69].

Инчунин дар заминаи қонуни мазкур нахустин бор дар Бобул тиҷорат, муносибатҳои тиҷоратӣ, бонк ва фаъолияти бонкӣ рушд карда, ба мардум имконияти интиқол додани сармояи худро дар бонкҳо роҳандозӣ намуд. Аз ин нуқтаи назар, тамоюлгирии асосии идоракунии ин давра дар он зоҳир мешуд, ки одамон маҷбур буданд дар доираи қонун фаъолият карда, ҳамчун шахси касбии соҳа - роҳбар баромад кунанд.

3. Давраи ташаккули низоми идоракунӣ марбут ба Эрони Бостон мебошад. Ин давраи таърихӣ, аслан, аз давраи модҳо ва порсҳо сарчашма гирифта, бо инқироз ёфтани салтанати Сосониён поён меёбад. Сарчашмаи муътамаде, ки дар он ба таври зарурӣ доир ба масоили марбут ба ҷомеа, аз ҷумла, низоми иҷтимоӣ ва идоракунӣ маълумот медиҳад, «Авесто» мебошад. «Авесто» ҳайати иҷтимоиро ба чор табақа ҷудо менамояд: рӯҳониён, ҷанговарон, пешаварон ва кишоварзон[1, с. 121].

Дар корҳои идоракунӣ тавонгарон худро табақаи болоии иҷтимоъ ҳисобида, пешаварон ва кишоварзон маҳкуми ҳукми эшон қарор доштанд. Мунаҷҷимону аттибо ва муҳосибону омӯзгорон, дар маҷмӯъ аҳли қалам табақаи алоҳидаро ташкил намедоданд. Онҳо дар дарбори подшоҳон ва хонаводаҳои ашрофон роҳ ёфта, ҷойгоҳи худро пайдо мекарданд. Аз ҷумла, дар Эрони Қадим чунин анъанае роиҷ буд, ки ҳеҷ як кишоварзе наметавонист ба табақаи пешаварон дароянд, пешаваре ба табақаи ҷанговарон шомил гардад ва ҷанговаре ба ҷамъи рӯҳониён бипайвандад. Чунки тамоми шуғлҳо меросӣ буда, ба тариқи ирс аз насл ба насл интиқол меёфтанд. Танҳо подшоҳ ҳуқуқ дошт, ки гоҳ-гоҳе ашхосеро, ки мавриди инояташ қарор гирад, тавассути русуми хоса ба узвияти табақаи ҷанговарон шомил кунад, аммо ба узвияти табақаи рӯҳониён шомил гардонидани он ашхос комилан мамнуъ буд. Вазифаи рӯҳониён танзими кор дар оташкадаҳо, аз ҷумла равшан нигоҳ доштани оташи муқаддас, ширкат дар иҷрои маросими қурбонӣ, хондани сурудҳои мазҳабӣ, адои намоз, иҷрои маросими марбут ба таваллуд ва вафот, баҳси никоҳ, ширкат дар маросими мазҳабӣ, таълими атфол дар бобати азбар кардани расму одатҳои динӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Табақаи ҷанговарон бошад сипоҳи Эрони Бостонро ташкил медоданд. Аҳли ин табақаро соҳибмулкон ва хурдамалокин, авлоду аҷдоди онҳо ташкил дода, наҷибзода унвон доштанд.

Мулкдорони бузург, ки нигаҳбон ва ҳимоякунандаи марзу буми кишвар ва амнияти давлат ба ҳисоб мерафтанд, дар замони сулҳ дар дарбори подшоҳон ё дар низоми маъмурӣ ба иҷрои корҳои гуногун, аз ҷумла, остондорӣ ва ҳимояи ҳудуди кишвар машғул мешуданд. Ё дар маркази вилоят, ё замину мулке, ки подшоҳ ба табааи худ бахшида буд, ба идораи амлок ва ҷамъи зироати худ мепардохтанд. Ҳангоми набардҳо бо саворагон ва пиёдanизомиёни худ ба рикоби подшоҳ ҷамъ омада, ба фармондеҳии ҷабҳаҳои ҷанг масъул гардонида мешуданд.

Хурдамамоликин, ки саворанизомиёни сипоҳро ташкил медоданд, дар замони сулҳ дар сари зироатҳои худ буданд ва дар замони набард ба урдуҳо пайваста, дар зери ливои бузургтарони худ ба майдони ҷанг раҳсипор мешуданд.

Умуман, дар тафриқа аз табақаи рӯҳониён, ба қишри ҷанговарон деҳқонон, ки молиёти давлатиро аз деҳотиён ҷамъоварӣ мекарданд, шомил мешуданд. Хусусан, қисматҳои пиёдanизом, унсурҳои ғайриҷангии урдуҳо, аз ҷумла, суюрсотчӣ (маъмури таъиноти артиш), ясақчӣ, шотир (нафаре, ки пеш-пеши подшоҳ бо либоси махсус чобукона мерафт ва аризаи додхоҳонро меғундошт), меҳтар, чопор, борбар, борводор аз аҳли деҳқонон буданд. Аҳли ин табақа ба мисли рӯҳониён аз пардохти молиёт ва андози давлатӣ озод буда, вале бо либоси фохир ва хоси худ, лавозимоти ҳарбӣ аз дигар табақаҳо фарқ мекарданд.

Пешаварон дар сохтори иҷтимоии Эрони Бостон, асосан, сокинони шаҳр ва маҳалҳо буда, ба савдогарӣ, касбу пеша машғул буданд. Вазъи зиндагии аҳли ин табақа хеле сангин буд, зеро дар як сол се маротиба молиёт мепардохтанд, мунтазам фаъолияти кориашон зери назорати муфаттишони давлатӣ қарор дошт. Инчунин вобаста ба шакли фаъолият ва касбу пеша ба ҳар яке аз онҳо роҳбар (раисе) вобаста карда шуда буд, ки таҳти фармони муфаттиш шумораи аҳли ҳирфаро ҳисоб мекард, нозире мансуб гардида буд, ки вазифааш назорати вазъи ҷамъи молиёт ба шумор мерафт. Ба ғайр аз ин як нафар мубассир ба аҳли ин табақа мансуб шуда буд, ки фаъолияти кории ҳар як нафарро таҳти назари худ қарор медод.

Кишоварзон дар назари эрониёни қадим ҳақиртарин табақа ба шумор рафта, дар мулки ҷанговарон ба кишту парвариши зироат машғул мешуданд. Аз ҳисоби маҳсулоти бадастоварда ба арбоби мулк баҳраи моликона ва ба давлат молиёти арзӣ ва молиёти сарона медоданд. Дар замони ҷанг ба сифати пиёдanизом ва афроди вобаста ба урдуҳои ҷангӣ ба

майдони набард кашида мешуданд. Дар замони сулҳ ва осоиштагӣ бошад ҳар чанде як бор ба бигории арбоби мулк даста мешуданд[10, с. 100].

Аз ин таҳлил бармеояд, ки дар ин марҳилаи таърихӣ идоракунӣ ва назорати фаъолияти аҳли касбу пеша ва кишоварзон аз маркази ягона сурат намегирифт. Зеро дар ҳар як минтақа ва маҳалҳо таъин гардидани маъмурин ҷиҳати назорати фаъолияти кории мардум ва иҷрои корҳои хусусияти минтақавӣ ва маҳаллидошта далолат аз мавҷудияти амалигардонии дараҷаи дуюми ҳокимияти давлатӣ, ҳокимияти маҳаллӣ медиҳад, ки дар боби дуюми рисола дар бораи он батафсил маълумот медиҳем.

Баъд аз таълимоти зардуштия дар таърихи тамаддуни Эрони Бостон масоили марбут ба низоми идоракунӣ таҷассуми худро дар таълимоти монавия ёфтааст. Монӣ низ барои иҷрои корҳои маъмурӣ дувоздаҳ ҷонишин бар худ таъин карда, пайравонашро ба ду табақа тақсим намуда буд: баргузидагон, мустамиин. Баргузидагон аз миёни муқаддастарин муъминон интихоб мешуданд ва вазифаашон иборат буд аз муроoти дараҷаи аълои вараъ ва тақво ва имсок аз тановули ағзияи ҳайвонӣ ва муқорабат бо занон ва нӯшидани шароб. Мустамиин соири муъминон буданд ва вазифаашон фақат иҷтиноб аз бутпарастӣ, бухл, илҳод буд ва аз ин ҷиҳат ба номи мустамиин муаррифӣ мешуданд.

Муҳтавои таълимоти Маздакро бошад риояи рукнҳои адолат, баробарии иҷтимоии аҳли қишрҳои ҷомеа ҷиҳати истифода аз имтиёзҳо, дифоъ аз ҳуқуқҳо, ихтиёр доштани зиндагии осудаҳолона, дар чорчӯбаи талабот ва қонунҳои мавҷуда фаъолият варзидан, мубориза алайҳи нобаробариҳо, зулму шиканҷа ва ғайра ташкил медод. Низомулмулк дар китоби «Сиёсатнома» - и худ вазъи сиёсию иҷтимоии давраи Сосониёнро таҳлил карда, чунин иттилоъ дода буд: «Маздак мегуфт: мол бахшиданӣ аст миёни мардумон, ки ҳама бандагони Худованди таъоло ва фарзандони одаманд. Бояд моли якдигар харҷ кунанд, то ҳеҷ касро бебаргиву дармондагӣ набошад ва мутасовиюлҳол бошанд» [12, с. 33-39].

Яъне, ба андешаи Маздак Худованд ризқро дар рӯи замин офарид, ки мардум миёни худ яксон қисмат кунанд ва ҳеҷ кас аз дигаре бештар набарад, лекин мардум ба якдигар ситам мекунанд ва ҳар кас хештанро бар бародар тарҷеҳ медиҳад. Мо мехоҳем, ки дар он кор назорат кунем ва дороии тавонгаронро барои дарвешон бигирем ва он чи ағниё зиёд доранд, ба тиҳидастон диҳем.

Аз ин таъкидҳои Маздак метавон хулоса баровард, ки маъмурини давлатӣ дар доираи принсипҳои адолати иҷтимоӣ бояд тақсими баробари амволро миёни мардум дуруст ба роҳ монанд, эҳтиёҷмандонро дастгирӣ кунанд ва зимни ҷамъоварии андоз ба ситам роҳ надиҳанд.

Умуман, дар Эрони Бостон идораи ҷомеа аз ҷониби подшоҳон сурат мегирифт. Вале дар ҳар як сохтори давлатии минтақаҳо ва маҳалҳои аҳолинишин аз ҳисоби наздикони амалдорони дарбор, сарватмандони минтақаву маҳалҳо маъмурини минтақавӣ таъин карда шуда, амру супоришҳо ва дигар дастурҳои ҳукуматро ба мардум мерасониданд ва назорати иҷрои онҳоро аз тарафи аҳолӣ таъмин менамуданд, ки шаҳодат аз мавҷудияти звенои дуюми ҳокимият: мақомоти худидоракунии маҳал медиҳад.

4. Давраи таҳаввули идоракуниро дар ҷомеаи шарқӣ зуҳури ислом ташкил медиҳад. Ислом баробари зуҳур карданаш дар ҷомеа инсонро мавҷуди фитрӣ, то иҷтимоӣ ҳисобида, зарурати таъсиси имомат ва роҳбарии ташкилоти иҷтимоиро дар низоми идоракунӣ муҳим медонад. Чаро ки паёмбари Акрам (с) худ як давлатмард буд ва нахустин қадаме, ки барои ҳифзи ташкилоти давлати навпойи худ бардошт, бастани сулҳнома байни яҳудиёни Мадина ва ду қабилаи бузурги «Авс ва Хузарҷ», таъини афрод барои дарёфт ва масрафи закот, барномаҳои иқтисодии ҷомеаи исломӣ буд. Ӯ ҳар вақте қасди хуруҷ аз Мадина мекард, шахсеро ба ҷонишини худ мансуб мекард ва ҳар ҷойро, ки фатҳ менамуд ҳоким ва фармондоре бар он мегумошт. Чуноне ки Табарӣ менависад: «Паёмбари Акрам (с) коргузорони худро ба ҳамаи шаҳрҳо ва сарзаминҳое, ки мардумони онҳо мусалмон шуда буданд, фиристод, то амволи умумии Байтулмолро бистонанд ва ба маркази ислом бифиристанд» [6, с. 26-32].

Баррасии дақиқи моҳият ва қонунҳои ислом собит мекунад, ки ин мактаб барои пиёда шудан, ба маҷроъ, ба ташкилоти ҳукуматӣ ниёз дошта ва бидуни он ислом наметавонист дар дунёи хориҷ айният ёбад. Дар ислом роҳбарӣ бар асоси имомат, тақво ва шинохт ба роҳ монда шуда, идоракунӣ низ бар асоси шариати исломӣ, машварат ва ҳамкории гурӯҳӣ

мушаххас ва муайян мегардад. Гарчи байни идоракунӣ ва роҳбарӣ фарқияте вуҷуд дорад, аммо роҳбарӣ бахше аз санъати идоракунӣ аст. Роҳбарӣ дар робита бо инояти Худованд барои ҳидоят ва иҷрои қонунҳо, барои беҳбудии низомоти иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи инсон дар ислом роҳбарон бояд илова бар фароҳам кардани заминаҳои лозимӣ барои ба ҳадди аксар расондани короии инсонҳо дар муҳити ташкилот ҳамвора мавриди назар қарор диҳанд. Зеро роҳбароне метавонанд ин шароит ва заминаҳоро беҳтар фароҳам созанд, ки аз сифатҳои зерин бархӯрдор бошанд: 1) имон ба Худованд; 2) тақво - парҳезкорӣ ва тарс аз Худованд дошта, итоати амри ӯро кардан; 3) садоқат - дӯстӣ аз рӯи сидқ ва ростӣ ва садоқат дар ҳамаи аъмол ва рафтор; 4) мутаъодил будан - ба маънои рафтори миёнае доштан ва бархӯрдор будан аз суботи шахсият ва таъодули ахлоқӣ; 5) вафо ба аҳд ва паймон - ба ин маъно, ки ҳақ бидиҳад ва ҳақ бигирад, бар сари аҳд ва паймони худ устувор бошад ва бо вафое ба аҳди эътимод мардумро ҷалб намуда, арзиш ва эътибори худро аз ин роҳгузар афзун намояд; 6) одӣ зистан - бархӯрдорӣ аз зиндагии сода ва бетакаллуф доштан; 7) ихлос - дӯсти пок ва бериё доштан ва холисии ният сабаби наздикии қалбҳо мешавад; 8) афву иғмоз ва бахшандагӣ; 9) саъй ва ҷаҳд; 10) тазкия ва ҳусну хулқ; 11) шафқат ва меҳрубонӣ; 12) адолат ва додгустарӣ - инсоф ва додгарӣ; 13) шарҳи садр - саъаи садр аз назари луғат ба маънои фарохии сина аст. Ба маънои маҷозӣ ба касе ин сифатро муносиб донанд, ки қудрати таҳаммули ҳар гуна ақидаи мухолифро дошта бошад; 14) эътиқод ба вилоят ва роҳбарӣ; 15) вобастагӣ ба хонадонҳои солеҳ ва шоиста - ба ин маънӣ, ки касеро барои роҳбарӣ интихоб кунем, ки аз тарбияти саҳеҳ бархурдор шуда ва аз меҳру утуфати хонаводагӣ сероб гардида бошад, то бекина робитаи худро бо дигарон барқарор намояд ва бо диди мусбат ба воқеаҳо нигарад; 16) олим будан; 17) доро будан аз таҷрибаи лозима. Яъне коргузоронро аз аҳли таҷриба интихоб кардан; 18) қудрат ва тавоноии шахсӣ дар идораи корҳо ва ғайра.

5. Ниҳоят, давраи панҷуми таҳаввул, ки дар таълимоти мутафаккирони тоҷик тавсияву пешниҳодҳо бар худ характери демократӣ ва дунявии идоракунии ҷомеаро ифода мекарданд, асрҳои X - XIX-ро дар бар мегирад. Ба вижа, Абӯнасри Форобӣ роҳбарии ҷомеаро ҳамсони қалби ҳар дастгоҳ ва умумияти одамон шабоҳат додааст. Ба ақидаи ӯ «Мадинае, ки дар он иттиҳодияи одамон бо мақсади ба даст даровардани бахти ҳақиқӣ дар фаъолияташон ба ҳамдигар муовинат мекунанд, мадинаи фозила номида мешавад. Ва ҷамъияте, ки ҳамкории одамон бо мақсади ба даст овардани хушбахтӣ нигаронида мешавад, ҷомеаи фозила номида мешавад» [16, с. 305].

Аз ин таъриф метавон хулоса баровард, ки Форобӣ таовун, ҳамкорӣ ва эҳсоси масъулияти муштаракро шарти муҳим ва бақои ҷомеа дониста, худидоракунии воҳидҳои маъмуриро таркиби асосии идоракунӣ меҳисобад.

Меъёри дигари мавҷудияти ҷомеаи фозиларо мутафаккир дар оқилона ва одилона иҷро кардани корҳои шахсию ҷамъиятӣ мебинад. Ба андешаи ӯ роҳбар вазифаи ҳифзи таодул ва тавозуни ин робитаро ба ухда дорад. Аз ин рӯ, роҳбарон бояд дорои вижагиҳои хосе бошанд, ки умдатарини онҳо иборат аст аз: хушбаёнӣ, муносибати хуб, миёнаравӣ, ростгӯӣ, риоякунандаи меъёрҳои адолат, шуҷоат ва ғайра. Аз назари ӯ афрод ба се гурӯҳ: роҳбарон, мудирони миёна ва коркунон (афроди одӣ) тақсим шуда ва робитаи мутақобили онҳо мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин хусус қайд мекунад, ки «Адолат ин пеш аз ҳама тақсимоти одилонаи тамоми неъматҳои моддӣ миёни сокинони мадина ... ва инчунин маҳфуз доштани онҳо аст, ки байнашон тақсим шавад. Ин неъматҳои моддӣ муҷиби офиятмандӣ, дороӣ, некуаҳволӣ ва дигар хайриёт ба онҳо мансуб аст» [16, с. 22].

Аз назарияи Форобӣ ҳикмат аз муҳимтарин сифатҳои роҳбар аст. Масалан, агар ин сифат дар ҳеҷ кас вуҷуд надошта бошад, мадинаи фозила бидуни раис бошад, ин худ боиси ҳалокат ва бадбахтии он ҷомеа хоҳад шуд. Дар мадинаи фозила, ки комилтарин шакл аз ҷомеа аст, афрод дар омори мухталиф бо ҳам робита ва ҳамкорӣ доранд ва аз ин ҷиҳат аст, ки ба саодат мерасанд.

Файласуфи тоҷик Р.Комилов роҷеъ ба андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Форобӣ изҳори назар карда, андешаманди он аст, ки сохтори иҷтимоии мадинаи фозилаи Форобӣ ба дараҷоти табақавӣ асос ёфтааст, ки дар маснади болоии он раис қарор дорад. Файласуф таркиби мадинаи фозиларо, ки дар муттакои маърифати асосҳои назариявии саодат бунёд ёфтааст, мутобиқи ҳамин меъёр сокинони онро ба се қисм ҷудо мекунад: 1) фозилон -

донандагони меъёрҳои зикршуда дар асоси далелу бурҳонҳо ва қобилияту истеъдоди шахсӣ; 2) пайравони фозилон - муътақидони онҳо; 3) боқимондаҳо, асосҳои назариявии саодатро тавассути образҳои тақлидӣ дарк мекунанд, зеро ақли онҳо зотан қодир нест, ки моҳияти чизҳоро фаҳмида тавонанд. Ҳамзамон назари Форобиро ҷиҳати муайян кардани сокинони ҷомеаи фозила аз рӯи иҷрои вазифа ва касбашон ба таври зайл тасвир менамояд: 1) ҳакимон, олимон, бонуфузон, яъне ашхоси шоиста ва касоне, ки корҳои муҳимро ба ҷо меоваранд; 2) суханварон - носеҳон, нотиқон, шоирон, ромишгарон ва котибон; 3) муқтадирон - муҳосибон, муҳандисон, табибон ва ситорашиносон; 4) муҷоҳидон - сипоҳиён ва муҳофизон; 5) сарватмандон - заминдорон, тоҷирон, ҳайвондорон ва ғайра[13, с. 163].

Форобӣ новобаста аз он ки идоракунии ҷомеаро аз як маркази воҳид муҳим мешуморад, вале чӣ тавре қайд намудем, мустақилияти худидоракунии минтақавӣ ва маҳаллиро низ эътироф менамояд. Дар ин маврид мутафаккир нисбати роҳбарон ва сокинони ҷомеаи фозила чунин тавсияҳо медиҳад, ки ҳар кас аз уҳдаи иҷрои вазифаи худ дуруст баромада тавонад, саводи кофии тахассусӣ дошта бошад, нафаре, ки қобилият ва маҳорати иҷрои кори худро надошта бошад, бояд ӯро тарбия намуд.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи Форобӣ маъмури давлатӣ бояд чунин сифатҳоро доро бошад: ҷисман солим бошад, то аз уҳдаи иҷрои корҳо барояд; таҳаммулпазир бошад, то суханро пурра шунида, баъд хулосаи худро барорад; хотираи қавӣ дошта, ба фаромӯшхотирӣ роҳ надиҳад; зеҳни тезу дурандеш дошта бошад; нутқ ва фасоҳати суханаш зебо бошад; бо маърифати комил ва саводи кофӣ ба ҳал ва бартараф кардани мушкилиҳо кӯшиш намояд; қаноатпеша бошад; ростгӯ ва озодмард буда, ба дурӯғгӯӣ роҳ надиҳад; баднафс набошад; дӯстдори молу сарват ва ҷоҳу ҷалол набошад; адолатпеша буда, дар ҳалли масъалаҳои пешомада рукнҳои онро риоя кунад; боҳайбат буда, тарсуиро дар худ парвариш надиҳад[4, с. 317-319].

Файласуфи дигари тоҷик Ибни Сино низ ҳамсон бо назари Форобӣ муътақид буд, ки зиндагии афроди башар фақат дар иҷтимоъ мумкин аст ва саодату некбахтӣ дар доираи ҳамкорӣ дар иҷтимоъ ҳосил мешавад. Мутафаккир назариёти худро дар заминаи идоракунии ҷомеа ва роҳбарӣ дар рисолаҳои «Ал-маҷмӯъ» ва «Тадбири манзил» матраҳ намудааст.

Муҳаққиқи эронӣ Саидризо Таққии Домғонӣ дар ин маврид андешаҳои Ибни Синоро оид ба соҳиб гаштан ба дастгоҳи идоракунии ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор дода, зикр мекунад, ки Ибни Сино ҳукуматҳоро бар чаҳор қисм ҷудо мекунад: 1. ҳукумати демократӣ, ки дар ин низом раиси ҳукумат бо воситаи ҳама мардум ё раисони дараҷаи дуюм интихоб мешавад; 2. ҳукуматҳое, ки таҳти раёсатҳои поёнӣ ҳастанд; 3. ҳукуматҳои истибдодӣ, ки «ваҳдонияти раёсат номида мешаванд»; 4. ҳукуматҳои ашрофӣ, ки ҳамон ҳукуматҳои фозила аст[14, с. 31].

Муҳаққиқ дар ин ҷо ҳукуматро аз назари Ибни Сино ба чор қисм ҷудо мекунад, ки ин андеша саҳеҳ нест. Зеро манзури Ибни Сино нишон додани чор шакли ба даст овардани қудрати сиёсӣ дар низоми идоракунии ҷомеа мебошад. Чунки ҳукумати марказӣ ягона буда, шохаҳои он дар маҳалҳо амал мекунанд.

Ба хусус, Ибни Сино дар китоби “Тадбири манзил” - и худ ба як нуктаи бисёр ҷолиби низоми идоракунии иҷтимоӣ мароқ зоҳир намуда, барҳақ тавсия мекунад, ки набояд ҳамаи инсонҳо новобаста аз маҳорату малака ва сатҳи маърифатнокӣ ва ҳайбат даъвои роҳбарӣ ва ё худ подшоҳӣ кунанд ва ба азбар кардани пешае ҷаҳд насозанд. Агар ҳол чунин сурат гирад, бешак ҳамагӣ аз байн меараванд. Ҳамчунин ҳама агар аз пайи омӯхтани касбу пешае гарданд ва миёни онҳо нафаре пайдо нашавад, ки кори салтанатро ба уҳда гирад, дар ин ҳол низ пойдории ҷомеаро умед кардан нашояд. Агар ҳамагӣ фақиру заиф ва муҳтоҷ бошанд, аз аҳволи сангин ҷон месупоранд. Пас, ин ҷо аз андешаҳои Ибни Сино метавон чунин натиҷа бардошт, ки ба инобат гирифтани фарқияти байни вазъи зисти одамон, дараҷаи маърифатнокии онҳо, вазъи иқтисодӣ ва манбаъҳои гуногуни даромади хонаводагӣ сабаби асосии бақои зиндагӣ, устуворӣ ва рушди ҷомеа метавонад ба ҳисоб равад. Пас, ҳар кас вобаста ба завқ, маҳорат, касб ва иродат барои соҳиб шудан ба вазифа ва интихоб кардани шуғл талош варзад.

Ибни Сино дар баробари эҳтиёҷ доштани одамон ба роҳбар ҷиҳати назорати фаъолияти доимии онҳо ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаи пайдоиши ҷомеа, муайян кардани таркиби иҷтимоӣ-сиёсии он, тарзи таъини амалдорон ба вазифаҳои давлатӣ, идора

кардани сохторҳои ҷомеа аз ҷониби маъмурин тавaҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ин маврид қайд мекунад, ки:

1. Подшоҳону шаҳриёрон сазовортарин ва оқилтарини аҳли тафаккуранд, бинобар ин, риштаи идоракунии ҷомеа ва роҳбариро ба бандагон, ба ихтиёрашон вогузошт.

2. Сиёсатмадорону фармондорон табақаи дуюмро ташкил дода, вазифаи асосии онҳо иҷрои умури давлатӣ ва танзим доштани муносибатҳо дар шаҳр ва дигар музофотҳо мебошанд.

3. Соҳибони неъмат, яъне сарватмандон ва хосону хидматгорони онҳо, ки масъул ба ғанӣ кардани хазинаи давлатӣ бо ҳамагуна амволи мавриди эҳтиёҷ мебошанд.

4. Арбобони манзил, сарони хонаводаҳо, ки дар тартиби риояи амру фармонҳо ва тарбияи дурусти фарзандон дорои ҳусни тадбир мебошанд[7, с. 4-9].

Ибни Сино дар ин ҷо на танҳо аҳолиро ба қишрҳо ҷудо мекунад, инчунин дар иҷрои корҳои давлатӣ вазифаи ҳар як маъмурро муайян менамояд. Ба онҳо тавсия медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо, ба ҷуз шаҳриёрон, вобаста ба мақому манзалаташон, тобеи якдигаранд ва метавонанд барои шарафёб гаштан ва амре тибқи риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ба ҳамдигар кӯмак кунанд, вазифаҳои дар наздашон гузоштаро иҷро намоянд. Масалан, шахси фақиру заиф ва муҳтоҷ барои бартараф кардани мушкилоти хонаводаи худ, беҳтар кардани вазъи зиндагӣ, ба сарватманд, ки барояш роҳбар ва маъмуре ҳаст, ниёзманд аст. Хусусан, «Ҳақиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати хуб ва тадбири неку ва тафаккури зиёд ва таъдибу таъдил ва ба роҳи рост даровардану аз роҳи нодуруст боздоштан ва билҷумла, ба ҳамаи он чи ки шаҳриёр эҳтиёҷ дорад, муҳтоҷу ниёзманд аст. Балки агар касе бигӯяд, ки ин шахси кӯчак бештар ба бедорӣ ва маърифату таҷассус ва кунҷковию ҷустуҷӯ ва огоҳӣ ва баҳрабардорӣ аз биму тарс ва дурӣ гузидан аз майлу итминон ва эътироз аз харобӣ ва мухтал шудани кор муҳтоҷ аст, сухани дуруст ва мувофиқи вақт гуфтааст. Зеро касе танҳо аст, кӯмак ва муовину ихвон ва ансоре барои ӯ нест аз касе, ки аз кифояти вазирон ва аҳволи ансор истифода мекунад, ба ҳусни иноят муҳтоҷтар ва ба шиддати эҳтироз сазовортар аст…»[2, с. 14-15].

Инчунин, Ибни Сино барои маъмурини мақомотҳои гуногуни низоми идоракунӣ зимни иҷрои вазифа бо тобеони худ риояи чунин одоброо муҳим мешуморад, ки арзиши худро барои фаъолияти идоракунии масъулини мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷомеаҳои муосир аз даст надодаанд. Аз ҷумла, бо меҳрубонӣ ва мулоимӣ сухан гӯянд; оҳиста сухан бигӯянд ва ҳам дар хилваттарин ҷойҳо; суханро бояд зебо гӯянд на дурушт; агар бинанд, ки бо баёни чунин суханҳо тобеон бо рағбат ба онҳо гӯш медиҳанд ва бо назари қабул онҳоро мешунаванд, чизе ки мегӯянд, ошкоро бигӯянд ва на ниҳон ва ғайра.

Паҳлуи дигари таълимоти иҷтимоии Ибни Синоро оид ба масъалаи низоми идоракунӣ муқоисаи сифатҳои ахлоқии инсонҳо ташкил медиҳад. Муҳтавои андешаи Ибни Сино дар ин боб иборат аз он аст, ки нафаре аз роҳбар агар хоҳад, ки ахлоқу одатҳои худро ислоҳ намояд, аз ахлоқу сифатҳои мардум огоҳ шуда, онҳоро бо ахлоқу рафтори худ муқоиса кунад. Чунин ҳисоб кунад, ки ӯ ҳам мисли дигарон инсон аст ва афроди башар мисли ӯ шабеҳи ҳамдигаранд. Агар огоҳ шавад, ки ахлоқи хуб ва сифатҳои неке дар онҳо ҳаст, бидонад, ки ӯ низ аз он сифатҳо орӣ нест. Новобаста аз он ки ошкор ҳаст ё ниҳон. Пас, бояд баҳри ривоҷ ва нобуд нагардидани сифатҳои нек кӯшиш намояд. Баръакс, агар айбу ахлоқи нораво ва ё одати бадеро дид, бояд бидонад, ки майл ба он дар нафси ӯ ҳам падидор аст. Пас, ҷаҳд намояд аз болои он сифатҳои нораво ғолиб омада, онҳоро бартараф созад[2, с. 16-18].

Тадбири дахлу харҷ низ яке аз мавзӯъҳои асосии марбут ба низоми идоракунии рисолаи мазкур мебошад. Дар ин қисмат андешаи файласуф чунин аст, ки вақте эҳтиёҷи мардум ба ғизо ва хӯрок боис шуд, онҳо ҷаҳд кунанд, ки баҳри ба даст овардани он аз роҳҳои гуногун, бикӯшанд. Чун мардум дар боби маишат ва зиндагонӣ ду қисманд, баъзе ба сабабе, монанди ирс ва ғайра аз саъю кӯшиш бениёз мешаванд ва бархе чунин набуда, балки ба касб муҳтоҷ мебошад. Қисми дуюм, ки ба кору косибӣ муҳтоҷанд, мулзам шудаанд, ба ин ки ба василаи тиҷорату саноат пайи касбу ба даст овардани ғизову хӯрок бираванд. Саноат собиттару пойдортар аз тиҷорат аст, зеро бештар мавриди итминону вусуқ аст, зеро ки тиҷорат ба василаи мол сурат мегирад ва мол ҳам дар арзаи фанову завол буда ва мумкин аст, аз дасти тоҷир рафта ва онро бе сармоя бигузорад. Валекин саноат ин тавр нест, балки чизе аст, ки

соҳиби он онро омӯхта метавонад, бидуни доштани мол ва сармоя ҳам аз он истифода намояд. Файласуф дар ин росто қайд мекунад, ки саноати арбоби мурувват се гуна аст:

1. Аз ноҳияи ақл. Он иборат аз раъйи саҳеҳ ва назари соиб дар машварат ва ҳусни тадбир мебошад. Ин гуна саноатро Ибни Сино - саноати арбоби сиёсату тадбир ва соҳибони мақоми вазорат мешуморад.

2. Аз ноҳияи адаб. Ба ин гуна афрод нависандагон, муншиён, ситорашиносон ва табибонро шомил медорад. Ва ин саноатро - саноати адибон меномад.

3. Аз ноҳияи дастҳо, монанди шуҷоат. Ба ин тоифа аҳли ҳарб, тирандозонро дохил мекунад[2, с. 20].

Дар таълимоти Ибни Сино баробар бо дигар масъалаҳои марбут ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба рушди идоракунии низоми маориф, ки яке аз соҳаҳои махсуси идоракунӣ мебошад ва дурнамои рушди ҷомеа аз дуруст ба танзим даровардани ин соҳа вобастагии амиқ дорад, аҳамият додааст. Асосан, дар бораи омӯзгор, ки субъекти асосии соҳаи маориф мебошад ва тарбияи дурусти кадрҳо аз фаъолияти пурмаҳсули он вобастагӣ дорад, сухан гуфта, таъкид менамояд, ки омӯзгор бояд доно, хирадманд, аз қонунҳои шариат хабардор, маҳорат ва ҳунари тарбия кардан, баён намудани сухани хубу латифро дошта бошад[2, с. 21].

Ӯ ҳанӯз дар замони худ дар раванди низоми таълим як навпардозӣ эҷод карда, назар ба таълими инфиродӣ роҳандозӣ кардани таълими гурӯҳӣ, тафриқавиро афзалиятнок мешуморад. Дар ин маврид қайд мекунад, ки ба омӯзгор таълим додани як шогирд чандон қабул нест. Зеро ин ҳол завқи дарсгӯӣ ва тарбияи дуруст доданро намеорад. Шогирд низ дар танҳоии худ завқи куллан майли аз устод гирифтани дониш ва тарбияи заруриро намекунад. Бинобар ин, мутафаккир зарур меҳисобад, ки фарзандони мардум дар омӯзишгоҳ ё худ мадраса ҷамъ шуда, дар даври ҳам ба фаро гирифтани илму адаб ва ахлоқ бипардозанд. Ин усул аз чанд ҷиҳат самар медиҳад:

1. Шогирдон ҳамеша бо нишоту ҳирс ба омӯхтани илму адаб ва ахлоқ мепардозанд, гоҳе ба якдигар мубоҳот мекунанд ва гоҳе ба ҳоли ҳамдигар ғибта (ҳасад) мехӯранд. Ва мавқеи иззати нафс водорашон менамояд, ки аз якдигар ақиб намонанд.

2. Шогирдон муҷтамеъ бо якдигар сухан мегӯянд, ин сухан гуфтан сабаби рӯшноию фузунии ақлу фаҳмишашон мегардад, зеро ҳар як ширинтарин суханро, ки дидаву шунидааст, ба дигарӣ мегӯянд ва ин ширинӣ муҷиби шигифтӣ ва шигифтӣ сабаби ҳифзу гуфтани он ба дигарӣ мегардад.

3. Фоидаи дигари иҷтимоъ он аст, ки шогирдон бо якдигар рафиқ мешаванд ва ба ҳамдигар эҳтиром менамоянд ва мехоҳанд бар якдигар сабқат кунанд ва муовазаву мубодилаи ҳуқуқ менамоянд. Ҳамаи инҳо асбоби мубоҳоту муҳокимот ва мусобиқа буда, муҷиби таҳзиби ахлоқ ва таҳрики ҳимматҳо ва тамрини одоти хуб мебошанд[2, с. 25].

Ин се пешниҳоди Ибни Сино дар ягон давр мубрамияти худро гум намекунанд ва имрӯз низ истифодаи онҳо дар раванди тарбияи кадрҳо муассир мебошанд. Зеро дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ бо ҳамдигар сабақ андӯхтани шогирдон аз як тараф меҳру муҳаббат ва дӯстиро миёни онҳо барқарор месозад, аз тарафи дигар, ба ташаккули ақлу ҳуши муҳассилин таъсири хуб расонида, боиси гирифтани дониш, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ мегардад. Ҳамзамон устод низ дар чунин гурӯҳ дарсро ба завқ мегузаронад. Вобаста ба инобат гирифтани ҷиҳатҳои равонии шогирдон сухан мегӯяд. Инчунин саҳву хатои роҳдодаи онҳоро ислоҳ карда, барои возеҳ шудани ҷаҳонбиниашон мадад мерасонад.

Дигар паҳлуи андешаҳои Ибни Синоро дар ин самт сифатҳои омӯзгор ташкил медиҳад. Ба андешаи мутафаккир устод на бояд ҳамаи шогирдонро барои азбар кардани ин ё он касб ҳидоят намояд, балки ҳар нафарро вобаста ба завқу хоҳишаш ба интихоби касб талқин кунад. Агар шогирдро новобаста аз завқу хоҳишаш ба азхуд кардани касбҳои гуногун ҳидоят намоем, ӯ мутахассиси хуб шуда наметавонад. Чунин таълиму тарбия низ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Агар ҳама кас барои азбар кардани ҳамаи касбҳо майл пайдо кунанд, муҳол аст, ки соҳиб шудан барояшон муяссар шавад. Аз ин хотир, завқу ҳавас омили асосии тарбия кардани шогирд ба гирифтани касб маҳсуб меёбад. Ва устодро зарурат пеш меояд, ки қабл аз ҳидоят кардани шогирд ба ин ё он шуғл сатҳи маърифати ӯро бисанҷад, ақлу ҳушашро биозмояд ва сипас тавсия диҳад.

Агар имрӯз раванди рушди идоракунии маориф, раванди таълиму тарбияро дар низоми мактабҳои муосир мавриди таҳлил қарор диҳем, аён мешавад, ки ин гуна ҷараёнгирии

раванди таълим ва интихоби касбро ҳанӯз Ибни Сино пешниҳод карда, муҳим ва манфиатовар ҳисобидааст. Зеро вобаста ба равия таълиму тарбия намудан ва соҳибкасб кардани муҳассилин на ин ки манфиатовар барои худи мутахассис ва ҳамзамон барои пешрафти ҷомеа мебошад.

Дигар маслиҳати муфиде, ки Ибни Сино риояашро барои фарзанд асосӣ меҳисобад он аст, ки чун фарзанд соҳиби касб ва ҳунар шуд, тавонист, ки манбаи даромади худро пайдо намояд, ӯро бояд мустақил гузошт. Амалигардонии ин усул низ тибқи назари файласуф аз ду ҷиҳат манфиатовар аст:

1. Вақте ки лаззати истифода аз касби худро дар таъмини маош ёфт, меҳру муҳаббаташ нисбати ҳунари дошта зиёд шуда, пайваста дар такмили он мешавад.

2. Пеш аз он ки таъмини маишаташ комилан ба уҳдаи худаш қарор гирад, ба талаби маош одат мекунад.

Ба ғайр аз Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино - Насириддини Тӯсӣ низ масоили зиёдеро дар боби низоми идоракунӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст, ки онҳо дар асарҳои пурарзишаш «Ахлоқи Носирӣ», «Адаб-ул-мутаъаллимин» ва «Авсоф-ул-ашроф» инъикос ёфтаанд.

Хусусан, дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» мутафаккир масоили зиёдеро дар заминаҳои мухталифи идоракунӣ пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, ӯ дар хусуси робитаи инсонӣ ба идоракунӣ тавсия медиҳад, ки равобити худ бо зердастонро бояд дар асоси муҳаббат ва якдгарфҳмӣ ба роҳ монд, на дар асоси тарс. Роҳбар бояд барои таъмини имкониятҳои афрод ҳамеша дар талош бошад ва ниҳоят, бо онҳо чунон рафтор кунад, ки кормандон инро эҳсос намуда, аз рӯи нишот ва виҷдон кор кунанд, на аз рӯи маломат. Файласуф таовун ва ҳамкории инсонҳоро шарти комил ва хуруҷ аз онро хуруҷ аз адолат медонад ва таҳқиқи онро бо донистани илми ҳикмат амали хеле муфид мешуморад.

Умуман, мебояд иброз кард, ки таҳқиқи ҳамаҷиҳатаи падидаҳои ҷамъиятӣ файласуфро ба хулоса оварда, ки шароити ташаккули инсон, ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро зарурати истеҳсолоти неъматҳои моддӣ водор менамояд. Зуҳурёбии он дар низоми тақсимоти меҳнат ва ҳамкорию меҳнати дастҷамъии байни одамон ҳувайдо мегардад. Аз ин рӯ, файласуф зикр менамояд, ки ин иттиҳод дар зарурати ҳамкорию меҳнати дастҷамъии одамон, ки онро тамаддун меноманд, инъикос меёбад: «Ва тамаддун муштоқ андар мадина бувад ва мадина мавзеъи иҷтимои ашхосе бувад, ки анвои ҳирфатҳо ва саноатҳо таовуне, ки сабаби таъиш бувад, мекунанд. Ва чунон ки дар ҳикмати манзил гуфтем, ки ғараз аз манзил на маскан аст, балки иҷтимои аҳли маскан аст, бар ваҷҳи хос ин ҷо низ ғараз аз мадина на маскани аҳли мадина аст, балки ҷамъияти махсус аст миёни аҳли мадина» [11 ,с. 353-354].

# НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ТАРБИЯ ДАР ПАРТАВИ ДИДГОҲҲОИ ГУНОГУНИ ФАЛСАФӢ

***Саидзода М. С., Тағоймуродзода М.Т.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Равоншиносон ва ҷомеашиносон, ки дар роҳи ислоҳи ҷомеа ва ҳидоят ёфтани он нақши муҳим доранд, пешниҳод доранд, ки таълиму тарбия ба мардум кумак мекунад, то ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ширкати фаъол дошта бошанд. Ҳамчунин онҳо бар ин ақидаанд, ки тағйир дар мухтавои барномаҳои таълиму тарбият ин тағйири ҷамъият аст. Онҳо мегуянд, ки саҳми равоншиносон ва ҷомеъашиносон дар таълиму тарбия хеле зиёд аст ва бояд онҳо масъулияти хешро эҳсос кунанд. Дар фалсафа, ки яке аз бахшҳои он ба таълиму тарбия машғул аст, наметавон ба ин мавзӯъ баҳои яктарафа дод. Балки метавон аз тариқи мактабҳои гуногуни фалсафӣ ба масъалаи таълиму тарбия нигоҳ кард.

Нақши институтҳо, мактабҳо ва назарияҳои аз тарафи онҳо пешниҳодшуда, хеле муфид буда, омӯзиш ва дарназар гирифтани онҳо дар ҳар давру замон барои рушди маориф ва барои тарбияи шахсияти комил мусоидат мекунанд. Аввал ин, ки ҳар мактаб ва муаллимони башарӣ аз як донишманд пайравӣ накардаанд, балки андешаҳо ва равишҳои тарбиятие, ки пешниҳод кардаанд баргирифта аз назариёту озмоишоти худ, инчунин истифодаи таҷрибаҳои системаноки гузаштаву замони худ мебошад. Назариёти онҳо, ки барои муаллимону коргузорони низоми таълиму тарбия пешниҳод шудааст роҳнамоии муфиде мебошад. Ин ҷо зарур аст, то назариёту пешниҳодоти таълимӣ ва тарбиявии мактабҳо, системаҳои таълимии онҳо ва табақабандии иҷтимоиеро, ки рушангари мақсади мавзӯи мост номбар кунем.

Бояд гуфт, ки намояндагони мактабҳои зиёди фалсафие, ки дар ин самт андешаронӣ кардаанд барои барои бунёди пояи таълиму тарбия нақши бориз доранд ба панҷ гурӯҳ табақабандӣ шудаанд, ки иборатанд аз:

Табиатгароён, (Материализм);
Ормонгароён, (Идеализм);
Воқеъгароён, (Реализм);
Амалгароён, (Прагматизм);
Вуҷудгароён. (Экзистенсиализм).

Табиатгароён, ки танҳо табиатро воқеият медонанд, инсонро ҳайвоне меҳисобанд, ки бояд тибқи назми табиат рушт кунад ва хоҳишоти нафсониаш дар ин раванд бояд ба назар гирифта шаванд. Яъне дар низоми таълиму тарбия интихоби фан ва муаллимон бояд ихтиёрӣ бошад. Ҳамчунин онҳо натанҳо тарбияти ақлу рӯҳ, балки тарбияти баданро зарурӣ дониста, муътақиданд, ки ин ҳар ду боҳам бояд тарбият ёбанд. Намояндагони машҳури ин мактаб, Т. Гобс, Г. Сепенсер ва Ж. Руссо ба шумор мераванд. Г. Сепенсер касби маърифатро бахши муҳимми таълиму тарбият медонад. Ҳамчунин омӯзишу парвариши тан ва рӯҳ ба назари вай бояд боҳам анҷом гирад. Вай бо ин мақсад ба муаллимон тавсия медиҳад, ки ақлу рӯҳ ва ҷисми донишандӯзонро дар назар гирифта онҳоро боҳам тарбият кунанд.

Жан Жак Руссо бошад ба ин ақида буд, ки «Муҳаррики рушд ва нумӯи зеҳн ва бадан аз табиат сарчашма мегирад ва таваҷҷуҳ ба муносибат ба донишомӯзон бошад, ки боғбон ба гулҳои худ муносибат дорад. Бояд муҳити солим ва имкониятҳои муфид фароҳам сохт ва аз таъсири зиёнбахши дунёи берун пешгирӣ кард» [1, с. 272]. Ҳамчунин вай ба ин бовар буд, ки «Таълиму тарбия бояд илмӣ бошад на гуфтугуи кучагӣ. Ҳар як донишомӯз дар раванди таълиму тарбия таҷрибаҳоеро касб мекунад ва модоме, ки он нааомӯхта бошад чигуна таҷрибаҳои худро мавриди истифода қарор медиҳад» [1, с. 273].

Ӯ ба усули ахлоқӣ бештар диққат дода таълими онро барои донишомӯзон ҳатмӣ медонист. Руссо таҷрибаи исёну ошӯбҳоро ба асос гирифта, мантиқан ҳамагуна муқобилияти

омӯзгор (ва шогирд)-ро вокуниши табиӣ ва маҷбуркунонӣ, ки аломати асосии махрумияти инсон аз озодӣ аст, меҳисобид. Ӯ нахустин бор гуноҳро барои таълиму тарбияи номуваффақона бевосита на ба шогирдон, (ки анъанаи педагогӣ буд ва то ҳол ҳаст), балки ба омӯзгорони беқобилият бор мекард. Инчунин ӯ аввалин шуда, ғояи зарурияти ташкили низоми маорифи, аз ҳеҷ кадом навъи маҷбуриятсозӣ истифода набарандаро баён намуд. Чунки иҷборсозиро монеаи асосӣ барои шогирд дар роҳи бадастоварии комёбиҳо худ мешуморид. Ҳатто барои ислоҳи саркашҳо ва нофармонбардорон Руссо пешниҳод мекард, ки на ҷазодиҳӣ, балки дучоркунии шогирд бо оқибатҳои ҳам мусбату ҳам манфии амалиёташ истифода бурда шавад. Мақсад аз он иборат буд, ки шогирд худаш рафтори дурустро интихоб кунад. Зимни чунин низом омӯзгор барои шогирд намуна мешавад, зеро ба шогирд дар таҳсил кӯмаки воқеӣ мерасонад ва бо ҳамин зина ба зина боварии комили ӯро (дар асоси созиш ва гузашткунӣ) – асоси ҳақиқии таълиму тарбияи ояндаро ба даст меоварад. Аммо, ба ақидаи Руссо, чунин низом бояд танҳо дар реҷаи фардӣ истифода гардад ва наметавонад асоси мактаби оммавӣ, яъне халқӣ шавад [2, с. 322].

Мақсади асосии тарбияти аз назари табиатгароён ин буд, ки бояд инсонеро тавассути таълиму тарбия ба камол расонд ё омода сохт, ки он дар муборизаҳои зиндагӣ тавонад бақои худро таъмин кунад. Ҳамчунин ҳадафи дигари таълиму тарбияи инсон аз назари онҳо ин омода сохтани фард ба муҳити ҳаёти иҷтимоӣ буд.

Фалсафаи маорифи табиатгароён бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар мактабҳои фалсафӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва метавон ин хусусиятҳоро ба тариқи зайл баён кард:

- таваҷҷӯҳ ба табиати кӯдак дар раванди таълиму тарбия. Яъне мураббиёнро мутаваҷҷеҳи ин нукта мекунад, ки дар ҳар навъи фаолияти тарбиявӣ, табиат ва ниёзи кудакро ба назар гиранд;
- таълиму тарбия бояд имкони рушди табиии кудакро фароҳам оварад;
- муаллим бояд роҳнамо бошад ва кудакро ба он водор кунад, ки худаш мустақилона дар паи ислоҳи хештан талош кунад;
- омӯзишу парвариши кудак дар синни панҷ то дувоздаҳсолагӣ бояд бештар ба сӯи тарбияи бадан ва тақвияти аъзои вай равона шавад ва дар ин син бояд вай аз озодии комил бархурдор бошад [1, с. 276].

Фалсафаи маорифи табиатгароён бар пояи равоншиносӣ бунёд шудааст ва равоншиносоне, ки ба масъалаи таълиму тарбия бештар пардохтаанд, аз фалсафаи таълиму тарбияи табиатгароён, махсусан аз афкори Ж. Ж. Руссо пайравӣ мекунанд.

Ормонгароён, ин ҳамон идеалистонанд ва назарияҳояшон бар пояи идеал бунёд шудаанд, дар мавриди таълиму тарбият муътақиданд, ки ҳадафи тарбия рушд ва такомули зеҳн мебошад. Онҳо ба шахсияти инсон бештар таваҷҷуҳ мекунанд ва онро дар олитарин маротиби ҳастӣ карор додаанд. Намояндагони ин мактаби фалсафӣ Суқурот, Афлотун, Арасту, Кант, Гегел ва гайра мебошанд. Яке аз хусусиятҳои хосси ин мактаб дар он аст, ки онҳо таълимро на ба як гуруҳи хос, балки ба тамоми афроди ҷомеъа зарурӣ мешумориданд. Пайравони ин ҷараён ба масъалаи мантиқ бештар аҳамият дода, бар ин ақидаанд, ки макотиби дарсӣ дорои назми мантиқӣ бошанд ва тарбият ба равиши мантиқӣ бояд сурат гирад [1, с. 275].

Идеалистон, ба ҳадафҳои омӯзишу парвариш бештар аз равишҳои он таваҷҷӯҳ доранд. Онҳо ба омӯхтани улуми инсонӣ ё ҳар чӣ ба инсон иртибот дорад, бештар аз омӯхтани улуми табиӣ аҳамият медиҳанд. Аз назари идеалистон муаллим накши асосиро дар ҷараёни таълиму тарбия иҷро мекунад. Идеалистон муаллимро мазҳар ё намунаи комили шахсият, пояи маълумот ва маърифат, бедоркунандаи тамоюлҳои донишомӯзон ва рафиқи хуби вай меҳисобанд [3, с. 170].

Муаллим аз назари идеалистон бояд чунин вазифаҳо дошта бошад:

- муаллим дар баробари мутаххасис будан ва маълумоти кофӣ доир ба касбаш доштан, бояд дар бораи шогирдон низ маълумоти зарурӣ дошта бошад;
- муаллим бояд рафиқи хуби шогирд бошад ва тарзе рафтор кунад, ки эҳтироми шогирдро нисбат ба худ ҷалб кунад;

- муаллим бояд бедоркунандаи истеъдодҳои шогирд бошад ва ба вай ҳамчун падару модар ғамхорӣ куна;

- муаллим бояд роҳнамои шогирдон ба суи ҳадафҳояшон бошад;

- муаллим бояд бо равишҳои таҳқиқ ошноӣ дошта бошад ва онҳоро дар раванди таълиму тарбия истифода барад [3, с. 275].

Таълиму тарбия ин ҷараёнест, ки дар он рушди зеҳнӣ ва ҳам рушди бадани дида мешавад ва идеалистон бошанд ба ҳардуи он таваҷҷуҳ доранд, вале аз ҳама бештар онҳо таваҷҷуҳи мураббиро ба рушди шахсияти афрод ҷалб мекунанд.

Воқеъгароён, ин ҳамон реалистонанд, ки дар таълиму тарбия конунҳои зиёдеро ворид кардаанд. Намояндагони ин ҷараён, аз қабили Ҷон Локк, Гербарт, Рассел ва ғайра доир ба масъалаҳои таълиму тарбия андешаронӣ намуда вазифаҳои муайянеро дар ин самт муқаррар кардаанд. Онҳо вазифаҳои муаллим ва шогирдро низ муайян кардаанд ва муътақиданд, ки таълим бояд васеъ бошаду илмҳои гуногунро фаро гирад. Реалистон мекушанд ба воситаи таълиму тарбия ба кудакон зиндагии хубу солимро ёд бидиҳанд. Парвариши ахлоқи наку ва бадани солимро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонанд. Онҳо низ мақоми муаллимро баланд арзёбӣ карда, таъсири уро бар кудак барои расидани ҳадафҳояш муҳим медонанд. Ба андешаи реалистон муаллим бояд донишомӯзонро ба фаъолиятҳои шахсӣ водорад ва имкони баҳси интиқодӣ ба онҳо диҳад. Муаллим бояд кунҷковии донишомӯзонро барангезад ва ба таври кулли онҳоро афроди воқеъбину некандеш ба бор орад [3, с. 276].

Яке аз нафарони машҳури ин ҷараён Ҷон Локк аст. Ӯ дар китоби худ ба номи «Афкоре чанд дар бораи тарбият» ҳадафи таълиму тарбияро нерумандии тан, фазилати он ва ба даст овандани дониш медонад [3, с.298].

Ҷон Локк асоси ҳамагуна азхудкунии донишҳоро на дар маҷбуркунии бевосита, балки дар такрори бисёркарата ва усулии ғайритаҳлилӣ меҳисобид, ки дар натиҷаи он шогирд бояд худаш зарурияту ногузирии азхудкунии маводи таълимиро дарк намояд, амалиёти таълимиро такрор карда ва онро одатӣ гардонад. Ҳамин тавр, дар шогирд ҳам сифатҳои иродавӣ ва ҳам ақлӣ ташаккул меёбад, ки қобилияти баҳо додан ба ҳама рӯйдодҳоро дорад. Зимнан омӯзгор аз муносибати шахсӣ бо шогирд наҷот меёбад: ӯ танҳо қобилиятҳои шогирд - интизом, фармонбардорӣ ва муваффақиятҳои вайро баҳогузорӣ мекунад, яъне иртибот ва тарбия расмию аз муносибату эҳсосоти шахсӣ новобаста мешавад [2, с.320].

Намояндаи дигари ин ҷараён Фридрих Гербарт бошад шакли олии инкишофи низоми таълиму тарбияро ба кор бурдааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, барои он ки аз шогирд олим бавоя расад, бояд ба ҳисси кунҷковии табиии ӯ такя кард ва онро ба ҳар васила сайқал дод. Устод ҳаргуна кашфиётиро, ки шогирд мустақилона ба вуҷуд меовард, ҳавасманд менамуд. Зеро чунин ҳисобида мешуд, ки ин шавқу рағбати таҳқиқгарии ӯро таҳрик медиҳад ва худтакмилдиҳӣ водораш месозад. Барои инсони таълимгиранда ҳушмандӣ сифати асосии шахсияти ӯ мешавад, ин чунин маънӣ дорад, ки масъалаи инкишофи зеҳнӣ ва тарбия худ ба худ ҳал мегардад. Чунки инсони ҳушманд дар ҳама ҳолат ҳалли дуруст меёбад ва дуруст рафтор мекунад [2, с.321].

Амалгароён ё прагматистон, ки дар муқобили идеалистон будаанд андешаҳои созандаеро дар мавриди таълиму тарбият баён карда, барои рушди ин соҳа саҳми зиёд гузоштаанд. Бартарияти низоми таълимию тарбиявии ин ҷараёнро имрӯз аксари кишварҳо дар системаи маорифи худ истифода мекунанд. Фалсафаи маорифи прагматистон ба дигар ҷараёнҳо таъсири амиқ расондааст ва дар баробари ин дар ин мактаб таъсири ҷараёнҳои фалсафии пешин дида мешавад. Ба қавли Ҷон Дюӣ «Ҳар ҷараёни тарбиявӣ ба ҷараёни тарбиявии баъдӣ таъсир мегузорад ва ҳам худ аз он таъсир мебардорад» [4, с.69].

Хулосаи таълимоти амалгароён дар мавриди таълиму тарбия ин бозсозӣ ва танзими таҷрибаи одамӣ аст. Онҳо низ нақши муаллимро дар таълиму тарбия муассир дониста, дар ин раванд ба муаллим шартҳоеро гузоштаанд:

- муаллим ба шогирд бояд шароити хуб фароҳам оварад то ки боиси рушди маънавии онҳо гардад;

- муаллим ҳамеша аз паи омӯзиш бошад, то битавонад дар ин роҳ ба дигарон кумак кунад;

- эҳсоси масъулиятшиносии муаллимон бамаротиб аз шогирдон зиёд бошад;

- донишомӯзон на ба анбор кардани дониш, балки ба андешидани донишҳои андухташуда зарурат доранд ва дар ин раванд дасстгирии муаллим ҳатмист.

Яке аз шахсиятҳои машҳури ин ҷараён Ҷон Дюӣ мебошад. Ӯ муътақид буд, ки омили асосии рушди шахсияти инсон ин таълиму тарбия ба ҳисоб меравад [3, с.313].

Фалсафаи таълиму тарбиявии прагматистонро метавон дар чанд асли зер хулоса кард:

- мабдаъ ва меҳвари таълиму тарбия ин кудак аст, ки дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ парвариш меёбад ва муаллим бояд таваҷҷуҳи худро бештар ба ӯ равона кунад;

- таълиму тарбияи кудак аз назари прагматистон ин боиси бедории ангезаҳо ва истеъдодҳои фитрии вай мегардад;

- прагматистон ба фард ва озодии он эҳтироми зиёд доранд. Онҳо ба ин назаранд, ки ҳар фард дар муҳити иҷтимоӣ озод аст ва бояд мақоми муносиби худро ишғол кунад;

- прагматистон ба равишҳои таълиму тарбия беш аз ҳадафҳои он аҳамият медиҳанд. Онҳо амалро, ки дар равишҳои таълими истифода мешавад аз ҳар чизи дигар муассиртар мешуморанд.

Прагматистон равишҳо таҳкикро аз муҳимтарин усулҳои дарс медонанд. Онҳо бо муайян кардани усулҳои хос моҳияти равишҳои таҳқиқро муқаррар кардаанд. Ҷон Дюӣ, ки аз намояндаи фаоли ин ҷараён аст, равиши таҳқиқро бо риояи чунин талаботҳо муайян кардааст:

1. Баёни масъала.

Пеш аз ҳар кор ва ҳатто дар раванди таълим бояд аввал мушкилии масъала ошкор шавад. Баъди ошкор шудани мушкили масъала тадқиқ ё ҷараёни таълим шурӯъ шуда, ба ин восита фикри омӯзгор ва шогирд ба кор меравад. Равшан кардани мушкилии масъала пеш аз баёни он низ хеле зарурист. Ин кор аз масъулиятҳои муаллим аст то шогирдро тавонад ба ин восита барои бархурд бо масъала омода созад. Баёни масъала одатан пеш аз ворид шудан ба ҷузъиёти он матраҳ мегардад.

2. Ҷамъоварии маълумот ва сарчашмаҳо.

Ҷамъоварии маълумот ва сарчашмаҳо пас аз рушан шудани масъала ва мушкилии он сурат мегирад. Бояд маълумот ва сарчашмаҳои дастрасшуда ба мавзӯъ марбут бошад. Дар ин ҷо кумаки муаллим ба шогирд барои ҷамъоварӣ ва созмон додани мадорик муҳим аст.

3. Пайдо кардани роҳи ҳалли муносиб.

Ин равиш одатан баъди мушаххас шудани мушкилии масъала ва ҷамъоварии мадракҳо сурат мегирад. Дар ин равиш муҳаққиқ ва омӯзгор бо такя ба сарчашмаҳо ва неруи зеҳнии худу шогирдон роҳи ҳалли масъаларо бояд пайдо кунад.

4. Озмоиши роҳи ҳал.

Ин равиш дар ҳар риштаи таълимӣ бояд ба тариқи хоссаи худ мавриди озмоиш қарор гирад, то саҳеҳ ва эътибори нисбии он маълум гардад.

5. Интихоби роҳи халли муносиб.

Дар ин марҳила шогирд байни роҳои ҳалли мухталиф ба иборати дигар байни фарзияҳои гуногун фарзияеро, ки беҳтар аз дигар фарзияҳост интихоб ва онро як амри озмоишӣ мепазирад. Ҳамчунин дар ин марҳилаи озмоишӣ муҳаққи ё омӯзгор бо такя ба фарзияҳои интихобшуда роҳи ҳалли муносибро муайян карда ба шогирдон меомӯзонад. [3, с.32]

Вуҷудгароён, ё ҳамон экзистенсиалистон, ки ба ҳастии инсон беш аз ҳар чиз таваҷҷуҳ доранд бар ин назаранд, ки таълиму тарбия ба фардияти инсон бояд таваҷҷуҳ дошта бошад. Таълиму тарбия тарзе бояд бароҳ монда шавад, ки инсон арзиши мавҷудияти худро дарёбад ва аз озодӣ баҳраманд шавад. Ҳадафҳои таълиму тарбия дар ин ҷараён аз ин қароранд:

- рушд ва густариши огоҳии фард;

- фароҳам овардани фурсат барои интихоби озод;

- ташвиқи худшиносӣ;

- рушд ва инкишофи эҳсоси масъулияти шахс.

Намояндагони мактаби вуҷудгароён, ки М.Ҳайдегер, Сартр, Киёркегор, Нитше ва дигарон мебошанд, ба масъалаи вуҷуди инсон бештар аҳамият додаанд. Онҳо низ барои муаллимон дар раванди таълиму тарбия вазифаҳои муайянро гузоштаанд ва риояи онҳоро ҳатмӣ медонанд. Ба андешаи пайравони ин ҷараён донишомӯзон таҷрибаҳо ва қобилиятҳои гуногун доранд. Вазифаи мураббӣ он аст, ки таҷриба ва истеъдодҳои донишомӯзонро поя ва меҳвари кори худ қарор диҳад. Таълиму тарбия бояд инсонро дар пайдо кардани огоҳии лозиму дуруст аз хештан, ёрӣ кунад. Муаллим дар раванди таълиму тарбия ҳаргиз ҳадафҳои шахсиро бар донишомӯзон бор накунад. Вазифаи вай роҳнамоӣ аст ва барномаҳои таълимии худро дар бояи ниёзҳо ва ҳадафҳои шогирдон муайян кунад. [2, с.33]

Хулоса усул ва назарияҳое, ки мактабҳои фалсафӣ дар самти таълиму тарбия ва рушди шахсият муайян кардаанд, минбаъд аз тарафи институтҳо ва мактабҳои таълимию тарбиявӣ ҳамчун дастурамал барои таълиму тарбия истифода шуда, ин назария ва усулҳо ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани шахсияти комил эътироф шудаву то кунун амалӣ мешавад. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки маҳз ҳамин назарияҳои мактабҳои мазкур ва афкори таълимию тарбиявии донишмандони номбурда доир ба таълиму тарбия буд, ки минбаъд барои рушду такомули фалсафаи маориф ва ташаккули шахсият нақши арзанда гузоштаанд. Бино бар ин, дар назар гирифтани ин андешаҳои судманди таълимию тарбиявӣ ва таҷрибаҳои муаллимони башарӣ дар системаи фалсафаи маорифи муосири мо низ метавонад барои ташакули фалсафаи маориф, таълиму тарбия намудан ва ба вуҷуд овардани кадрҳои баландихтисоси мувофиқ бо замон, инчунин ташаккули шахсият, ки ҳадафи ниҳоии он аст, мусоидат намояд.

***Адабиёт***


1. Алиакбари Шаоринажод. Фалсафаи омӯзиш ва парвариш. Теҳрон,1370. -230с
2. Комилов Р., Назаров М. А. Таърих ва фалсафаи илм. - Душанбе: Ирфон, 2009, - 542 с
3. Алии Шариатмадорӣ. Усул ва фалсафаи таълиму тарбият. Теҳрон, 1371ҳ.
4. Ҷон Дюӣ. Муқаддимае бар фалсафаи омӯзиш ва парвариш. Тарҷумаи Амирҳусейн Ориёнпур. Теҳрон, 1376ҳ.
5. Афзалов Х.С. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. Душанбе: Ирфон, 2008 - 112 с.
6. Нақибзода Мирабдулҳусайн. Нигоҳе ба фалсафаи омӯзиш ва парвариш. Теҳрон, 1374ҳ.
7. Алӣ Тақии Пурзиҳӣ. Мабонӣ ва усули омӯзишу парвариш. Теҳрон, 1385ҳ.
8. Ҷон Дюӣ. Муқаддимае бар фалсафаи омӯзиш ва парвариш. Тарҷумаи Амирҳусейн Ориёнпур. Теҳрон, 1376.
9. Ҷей Нор. Ошнои бо фалсафаи омӯзиш ва парвариш. Тарҷумаи Фаридун Бозаргон. Теҳрон: Интишороти «Самт». 1998, -250с


## НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР ТАРБИЯ ДАР ПАРТАВИ ДИДГОҲҲОИ ГУНОГУНИ ФАЛСАФӢ


Ин мақола таҳлили таърихию фалсафии равиши натурализм дар таълим мебошад. Муаллиф бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ баррасӣ мекунад, ки ақидаҳои мутафаккирон ба мисли Жан-Жак Руссо ва Ҷон Локк ба ташаккули мафҳуми таҳсилоти озод чӣ гуна таъсир расонидаанд. Ба таҳлили усулҳои тарбия дар асоси принсипҳои натурализм ва таъсири онхо ба инкишофи шахсияти кудак диққати махсус дода шудааст.

Дар ин мақола намунаҳои барномаҳои инноватсионии таълимӣ дар асоси принсипҳои табиатшиносӣ баррасӣ шуда, мушкилот ва дурнамои онҳо баррасӣ карда мешаванд.

Муаллифон ба хулосае меоянд, ки ҳарчанд равиши натуралистӣ дорои маҳдудиятҳост, аммо он то ҳол ҳамчун илҳомбахш барои омӯзгорон барои эҷоди системаҳои бештар башардӯстона ва муассири таълим хизмат мекунад.



**Калидвожаҳо:** фалсафаи маориф, усул, вазифа, таълим, тарбият, муаллим, шогид, мактаб, институт, илм, хунар, шахсияти комил.


## РОЛЬ УЧИТЕЛЯ В ОБРАЗОВАНИИ В СВЕТЕ РАЗЛИЧНЫХ ФИЛОСОФСКИХ КОНЦЕПЦИЙ


Данная статья представляет собой историко-философский анализ натуралистического подхода в образовании. Используя метод сравнительного анализа, автор исследует, как идеи

таких мыслителей, как Жан-Жак Руссо и Джон Локк, повлияли на формирование концепции свободного воспитания. Особое внимание уделяется анализу педагогических практик, основанных на натуралистических принципах, и их влиянию на развитие личности ребенка.

Рассматриваются примеры инновационных образовательных программ, основанных на принципах натурализма, а также обсуждаются возникающие при этом проблемы и перспективы.

Авторы приходят к выводу, что хотя натуралистический подход имеет ряд ограничений, он продолжает вдохновлять педагогов на создание более гуманных и эффективных образовательных систем.

**Ключевые слова:** философия образования, метод, задача, образование, воспитание, учитель, ученик, школа, институт, наука, ремесло, целостная личность.

## THE TEACHER'S ROLE IN EDUCATION: INSIGHTS FROM VARIOUS PHILOSOPHICAL FRAMEWORKS

This article presents a historical and philosophical analysis of the naturalistic approach to education. Using a comparative analysis method, the author examines how the ideas of thinkers such as Jean-Jacques Rousseau and John Locke influenced the formation of the concept of free education. Particular attention is paid to the analysis of pedagogical practices based on naturalistic principles and their impact on the development of a child's personality.

The article considers examples of innovative educational programs based on the principles of naturalism, as well as discusses the problems and prospects arising in this context.

The authors conclude that although the naturalistic approach has a number of limitations, it continues to inspire educators to create more humane and effective educational systems.

**Keywords:** philosophy of education, method, task, education, upbringing, teacher, student, school, institution, science, craft, holistic personality.

**Дар бораи муаллиф**
Тағоймуродзода Муҳаммад Тағоймурод
доктори фалсафа Ph.D, дотсент муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети фалсафа Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: Тоҷикистон, 734019 ш.Душанбе, кучаи Маяковский, 37/52.
E-mail: muhammad_90.12@mail.ru
Тел: 903-00-22-30

Саидзода Муҳаммад Саидхон
доктаранти Ph.D, факултети фалсафа Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 906229090.
E-mail: muhammad_saidzoda@mail.ru

**Об авторе**
Тагоймуродзода Мухаммад Тагоймурод
доктор философии Ph.D, доцент, заместитель декана по науке и инновациям философского факультета
Таджикский национальный университет.
Адрес: Республика Таджикистан, 734019, г. Душанбе, ул. Маяковского, 37/52.
E-mail: muhammad90.12@mail.ru
Телефон: 903-00-22-30

Саидзода Мухаммад Саидхон
Докторант Ph.D философского факультета
Таджикский национальный университет.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: (+992) 906229090.
E-mail: muhammad_saidzoda@mail.ru

**About the author**
Tagoymurodzoda Muhammad Tagoymurod
Doctor of Philosophy Ph.D, Associate Professor, Deputy Dean for Science and Innovations, Faculty of Philosophy
Tajik National University.
Address: Republic of Tajikistan, 734019, Dushanbe, Mayakovsky St., 37/52.
E-mail: muhammad90.12@mail.ru
Telephone: 903-00-22-30

Saidzoda Muhammad Saidkhan
Doctoral candidate Ph.D, Faculty of Philosophy
Tajik National University.
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe Highway, Rudaki Ave., 17.
Telephone: (+992) 906229090.
E-mail: muhammad_saidzoda@mail.ru

ТДУ 140.711.1

# ТАМОИЛГИРИИ АНДЕШАҲОИ ЖАН ЖАК РУССО ДОИР БА МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ НИЗОМИ ҶОМЕАДОРӢ

***Каримов Қ. О.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Системаи фалсафии Жан Жак Руссо мураккаб ва гуногунҷанба буда, фарогири масъалаҳои марбут ба офариниш, ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, хусусан пайдоиши ҷомеа, шаклҳои идоракунии давлат, интиқоди арзишҳои тамаддунӣ, низоми таълиму тарбия, шинохти инсон ва тавассути он ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои худ мебошад. Аз ҷумла, консепсияи алтернативии ӯ оид ба фаҳмиши моҳияти инсон ва диалектикаи ҳаёти иҷтимоӣ нақши муассир дар рушди афкори фалсафии марҳилаҳои баъдинаи рушди афкори гуманистӣ бозид.

Мутолиа ва таҳқиқи осори арзишманди маорифпарвар далолат ба он мекунанд, ки ҷаҳонбинии фалсафиаш омехтаи андешаҳои намояндагони ҷараёнҳои гуногун: дуализм, сенсуализм, идеализм ва дар самти ақидаҳои динӣ бо фидеизм (назарияи зиддиилмӣ, ки ақидаи диниро ягона меъёри ҳақиқат мешуморад) пайваст мешавад.

Жан Жак Руссо ҳастии объективии олами материалӣ, мавҷудияти ду мабдаъ - рӯҳ ва моддаро эътироф мекунад. Ақидаи метафизикиро оид ба материя ҳамчун ҷавҳари беҷон, ки худ ба худ ягон ҳаракат надорад ва таҳти таъсири қувваи беруна ҳаракати механикӣ мекунад, инкишоф додааст. Ҳаракатро на ҳамчун тағйироти умумӣ мефаҳмад, балки зикр мекунад, ки он дар натиҷаи таъсири механикӣ ба амал меояд. Яъне, аз ин таъриф бармеояд, ки файласуф масъалаи ҳаракатро на аз назари материалистӣ, балки идеалистӣ шарҳ дода, қайд мекунад, ки ким кадом қувва оламро ба ҳаракат медарорад ва табиатро зинда мекунад. Масалан, ӯ менависад: «Ман фикр мекунам, ки оламро қувваи иқтидорманде идора мекунад». [5, с. 265-269.]

Муҳаққиқи франсавӣ Густав Лансон доир ба тамоюлгарии ақидаҳои фалсафии Жан Жак Руссо ибрози андеша карда, қайд мекунад, ки афкори маорифпарвар нисбат ба мухолифинаш комилан гуногунсамт буда, ҷаҳонбинии ӯ дар заминаи се ҳукм шакл мегирад: 1) табиат инсонро нек халқ кард, вале ҷомеа ӯро бадкирдор тарбия намудааст; 2) табиат инсонро озод офарид, вале ҷомеа онро ғулом гардонидааст; 3) табиат инсонро хушбахт эҷод кард, вале ҷомеа ӯро бадбахт ва бечора намудааст. [1, с. 16.]

Воқеан, ин се ҳукме, ки муҳаққиқ ба онҳо марок зоҳир кардааст, ба ҳам робитаи мустақим дошта, баёнгари як ҳақиқат нисбати фаҳмиши моҳияти инсон ва муайян кардани мақому манзалати ӯ дар олам мебошад.

Аз нигоҳи Жан Жак Руссо, пайдоиши фасод дар байни инсонҳо аз омезишёбии фикр бо эҳсосот ва ақл бо завқи табиӣ вобастагӣ дорад ва он вақт худхоҳии табиӣ раво ва матлуб аст, ки ба нафъпарастӣ табдил меёбад, ки беҷо ва қобили қабул намебошад. Ҳамзамон, бо воситаи зиёд шудани эҳтиёҷот, ба сабаби ихтироъи хушиҳои дуруғӣ, ки фақат барои ҷалби назари дигарон маъмул шудааст, ба воситаи пешбинии оянда, ки амале аст мухолиф бо зиндагии табиӣ, низоъ барои бақо ва бадбахтиҳое, ки натиҷаи он нафъпарсатӣ, тавсеаи шаҳвати фардӣ ва ҳирсу тамаъи шахсӣ, беш аз ҳадди эҳтиёҷ заиф шудани ҳис ва ғайра мебошанд, пайдо мешаванд. Ин тағйиротҳое, ки дар инсони табиӣ ҳосил мегардад, дар ҷомеа ба воситаи худи ҷомеа сурат гирифта, тавсеа меёбанд.

Жан Жак Руссо муҳити табии ташаккули инсонро бо муҳити иҷтимоӣ муқоиса карда, мавҷуд будани нобаробариро бузургтарин фасоди ҷомеа меҳисобад. Аммо қайд мекунад, ки дар табиат низ нобаробариҳо мавҷуд мебошанд, вале ин нобаробариҳо ба ҳеҷ кас барои таскини шаҳвати худ монеъа намешаванд, ҳеҷ касро ҷиҳати кор кардан барои рафъи эҳтиёҷоти хеш маҳрум намекунанд ва ҳамаро некнафс, озод ва хушбахт нигоҳ медоранд.

Аммо нобаробарихое, ки дар ҷомеа пайдо мешаванд сабаби ба табақаҳо ҷудо шудани мардум мегарданд. [1, с. 16-17]

Аз таҳлили ин андешаҳо маълум мегардад, ки ин нобаробариҳоро дар ҷомеа арбобони ситамгар ва бандагони ситамкаш, ашхоси золим ва афроди мазлум ба вуҷуд меоваранд ва сарчашмаи бемории иҷтимоӣ маҳз моликият аст. Яъне, қудрати ашрофон ва ҷоҳу мақоми ҳамаи онҳо аз нобаробар тақсим намудани сарватҳо ба вуҷуд меоянд ва онҳо вобастагии зич ба моликият доранд. Моликият сабаби пайдо шудани нобаробариҳо гардида, рақобати байни дорандагон ва бенавоён, байни қишрҳои аҳолиро ривоҷ медиҳад.

Ж.Ж. Руссо ҳанӯз аз овони ҷавонӣ дар озмуне доир ба мавзӯи «Дар чӣ гуна тамаддун як ҷомеаро аз равнақи адабиёт ва ҳунарҳои зебои он андоза мегиранд» ширкат варзида, дар посухҳои худ ба саволҳои пешниҳодшуда ҷомеаро усулан фосид ва маъюб меҳисобад. Яъне, ба андешаи ӯ, ҷомеа ҳар чи қадар бештар тараққӣ кунад фосидтар мешавад. Ҳар андоза мутамаддинтар бошад, хароботар аст. Он маҳсуле, ки инсони мутафаккир ва мутамаддин эҷод кардааст, беҳтарин далели харобии одамиён аст, зеро аз фасод пайдо шуда, фасодро зиёдтар мекунад. Адабиёт ва ҳунарҳои зебо робитаи наздике бо шаъну шукӯҳ доранд. Барои ин ки адабиёт ривоҷ ёбад бояд муҳите лозим аст, ки ҳашаматро биписандад ва биталабад. [1, с. 18.]

Дар робита бо гуфтаи қаблӣ дар таълифоти дигари худ таҳти унвони «Номаи хитоб ба Даламбер роҷеъ ба намоишот» маорифпарвар ақидаашро тақвият бахшида, менависад, ки дар адабиёт он қисмате, ки бештар аз ҳама бо дараҷаи тамаддун вобастагӣ дорад, намоиш аст. Ин намоиш тамоми ҷомеаро саргарм медорад ва беш аз ҳар чиз мардумро ба гирди ҳам омадан ташвиқ мекунад. Намоишнома тақлиде аст аз ахлоқ, одоб ва русуми ҷомеа, ки сифатҳои лозимаи зиндагонӣ, яъне одоби муоширатро ба мо меомӯзонад. Бинобар ин, ҳеҷ як шуъбаи адабиёт ба андозаи намоиш хатоҳо, фасод ва ҷиноятеро, ки аз ҷомеа пайдо мешавад ривоҷ намедиҳад. Эҷоди тамошохона дар Женева ба ҷуз ташвиқгари фасоди иҷтимоӣ барои як миллати содда ва беолоиш чизи дигаре нест. [2, с.18]

Ин ҷо бояд зикр кард, ки мазмун ва моҳияти ин ду хитобаи Ж.Ж. Руссоро бозгардонидани инсон ба зиндагии табиӣ ташкил медиҳад. Аммо, бо вуҷуди ин, маорифпарвар муътақид аст, ки воқеияти иҷтимоӣ тақозо мекард, ки халқ дигар майли ба қафо баргаштанро надорад. Ихтилофи байни зиндагонии табиӣ ва зиндагии мутамаддин ба андозае зиёд шудааст, ки бозгашт ба зиндагии табииро сабаби бадбахтии башар мешуморид. Зеро «инсони табиӣ ва инсони мутамаддин ба андозае аз ҳабси эҳсосот ва тамоюлот бо ҳам тафовут доранд, ки он чӣ сабаби саодати аввалӣ мешуд, сабаби фалокати дуюмӣ гашт». [4, с.18]

Маорифпарвар дар китоби «Қарордоди иҷтимоӣ» низ оид ба ин мавзӯъ ибрози андеша карда, зикр менамояд, ки на фақат бозгашт ба зиндагии табиӣ моро бадбахт мекунад, балки таназзул ҳам медиҳад. Зеро инсони мутамаддин аз баъзе ҷиҳат аз инсони табиӣ бартарӣ дорад. [2, с. 63]

Ж.Ж. Руссо ҳаргиз инсонҳоро даъват накардааст, ки ба ҳолати зиндагии табиӣ баргарданд, балки пешниҳод менамояд, ки азамати фикру такомули ахлоқии одами тарбиятшударо маҳфуз дошта, дар айни ҳол хушқалбӣ, озодӣ ва саодатеро, ки инсон ба таври табиӣ доро буд, ба ӯ баргардонад. Тавре маорифпарвар менависад: «Инсон озод ба дунё омадааст, вале дар ҳама ҷо занҷирбанд аст». [6, с.8] Амалӣ кардани озодӣ ва саодатмандии инсонро маорифпарвар бо ду роҳ нишон медиҳад: аввал, бо воситаи таҷдиди фард ва дуюм, бо воситаи таҷдиди ҷомеа. Таҷдиди фард ба андешаи маорифпарвар ба воситаи омӯзиш ва тарбия анҷом мегирад. Аммо таҷдиди ҷомеа бошад, аз устувории оила, пай бурдани асл ва иллати пайдоиши он муяссар мешавад. Яъне, тамоми одамон қаблан баробар ва озод зиндагӣ мекарданд ва аз як тараф, бо бастани қарордод ҷиҳати ташкил кардани ҷомеа иродаи фардии худро таҳти ихтиёри иродаи ҳама, ки дар ин маврид таъминкунандаи саодати куллии одамон ба ҳисоб мерафт, қарор доданд. Аз тарафи дигар, ба ихтиёри иродаи умумӣ даромадани иродаи фардӣ дар ҷомеа ҳуқуқи одамонро баробар гардонид.

Ж.Ж. Руссо хонаводаро ячейкаи ибтидоии ҷамъияти табиӣ меҳисобад, вале дар ин маврид қайд мекунад, ки дар ин иҷтимоъ ҳама фарзандон, то вақте ки даври падар ҷамъанд,

барои бақои хеш ба ӯ муҳтоҷанд. Вале ба маҳзи ин ки ин эҳтиёҷ рафъ мегардад, риштаи табиии байни онҳо пора мешавад. Падар худро аз мусоидати фарзандон маъоф шуморида, фарзандон худро аз итоати падар бениёз медонанд ва ҳама бо истиқлол зиндагӣ мекунанд. Агар боз хоҳанд, ки ба иттиҳоди худ идома диҳанд ва бо якдигар зиндагӣ кунанд аз рӯйи ихтиёр аст, на маҷбурӣ. [6, с. 10]

Аз ин ақида бармеояд, ки давом ва бақои хонавода натиҷаи ризоияти афрод ва як амри қарордодӣ аст, на табиӣ. Падар дар хонавода аввалин намунаи ҷомеаҳои сиёсӣ ба сифати раис ва фарзандон монанди афроди ҷомеа мебошанд. Танҳо ихтилоф байни хонавода ва мамлакат ин аст, ки дар хонавода муҳаббати падар ба фарзандон бузургтарин лаззат ва беҳтарин подоши заҳмати ӯст. Лекин сарвари кишвар раияти худро дӯст намедорад ва фақат лаззат фармонфармоӣ аст, ки саодати ӯро ҷуброн мекунад. [6, с. 10-11]

Ҳамин тавр, аз назари Ж.Ж. Руссо, пайдоиши ҷомеа ба хотири ҳимояи аъзоёни худ таъсис дода мешавад. Ҳадафи ягонаи он ба саодати умумӣ расонидани мардум аст. Бинобар ин, ҷомеае, ки он дар асоси бастани қарордод ва ба саодат расонидани мардум бунёд мешавад, дар он адолати иҷтимоӣ риоя гашта, дар идоракунии он ба истибдоду зулм роҳ дода намешавад.

Дар низоми давлатдорӣ бошад, маорифпарвар шакли идоракунии монархӣ-конститутсиониро ташвиқ мекунад. Аммо тавсия медиҳад, ки подшоҳ тавассути раъйи мардум ба ин вазифаи пурмасъулият интихоб карда шавад, на аз ҷониби гурӯҳи хурди амалдорони давлатӣ.

Ҳамзамон, ӯ ҳеҷ як сохтори ҳукуматро бад намеҳисобад ва фақат тарзи идоракунии маъмурини сохторҳои давлатӣ ва муносибати онҳоро ба раият мавриди танқид қарор медиҳад. Масалан, зулмро якчанд амалдорони ҳукумат содир карда, бо ин роҳ соҳиби сарвату моликият мегарданд, ки дар зиндагӣ эҳтиёҷ ба чизе надоранд, вале корро тӯдаи одамон ба хотири зиндагии осудаи ин чанд нафар мекунанд. Ин аст ду паҳлуи масъалаи иҷтимоӣ, ки дар таълимоти маорифпарвар инъикос ёфта, тозагӣ доранд ва дар байни файласуфони қарни ҳаждаҳум ҳеҷ касро намебинем, ки масъалаи мазкурро ба чунин шакл возеҳ матраҳ карда бошад.

Ё худ дар фасли сеюми китоби «Қарордоди иҷтимоӣ», дар боби ҳаққи зӯр Ж.Ж. Руссо менависад, ки ҳеҷ як инсони зӯрманд ва муқтадир то он ҳад қавӣ намешавад, ки битавонад ҳамеша фармонраво бошад, қудрати худро табдил ба ҳақ намояд ва итоати зӯрмандонро ба сурати вазифа дароварад. Яъне «Зӯр як неруи ҷисмоние беш нест. Бинобар ин, осори он арзиши ахлоқӣ надорад. Ҳеҷ кас ба майли худ ба зӯр таслим намешавад. Таҳаммули зӯр пайдошаванда аз иҷбор ба воситаи эҳтиёт ва муҳофизати коре аст. Бинобар ин, итоат дар муқобили зӯрро ҳаргиз наметавон ҳақ номид». [1, с. 40]

Яъне, мувофиқи муҳтавои ин андеша, тамоми афроди башар озод ва баробар халқ шудаанд ва ҳеҷ як аз онҳо бар дигарон бартарӣ надошта, ҳақ надоранд бар ҳамнавъони худ тобеъ шаванд. Зӯр эҷоди ҳеҷ ҳақе намекунад. Танҳо чизе, ки метавонад асоси қудрат бошад, қарордодҳоест, ки ба ризоияти байни афрод баста мешаванд.

Воқеан, то замоне, ки мардум монанди рӯзҳои аввали хилқат ба таври мустақил ва инфиродӣ зиндагонӣ мекарданд, табиӣ аст. Дар ин вақт онҳо бо ҳам душман набуданд, зеро байни онҳо робитае ба қадри кифоят собит ва мавҷуд набуд, ки сулҳ ё ҷангро эҷод намоянд. Ҷанг натиҷаи робитаи байни миллат аст, на афрод. Ҷанг ба маънии воқеии он на дар ҳолати табиӣ байни афрод вуҷуд дорад, на дар ҳолати иҷтимоӣ. Зеро дар ҳолати табиӣ, яъне дар зиндагонии инфиродии аввалии инсон ин қисм ҷанг маънӣ надошт, чунки моликияти доимӣ пайдо нашуда буд. Дар зиндагонии иҷтимоӣ низ чунин ҷанге дида намешуд, барои он ки ҳама чиз таҳти итоати қонун буд. [6, с.17]

Кашмакашҳо, низоъҳои хусусӣ ва ҷангҳои тан ба тан ё дуэлҳоро, ки байни афрод рӯй медоданд, наметавон ҷанг номид, зеро сурати расмӣ ва қонунӣ надоштанд. Ҷанг муборизаи байни ду фард нест, балки муборизаи як давлат бо давлати дигар аст ва ашхос дар он тасодуфан ва ба таври ғайримустақим бо ҳам душман мешаванд, зеро ба унвони як сарбози тарафе меҷанганд, на ба унвони як фард алайҳи фарди дигар. Масалан, дар замони Ж.Ж.

Руссо низоми вазифавӣ маъмулан расмӣ нашуда буд. Сарбозон табақаи муайяне аз мардум буданд, ки ба таври довталаб ва барои муддати тӯлонӣ вориди хидмат мешуданд. Ҳатто гоҳе иттифоқ меафтод, ки нафарони бегона дар мамлакати дигар сарбоз шаванд. Чунончи, ҷавонони Швейцария дар артиши Фаронса хидмат мекарданд. Барои ин сарбозон ҷанг як навъ шуғл буд ва бо сарбозони мамлакате, ки бо он дар ҷанг буданд душманӣ надоштанд. Аз ин нуктаи назар, далелҳои Ж.Ж. Руссоро метавон ба таври зайл тафсир намуд: набояд ҷангро бо кашмакашиҳои мусаллаҳе, ки байни афрод рӯй медиҳанд иштибоҳ гирифт. Зеро имрӯза байни ашхос ғайр аз рӯ ба рӯ шудани ду неру чизи дигаре нест ва медонем зӯр эҷоди ҳақ намекунад. Ба фарзи ин ки аз ҷанг ҳақе сар зад ин ҳақ мутааллиқ ба ҷанг, ба маънии воқеӣ аст ва он иборат аз кашмакашӣ, ки бар тибқи усули муайяне байни ду миллат ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин навъ, ҷанг афрод бо ҳам низоъе надоранд ва баъд аз тамом шудани разм нафари ғолиб ҳақ надорад бар ҷон ва моли нафари мағлуб осеб расонад. Зеро ин афрод барои давлат ҷанг мекунанд ва дар дасти ӯ асбобе беш нестанд. Ҳамзамон, давлати ғолиб ҳам ҳақе барои ҷону озодии афроди мағлуб надорад, зеро ин давлат бо давлати душман муқобил аст, на ба нафарҳое, ки барои он давлат меҷанганд. Илова ба ин, ҷанг маъмулан дар сари умури моддӣ сар мезанад, на масоили маънавӣ ва ахлоқӣ. Бинобар ин, давлати ғолиб наметавонад ғайр аз тақозои моддӣ чизи дигаре аз давлати мағлуб дошта бошад. Масалан, метавонад қисмате аз хоки ӯро ба даст оварад ё бо ӯ аҳдномаи бозаргонӣ бандад ва ғайра. Вале агар бар ҳуқуқи иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯ дастандозӣ намояд, зулм карда бошад. Бинобар ин, ҳаргиз ҷанг ҳақе ба таваққуф намедиҳад, ки озодии дигаронро инкор намояд.

Ж.Ж. Руссо дар баррасии ин масъала изҳори андеша намуда, тасдиқ мекунад, ки ин амал аз қадим миёни мардум роиҷ буд ва миллати ғолиб ҳамеша онро риоя мекард. Чунончи эълони ҷангро ба як давлат медиҳанд на бар раияти он давлат. Бегонае, ки бе эълони ҷанг ба подшоҳе ё ба кишвари ӯ метозад ва раиятро ғорат мекунад, мекушад, асир менамояд, хоҳ шоҳ бошад, хоҳ шахси дигар аз роҳзанон фарқе надорад. Мумкин аст, подшоҳ дар мавқеи ҷанг он чиро, ки дар кишвари душман мутааллиқ ба оммаи миллат аст, тасарруф кунад, вале агар одил аст, ба ҷону моли афрод коре надорад ва ҳуқуқи башарро муҳтарам мешуморад, зеро ҳаққи худи ӯ низ асосёфта бар ҳамон усул аст. [1, с. 45.]

Ҳамин тавр, мақсадии ниҳоии ҷанг барои давлати ғолиб тибқи хулосаҳои маорифпарвар ба тасарруфи худ даровардани давлати мағлуб аст. То он замоне, ки мудофикунандагон дар даст силоҳ доранд ҷанг, куштор идома мекунад. Чун сарбозони давлати мағлуб силоҳи худро ба замин гузошта, таслим мешаванд, дигар душман ё олати дасти душман нестанд, яъне инсони оддӣ ҳастанд ва касе ҳаққи куштани онҳоро надорад, зеро ҷанг ҳеҷ гуна ҳаққе, ки барои анҷоми манзури ниҳоӣ лозим набошад ба касе намедиҳад. Тасарруфи як кишвар низ ба ғолиб ҳақ намедиҳад, ки мардумро бандаи худ созад, зеро ҳаққи тасарруф асосе ҷуз зӯр нест. Лекин ғуломе, ки дар ҷанг асир мешавад ё миллате, ки пас аз ҷанг таслим мегардад, ҳеҷ вазифае ҷуз итоати он ва соҳиби худ надорад, он ҳам то замоне, ки иҷборӣ кор мекунад. Зеро душмани ғолиб ӯро авф накарда аст, балки ҷонашро ба баҳонаи озодӣ ба вай фурӯхта аст ва метавон гуфт муомилаи пурсуде анҷом додааст, зеро аз куштани ӯ истифода намекард, вале аз бандагии ӯ мунтафеъ мешавад. Бинобар ин, арбоб ғайр аз зӯрӣ ҳеҷ нуфуз ва бартарие бар бандаи худ надорад ва ҳолати ҷанг монанди пешина байни ҳардуи онҳо барқарор ва робитаи эшон тобеи он аст. Бо будани ҳаққи ҷанг аҳдномаи сулҳ маънӣ надорад. Рост аст, ки тарафайн бо ҳам қарордод бастанд, лекин ин қарордод ҳолати ҷангро аз байн намебарад, балки онро идома медиҳад.

Барои Ж.Ж. Руссо миёни мутеъ сохтани гурӯҳи одамон ва идора кардани як ҷомеа тафовути бисёр аст. Мумкин аст дастае аз мардум, хоҳ теъдодашон кам бошад, хоҳ зиёд, ба тадриҷ ба итоати як нафар дароянд, вале онҳоро намешавад миллате донист, ки раёсати як нафарро пазируфтаанд, балки ғуломоне ҳастанд, ки ба як арбоб тааллуқ доранд. Ин мардум бо иҷбор даври ҳам ҷамъ шудаанд, вале байни онҳо робитае вуҷуд надорад. На манфиатҳои умумиро мешиносанд ва на ҳайати ҳокимаи миллӣ доранд. Арбоби ин қавм, агар нисфи дунёро ҳам гирифта бошад, як фарди оддӣ беш нест, мақоми расмӣ надорад ва манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои дигарон ҷудост.

Ба андешаи Ж.Ж. Руссо, қарордоди иҷтимоӣ ҳақиқатан таърихе надорад ва назарияе беш нест. Шакке нест, ки ҳеҷ вақт афроди ҷомеаҳои аввалия қабл аз ташкили ҷомеа расман бо ҳам машварат намуда, қарордоде набаста бошанд. Аммо мавқеъеро, ки як ҷомеаи инсонӣ ночор аст барои худ ташкилоте созмон бидиҳад, дар назар бигирем, мебинем қарордоди иҷтимоӣ танҳо тарҳе аст, ки бо ҳақ ва ақл, яъне бо манфиатҳои аслӣ ва табиати воқеии инсон тарҳрезӣ карда шудааст. Бинобар ин, инсон баъд аз пайвастан ба қарордоди иҷтимоӣ монанди пеш озод аст, аммо озодии амалаш аз гузашта низ зиёдтар аст ва монанди собиқ фақат аз ақли худ итоат менамояд, лекин ин озодӣ аз озодии пешин тафовут дорад, зеро табиӣ нест, балки қарордодӣ аст. [6, с. 30-31]

Дар доираи қарордод мардум зуд ва бидуни ҳеҷ истисное аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар мекунанд ва муттаҳид мешаванд, ки минбаъд ҳеҷ қудрате ғайр аз он чи ки қарордоди иҷтимоӣ ва қонун ба онҳо эҷод мекунад, ба кор набаранд. Вақте мардум аз кулли ҳуқуқҳои табиии худ сарфи назар, мекунанд комилан, бо ҳам баробар мешаванд. Он вақт чун тамоми эшон ночоранд бори вазифаҳои умумиро ба таври мутасовӣ таҳмил кунанд, ҳеҷ кадом алоқае надоранд он борро ба беш аз мизоне, ки барои саодати умум лозим аст, вазнин намоянд.

Умуман, тамоми имзокунандагони қарордод дорои ҳуқуқи баробар мебошанд ва ҳайати иҷтимоӣ ҳар як аз онҳоро аъзои миллат мешиносад ва ба онҳо ҳақ медиҳад, ки дар маъракаҳои умумӣ раъйи худро изҳор доранд. Хулоса, тибқи қарордоди иҷтимоӣ ҳеҷ як аз афрод наметавонад қонунҳои ҳукуматро вайрон карда, аз итоат ба онҳо сарпечӣ кунад, вале ҳайати умумӣ ҳақ дорад, ҳар қонунеро, ки салоҳ бидонад, ба эътибор нагирад ва ҳатто қонуни асосиро.

Дар таълимоти худ Ж.Ж. Руссо зиндагонии ахлоқиро, комилан, тобеи зиндагонии иҷтимоӣ медонад. Ба ақидаи ӯ, қабл аз қарордоди иҷтимоӣ дар ҷомеа қонунҳои ахлоқӣ вуҷуд надорад ва фақат завқи табиӣ, шаҳвати нафсонӣ ва худхоҳӣ бар инсон ҳукмфармо аст, вале баъд аз ақди қарордод усули ахлоқ, адолат, таклиф, ҳақ ва тааққул дар ҷомеа падидор мешавад. Рост аст, ки инсон дар ин зиндагонии тоза аз қоидаҳои чанде, ки дар ҳолати табиӣ барояш мавҷуд буд, маҳрум мешавад, вале бар ивази онҳо манфиатҳои зиёде ба даст меоварад. Фаҳмишаш тавсея меёбад, эҳсосоташ поктар ва рӯҳаш бузургтар мешавад. Агар гоҳ-гоҳе ифрот ва тафритҳое, ки дар зиндагонии иҷтимоӣ муртакиб мешавад, ӯро ба дараҷаи пастар аз аввал таназзул намедод, ҷо дошт, ки ҳамвора рӯзи муборакеро, ки зиндагонии табиии ӯ мавқуф шуда буд, ид гирад ва соати фархундаеро, ки ҳайвони бешуурро табдил бо инсони бофаҳм карда буд, ба некӣ ёд кунад. [1, с. 55.]

Аз баррасӣ ва таҳлили ақидаҳои маорифпарвар маълум мегардад, ки инсон ҳайвоне дар миёни ҳайвонот нест, балки ягона ҳайвоне аст, ки метавонад бо шинохти озодӣ хешро аз ҳайвонот фарқ кунонад. Одам зарурат надорад хешро аз табиат бираҳонад, то инсони ҳақиқиро кашф карда бошад, балки ба табиат бештар рӯй биоварад. Агар ӯ бихоҳад одами табииро бозбишносад, кофӣ аст худашро биковад. Аз инсони табиӣ, инсони иҷтимоӣ ва аз инсони иҷтимоӣ шаҳрванд тарбия карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, яке аз масъалаҳои марказӣ оид ба масъалаи озодии инсон ва ҳамкориҳои иҷтимоиро Ж.Ж. Руссо пайдоиши нобаробарӣ меҳисобад. Ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ инсонро маҷбур мекунад, ки аз озодиҳои худ, ки табиатан ва вобаста ба фаҳмиши худ бегона нашудаанд, дур шавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар табиати худи инсон тағйироти куллӣ ворид шудааст. Нобаробарии одамон маҳсули як қатор табаддулотҳоест, ки табиати инсон ба вуҷуд меоварад. Масалан ғуломиро барқарор кунад, зулм ба табиат намояд, барои он ки ҳуқуқи ғуломиро абадӣ намояд, бояд табиатро дигаргун созад.

Дар робита бо ин зарурати барқарории баробариро Ж.Ж. Руссо ҳамчун талаботи сиёсии замон пешниҳод мекунад ва онро аз натиҷаҳои таҳқиқи бавуҷудоӣ ва дараҷаи амикрафтаи нобаробарӣ, қонунияти инкишофи он ва анъанаҳои таърихӣ оид ба худидоракунӣ асоснок мекунад. Ҳамзамон, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва табииро аз ҳам фарқ карда, зикр мекунад, ки табиат инсонҳоро мутафовит ба вуҷуд меоварад, аммо ин тафовутҳо на аз нобаробариҳои иҷтимоӣ, ки сабаби он моликияти хусусӣ мебошад, вобастагӣ доранд.

Ӯ се сабаби ба вуҷуд омадани нобаробарихоро муайян менамояд. Нобаробарии ҷамъиятӣ, ки таърихан ба вуҷуд омада, ба пайдоиши моликияти хусусӣ марбут аст. Аз назари мутафаккир, моликияти хусусӣ ҳангоми гузариши инсон аз ҳолати табиӣ ба ҷамъиятӣ пайдо мешавад, ё худ маҳсули тамаддун аст.

Ташаккули иттиҳодияҳо, ки онро маорифпарвар натиҷаи қарордоди иҷтимоӣ меномад, баромади озодро дар муносибатҳои қарордодӣ, баробарии ҳар як шахс ва қабули қонуни асосӣ аз тарфи онҳо, ки манфиатҳои умумро ҳимоя мекунанд, талаб мекард. Умумияти манфиатҳо, мувофиқи маълумоти Ж.Ж. Руссо, сарчашмаи воқеӣ аст. Ҳар як аъзои ассотсиатсия озодона худро ва нерӯи худро ба манфиати коллектив мебахшад. Шароити баробар барои ҳама боис мегардад, ки як кас ба ҳама тобеъ шавад ва ҳама ба як кас не. Ҳар як кас ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама мегарданд. Дар ин маврид тавассути қабули санади муттаҳидкунанда як қатор умумиятҳои «Ман» пайдо мешавад ва ӯ ҳаёт ва иродаи худро озод эҳсос мекунад.

Барои Ж.Ж. Руссо нисбат ба П. Голбах мабдаъи иродаи умумӣ халқ аст. Халқ масъалаи манфиатнок будан ё набудани қонунҳоро оид ба мувофиқат кардан ба иродаи умумии онҳо, тавассути раъйпурсӣ ҳал мекунад. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи таълимоти Ж.Ж. Руссо аз дигар маорифпарварон дар он аст, ки ӯ дар қабули қарору қонунҳо новобаста аз он ки онҳо фоиданок ва ақлонӣ ҳастанд ва ё не, ба ин назар аст, ки бояд раъйи халқ ба асос гирифта шавад. Дар сурати ба инобат нагирифтани раъйи халқ, онҳо ғайривоқеӣ буда, танҳо фармоиш маҳсуб меёбанд. Барои он ки иродаи умумӣ қонун шавад, зарурат ба ҳамовозӣ нест, вале шарт аст, ки ҳамаи шаҳрвандон имкони додани овози худро дошта бошанд. Аз тарафи дигар, Ж.Ж. Руссо бетағйир фаҳмиши иродаи умумиро ҳамчун ягонагии ҷудоинопазир, том, фарқкунанда аз дигар иродаҳо дастгирӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, «на он қадар зиёд тафовутҳо байни иродаи шахсӣ ва иродаи умум мавҷуд аст. Дуюмӣ ифодакунандаи манфиатҳои умумӣ ва аввалӣ манфиатҳои шахсӣ мебошад». [3, с. 170] Соҳаи амали онҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Иродаи шахсӣ наметавонад иродаи умумиро муаррифӣ кунад ва иродаи умум дар навбати худ табиати худро тағйир медиҳад, агар он ба мақсадҳои шахсӣ равона карда шавад. [1, с. 173]

Дигар паҳлӯи ҷаҳонбинии Ж.Ж. Руссоро, ки бо мавзӯи инсон ва иродаи ӯ иртиботи бевосита дорад, муносибати ӯ бо дин ва эътирофи Худо ташкил медиҳад. Дар боби ҳаштуми китоби чаҳоруми «Қарордоди иҷтимоӣ» маорифпарвар ба таври мухтасар ба ин мавзӯъ мароқ зоҳир карда, ақидаи маъмулро дар бораи он ки «Дин - афюни халқ аст» қабул надорад. Баъдан, идеологияи расмии феодалӣ-клерикалӣ, дини насрониро, ки алоқа бо ташкилотҳои сиёсӣ пайдо карда, дастовардҳои илмӣ, ҳаёти шаҳрвандиро эътироф намекард, танқид мекунад. Ӯ мавҷудияти Худоро ҳамчун нахустсабаб, муайянкунандаи ҳамаи тартибот эътироф мекунад. Дар доираи илоҳиёти христианӣ зикр мекунад, ки рӯҳ ҷовидонӣ аст ва дар олами охират онро ҳаёти дигар аст. Барои он ки рӯҳи одамон дар олами охират хушбахт бошад, бояд ҳаёти воқеиву, меҳрубонона дошта бошанд. Дини ҳақиқӣ ҳамон дин аст, ки ба зулм, истибдод роҳ надиҳад. [1, с. 581. ]

Ҳамин тавр, Ж.Ж. Руссо ба догматикаи феодалӣ-клерикалӣ ва ҷаҳонбинии атеистӣ шакли нав - «дини шаҳрвандӣ», дини қарордоди иҷтимоиро муқобил мегузорад. Ба андешаи ӯ, дини ҳеҷ халқе ҳақ надорад, ки дигар динҳоро истисно кунад, ҳамаи динҳоро бояд эътироф кард, агар онҳо ба қарзи шаҳрвандон зиддият эҷод накунанд.

***Адабиёт***


1. Руссо Ж.Ж. Избранные сочинения. Т.1. М: 1960. -731с.
2. Руссо Ж.Ж. Қарордоди иҷтимоӣ. [Матн] / Ж.Ж. Руссо. Тарҷумаи Ғ. Зиракзода. - Теҳрон, 1341. – 307 с.
3. Руссо Ж.Ж. Трактаты. [Текст] / Ж.Ж. Руссо. – М.: Наука, 1969. – 324 с.
4. Руссо Ж.Ж. Хитоба роҷеъ ба адами мусовот, китоби дуюм.
5. Руссо Ж.-Ж. Эмиль, или О воспитании. [Текст] / Ж.Ж. Руссо / Пер. с франц. П. Первова, изд. 2-е. - М., К.И. Тихомиров, 1911. - 756 с.

6. Rousseau, Jean-Jacques. Du contrat social. [Texte] / J.J. Rousseau. Marc Michel Rey, A Amsterdam, 1762. – 209 p.

## ТАМОИЛГИРИИ АНДЕШАҲОИ ЖАН ЖАК РУССО ДОИР БА МАСЪАЛАИ ИНСОН ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ НИЗОМИ ҶОМЕАДОРӢ

Ин тадқиқот ба таҳлили консепсияи фалсафии Жан-Жак Руссо дар бораи робитаи табиат ва ҷомеа дар инсон бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз усули таърихӣ-фалсафӣ таҳаввули ақидаҳои Руссоро дар бораи табиати инсон, ҷомеа ва давлат мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба танкиди тамаддуни Руссо ва концепцияи у дар бораи шартномаи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи бартараф намудани нобаробарии иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст. Аҳамияти ин тадқиқот аз он вобаста аст, ки мубохиса дар бораи нақши давлат дар ҳаёти инсон, проблемаҳои нобаробарии иҷтимоӣ ва ҷустуҷуи моделҳои нави сохти ҷамъиятӣ давом дорад. Консепсияи Руссо дар бораи “иродаи умумӣ” барои дарки фалсафаи сиёсии ӯ муҳим аст, аммо тафсири он баҳсҳои зиёдеро ба бор овард. Андешаҳои тарбиявии Руссо бар он асос ёфтааст, ки таълим бояд ба инкишофи табиии кӯдак мувофиқат кунад. Интиқоди Руссо аз тамаддун зидди сунъӣ ва нобаробарӣ аст, ки ба эътиқоди ӯ боиси бадбахтӣ мешавад.

**Калидвожаҳо:** Жан-Жак Руссо, фалсафа, ҳолати табиат, шартномаи иҷтимоӣ, тамаддун, нобаробарӣ, маориф, гуманизм, дуализм, сенсуализм, идеализм

## ТЕНДЕНЦИИ ФИЛОСОФСКИХ ИДЕЙ ЖАН-ЖАКА РУССО ОТНОСИТЕЛЬНО ПРОБЛЕМЫ ЧЕЛОВЕКА И РЕШЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ

Данное исследование посвящено анализу философской концепции Ж.-Ж. Руссо о соотношении естественного и социального в человеке. Применяя историко-философский метод, автор исследует эволюцию взглядов Руссо на природу человека, общество и государство. Особое внимание уделяется критике Руссо цивилизации и его концепции общественного договора как средства преодоления социального неравенства. Актуальность исследования обусловлена продолжающейся дискуссией о роли государства в жизни человека, проблемах социального неравенства и поисками новых моделей социального устройства. Концепция "общей воли" у Руссо является центральной для понимания его политической философии, однако ее интерпретация вызывает множество дискуссий. Педагогические взгляды Руссо основаны на идее о том, что образование должно соответствовать естественному развитию ребенка. Критика цивилизации у Руссо направлена против искусственности и неравенства, которые, по его мнению, порождают несчастья.

**Ключевые слова:** Жан-Жак Руссо, философия, естественное состояние, социальный договор, цивилизация, неравенство, воспитание, гуманизм, дуализм, сенсуализм, идеализм.

## TENDENCIES OF JEAN-JACQUES ROUSSEAU'S PHILOSOPHICAL IDEAS CONCERNING THE PROBLEM OF MAN AND THE SOLUTION OF SOCIAL PROBLEMS

This study is devoted to the analysis of Jean-Jacques Rousseau's philosophical concept of the relationship between the natural and the social in man. Using the historical-philosophical method, the author examines the evolution of Rousseau's views on human nature, society, and the state. Particular attention is paid to Rousseau's critique of civilization and his concept of the social contract as a means of overcoming social inequality. The relevance of the study is due to the ongoing discussion about the role of the state in human life, the problems of social inequality, and the search for new models of social organization. Rousseau's concept of the "general will" is central to understanding his political philosophy, but its interpretation has sparked much debate. Rousseau's pedagogical views are based on the idea that education should correspond to the natural development of the child. Rousseau's critique of civilization is directed against artificiality and inequality, which, in his opinion, generate unhappiness.

**Keywords:** Jean-Jacques Rousseau, philosophy, state of nature, social contract, civilization, inequality, education, humanism, dualism, sensualism, idealism.

**Дар бораи муаллиф**
Каримов Қадриддин Облобердиевич
Докторант доктор (PHd)-и кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121;
Email: kadriddin_karimov@mail.ru

**Об авторе**
Каримов Кадриддин Облобердиевич
Докторант (Phd) кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121;
Электронная почта: kadriddin_karimov@mail.ru

**About the author**
Karimov Kadriddin Obloberdievich
Doctoral candidate (Phd) of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.
Address: 734003, Dushanbe city, Rudaki Avenue 121;
E-mail: kadriddin_karimov@mail.ru

ТДУ 316.7

# ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА ОМИЛҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

***Бердиев Ш.П.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
***Қаххоров Ғ.Ғ.***
*Институт фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

Ифротгароии динӣ, мазмуни аз моҳияти таълимоти ахлоқи динӣ дур шудан, динро ҳамчун идеология дар сиёсат истифода намудан ва бо ин восита ба вуҷуд овардани низоъҳо дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва қишрҳои он бо мақсади ғасбӣ ҳукмат бо роҳҳои ғайриқонуни маҳсуб меёбад.

Масъалаи ифротгароии динӣ ҳамчун каҷрафторӣ мисли ҷинояткорӣ ва аъмолу рафтори хилофи қонун, аз мушкилоти таъхирнопазири замони муосир буда, дорои хусусиятҳои мураккаб ва байнисоҳавӣ мебошад. Илова ба ин, ҳамаи ин мушкилотҳо хусусияти фаромиллӣ доранд, зеро дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҷинояткорӣ ва қонуншиканиҳо, каҷрафторӣ ё ин ки рафторҳои берун аз меъёрҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ дар сатҳ ва дараҷаи мухталиф вуҷуд доранд. Арзишҳо, меъёрҳо, нақшҳои муайяни иҷтимоиро қабул намуда, ҷавонон муттасилӣ ва идомати таҷрибаи ҷамъиятӣ, интиқоли онро аз наслҳои гузашта ба наслҳои оянда таъмин мекунанд. Дар баробари ин, дар раванди иҷтимоишавӣ аз ҷониби наврасону ҷавонон на танҳо хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок, балки хусусиятҳои ғайриичтимоӣ ва ҳатто зиддиҷамъиятӣ низ азхуд карда мешаванд. Механизмҳои назорати иҷтимоӣ дар ҷомеаи муътадил фаъолияткунанда тавассути танзими иҷтимоӣ такрористеҳсолӣ хислатҳои устувори шахсиятро таъмин мекунанд. Вазифаи иҷтимоии ҷавонон ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ аз он иборат аст, ки рушди минбаъдаи ин низомро таъмин намоянд ва барои ин ҷавонон дар баробари вазифаҳои репродуктивӣ ва интиқолдиҳандагӣ, вазифаи инноватсионии марбут ба навсозии таҷриба, дар ҳаёт ҷорӣ намудани моделҳои (тарҳсози) нави фарҳангӣ ва амалияи иҷтимоиро иҷро мекунанд. “Гаравиши баъзе ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстримистию террористӣ на танҳо мушкилии ҷидии Тоҷикистон, балки зуҳуроти номатлубу нигароникунандаи тамоми ҷаҳони муосир мебошад”[9, с. 72]. Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи нави рушди ҷомеа, таҳкими ҳифзи истиқлолияти давлатӣ миллӣ, ҳифзи ваҳдти миллӣ, якпорчагии марзу бум ва рушди босуботи кишвар дар ҳамоҳангсозӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пешгири намудани ифротгаройи динӣ-сиёсӣ вазифаи ҳар як шахси ватандӯст мебошад.

Дар иртибот ба ин “ду шакли тундгароиро дар шароити ҷомеаи муосир бояд фарқ кард: тундгаройӣ сиёсӣ ва иҷтимоӣ. Дар тундгароии иҷтимоӣ маҷмӯи афзалияти манфиатҳои ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ, нисбат ба манфиатҳои ҷомеа бартари дорад. Тундгароии динӣ, динро унсури асосии ҳаёти инсон ва манфиатҳои гурӯҳи иҷтимоӣ дахлдорро ҳамчун манфиатҳои ҷомеа эътироф мекунад” [4, с. 67].

Аз тарафи дигар, ифротгаройи динӣ нишонаи мутобиқ нашудани ҷавонон ба шароити иҷтимоии муосир буда, омилҳои зиёди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодиро дарбар мегирад, ки натиҷаи таҳқиқоти сотсиологии соли 2023 гузаронида шуда, ин масъаларо собит намуд. Дар ҷавобҳои мусоҳибҳо нисбати саволи гузошташуда, омилҳои ба сулҳу салоҳ, амнияти миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ таъсиррасон оварда шудааст. Читавре ки респондентҳо зикр кардаанд, саводи пасти динии шаҳрвандон-15,9%, паст будани сатҳи худшиносии миллӣ-18,3%, ҳамроҳшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои ифротӣ-14,7%, беназорат мондани шаҳрвандон-12,2%, камбизоатӣ-7,0%, бекорӣ-10,0%, фаъолияти ташкилотҳои хориҷӣ-1,9%, бетарафии равшанфикрон-2,4%, коррупсия-2,2%, ба фарҳанги бегона рӯй овардани шаҳрвандон-3,9%, сабабҳое мебошанд, ки ба ваҳдати миллӣ, истиқлолият, сулҳу салоҳ ва давлатдории соҳибистиқлолии ҷумҳуриро халалдор месозанд.

Дар ҷаҳони муосир, ҷараёнҳо ва гурӯҳҳою созмонҳои иртиҷоӣ, сиёсӣ-динӣ амал мекунанд, ки бо амалиётҳои номатлуби ба ҷаҳонбинии шахсӣ бо маърифат хос набуда,

вазъияти кишварҳои ҷаҳони нооромро шидданок намуда, ҳаёти осоиштаи одамонро халалдор месозанд. Бинобар ин, ифротгароёнӣ динӣ фикру ақидаҳои худро ба воситаи истифодаи шабакаҳои интернетӣ, паҳн намудани нашрияҳои динӣ, ВАО бо мақсади ба ҷараёнҳо ва созмонҳои динӣ-сиёсӣ ҷалб намудани ҷавонҳо ташвиқу тарғиб менамоянд, ки ин амал ба амнияти миллии кишвар низ таъсири манфӣ мерасонад. Вобаста ба ин, бо чунин мазмун ба респондентҳо савол гузошта шуд. Ба фаҳмиши Шумо ба амнияти кишвар кадом ҷараён ва созмонҳо динӣ-сиёсӣ хатар доранд?

Натиҷаи ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки 72,1% -и респондентҳо нисбати ташкилотҳои ифротгаро маълумоти кофӣ доранд, бинобар ин ба саволҳои алтернативӣ нисбати фаъолияти хатарноки онҳо дар ҷомеа, ҷавобҳои мусбат додаанд. Гарчанде ки таносуби ҷавобҳои респондентҳо аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин 8,2%-онҳо Ҳизб-ут-таҳрирро, 19,7% Салафия, 5,8% Ваҳобия, 7,4% ДИИШ, 26,2%, Толибон, Ансоруллоҳ Ал-қоидаро-4,6% ҳамчун ташкилот ва ҳизбҳои барои ҷомеа хатарнок баррасӣ кардаанд. Азбаски дар бархе аз ҷомеаҳои рушдёбанда дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ хурофотпарастӣ мавқеи устувор пайдо кардааст, ки натиҷаи бесаводии динӣ ва дуруст дарк накардани хусусиятҳои давлатӣ дунявӣ буда, ба радикализми динӣ мусоидат мекунанд.

Мушкилотҳои асосие, ки барои пайдоиш ва рушди радикализмӣ динӣ мусоидат мекунанд, масъалаҳои ҳалли самараноки иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, ин ду омил бо ҳам алоқамандии ногусастани доранд, чунки барои рушди иқтисодиёт фаъолияти тахасусии соҳавӣ лозим буда, ба сифати таҳсилот дар системаи маориф вобаста мебошад. Доир ба ин масъала 17,5% респондентҳо мушкилоти иқтисодӣ ва 10,3% нобаробариҳои иҷтимоиро нишон додаанд. Нобаробарии иҷтимоӣ ва мушкилоти иқтисодӣ дар навбати худ ба каҷрафтории шахс мусоидат мекунад, ки онро 14,7% иштирокчиёни таҳқиқотӣ сотсиологӣ зикр кардаанд. Дар ин радиф 9,4% респондентҳо беадолатиро ва 10,3% маҳалгароиро ҳамчун омили рӯй овардан ба радикализми динӣ баррасӣ намудаанд. Инчунин, фанатизми диниро 6,8% респондентҳо омили пайдоиш ва рушди радикализми динӣ номбар кардаанд.

Аз мушкилотҳои номбурда истифода намуда, ташкилотҳои радикалӣ воситаҳои гуногуни таъсиррасониро ба воситаи ташвиқоту тарғибот дар байни аҳолӣ, махсусан бо мақсади ҷалб намудани ҷавонон ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ҳангоми мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони динӣ кишвар (09.03.2024) чунин изҳори назар намуданд: “Ҳарчанд, ки дар кишвар бо қарорҳои Суди Олӣ фаъолияти 28 ташкилоти экстримистию террористӣ манъ шудааст, вале ҳолатҳои шомил шудан ба чунини ҳизбу ҳаракатҳо ҳанӯз ба назар мерасанд. Дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстримистию террористӣ, аз ҷумла 86 амалӣ террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террорстӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст.... Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас дар се соли охир тақрибан 400 нафар шаҳрвандони кишвар ва соли 2023-юм 104 нафар, яъне 29 оила, ки аз занон, наврасон ва тифлони хурдсол иборат буданд, аз Сурия ва Ироқ ба Ватан баргардонида шуданд” [6]. Аз баромади Президенти кишвар бармеояд, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои пешгири намудани ҳамроҳшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористӣ чораҳои фаври андешида, онро пайваста амалӣ мекунанд. Дар робита ба ин, натиҷаи таҳқиқотӣ сотсиологӣ собит намуд, ки ба андешаи респондентҳо механизми беҳтарини пешгирӣ намудани гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ва қишрҳои онро аз ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро аз ин омилҳо иборатанд, ки бояд моҳият таъсиррасон дошта бошанд: гузаронидани чорабиниҳои ҷамъиятӣ-16,8%, беҳтар кардани сатҳи донишҳои динӣ-11,9%, беҳтар кардани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ-10,0%, таълиму тарбия-17,6%, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ-8,7%, кам кардани сатҳи бекорӣ-10,6%, мустаҳкам кардани қонунгузорӣ - 4,4%, зиёд кардани ҳуқуқҳои милитсия - 2,2%, додани озодиҳои бештари динӣ - 2,7%. Аз шумораи умӯмии респондентҳо ба саволҳои таҳқиқоти сотсиологӣ-16,5% ба ҷавоб додан мушкили кашидаанд. Омилҳои овардашуда натиҷаи мутобиқ нашудани ҷавононро ба муҳити иҷтимоӣ ифода мекунад.

Чуноне ки маълум мегардад раванди мутобиқшавии меҳнатӣ дучониба аст. Вақте ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба кор шурӯъ мекунанд, муносибатҳои гуногуни касбӣ, меҳнатӣ, психологӣ, муносибатҳои мустаҳкам бо ташкилоти меҳнатӣ ба вучуд меоянд ва меъёру арзишҳои навро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ аз худ мекунанд.

Дар ҳолати ба амал омадани чунин вазъият бояд ҳар як муасссисаи таълимӣ ба хатмкунандагони худ чиҳати таъмини шуғл ва технологияҳои ҳалли он мусоидат намояд. Аз ин рӯ, бояд ҳар як муассисаи таълимӣ, махсусан, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дорои ҳамкориҳои судманд бо шарокони ичтимоиро дошта бошанд.

Мувофиқи таҳлили натичаҳои таҳқиқоти сотсиолгӣ аз панч як ҳиссаи мусоҳибон – 21,9% зикр кардаанд, ки аз тарафи мақомоти масъул ва шахсони алоҳида дар бораи касбу ихтисосҳои мавчуд буда, маълумоти пурра нисбати ёфтани чойи кор пешниҳод карда шавад. 14,6%-и мусоҳибон зарур мешуморанд, ки чавонон ва хатмкунандагон вобаста ба шавқу рағбати худ, бе фишор овардани волидайн касби худро интихоб намоянд. Аз чумла 13,8%-и мусоҳибон қайд намуданд, ки барои аз тарафи чавонон дуруст интихоб шудани касб бояд муассисаҳои таълимӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ вохӯриҳо ташкил намуда, мутахассисони соҳаҳои гуногунро даъват намоянд. Инчунин, 13,2% мусоҳибон ба он ақидаанд, ки танҳо ба воситаи ба хондан рӯ овардани чавонон ва шавқманд намудани онҳо ба таҳсил имконият медиҳад, ки наврасон ва чавонон мустақилона касби ояндаи худро дуруст интихоб намоянд. Аз даҳ як ҳиссаи мусоҳибон – 10,5% бар ин андешаанд, ки дар интихоби касб ба кумак ва маслиҳати падару модар ниёз доранд. Наврасон ва чавонон мехоҳанд, ки падару модарон дар дуруст интихоб намудани касб саҳмгузор бошанд, аммо, дар баробари ин 6,5% қайд намуданд, ки дар интихоби касби ояндаи худ озод будан мехоҳанд.

Натичаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки надоштани малакаҳои зарурӣ, ба назар нагирифтани вазъи воқеии бозори меҳнат, таҳлили тағйироти бозори меҳнат, надоштани фикру ақидаҳои мушаххас дар бораи хадамоти шуғл барои қисме аз хатмкунандагон як қатор мушкилотро ба миён меорад.

Дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии давлатӣ ва шахсӣ стандарти лозимии махсус барои мутобиқсозии хатмкунандагон даркор аст, пешбинӣ мегардад, лекин иддае аз донишчӯёни муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ нисбати талаботи бозори меҳнат ва малакаҳои касбии хеш аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Камбудиҳои асосии гурӯҳе аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар муаррифӣ карда натавонистани малакаҳои худ, надонистани талаботи асосии шуғл, шубҳа доштан ба қобилияти касбии хеш, афзудани шубҳа, ки дар аксари ҳолатҳо, боиси комёб нашудан дар шуғли мутахассисони чавон мегардад.

Дар марҳилаи муосири инкишофи чомеаи чаҳонӣ рушди таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ, аз чумла, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ як зумра зиддиятҳои хос мавчуданд: байни сатҳи тайёрии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва имконияти мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат, ки барои шуғл шароити мувофиқ фароҳам оварда нашудааст; байни талаботи чамъиятии меҳнат ба ташаккули шахс дар раванди таълими истеҳсолӣ, омодагӣ барои самаранок ичро кардани вазифаҳои касбии худ, мутобиқ шудан ба тачрибаи зарурии ичтимоӣ, инчунин, набудани маҳорат ва малакаҳои мутобиқшавии бомувафаққият дар чойи кор.

Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқи рус Ю.И. Надежда омӯзгори коллечи политехникии шаҳри Саранск ва пешниҳоди кардаи ӯ ба муқаддимаи барномаи таълимӣ барои омодасозии донишчӯёни курсҳои болоӣ барномаи “Мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат” ворид карда шавад, ки барои ба даст овардани дониш, маҳорат ва малакаҳои аз чониби мутахассисони чавони оянда, дар ҳалли масъалаҳои шуғл ва мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ба афзоиши рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунад. Барои ташкили сармаранокии раванди таълим дар ин низом лозим аст, ки донишчӯёнро бо маводи таълимӣ ва методӣ, дар шакли дастрас, муқаррароти асосии назариявӣ оид ба мавзуъҳои таълимӣ ва тавсияҳои амалӣ, машқҳо, намунаҳои ҳуччатҳо таъйин намудан зарур аст. Ҳадаф ва таҳияи барномаи “Мутобиқсозии хатмкунандагон дар бозори меҳнат”, ки ба мутобиқшавии

хатмкунандагон дар бозори меҳнат мусоидат мекунад, мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

Омӯзиши хусусиятҳо ва тамоюли бозори меҳнати муосири минтақавӣ; роҳнамоии касбӣ дар раванди таълим: технологияи шуғл.

Таҳия ва ворид намудан ба раванди барномаи таълимӣ "Мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат" [7, с. 4].

Дар муайян намудани мафҳуми "мутобиқшавӣ" бартарӣ ба илмҳои табиӣ, пеш аз ҳама, ба илми табиатшиносӣ дода мешавад[8, с. 63-65]. Иҷтимоишавии шахс бошад, раванди аз худ кардани донишҳо, меъёрҳо ва донишҳост, ки имкон медиҳад дар ҷомеа вазифаеро иҷро кунад.

Иҷтимоишавӣ – аз худ намудан ва дарк кардани маданияти (меъёрҳо, арзишҳо, қоидаҳои рафтор ва қолабҳои фаҳмидашуда) - ҷомеа аз ҷониби инсон мебошад. Ба таври дигар гӯем, иҷтимоишавӣ ин ҷараёни мутобиқшавии инсон ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мебошад. Раванди иҷтимоишавии инсон тавассути таҷрибаи гурӯҳӣ сурат мегирад[8, с. 67]. Мутобиқшавии иҷтимоӣ бо мафҳуми иҷтимоишавӣ алоқамандии ногустастанӣ дошта, бе раванди мутобиқшавӣ субъекти фаъоли ҷамъият ба муҳити иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии он ғайриимкон аст. Барои ҳалли дилхоҳи масъалаҳои илмӣ, аз ҷумла, иҷтимоишвии касбии хатмкунандагон бе такя ба асосҳои муайяни методологӣ ва таҳқиқоти илмӣ расидан ғайриимкон аст.

Мутобиқшавии хатмкунандагон дар бозори меҳнат ҳамчун қоида дар якчанд марҳила ба амал меояд. Вай дар ҷараёни муайянкунии касбӣ ва интихоби тахассус, дар раванди омӯзиш ё бозомӯзӣ ҳангоми интихоби ихтисос, дар раванди азхудкунии маҳоратҳои иҷтимоӣ, коммуникативӣ, дар раванди муайянкунии самти арзишҳои шахсӣ, дар раванди ҷустуҷӯйи кор, бо кор таъминшавии аввалин, оғози фаъолияти меҳнатӣ, ҷустуҷӯйи такрории кор ва ивазкунии он мегузарад. Ҳар яке аз марҳилаҳо барои бомуваффақият мутобиқшавии ҷавонон дар бозори меҳнат муҳим аст. Раванди муваффақиятноки мутобиқшавӣ чун қоида бардавом буда, бо бакортаъминшавӣ ба анҷом мерасад ва дар асоси қабули қонуну қоидаи бозори меҳнат амалӣ мегардад[3, с. 98].

Бори нахуст моҳияти мафҳуми иҷтимоишавӣ аз тарафи файласуфи идеалисти немис П. Наторп (1854-1924) коркард шуда, масъалаи иҷимоишавиро вазифаи асосии педагогика меҳисобад, ки ба воситаи тарбияи шахс ӯро ба шароити иҷтимоӣ ва зиндагӣ дар ҷомеа омода кунад.Гарчанде ки мафҳуми "иҷтимоишавӣ", дар асарҳои состиологони фаронсавӣ Г.Тард, Э.Дюркгейм, сотсиолог ва иқтисодчиёни амрикоӣ Ф.Гиддингс, У.Ҷеймс инъикос шуда буданд, ин масъала пештар дар асарҳои К.Маркс ва Ф.Энгелс дар бораи табиати иҷтимоӣ ва вазифаи иҷтимоии тарбия ба таври илмӣ гузошта шуда буд[5, с. 18-19]. Аз инҷо бармеояд, ки иҷтимоишавии мутахассисони ҷавон, на танҳо ба тарбия, балки ба муҳити иҷтимоии ҷомеа низ вобаста мебошад. Аз ҷумла, бархе аз хатмкунандагон дар шароити муосир, ҳангоми дарёфти ҷойи кор, ба мушкилот дучор мешаванд. Бинобар ин, омӯзишу таҳлили ин масъала муҳим баррасӣ мешавад, чунки талаботи ҷаҳони муосир ва шароити дигаргуншудаи ҷомеа, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро водор месозад, ки пайваста таҷрибаи худро такмил диҳанд.

Давраи мутобиқшавии касбӣ ҳадафнок буда, қабули нақшаҳои нави иҷтимоӣ, вазифаҳои хусусияти касбӣ, шомил шудан ба сохтори муносибатҳои байниҳамдигарӣ, инчунин, ҳалли масъалаҳои касбии педагогиро дарбар мегирад. Дар натиҷаи мутобиқшавии касбӣ тавозуни оқилонаи байни талаботе, ки ҷомеа нисбат ба онҳо мегузорад ба даст оварда мешавад. Мутобиқшавии касбӣ ба фаъолияти касбӣ, талабот, меъёрҳо ва шароити кори касбӣ, вазъи иҷтимоӣ, муносибатҳои арзишӣ дар ҷомеаро дар назар дорад[5, с. 93-96].

Иҷтимоишавии касбӣ-меҳнатӣ яке аз қисматҳои таркибии таҳқиқоти муосири илми сотсиологӣ мебошад, ки он ҷараёни дурнамои фаъолияти муносибатҳои меҳнатӣ аз боло ба поён ва баръакси онро, муайян мекунад. Вобаста ба ин, омодакунии кадрҳо дар асоси эҳтиёҷоти иқтисодиёти мамлакат, инчунин, талаботи бозори меҳнат бо кадрҳои баландихтисос, модели нави ин равандро сохтан лозим меояд.

Мураккабии тарҳсозии эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақа ба кадрҳо ба он шарҳ дода мешавад, ки рушди системаи иқтисодӣ дар гузариш ба усули навин (инноватсионӣ) хусусиятҳои зерини худро дорад:

–ба вуҷуд омадани тағйироти сохторӣ дар ҳудуди талаботи иқисодиёт ба кадрҳои касбӣ. Дар натиҷаи фаъолгардонии равандҳои навсозӣ ва ворид намудани навгониҳо, тағйирот дар сохтори истеҳсолот ва шуғл аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Дар бозори меҳнати минтақа талаботро ба сатҳи маълумот, касб ва ихтисос тағйир медиҳад. Таъмини мувозинати талабот ва пешниҳод боиси такмили ихтисоси кадрҳо дар системаи таълими касбӣ, пеш аз ҳама, дар талабот нисбат ва касб ва ихтисосҳои нав ба миён меояд;

–дар шароити муосир талабот ба кадрҳои касбӣ нибат ба секторҳои иқтисодиёт ва имконияти тайёр кардани онҳо аз ҷониби системаи минтақавии таҳсилоти касбӣ мушкилотро оид ба сохтори касбӣ ва тахассусии кадрҳоро бо сабабҳои зерин душвор месозад: Аввалан – бинобар дар раванди муайян тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва имконнопазирии ислоҳи усулҳои аллакай баргузоршуда. Дувум – бинобар дар давраҳои гуногун тайёр кардани мутахассисони дараҷаи гуногун: дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ-4-6 сол; дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - 3-4 сол муайян карда шудааст. Бо сабаби талабот ба кадрҳои соҳаи иқтисодӣ аз ҳисоби кадрҳои касбӣ, ки ба бозори меҳнат дохил мешаванд, системаи таҳсилоти минтақавӣ, андоза ва сохтори тахассусии ниёз ба кадрҳо бояд пешакӣ муайян карда шаванд. Ин омил имкон медиҳад, суръати афзоиши соҳаи иқтисодиёт бо сатҳи дахлдори рушди технологӣ таъмин гардад.

–сатҳи гуногуни раванди модернизатсия ва рушди инноватсионии иқтисодиёт аз рӯйи намудҳои фаъолитяи иқтисодӣ ҳамзамон боиси мавҷудияти қисмҳои минтақавии сатҳи гуногуни технологӣ (анъанавӣ, модернизатсионӣ ва инноватсионӣ), ташаккулдиҳандаи эҳтиёҷоти гуногун нисбат ба ҳайати касбӣ ва тахассусии коргарон мешаванд.

–тафовути шадиди минтақаҳои шаҳрӣ аз рӯйи суръат, сатҳи рушд ва самтҳои махсусгардонии иқтисодиёт, аз ҷиҳати зичии аҳолӣ ва сатҳи ҳаёт, эҳтимолияти гирифтани натиҷаҳои пешгӯии эҳтиёҷоти кадриро дар сатҳи шаҳрӣ, ба вуҷуд меорад, зеро аксари оморҳо ва иттиллоот хусусияти асосии эҳтиёҷоти кадриро дар сатҳи шаҳрӣ инъикос намекунанд[2, с. 30-31].

Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ нишон дод, ки мусоҳибон барои бо шуғл таъмин намудани шаҳрвандон технологияҳои гуногунро пешниҳод намуданд. Аз се як ҳиссаи онҳо (36,5%) ба он ақидаанд, ки зиёд кардани шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ ва ташкилотҳо яке аз воситаҳои паст кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон мебошад. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 19,4% технологияи ҳалли масъалаи бекории ҷавононро дар баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо мебинанд. Ҳавасманд намудани ҷавононро 8,8%-и мусоҳибон интихоб намуданд. Ҳамзамон, 8,6%-и мусоҳибон чунин мешуморанд, ки сабаби ҷойи кор наёфтани ҷавонон музди меҳнати ночиз мебошад. Барои ҷалби бештари ҷавонон ба шуғл пешниҳод намуданд, ки музди меҳнат дар корхонаву ташкилотҳои ватанӣ баланд карда шавад. Инчунин, 6,9%-и мусоҳибон ба ин андешаанд, ки сифати таълим ба фаъолияти меҳнатии ҷавонон таъсир мерасонад, бо ин сабаб беҳтар кардани сифати таълим ба паст рафтани сатҳи бекорӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд. Ба ақидаи мо, як қатор технологияҳои иҷтиомиро метавон зикр кард, ки боиси бо шуғл таъмин шудани хатмкунадагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат хоҳад гардид:

- мутобиқати пурраи ҳаҷми муайяни дониш нисбат ба ихтисоси азхудкарда ва омодагии мутахассиси ҷавон дар бозори меҳнат;
- маҳорати хуби алоқаманд карда тавонистани донишҳои назариявӣ ба донишҳои амалӣ;
- мавҷуд будани малакаҳои мустақилона ҷустуҷӯйи донишҳои амиқ ва зарурӣ нисбати касби хеш;

• дар сатҳи минтақавӣ сарчашмаҳои мушаххаси иттиллоотӣ барои ҷавонон оид ба ҷойҳои холии корӣ, шароити кор, ҳифзи иҷимоӣ ва ғайра таҳия намудан;

• паҳн кардани маълумот дар ҷойҳое, ки ҷавонон бештари вақти худро сарф мекунанд ба монанди мактабҳо, донишгоҳҳо, агентиҳои шуғли аҳолӣ, клубҳо, марказҳои ҷавонон ва ғайра;

• дар доираи хидматҳои мавҷудаи системаи мушаххас блокҳои иттиллоотиро барои ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва нақшаҳои мушаххаси амалиёти шахсӣ таҳия намудан[1, с. 109].

Технологияҳое, ки дар боло ба хотири ба шуғл фаро гирифтани мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ пешниҳод гардиданд, усулҳои муосирест, ки барои бо шуғл таъмин намудани мутахассисони ҷавон дар бозори меҳнати кишварҳои мутамаддин пешкаш гардидаанд.

Хулоса, аз натиҷагирии таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дар шароити муосир масъалаи ифротгаройӣ динӣ дар шакли сиёсӣ ҳамчун падидаи номатлуб, ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Илова ба ин, ифротгароёни динӣ-сиёсӣ бо ҳар роҳу восита, махсусан бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ, интишороти китобҳои динӣ, ҷалб намудани ҷавонон барои таҳсил дар дабистонҳои динӣ ва ғайраҳо ақидаҳои сиёсӣ ва идеологии хешро ташвиқу тарғиб менамоянд. Бинобар ин, барои ҷомеаи мо зарур аст, ки нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити муосир дар сатҳи баланд бардошта, озодии сухан, фаъолияти озоди иқтисодиро дар шакли амалӣ намудани соҳибкории хурду миёна ба роҳ монем. Ғайр аз ин, ҷомеаи шаҳвандӣ ва амалӣ шудани омилҳои асосии он имконият медиҳад, ки амалҳои коррупсиониро пешгири намуда, рушди муттасили ҷанбаҳои ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоиро самаранок пайгири намоем. Инчунин, нисбати масъалаҳои зикр шуда, нақши системаи маориф дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон, махсусан баланд бардоштани сифати таҳсилотҳои соҳавӣ бояд назаррас бошад. Чунки таҳсилоти босифат ва тайёр намудани мутахассисонӣ соҳавӣ метавонад, барои пешгири намудани ҳамгиройӣ ҷавонон ба ҷараёнҳо ва созмонҳои динӣ-сиёсӣ замина мегузорад.

### *Адабиёт*


1. Василенко В.А. Европейский опыт содействия трудоустройству студентов (проблемы, подходы, организация) [Текст]: / монография / В.А. Василенко, А.Л. Карпукова– Иркутск, Изд-во ИГУ, -2014. – С.109.
2. Лейбовича А.Н. Эффективные методы прогнозирования кадровых потребностей рынка труда для формирования регионального заказа на подготовку кадров [Текст]: / сб. докл. предисл. А.Н. Лейбовича. – М.: Федеральный институт развития образования, -2016.- С.30-31.
3. Лопаткин И.В. Адаптация молодежи на современном рынке труда: социологический аспект [Текст]:дисс…конд.соц.наук./ Лопаткин Илья Викторович- Саратов – 2015.- С.98.
4. Молодёжные субкультуры Москвы /Составитель Д.В. Громов, ответственный редактор М.Ю. Мартынова. Москва: ИЭАРАН, 2009. –С. 67.
5. Садырин В.В. Профессиональная социализация выпускников педагогических вузов на основе использования современных технологий сетевого взаимодействия [Текст]:/ коллективная монография / В.В. Садырин, Н.О. Яковлева, Л.В. Трубайчук, З.И. Тюмасева [и др.]; под общей ред. В.В. Садырина. – Челябинск: Из-во Чел. гос. пед. ун-та, -2013. – С.18-19.
6. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон,намояндагони ҷомеа ва ходимони динӣ кишвар аз 09.03.2024 [манбаи электронӣ] URL:http://www.president.tj/node/32921 (санаи истифодабарӣ: 10.10.2024).
7. Шалаева Н.В. Адаптация выпускников на рынке труда: краткий курс лекций для студентов 4 курса всех направлений подготовки бакалавриата [Текст]: / Сост.: Н.В. Шалаева., С.С.Шалаева, И.А. Ножкина и др. ФГБОУ ВО “Саратовский ГАУ”. – Саратов.- 2016.- С.4.
8. Шоев К.М. Сотсиология [Матн]: / Зери таҳрири дотсент Баҳромбеков Д.: К.М. Шоев, М.М. Сафаров–Душанбе.- 2015.- С.63-65. Ҳамон ҷо.:- С.67.

9. Шоисматуллоев Ш., Миров Ф.С. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстримизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С.72.

## ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА ОМИЛҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

Дар мақолаи мазкур омилҳои асосии рӯй овардани ҷавонон ба ифротгароии дини-сиёсӣ ва роҳҳои пешгирии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиффон хусусиятҳои хоси ин падидаи номатлубро нишон дода, қайд мекунанд, ки ифротгароии динӣ як шакли каҷрафтори буда, берун рафтан аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва даст задан ба ҷинояткорӣ мебошад. Омилҳои асосии ифротгароии динӣ мутобиқ нашудани ҷавонон ба муҳити иҷтимоӣ, масъалаи пурра бо шуғл фаро нагирифтан, тахасусӣ пасти хатмкунандагон, сифати пасти таълиму тарбия, сатҳи пасти маош ва ғайраҳо мебошад. Вобаста ба ин дар мақола механизмҳои пешгирии ифротгароии динӣ пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** ифротгароии динӣ-сиёсӣ, иҷтимоишавии шахс, таълиму тарбия, шуғл, иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

## РЕЛИГИОЗНЫЙ РАДИКАЛИЗМ И ФАКТОРЫ ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ

В данной статье рассматривается основные факторы приобщения молодёжи к религиозно-политическим движениям. Авторы показывают основные свойства этого негативного явления, подчёркивает, что религиозный радикализм, является как одной из форм девиантного поведения, т.е. несоблюдения нормы закона, который в свою очередь приводит к преступлению. Основной фактор религиозного радикализма является крайне сложная адаптированность к сложившаяся социальной среде, такие как безработица, низкая качества профессиональной подготовки выпускников, низкая качества зарплаты, проблемы с трудоустройством и.т.д. В связи с этим, в статье предлагается механизмы предотвращения религиозного радикализма.

**Ключевые слова:** политический религиозный радикализм, социализация личности, обучения и воспитания, трудоустройства, социокультурный.

## RELIGIOUS RADICALISM AND FACTORS PREVENTING IT

This article examines the primary factors contributing to youth involvement in religious-political movements.

The authors highlight the key characteristics of this negative phenomenon, emphasizing that religious radicalism is one form of deviant behavior, i.e., non-compliance with the law, which in turn leads to crime. A major factor in religious radicalism is the extreme difficulty of adapting to the existing social environment, such as unemployment, low quality of professional training among graduates, low wages, and employment difficulties. In light of this, the article proposes mechanisms to prevent religious radicalism.

**Keywords:** political religious radicalism, socialization of the individual, education and upbringing, employment, sociocultural.

**Дар бораи муаллифон**
Бердиев Шоҳназар Пирназарових
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47,
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Кахоров Гаюр Гафурович
Доктори илмҳои фалсафа, профессор
Сарходими илмии шуъбаи сотсиология
Институт фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел: +(992) 937745900

**Об авторах**
Бердиев Шохназар Пирназарович
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Кахоров Гаюр Гафурович
доктор философских наук, профессор
Главный научный сотрудник кафедры социологии
Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинов
Национальная академия наук Таджикистана
Адрес: Республика Таджикистан, 734025 ш. проспект Рудаки, 33, Душанбе
Тел: +(992) 937745900

**About the authors**
Berdiev Shohnazar Pirnazarovich
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 00 85 47
E-mail: shokhnazar@mail.ru.

Kahorov Gayur Gafurovich
Doctor of philosophy, professor
Chief Scientific Officer of the Department of Sociology
Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov
National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: Republic of Tajikistan, 734025 sh. Rudaki avenue, 33, Dushanbe
Tel: +(992) 93774590

ТДУ 342.57(437)

# ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ: МАСОИЛИ КОНСТИТУТСИОНӢ, ИЛМӢ ВА АМАЛӢ

***Ализода З.***
*Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи моддаи якуми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мебошад. Дар ин ҷо нишонаҳои калидӣ, меҳварӣ, сифатӣ ва моҳиятии давлати Тоҷикистон ифода шудааст. Ин нишона ва сифатҳо ҳамчун асосҳои бунёдӣ, муайянкунандаи сохтор ва мақсаду мазмуни фаъолияти давлат ба ҳисоб мераванд.

Бояд ёдовар шуд, ки ин шакли давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир яке аз шаклҳои эътирофшуда ва пешрафта мебошад. Аксарияти давлатҳои мавҷудаи ҳозира ин шаклро қабул кардаанд, тавассути он инкишоф меёбанд ва пеш мераванд.

Тоҷикистон низ, хушбахтона, ин шакли давлатдориро қабул карда, бо истифода аз он пеш меравад. Бояд зикр намоем, ки баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон, яке аз масъалаи муҳим ва тақдирсоз – ин интихоби шакли давлатдорӣ ва ба ин восита муайян кардани шоҳроҳи рушди минбаъдаи Тоҷикистон буд. Мутаассифона интихоби шакли давлатдории дунявӣ бисёр ҳам мушкил ва бо хисороти молию ҷонӣ ба даст омад. Чунки яке аз масъалаи асосии кашмакашиҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90 – уми асри гузаштаи Тоҷикистон маҳз интихоби шакли давлатдорӣ буд.

Ҳизби коммунист, ки дар сари қудрат буд (аксарият дар Шурои Олӣ, Ҳукумат, вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллӣ аъзои ин ҳизб буданд), намехост қудратро аз даст бидиҳад, бо ҳар роҳу восита мехост онро нигоҳ дорад. Воқеияти ҳамонвақта нишон дод, ки Ҳизби коммунисти Тоҷикистон мамлакатро бо такя ва роҳбарии марказ (Москва) идора мекардааст. Вақте ки қудрати марказ суст гардид ва оқибат аз байн рафт, маълум шуд, ки низоми коммунистӣ дар ҷомеа заминаи мустаҳкам надоштааст ва ҷомеаро сарҷамъ, муттаҳид, роҳбарӣ ва пеш бурда наметавонад. Аз ин вазъият қувваҳои навзуҳур (ки онҳоро баъдан «демоисломистҳо» (яъне демократҳо якҷо бо исломистҳо) ном бурданд), мехостанд истифода бурда, ба сари ҳокимият биёянд. Чунон, ки баъдтар маълум гардид, асоси «демоисломистҳо» - ро Ҳизби террористию – экстремистииназҳати ислом ташкил мекардааст ва ин ҳизб мехост тибқи шиорҳои демократӣ бо дастгирии ҳомиёни хориҷии худ ҳокимиятро соҳиб шавад. Аммо онҳо барои гирифтани ҳокимият (моҳи майи соли 1992) ҷуръат накарданд ва дар натиҷа бо ном Ҳукумати муросои миллӣ ташкил карда шуд, ки ин ба ҳолатҳои зерин алоқаманд буд. Якум, баъзе минтақаҳои мамлакат (вилояти Кӯлоб, Ленинобод (ҳозира Суғд), як қисми вилояти Қурғонтеппа ва баъзе шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор Ҳукумати муросои миллиро эътироф ва қабул накарданд. Дуюм, таъсири давлати Шуравӣ (низоми коммунистӣ) низ хеле зиёд буд. Аксарияти мардум барои барпо кардани давлати исломӣ тайёр набуданд. Сеюм, қувваҳои низомии Россия (двизияи 201- уми Федератсияи Россия) дар Тоҷикистон ҳузур доштанд, ки аз онҳо демоисломистҳо меҳаросиданд, зеро Федератсияи Россия намехост, ки аз ин минтақа берун равад ва дар ин ҷо давлати исломӣ пайдо гардад. Чорум, давлатҳои минтақа низ ба ин ҳолат розӣ набуданд, зеро ин вазъ ба онҳо низ харат эҷод мекард (Ҷумҳурии Узбекистон соли 1992 ва Ҷумҳурии Казоқистон соли 1995 дар конститутсияҳои худ таъсиси ҳизбҳои сиёсиро дар асоси динӣ манъ карданд).

Ин омилҳоро ба инобат гирифта, «демоисломистҳо» ҳокимиятро ғасб накарданд ва Президент Р. Набиевро маҷбур сохтанд, ки Ҳукумати муросои миллиро таъсис диҳад ва онро амалан «демоисломистҳо» роҳбарӣ мекарданд. «Демоисломистҳо» бо ин роҳ, яъне бо тариқи осоишта ва давра ба давра давлати исломиро мехостанд дар Тоҷикистон барпо кунанд.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва ташкили Комиссияи оштии миллӣ бо талаб ва истодагарии намояндагони собиқ оппозитсия ҳангоми таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия (масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд) масъалаи аз моддаи якуми Конститутсия хориҷ намудани калимаи «дунявӣ» як сол муҳокима гардид. Намояндагони оппозитсия дар Комиссиси оштии миллӣ кӯшиш мекарданд, ки ин калима аз Конститутсия хориҷ карда шавад. Ҳатто исбот кардани мешуданд, ки дар Тоҷикистон ҷомеа мусулмонӣ ҳасту, давлати он дунявӣ (чунин буданаш ҳеҷ мумкин нест, зеро мантиқан ва илман инҳо таззоди якдигаранд, ба ҳам мухолиф буда, якдигарро инкор мекунанд). Бо пофишорию истидогарии онҳо дар моддаи 28 – и Конститутсия, ки сухан дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мерафт, калимаи «динӣ» илова гардид, ки тибқи он «шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ ва атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Гуфтаҳои боло гувоҳи он ҳастанд, ки мақсади Ҳизби террористию – экстремистии наҳзати ислом барпо кардани давлати исломӣ дар Тоҷикистон буд ва бо ҳар роҳу восита онҳо кушиш мекарданд, ки ба ин мақсади худ ноил гарданд.

Бояд қайд намоем, ки истилоҳи «дунявӣ» ба Конститутсияи Тоҷикистон 25 декабри соли 1991 бо пешниҳоди Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст [1, с. 29-30]. Кумитаи номбурда 18 октябри соли 1991 қисми чоруми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» - ро баррасӣ кард. Дар қисми чоруми ин модда қайд шуда буд, ки «дар ҶШС Тоҷикистон барпо намудан ва амал кардани ягон хел ҳизби характери динӣ дошта, сохти ташкилии онҳо роҳ дода намешавад» [5]. Ин меъёрро баррасӣ карда, Кумита қайд кард, ки ин қисми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунад. [1, с. 29-30] Ин хулосаи худро Кумитаи назорати конститутсионӣ бо далелҳои зерин асоснок кардааст. Якум, дар моддаи 7 Конститутсия асосҳои манъи ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ номбар шудаанд, ки ба онҳо, аз ҷумла инҳо дохил шудаанд: мақсади иттиҳодия бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва бутунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, халалдор кардани бехатарии он, барафрӯхтани низоъҳои иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ. Бояд қайд намоем, ки дар ин ҷо Кумитаи назорати конститутсионӣ таъкид кардааст, ки дар моддаи 7 Конститутсия асосҳои манъи иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ) ба таври пурра номбар гардидааст ва дигар асосҳоро дар қонунҳо пешбинӣ кардан мумкин нест. Дуюм, Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» асосҳои кофии барои иштирок накардани ин ташкилотҳоро дар корҳои сиёсӣ пешбинӣ кардааст. Сеюм, асосҳои манъи ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ набояд мавзуи танзими Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» бошад, онҳо мавзуи танзими Конститутсия ва қонуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд (дар он вақт оид ба ҳизбҳои сиёсӣ қонуни алоҳида набуд, онҳо тибқи ин қонун фаъолият мекарданд). Ҳамчунон дар хулосаи номбурдаи Кумитаи назорати конститутсионӣ пешниҳод шудааст, ки «инкишофи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили танзимӣ ҳуқуқии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, ки ба Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо даровардa шаванд, то ин ки асосҳои ғайридинии ҳокимияти давлатӣ пойдор гардонда шавад» [1, с. 29-30]. Дар идомаи ин андеша дар банди дуюми хулоса тавсияи зерин пешниҳод шуда буд: « Ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки ба Конститутсия ва

қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо даровварда, ба асосҳои ғайридинии давлат ишора карда шавад, яъне ба Конститутсия баъди калимаи «ҳуқуқӣ» калимаи «дунявӣ» илова гардад» [1, с. 29-30].

Таҳлили хулосаи зикргардида нишон медиҳад, ки он аз ду қисм иборат аст. Яке қисми чоруми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ», ки ба Конститутсия номувофиқ (мухолиф) дониста шудааст ва дуввум, пешниҳод шудааст, ки ба Конститутсия бо мақсади мушаххас кардани асосҳои ғайридинии давлат калимаи «дунявӣ» илова карда шавад. Чунин шакл гирифтани хулосаи Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳодисаҳои ҳамонвақтаи Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Гап сари он аст, ки дар он вақт ташаббускорони таъсис додани ҳизби наҳзати ислом мехостанд, ки ҳизби худро қонунӣ гардонанд, яъне он бояд ҳамчун ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шавад ва қонунӣ фаъолият кунад. Бояд қайд кард, ки моҳи июни соли 1990 дар шаҳри Астрахани Федератсияи Россия Ҳизби умумиттифоқии наҳзати ислом таъсис дода шуд. Аз Тоҷикистон дар ин анҷуман намояндаҳо иштирок карда буданд. Баъд аз ин анҷуман намояндагон (муассисон) – и Ҳизби наҳзати ислом (Гадоев С., Исмонов Д. ва дигарон) ба Шурои Олии РСС Тоҷикистон муроҷиат карда талаб карданд, ки барои гузаронидани конференсияи минтақавии Ҳизби умумиттифоқии Ҳизби наҳзати ислом дар шаҳри Душанбе иҷозат дода шавад, то ки онҳо худро ҳамчун сохторӣ минтақавии ин ҳизб расмӣ (қонунӣ) гардонанд.

Шурои Олии РСС Тоҷикистон муроҷиати номбурдаро баррасӣ намуда, бо қарори худ аз 5 октябри соли 1990, №142 онро рад кард. Дар қарор таъкид шудааст, ки «азбаски барномаи пешниҳодкардаи шуъбаи умумиттифоқии наҳзати исломӣ мухолифи Конститутсияи РСС Тоҷикистон ва Қонуни СССР «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» мебошад, ба гузаронидани конференсияи минтақавии шуъбаи ҳизби умумиттифоқии наҳзати исломӣ иҷозат дода нашавад» [4]. Дар банди 2 қарор ҳамчунон қайд гардидааст, ки «дар ҳудуди РСС Тоҷикистон ташкил кардани шуъбаи минтақавии Ҳизби умумиттифоқии наҳзати исломӣ ва умуман ташкил намудани ҳизби исломӣ дар республика нораво дониста шавад». [4] Баъд аз ин, 8 декабри соли 1990 Қонуни РСС Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» қабул гардид. Фишори намояндагони Ҳизби назҳати исломро ба инобат гирифта, дар қисми 4 моддаи 7 – и он чунин меъёри манъкунанда ҷой карда шуд: «дар РСС Тоҷикистон барпо намудан ва амал кардани ягон хел ҳизби характери динӣ дошта, сохти ташкилии онҳо роҳ дода намешавад» [5].

Зери таъсири иштирокдорони майдонҳо ва пешниҳоди Ҳизби демократ ва ҳаракати «Растохез» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 1991, №397 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунии РСС Тоҷикистон» сархати сеюми Қарори Шурои Олии РСС Тоҷикистон аз 5 октябри соли 1990 «Дар бораи мактуби Гадоев С., Исмонов Д. ва дигарон» аз эътибор соқит дониста шуд. [3] Дар ин сархати қарор ташкили сохтори минтақавӣ ва умуман ташкил кардани ҳизби исломӣ дар Тоҷикистон манъ гардида буд. Акнун ин маҳдудкунӣ бо ин тағйирот аз байн бурда шуд.

Дере нагузашта, зери таъсири гирдиҳамоӣ дар назди Шурои Олии Тоҷикистон (бо ном гирдиҳамоии коммунистҳо) бо Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 1991 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон», маҳдудияте, ки дар қарори Шурои Олии РСС Тоҷикистон аз 5 октябри соли 1990 буд, аз нав барқарор карда шуд (манъи таъсиси сохтори минтақавӣ ва умуман ташкили Ҳизби исломӣ дар Тоҷикистон).

Зери таъсири гирдиҳамоиҳо дар шаҳри Душанбе, фишори дигар қувваҳо ва хулосаи дар боло номбурдаи Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 18 октябри соли 1991, №15) бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 октябри соли 1991 « Дар бораи бекор кардани баъзе санадҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳизбҳои дорои характери динӣ» сархати сеюми қарори Шурои Олии РСС Тоҷикистон аз 5

октябри соли 1990 «Дар бораи мактуби Гадоев С. , Исмонов Д. ва дигарон», қисми чоруми моддаи 7 Қонуни РСС Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» аз 8 декабри соли 1990 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 сентябри соли 1991 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бекор карда шуданд. [2]

Ҳамин тариқ, тамоми санадҳои маҳдудкунандаи таъсиси ҳизби характери динӣ дошта, аз байн бурда шуданд ва Ҳизби назҳати ислом 4 декабри соли 1991 дар Вазорати адлия ҳамчун ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки ибораи «давлати дунявӣ» онро таҷассум мекунад, ки давлат ҳамчун ташкилоте, ки ҳокимиятро ифода ва онро амалӣ мекунад, масъул ва танзимкунандаи оромиву субот, қонунияту тартибот, ҳифзкунандаи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон, ташкилоту муассисаҳо мебошад, аз идеологияи (идеяю андешаҳои) динӣ ва ташкилотҳои динӣ ҷудо мебошад, таҳти таъсири онҳо қарор намегирад, меъёру одату анъанаҳои диниро иҷро намекунад ва худаш мустақилона дар асоси Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муосир (дунявӣ) ҳокимияти давлатиро амалӣ мегардонад.

Ибораи «давлати дунявӣ» инҳоро дар бар мегирад: 1) давлат аз дин вобаста нест ва мустақилона фаъолият худро дар асоси Конститутсия, қонунҳо, ки хусусияти дунявӣ доранд, амалӣ мегардонад; 2) давлат аз ташкилотҳои динӣ ва ташкилотҳои динӣ аз мактаб ҷудо мебошанд; 3) мафкураи ягон дин ҳатмӣ эътироф карда намешавад; 4) меъёрҳои динӣ аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷудо буда, ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мухолиф буда наметавонанд; 5) ташкилотҳои динӣ бояд меъёрҳои ҳуқуқии ба онҳо дахлдоштаро риоя ва иҷро кунанд; 6) тамоми ташкилотҳои динии равияҳои гуногун, ки тибқи қонун таъсис ёфтаанд ва фаъолият мекунанд, баробарҳуқуқанд; 7) аъзои ташкилотҳои динӣ, сарфи назар аз мансубияти диниашон (мазҳабиашон), бо дигар шаҳрвандон баробарҳуқуқанд.

Бояд зикр намоем, ки дар давлати дунявӣ озодии шахс оид ба виҷдон ва эътиқод пурра таъмин мебошад. Ба шахс ҳуқуқ дода мешавад, ки худаш бевосита ва мустақилона муносибати худро нисбат ба дин муайян намояд. Яъне ӯ мустақилона, бе ягон дахолат ва таъсири бегона метавонад ягон дин (мазҳабро) пайравӣ кунад ё ба ягон дин (мазҳаб) пайравӣ накунад, талаботҳои диниро иҷро намояд, дар маросимҳои динӣ иштирок кунад.

Дар давлати дунявӣ, давлат ягон функсияи (самти фаъолияташро) худро ба ташкилотҳои динӣ вогузор намекунад, қарорҳое, ки қабул мекунад, онҳоро бо ташкилотҳои динӣ мувофиқа намекунад, ташкилотҳои динӣ (намояндагони онҳо) низ ба мақомоти давлатӣ ягон супориш дода наметавонанд ва дар раванди идоракунии давлатӣ иштирок намекунанд.

Инчунин давлати дунявӣ маънои онро надорад, ки ташкилотҳои динӣ пурра аз соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷомеа тамоман дур, ҷудо мебошанд. Онҳо як қисми (сохтори) ҷомеа мебошанд, нақши онҳо дар таърихи халқ, тамаддуни он ва таҳкиму рушди ояндаи он низ муҳим мебошанд. Бинобар ин, давлати дунявӣ маънои давлати атеистӣ ва зидидиниро надорад.

***Адабиёт***


1. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, №1 саҳ.29-30.
2. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, №21 мод. 292
3. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1991, №22 мод. 297.
4. Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1990, №19 мод. 324.
5. Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1990, №24 мод. 418


## ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ: МАСОИЛИ КОНСТИТУТСИОНӢ, ИЛМӢ ВА АМАЛӢ


Дар мақола давлати дунявӣ аз нигоҳи конститутсионӣ, илмӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки давлати дунявӣ яке аз арзишҳои муҳимми

давлатдории муосир мебошад ва аксарияти давлатҳои ҷаҳони имрӯзаи пешрафта бо чунин шакли давлатдорӣ пеш мераванд. Дар мақола, инчунин, хусусиятҳои ташаккули ин шакли давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.
**Калидавожаҳо:** Конститутсия, давлати дунявӣ, Ҳукумати муросои миллӣ, Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, давлати исломӣ, ташкилоти динӣ.

## СВЕТСКОЕ ГОСУДАРСТВО: КОНСТИТУЦИОННЫЕ, НАУЧНЫЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ

В статье светское государство исследуется с позиции конституции, науки и практики. Отмечается, что светское государство является одной из важной ценностью современных государств и большинство передовые страны мира развиваются с использованием такой формы государственности. В статье также исследуется особенности формирование светского государства в Республике Таджикистан.
**Ключевые слова:** Конституция, светское государство, Правительство национального примирения, Общее соглашение о мире и национального согласия в Таджикистане, исламское государство, религиозное организации.

## SECULARISM IN TAJIKISTAN: CONSTITUTIONAL, ACADEMIC, AND PRACTICAL PERSPECTIVES

This article explores the development and implementation of a secular state in Tajikistan. It examines the constitutional framework, academic discourses, and practical challenges faced by the country in establishing a secular governance system. The paper also analyzes the role of the Government of National Reconciliation and the General Agreement on Peace and National Accord in shaping Tajikistan's secular identity.
**Keywords:** Constitution, secular state, Government of National Reconciliation, General Agreement on Peace and National Accord in Tajikistan, Islamic state, religious organization.

**Дар бораи муаллиф:**
Зариф Ализода
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: zalizoda@bk.ru

**Об авторе:**
Зариф Ализода
доктор юридических наук, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам
Исполнительный Аппарат Президента Республики Таджикистан
Электронная почта: zalizoda@bk.ru

**About the author:**
Zarif Alizoda
Doctor of Law, Professor
Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on Legal Issues
Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan
Email: zalizoda@bk.ru

ТДУ 340.116+347

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАЗОДУ МУҚОБАЛАҲОИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

***Сангинзод Д. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Сарчашмаи дохилии ҳар як тараққиёт муборизаи зиддиятҳо мебошад. Дар низоми ҳуқуқӣ ин сифат бо ягонагӣ ва муборизаи зуҳуроти фарҳангӣ ва зиддифарҳангӣ ифода меёбад. Фарҳанги ҳуқуқӣ (маърифати ҳуқуқӣ) ва зиддифарҳангӣ ҳуқуқӣ падидаҳои аз ҷиҳати диалектикӣ алоқаманд буда, ба таври объективӣ мавҷуд буда, хусусиятҳои механизми дохилии муайянкунии низоми ҳуқуқро ошкор намуда, инчунин барои фаҳмидани зарурат ва мазмуни самтҳои муайяни такмили он имкон медиҳанд. Зиддифарҳангӣ ҳуқуқӣ маҳсули ташкили ҷамъиятии зиндагии одамон мебошад. Зуҳуроти он зиёд ва гуногунанд. Дар байни онҳо нигилизми ҳуқуқӣ ва меъёрҳои зерфарҳанги ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва зуҳуроти коррупсионӣ, нуқсонҳои техникию ҳуқуқии қонунгузорӣ, хатогиҳои ҳуқуқӣ ва таҳриф дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ғайра мебошанд. Ба муқобили фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир расонидан мумкин аст, аммо онро пурра нест кардан мумкин нест. Вай тамоми ҷанбаҳои манфӣ ва харобиовари падидаҳои ҳуқуқро муттаҳид намуда, шаклҳои гуногуни ифодаи беруна ва роҳҳои таъсиррасониро ба низоми ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Дар баробари ин, ин маҷмӯи механикии ҳама чизи манфии соҳаи ҳуқуқ нест. Инҳо ҳамчун падидаи мураккаби низомнок амал мекунад, ки аз як тараф шаклҳои мустақили баён дошта бошад, аз тарафи дигар, гуё дар «бофтаи зинда»-и падидаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ сохта шуда, хусусияти хоси ҳолати муайяни сифатӣ ва дараҷаи тараққиёти фарҳанги ҳуқуқиро ифода мекунад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ ва зиддифарҳанги ҳуқуқӣ падидаҳои аз ҷиҳати диалектикӣ алоқаманд буда, аломатҳои фарққунандаи онҳо ягонагӣ, мухолифат, зиддият ва низоъ мебошанд. Ягонагии диалектикии фарҳанги ҳуқуқӣ ва зиддифарҳангии ҳуқуқӣ сабабҳо, хусусият ва самтҳои рушди низоми ҳуқуқро инъикос мекунад. Хусусиятҳои асосии зиддифарҳанги ҳуқуқӣ инҳоянд: 1) он порчаи мушаххаси энтропикии воқеияти ҳуқуқӣ мебошад; 2) дар падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, ҳолатҳои сифатии падидаҳои ҳуқуқӣ, тамоюлҳои инкишофи онҳо зуҳур мекунад; 3) характери харобиовар дорад, яъне ба дараҷаи самаранокии қонун ва вазъияти қонуният ва тартибот таъсири манфӣ мерасонад. Шаклҳои зиддифарҳангии ҳуқуқӣ аз рӯи асосҳои зерин тасниф мешаванд: усули объективӣ: моддӣ ва идеалӣ; тарзи кор: фаъол ва ғайрифаъол; хусусиятҳои марҳалаи пайдоиш ва зуҳур: имкон ва воқеият; усули муайянкунии зидди фарҳангии падидаҳои манфии ҳаёти ҳуқуқӣ (яъне хусусияти муносибатҳо): тасодуфӣ, шартӣ ва функсионалӣ; хусусияти дохилӣ: падидаҳои ҳуқуқии инфиродӣ (ҷиноятҳо), ҳолати падидаҳо (норасоиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ), тамоюлҳои инкишофи онҳо[3].

Дар натиҷаи таҳлили асарҳои илмии олимони соҳаи ҳуқуқшиносии кишвар ва давлатҳои хориҷа ба мо муясар шуд, ки чунин падидаҳои зидди маърифати ҳуқуқиро ошкор намоем:

1. Нигилизми ҳуқуқӣ (лотинӣ. nihil —ҳеҷчиз). Нигилизми ҳуқуқӣ зуҳуротест, ки дар муносибати манфӣ ва бепарвоёна ба қонун ва ҳамаи падидаҳои ҳуқуқӣ, инкор намудан ё ба инобат нагирифтани нақш, аҳамият ва арзиши ҳуқуқ дар ҳаёти одамон ифода мегардад. Сабабҳои ба миён омадани нигилизми ҳуқуқӣ ҳолатҳои зерин мебошанд: нокифоя будани сатҳи шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ва фарҳанги ҳуқуқӣ; риоя нагаштани талаботи қонун дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор; ба натиҷаи дилхоҳ наовардани амали қонун; натиҷаи хуб надодани ислоҳоти гуногуни ҳаёти ҷомеа; қонуншиканӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ба таври дахлдор ҳимоя нагаштани

ҳуқуқҳои фард дар натиҷаи бе натиҷа мондани аризаву шикояти одамон дар мақомоти дахлдор; тӯл кашидани муҳлати ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ ва м.и.; сатҳи баланди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар домеа; нокифоягии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза баҳри пешгирӣ ва решакан намудани ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа[5, с. 718].

2. Конформизми ҳуқуқӣ (лотинӣ. conformis — монанд). Конформизми ҳуқуқӣ ҳамчун як шакли рафтори ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар он шахс дар натиҷаи фишори воқеӣ ё хаёлӣ аз ҷониби гурӯҳ мувофиқат бо ақидаҳо, муносибатҳо ва меъёрҳои гурӯҳ ё ҷомеаро бо мақсади қонеъ кардани манфиатҳои шахсӣ нишон медиҳад. Рафтори субъект ба эътиқоди дохилии ӯ мувофиқат намекунад. Конформизми ҳуқуқӣ вобаста ба интихоби шахс аз гурӯҳе, ки арзишҳои онҳо шариканд ва амалҳои худро ҳамоҳанг мекунанд, маънои мусбат ё манфӣ пайдо мекунад, яъне навъи конформизми ҳуқуқӣ ба худи шахс вобаста аст. Дар асоси фаҳмиши конформизм ҳамчун рафторе, ки ба фишори гурӯҳӣ итоат мекунад, шахс ҳадафҳои маҳдуди худпарастии худро пайгирӣ мекунад. Аммо бо муайян кардани чунин ангезаҳо, аз қабили манфиатҳои шахсӣ, хоҳишҳои худхоҳона, мулоҳизаҳои мансабпарастӣ розӣ шудан ҳанӯз душвор аст, зеро бо ангезаи конформистӣ комилан азхуд карда мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки рафтори конформистӣ ҳамчун риояи ғайрифаъол ба талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Рафтори инсон инчунин метавонад амалҳои фаъолро ифода кунад, аммо дар айни замон он аз ангезаи конформистӣ ба вуҷуд меояд[7, с. 74-79].

3. Фетишизми ҳуқуқӣ (фаронсавӣ fetiche — объекти ибодати ноаён). Фетишизми ҳуқуқӣ дар сурати набудани дониши ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, аз ҳад зиёд баҳо додан ба нақши ҳуқуқ, додани маънои ирфонӣ, ҷодугарӣ, эҳсосоти шавқмандӣ дар бораи имкониятҳои низоми ҳуқуқӣ дар танзим ва таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд. Фетишизми ҳуқуқӣ шакли деформатсияи шуури ҳуқуқӣ буда, дар мутлақи нақши ҳуқуқ ва институтҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода ёфтааст[6, с. 15].

4. Инфантилизми ҳуқуқӣ (лотнии infantilis — навзодӣ, кӯдакӣ). Инфантилизми ҳуқуқӣ бо надонистани қонунҳо ё нокифоя донистани қонунҳо, бепарвоӣ нисбат ба низоми ҳуқуқӣ, қадр накардани аҳамияти ҳуқуқ хос аст. Бо вуҷуди ин, рафтори шахс ҳуқуқӣ аст ва ба ӯ қолабҳои рафтори дигарон намуна аст. Инфантилизми ҳуқуқӣ дар илми муосир ҳамчун сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ, ҳисси камолоти масъулият барои рафтори ҳуқуқии худ, сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ ва набудани майл барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ фаҳмида мешавад. Тавсифи инфантилизми ҳуқуқӣ дар сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ, умуман огоҳӣ надоштан аз рӯйдодҳои ҳаёти муосири давлат ва ҷаҳон, надонистани тағйирот дар заминаи меъёрии ҳуқуқии ташкили ҳаёти ҳуқуқӣ ва шарҳи нодурусти мафҳумҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Инфантилизми касбии ҳуқуқӣ бо камтаҷрибагии касбӣ, камолоти психологияи ҳуқуқӣ ва ноустувории таъсири эмотсионалӣ аз берун хос аст[4, с. 86-87].

5. Скептисизмии ҳуқуқӣ (юнонӣ. skeptikos — нобоварӣ). Скептисизми ҳуқуқӣ натиҷаи манфӣ ва маҳсули бавоситаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар илм нуқтаи назари васеъ паҳн шудааст, ки аз рӯи он скептисизми ҳуқуқӣ ҳамчун намуди деформатсияи фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ баромад мекунад, зеро он дар риоя накардан ва надонистани меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин эътиқод ба бесамар ва беэътимодии онҳо ифода меёбад. Вале бояд гуфт, ки скептисизми ҳуқуқӣ дар як шабонарӯз ба вуҷуд наомадааст, вай дар тамоми таърихи мавҷудият ва инкишофи давлат ва ҳуқуқ дар шуури аъзоёни алоҳидаи ҷамъият бо тарзҳои гуногун зоҳир менамуд. Скептисизми як намуди тарбияи ҷаҳонбинии яклухт аст, ки дар фарҳанги муосири аврупоӣ ва тамаддуни умумиҷаҳонии инсоният мавқеи худро ишғол кардааст. Эҳтимол скептисизмро ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ ва ногузир баррасӣ кардан бамаврид аст, зеро ҳатто худи қонун эҳтиёҷоти ҳамаи шахсони дар муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ иштироккунандаро дар ҳолатҳои алоҳида қонеъ карда наметавонад [1, с. 27-28].

6. Синизми ҳуқуқӣ (юнонӣ kynismos). Синизми ҳуқуқӣ ҳамчун деформатсияи шуури ҳуқуқӣ бо донистани хуби қонунҳо, вале муносибати манфӣ ба онҳо, баҳои пасти нақши

ҳуқуқ дар ҷомеа ва рафтори ғайриқонунӣ (асотсиалӣ) инкишоф меёбад. Сеник шахсест, ки қонунҳоро хуб медонад, аммо майл ба вайрон кардани онҳоро доро мебошад, ҳатто содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ дар сурати набудани дониши ҳуқуқӣ бавуҷуд меояд. Инчунин ба ӯ хусусиятҳои аз ҳад зиёд баҳо додан ба нақши ҳуқуқ, ба он додани баҳои мистикӣ, ҷодугарӣ, эҳсосоти шавқангез дар бораи имкониятҳои низоми ҳуқуқӣ барои танзим ва такмил додани муносибатҳои ҷамъиятӣ хос аст. Сеник риояи қонунро ба ғайр аз худаш ба ҳама фарз медонад[2, с. 69-72].

Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ раванди мураккаби дарозмуддатест, ки ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Рушди донишҳои ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон бо ёрии таҳкими амалии волоияти қонун, мавҷудияти илми тавонои ҳуқуқӣ, такмили низоми санадҳои ҳуқуқӣ ба сомон расонида шуда, ба шарофати дар давлат мавҷудияти конститутсияи муассир ҳамчун асоси низомсози низоми ҳуқуқӣ, инчунин қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии баландсифати ҳуқуқӣ ва техникӣ-ҳуқуқӣ сатҳи он баланд бардошта мешавад, ки боиси коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, конформизми ҳуқуқӣ, фетишизми ҳуқуқӣ, инфантилизми ҳуқуқӣ, скептисизмии ҳуқуқӣ, синизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа мегардад.


***Адабиёт***

1. Арутюнов Э.К. Правовой скептицизм как закономерно вытекающее следствие совершенствования государства и права// В сборнике: Модернизация современного общества: инновации, управление, совершенствование: экономические, социальные, философские, политические, правовые, общенаучные закономерности и тенденции : в 3-х частях. Новосибирский государственный технический университет, кафедра «Производственный менеджмент и экономика энергетики», Армавирский институт социального образования (филиал) «Российский государственный социальный университет», ООО «Академия управления». 2015. - С. 27-28.
2. Волик К.Б. Категория правового цинизма// В сборнике: Жизнь права: правовая теория, правовая традиция и правовая реальность. Сборник материалов VII Международной научно-практической конференции, посвящённой 50-летию создания кафедры теории и истории государства и права КубГУ. Кубанский государственный университет, Юридический факультет им. А.А. Хмырова, Кафедра теории и истории государства и права. 2022. - С. 69-72.
3. Карпунина В.В. Правовая антикультура: диссертация ... кандидата юридических наук: 12.00.01.- Владимир, 2011.- 163 с.
4. Кордобовская К.Е. Правовой инфантилизм как явление современной правовой действительности// В сборнике: XI Балтийский юридический форум "Закон и правопорядок в третьем тысячелетии". Материалы международной научно-практической конференции. Отв. редактор С.В. Векленко. Калининград, 2023. - С. 86-87.
5. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.
6. Шадриков В.Д. Проблемы системогенеза профессиональной деятельности. М., 1982. - 185 с.
7. Ягудина А.Ю. Классификация видов правового конформизма// Вестник Саратовской государственной юридической академии. 2019. № 3 (128). - С. 74-79.


## ОИД БА БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАЗОДУ МУҚОБАЛАҲОИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола масоили тазоду муқобалаҳои маърифати ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Муйаян карда шуд, ки ташаккули маърифати ҳуқуқӣ раванди мураккаби дарозмуддатест, ки ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Рушди донишҳои ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон бо ёрии таҳкими амалии волоияти қонун, мавҷудияти илми тавонои ҳуқуқӣ, такмили низоми санадҳои ҳуқуқӣ ба сомон расонида шуда, ба шарофати дар давлат мавҷудияти конститутсияи муассир ҳамчун асоси низомсози низоми ҳуқуқӣ, инчунин

қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии баландсифати ҳуқуқӣ ва техникӣ-ҳуқуқӣ сатҳи он баланд бардошта мешавад, ки боиси коҳиши сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, конформизми ҳуқуқӣ, фетишизми ҳуқуқӣ, инфантилизми ҳуқуқӣ, скептисизмии ҳуқуқӣ, синизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа мегардад.

**Калидвожаҳо:** маърифати ҳуқуқӣ, механизми ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, нигилизми ҳуқуқӣ, конформизми ҳуқуқӣ, фетишизми ҳуқуқӣ, инфантилизми ҳуқуқӣ, синизми ҳуқуқӣ, скептисизмии ҳуқуқӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПРОТИВОРЕЧИЙ И ПРОТИВОСТОЯНИЙ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье изучаются и анализируются вопросы противоречий и противостояний правовых культуры. Определено, что формирование правовой культуры – это длительный, сложный процесс, затрагивающий все стороны общественной жизни. Развитие правовой культуры среди граждан достигалось благодаря практическому укреплению законности, существованию мощной юридической науки, совершенствованию системы правовых актов, благодаря наличию в государстве действующей конституции как основа правовой системы, а также качественные юридические и технические законы и нормативные акты - повышается уровень законности, что приводит к снижению уровня правового нигилизма, правового конформизма, правового фетишизма, правового инфантилизма, правовой скептицизм, правовой цинизма в обществе.

**Ключевые слова:** правовая культура, правовой механизм, правовое регулирование, правовой нигилизм, правовой конформизм, правовой фетишизм, правовой инфантилизм, правовой цинизм, правовой скептицизм.

## ON SOME ISSUES OF CONTRADICTIONS AND CONFRONTATIONS OF LEGAL CULTURE

The article studies and analyzes the issues of contradictions and confrontations of legal culture. It is determined that the formation of legal culture is a long, complex process affecting all aspects of public life. The development of legal culture among citizens was achieved through the practical strengthening of the rule of law, the existence of a powerful legal science, the improvement of the system of legal acts, due to the presence in the state of a valid constitution as the basis of the legal system, as well as high-quality legal and technical laws and regulations - the level of legality increases, which leads to a decrease in the level of legal nihilism, legal conformism, legal fetishism, legal infantilism, legal skepticism, legal cynicism in society.

**Keywords:** legal culture, legal mechanism, legal regulation, legal nihilism, legal conformism, legal fetishism, legal infantilism, legal cynicism, legal skepticism.

**Дар бораи муаллиф**
Сангинзод Дониёр Шомаҳмад
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ,
Муовини ректор оид ба корҳоии илмӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mail.ru

**Об автор**
Сангинзод Дониёр Шомахмад
доктор юридических наук, профессор кафедры права факультета истории и права
Заместитель ректора по научной работе
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, Адрес: 734003, ш. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

**About the author**
Sanginzod Doniyor Shomakhmad
Doctor of Law, Professor of the Department of Law, Faculty of History and Law,
Deputy rector for scientific affairs
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Address: 734003, sh. Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

ТДУ 343.352.4.351

# НАҚШИ ДАВЛАТИ БОСАМАР ДАР МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ВА ТАКМИЛИ ТАДБИРҲОИ СИЁСИЮ ИДОРАКУНӢ ДАР МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

***Қозиён Ш. Қ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар замони ҳозира накш ва вазифаҳои давлат дар иқтисодиёт мавриди бозбинӣ қарор мегирад. Азбаски тағйироти сифатии ба таври объективӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосир ҷараёндошта ногузир боиси тағйироти моҳияти давлат гардиданд, ҳамзамон рушди заминаи иқтисодию иҷтимоии давлат дар муқоиса бо унсурҳои маҷбуркунии ҳокимияти он бо суръат тавсеа меёбад. Ҳамакнун, давлат бештар аз ҳама, ба неруи созмондиҳандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳомии манфиатҳои шахсӣ ва умумии одамон мубаддал мешавад. Ин равандҳо як силсила назарияҳоро ба монанди «давлати рифоҳи умумӣ», «демократияи чандандешӣ», «давлати ҳуқуқбунёд» ва ғайра ба вуҷуд оварданд.

Дар марзи асри XXI зарурати тақвияи нақши давлат дар идоракунӣ ва танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва эҷоди давлати босамар ба масъалаи мубрами замон табдил ёфт. Дар гузориши Бонки Умумиҷаҳонӣ –«Давлат дар ҷаҳони тағйирёбанда» (соли 1998 интишорёфта) қайд карда мешавад, ки «давлати босамар барои пешниҳоди молҳо ва хизматрасониҳо, инчунин ташкил намудани муассисаҳое, ки шукуфоии бозорҳоро барои тарзи зиндагии саодатманд ва солим имконпазир месохтанд, ҳаётан муҳим мебошад. Бидуни ин рушди устувор ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ имконнопазир хоҳад буд». Метавон гуфт, ки ин гузориш такони навине дар пажӯҳишҳои афзалиятҳои нави давлат дар шароити кунунӣ гардид. Баъди солҳои 2000-ум дар нашрияҳои байналмилалии ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ теъдоди хеле зиёди таълифоти илмӣ бахшида ба масъалаи мазкур ба нашр расонида шуданд. Чунончи, ҳанӯз соли 2001 М.Фридман дар тафсири худ аҳаммият ва афзалиятҳои афзояндаи давлатро қайд намуда буд. Аз ҷумла, номбурда гуфта буд, ки «10 сол пеш ман барои кишварҳои пасошӯравии гузаранда ба иқтисотиёти бозорӣ се калимаро такрор мекардам: хусусигардонӣ, хусусигардонӣ, хусусигардонӣ. Аммо ман иштибоҳ мекардам, маълум шуд, ки риояи қонуният муҳимтар аз хусусигардонӣ будааст».

Дар китоби файласуф ва сотсиологи маъруф Ф.Фукуяма «Давлати муқтадир», ки соли 2004 аз чоп баромад, асоснок шудааст, ки яке аз муҳимтарин проблемаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ сохтани давлати муқтадир мебошад. Тайи даҳ соли охир таълимот дар бораи давлат дар чаҳорчӯби самти нави илмӣ рушд намудааст. ки он иқтисодиёти конститутсионӣ ном дорад. Ин самти илмӣ, ки ҷанбаи байнифаннӣ дорад, талошҳои ҳуқуқшиносон, иқтисодшиносон, сотсиологҳоро барои равшан намудани сатҳи нуфузи ҳуқуқи конститутсионӣ дар қабули муҳимтарин қарорҳои (стратегии) иқтисодии ташкилдиҳандаи моҳияти сиёсати иқтисодии давлат муттаҳид мекунад.

Қобили қайд аст, ки иқтисодиёти конститутсионӣ, ки ҳадафи он таҳлили маҷмӯии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии проблемаҳои рушди иқтисодӣ ва таъминоти иқтисодӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, инчунин, таъсири мутақобилаи омилҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ҳангоми қабули қарорҳои давлатӣ ҳамчун самти нави илмӣ мебошад, дар соли 1986 эътирофи пурра ёфтааст.

Дар асари охири Бюкенен масъала оид ба имконияти инқилоби конститутсионӣ дар ҷомеаи демократӣ матраҳ мегардад, ки он бояд ба ташаккули иқтисодиёти конститутсионӣ – иқтисодиёти қодир ба боздоштани рушди бебандубори дастгоҳи давлатӣ ва тахти назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор додани он қодир бошад. Ахиран, ин самти илмӣ на танҳо ба туфайли талошҳои иқтисодшиносони ғарбӣ рушд мекунад, балки аз соли 2000 дар

кишварҳои дигар низ ба ин проблема таваҷҷуҳ мекунанд, то кунун бисёр рисолаҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои иқтисодиёти конститутсионӣ таълиф ва таҳия шудаанд.

Дар кишварҳои ғарбӣ натиҷаҳои пажӯҳишҳо оид ба масъалаҳои назария ва амалияи давлат дар чаҳорчӯби иқтисодиёти давлатӣ ба таври доимӣ дар маҷаллаи махсус таъсисшудаи академии «Constitutional Political Economy» (Иқтисоди сиёсии конститутсионӣ), ки аз соли 1990 ба чоп мерасад, мавриди баррасӣ ва мунташир мегарданд. Маводи нашрияи мазкур дар маҷаллаҳое аз қабили «Ҳуқуқ ва иқтисодиёт», «Қонунгузорӣ ва иқтисодиёт», «Маҷаллаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии хориҷӣ», ки дар онҳо бахши доимии «Иқтисодиёти конститутсионӣ» аз соли 2006 амал мекунанд, ба чоп мерасад. Дар ҳоли ҳозир бозбинӣ ва дастури нав дар мавриди афзалияти давлат ва аҳаммияти он барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба як силсила равандҳои объективӣ, ки дар рушди иқтисодии ҷаҳонишудаи ҷаҳонӣ ҷараён доранд, асос ёфтааст.

Бинобар ин, дар гузориши Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳти унвони «Давлат дар ҷаҳони тағйирёбанда» саъй шудааст, ки равандҳои иқтисодии ҷаҳонишавӣ аз равзанаи иқтисодиёти конститутсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар гузориш аз ҷумла қайд карда мешавад, ки «тағйироти ҷиддӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон моро водор месозад, ки дубора ба саволҳои асосӣ дар бораи давлат посух пайдо кунем… Бо ёрии давлат дар соҳаҳои таҳсилот, тандурустӣ ва инчунин дар соҳаи коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ комёбиҳои назаррас ба даст оварда шуда буд. Аммо амалиёти давлат ба натиҷаҳои ҳузновар ҳам боис шуда буд. Ва ҳатто дар он ҷойе, ки давлат дар гузашта вазифаҳои худро ба хубӣ иҷро карда буд, бисёриҳо дар ташвиш мебошанд, ки вай наметавонад бо талаботи иқтисодиёти ҷаҳони дар раванди ҷаҳонишавӣ қарордошта мутобиқат намояд. Талаботи самаранокии давлат дар бисёр кишварҳои дар ҳоли рушд, ба нуқтаи доғи бӯҳронӣ расиданд, ки дар он ҷо ҳукуматҳо наметавонанд, ҳатто чунин неъматҳои бунёдӣ, аз қабили ҳуқуқи моликият, роҳҳо, хизматрасонии оддии тандурустӣ ва таҳсилотро таъмин намоянд… Сабаби ниҳоии он ки низомҳои ҳукмрон дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Аврупои Шарқӣ фурӯ рехтанд, ба муддати тӯлонӣ иҷро карда нашудани ваъдаҳо аз тарафи онҳо буд. Фурӯпошии системаи банақшагирии марказонидашуда проблемаҳои навро ба вуҷуд овард».

Ҷамъбасти таҳқиқоти дар адабиёти иқтисодӣ вуҷуддошта оид ба соҳаи назария ва амалияи танзими давлатӣ имкон дод, ки равандҳои объективии рушди иқтисодии ҷаҳон, ки зарурати бозбинии нави проблемаи давлат ва аҳаммияти онро барои болоравии иқтисодиёт талаб мекунад, амалӣ карда шавад.

Якум, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аксарияти кишварҳои ҷаҳон корношоямӣ ё «нокомӣ» -и ба истилоҳ созиши Вашингтонро исбот намуд. Зеро асоси ғоявии ин созишро ҳаддиақалсозии нақши давлат дар иқтисодиёт ва хориҷ намудани вай аз мадори равандҳои иқтисодие аз қабили моликият, нархгузорӣ, фаъолияти иқтисодии берунӣ ва ғайра, ки омилҳои асосии рушди иқтисодӣ мебошанд, ташкил мекард. Кишварҳои дар ҳоли рушд асли (принсип) фаъолияти Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) –ро интиқод мекунанд, чунки бисёр тавсияҳои он ба натиҷаҳои баракси чашмдошт боис шуданд. Кишварҳои дар ҳоли рушд айни замон, бо ҷойи он, ки «барои замонависозии иқтисодиёти худ маблағҳо пайдо намоянд, маҷбуранд, ки зери фишори берунӣ реҷаи сарфакориро роҳандозӣ намоянд, то ки бо кредиторҳои Ғарб қарзҳои худро пардозанд».

Дувум, амсилаи иқтисодии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва комёбиҳои онҳо дар рушди иқтисод, аслан ба назарияҳо ва тавсияҳои комёбиҳои иқтисодии анъанавӣ ва неоклассикӣ рост намеоянд. Худвижагии ҳамкории давлат ва иқтисодиёт, ки дорои шаклҳои ба қадри кофӣ мураккаб мебошад, падидаҳои нави давлатро нишон медиҳад.

Севум, охирин бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодиро метавон ҳамчун бӯҳрони системаи танзими давлатии сармоядорӣ тавсиф намуд. Азбаски сабаби пайдоиши бӯҳрон аз тарафи ИМА бардошта шудани як силсила маҳдудиятҳо оид ба танзими бозорҳои молиявӣ, инчунин муфлисшавии сохторҳои иқтисодӣ, ки таҳти сарпарастии давлат (ва ширкатҳое, ки

бухронро оғоз карда буданд), Ҷ. Стиглитс вазъияти кунунии ИМА-ро дар ҷаҳон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, қайд намуда буд, ки системаи сиёсӣ нуқсонҳо дар фаъолияти бозорро ислоҳ карда наметавонад, системаи иқтисодӣ ва сиёсӣ бунёдан қодир нестанд барои ҳама имкониятҳои баробарро таъмин намоянд.

Чорум, сабақи бухрони ҷаҳонӣ аксарияти кишварҳоро маҷбур намуд, ки тарҳҳои ниҳодиро дар низоми хоҷгидорӣ тағйир диҳанд, яъне равандҳои баъдибухронӣ бо тақвияи нақши танзимкунандаи давлат дар соҳаи сиёсати иқтисодии дохилӣ, инчунин густариши нуфузи давлат дар танзими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ҳамроҳ бошад. Агар дар солҳои 80-ум ва 90-ум дар ҳолати бухронӣ тавсияҳои умумӣ оид ба устуворсозии иқтисодиёт ба маҳдудкунии нақши давлат ва либерализатсия хулоса мешуда бошад, он гоҳ акнун тавсияҳо ҷанбаи баракс пайдо кардаанд.

Панҷум, дар асри XXI омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва афзоиши сатҳи рақобатпазириии иқтисодиёти кишвар пешравиҳои инноватсия ва технологияҳои навин гардиданд. Ин бошад, мустақиман бо стратегияи инноватсионии давлат вобастагӣ дорад. Ҳамон тавре, ки Э.Райнерт дуруст қайд мекунад: «ихтироот ва инноватсияҳо дар бозорҳои озод бидуни дахолати давлат наметавонистанд арзи вуҷуд намоянд» ё ки Ҷ.Стиглитс ба нобарориҳои ИМА дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ дастовардҳои Хитойро муқобил мегузорад, махсусан, дар соҳаи дастгирии навгониҳо, ки бо хатари нобарорӣ тавъам аст. Дастгирии қарорҳои таваккалӣ ин худ ҳимояи инноватсияҳо мебошад ва сиёсати илман асоснокшудаи иқтисодӣ дар соҳаи инноватсияҳо талафоти иқтисодиётро дар робита бо навгониҳои нобарор чандкарата ҷуброн мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон соҳаҳои таҳсилот ва тандурустӣ фасодзадатарин соҳаҳо ба шумор меравaнд. Аз рӯйи хулосаҳои сарвари Палатаи ҳисоб Дилмурод Давлатзода маълум гардид, ки тайи ду соли фаъолияти Палата, тақрибан 340 санҷиш гузаронида шуда, аз рӯйи ҷамъбасти онҳо ба буҷети давлатӣ зиёда аз 85 миллион сомонӣ баргардонида шудааст. Назар ба маълумоти сарвари Палата танҳо дар натиҷаи санҷиши аудитории Бонки миллӣ, дар дастгоҳи марказии Бонки миллӣ ба маблағи 15 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шуд, ки аз он ба буҷети давлатӣ танҳо 61% барқарор карда шуд. Дар робита бо ин қазия аз тарафи Президенти ҶТ бо Палатаи ҳисоб супориш дода шуд, ки ҳар сол фаъолияти молиявии Бонки миллиро аз санҷиш гузаронад. Собиқ директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Абдуфаттоҳ Ғоиб дар гузориши худ оид ба фаъолияти 5-солаи Агентӣ дар ҳузури аъзои Шӯрои амният изҳор дошт, ки дар ин муддат аз тарафи Агентӣ ба андозаи тақрибан 1 миллиард сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардида, ба буҷети давлатӣ тақрибан 600 миллион сомонӣ баргардонида шуд.

Чунончи, тибқи гузориши ӯ дар сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ - 70 ҷиноят, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ -57 ҷиноят, Вазорати корҳои дохилӣ – 46 ҷиноят, Вазорати нақлиёт – 16 ҷиноят, Вазорати кишоварзӣ – 16 ҷиноят ошкор гардид. Ҳамчунин, дар Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезия – 36 ҷиноят, Кумитаи андози назди ҳукумати ҶТ – 18 ҷиноят ва дар сохторҳои бонкии кишвар – 127 ҷиноят ошкор шудааст.

Аз шумораи умумии ҷиноятҳои ошкоргардида 224 ҳолатро кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ содир намудаанд.

Ҳамчунин ба сифати мисол метавон аз корманди КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ном бурд, ки нафақаи моҳонаи ӯ 1817 сомонӣ буда, дар муддати чор сол 72 ҳазор сомониро ташкил намудааст ва ин далелҳои таъйини ғайриқонунии нафақаи маъюбӣ аз тарафи кормандони Агентӣ ошкор карда шуд. Чунончи, тайи соли 2014 теъдоди 37 548 нафар нафақахӯрон барои муайян кардани гурӯҳи маъюбӣ аз комиссияи тиббӣ гузаронида шуданд. Дар натиҷа гурӯҳи маъюбии 10 ҳазору 872 нафар бекор карда шуд, ки ин 30% шумораи умумии маъюбони нафақахӯри кишварро ташкил менамуд. Аз ҷумлаи онҳо 7 ҳазору 46

нафар комилан сиҳат буда, бақия бо роҳи ғайриқонунӣ гурӯҳи маъюбиро иваз карда буданд. Маблағи умумии зарар аз рӯйи ҳисоби Агентӣ 14 миллиону718 ҳазор сомониро ташкил медиҳад».

Аз тарафи мақомоти зиддикоррупсионии кишвар чандин гурӯҳҳои қаллобоне ошкор карда шуданд, ки ба муомилаи ғайриқонунии хариду фурӯши қитъаҳои замин машғул буданд. Аъзои гурӯҳи мазкур қитъаҳои заминро ҳатто дар дурдасттарин ноҳияҳои кишвар хариду фурӯш мекард. Ҳамчунин аз тарафи бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза коррупсияи нисбат ба ну нафар муфаттишони РВКД дар шаҳри Душанбе парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд, ҳар ду ба гирифтани ришва гумонбар мебошанд.

Ҳамакнун мубориза бо коррупсия яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз тарафи роҳбарияти кишвар ҳам аз лиҳози амалӣ ва ҳам аз нигоҳи қонунгузорӣ чунон тадбирҳое андешида мешаванд, ки мутаносиб бо таҳдидҳои падидаи мазкур бошад. Мутобиқи таҳқиқоти созмони байналмилалии Transparency International, ки ба омӯзиши проблемаҳои коррупсия дар кишварҳои гуногун машғул вст ва ҷойи онҳоро дар ҷадвали дараҷаи фасодзадагӣ муайян мекунад, Тоҷикистон нишондиҳандаҳои худро дар мубориза бо ин падида беҳтар менамояд. Дар ин хусус баҳои мусбати созмони мазкур ба вазъияти ташкили мубориза бо коррупсия солҳои охир дар кишвари мо шаҳодат медиҳад.

Қобили қайд аст, ки ин пеш аз ҳама, ба сиёсати пайгирона ва муассири роҳбарияти кишвар, инчунин фаъолияти бо ҷидду ҷаҳд ва самарабахши идораву мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, солҳои ахир дар робита бо ошкорсозӣ ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошад. Солҳои охир кормандони идорот бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориҳои самарабахш доранд, дар миёни ҳамаи қишрҳои аҳолӣ ҳамарӯза корҳои таблиғотӣ ва тавзеҳотиро роҳандозӣ мекунанд, бад-ин васила оид ба ошкорсозии ҷиноятҳо ва аз миён бурдани шароити мусоидаткунанда ба ҷиноятҳои коррупсионӣ беш аз пеш малака ва маҳорат ба даст меоваранд.

Дар ин робита, ҳамкориҳои наздик бо ОЭСР ба роҳ монда шуда, ҳамасола гузоришҳои ҳам фосилавӣ ва ҳам аз рӯйи натиҷаҳои мониторингҳои аз тарафи созмони мазкур баргузоршаванда таҳия карда мешаванд. Бисёр тавсияҳои созмони номбурда тағйироти бунёдиро ба қонунгузорӣ талаб мекунанд, ки ин қабил тағйирот ба низоми ҳуқуқии кишвари мо созгор нест. Аз ҷумла, ба сифати мисол метавон тавсияи криминаликунонии ҳамаи шаклҳои ришвахӯриро зикр намуд, яъне ҳам ваъда ё қавли пешакии додани ришва ва гирифтани он, ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҳуқуқӣ куллан ба асосҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва Конститутсияи кишвари мо созгор нест. Ғайр аз ин, аз 12 тавсияи қисман иҷрогардида, аксарияти онҳо аз тарафи экспертҳои ин созмон аз рӯйи натиҷаҳои Ҳисоботи фосилавӣ дар моҳи сентябри соли 2014 мусбат арзёбӣ шуда буданд. Қобили зикр аст, ки баъзе тавсияҳо ҷанбаи мубоҳисавӣ доранд, зеро амалисозии онҳо ҳам дар амалия ва ҳам дар қонунгузории кишвари мо ҷой доранд ва бинобар ин, лозим меояд, ки дар ҷаласаҳои ҳарсолаи Ҳисобот дар қароргоҳи созмони ОЭСР дар Париж бо овардани маводи дахлдори исботкунанда мавқеи худро бо исрор ҳифозат намоем.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза коррупсияи ҶТ дар муддати 11 моҳи соли 2014 1384 ҷиноятҳои коррупсиониро ошкор намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 184 ҷиноят бештар мебошад. Аз онҳо 403 ҳолат ҷиноятҳои вазнин мебошанд. Дар соли 2015 дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ошкорсозии чунин ҷиноятҳо, аз қабили пораҳӯрӣ, қаллобӣ, худдории бадқасдона аз пардохти андозҳо афзоиш ёфт. Дар робита бо иҷрои моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» аз тарафи кормандони Агентӣ иқдомоти муайян амалӣ карда шуд. Аз ҷумла, дар муддати 11 моҳи соли 2014 29 ҳолати хизмати якҷояи хешовандони наздик ошкор карда шуд, ки мухолиф бо моддаи зикршудаи Қонуни номбурда мебошад. Аз рӯйи далелҳои ошкоргардида огоҳинома оид ба бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ирсол карда шуданд. Дар ҳамаи ҳолатҳо шахсони

зикршуда аз вазифаҳои ишғолкардаашон сабукдӯш карда шуданд ва санҷишҳо гузаронида шуданд. Дар сомонаи ҳафтаномаи «Фараж» рӯйхати калони кормандони Фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе мунташир гардид, ки ҳамаи онҳо хешовандони ду раҳбари Фурӯдгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе будаанд.

Тибқи нақшаи кории Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии ҶСШК «Фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе» ва амалисозии лоиҳаи «Сохтмони терминали байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе» гузаронида шуд. Баъд аз хотима ёфтани чорабиниҳои санҷишӣ дар бораи парвандаҳои марбут ба муомилаҳои коррупсионӣ иттилооти муфассал пешниҳод гардид. Дар рафти санҷиш баъзе далелҳои номувофиқатии вазифаҳои ишғолкардаи баъзе кормандони фурӯдгоҳ бо талаботи тахассусии онҳо ошкор гардид. Ҳамчунин шартномаҳои бо ширкатҳои давлатӣ ба имзорасида дар бораи расондани таҷҳизот барои терминали Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе, дақиқан шартнома оид ба лизинг миёни ҶСШК «Фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе» ва ҶШК «Ютейр-Лизинг» мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Аз тарафи кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди ҷиноятҳои калони аз тарафи шахсони мансабдори сатҳҳои гуногун содиргардида ошкор карда шуда, нисбат ба онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд.

Вобаста ба вазъияти ба миёномада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раҳбарии Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, раиси Шӯрои амнияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаҳои Шӯрои амнияти кишвар баргузор мегардад, ки дар он масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ, мубориза бо коррупсия ва ҳимояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Тавре ки дар боло зикр гардид, Пешвои миллат коррупсияро «тамоюли хатарноки зиддидавлатӣ» номида, борҳо таъкид кардааст, ки ин омили манфӣ ва нангин боиси коҳишёбии обрӯйи давлат ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар мегардад. Дар робита бо он зарурати тақвияи интизоми молиявӣ, истифодаи боамар ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, роҳ надодан ба хароҷоти беҳуда ва роҳандозии мубориза беҳамона бар зидди коррупсия такид мегардад. Ба тақвияти мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи тақсими қитъаҳои замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дар соҳаи таъйини нафақаҳои оид ба маъюбӣ таваҷҷуҳ дода мешавад. Супориш дода шуд, ки аз як модда ба моддаи дигар интиқол додани маблағҳои буҷетӣ қатъиян манъ карда шуда, маблағҳои барзиёд ба буҷети давлатӣ баргардонда шаванд.

Сарвари давлат ба раҳбарони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати адлия, Суди Олӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар ва дигар сохторҳои интизомӣ супориш додааст, ки барои решакан намудани коррупсия дар сафҳои худ тамоми тадбирҳоро андешанд.

Тағйирёбии сиёсати давлат боиси таҳаввули зуҳуроти шаҳрвандии мутобиқ бо навъи худи рушди таърихӣ мегардад. Асоси амалии системаи зиддикоррупсионии ҷомеа бояд маҷмӯаи иқдомоти иқтисодии равонашуда ба ташаккули сатҳи баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва самтгиришуда ба сатҳҳои гуногуни мавҷудияти ҷомеа бошад, зеро муносибатҳои иҷтимоии ҷомеаи мазкур ҳамчун зуҳуроти ҳамон фарҳанги чамъиятӣ амал мекунанд, ки аз зербинои иқтисодӣ бармеояд. Ба авлавиятҳои сиёсати давлат, бо дарназардошти муҳимтарин тамоюлоти рушди ҷаҳонӣ бояд инҳоро мансуб донист: рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, фароҳам овардани ҳамаи шароит ва имкониятҳо барои амалисозии ибтикороти ақлонӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ ва ғайраи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, тақвия бахшидани нақши илм ва фарҳанг ҳамчун муҳимтарин омилҳои инкишофи ҷомеа. Ва ин ҳама, дар радифи якбора баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ боиси болоравии савияи коромад ва масъулияти воқеии намояндагони ҳамаи шохаҳои ҳокимият мегардад, ки аз тарафи ҷомеа барои иҷро намудани мақсади асосӣ – баланд бардоштани дараҷа ва сифати зиндагии ҳамватанон кироя ё интихоб шудааст.

Ҳамакнун бидуни давлати неруманд ва дастгиришаванда аз тарафи иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ, ки қодир ба ҳимояи шаҳрвандони худ аз хатари таҳдидҳои хориҷӣ ва дохилӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии қишри камбизоати ҷомеа (собиқадорони меҳнат, нафақахӯрон, беморони вазнин, кӯдакон ва ғайра) набошад, инчунин бидуни ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии коршоям низоми давлатдорӣ маҳкум ба нокомӣ хоҳад гардид. Барои шаҳрвандоне, ки мавқеи шаҳрвандии худро дар паси «давраи шӯравӣ» пинҳон дошта, ба ҳайси як ҷомеаи воҳиди фаъол баромад намекунанд, фаъолияти давлат бояд ба сифати як навъ омили системасози ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад. Асоси сиёсати ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аз инҳо иборат аст: сиёсат дар соҳаи таҳсилот, сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иҷтимоӣ. Ташаккули насли нави намояндагони соҳибкории асосёфта ба тарбияи масъулияти иҷтимоии бизнес ва рушди муносибатҳои ҳамшарикии иҷтимоӣ нақши назаррасро иҷро мекунанд.

Барои барқарории ҳамшарикии созмонҳои давлатӣ, ғайритиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ ҳадди ақал. тақрибан муқаррар гардидани мавқеъҳои онҳо, инчунин талош барои гуфтугӯҳои ошкоро, ҳамкории доимӣ дар коркарди гунаҳои қарорҳо ва амалисозии онҳо шароити ҳалкунанда ба шумор мераванд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар самарабахш хоҳад буд, агар давлат дар он на душман, балки иттифоқчии худро дар фаъолияти зиддикоррупсионӣ бубинад.

***Адабиёт***

1. Адринов, В. Коррупция как глобальная проблема современности. Общество и экономика [Текст] /. В. Адринов. 2008. №3-4.
2. Астарин, В.В. Организованная преступность [Текст] / В.В. Астарин. М., 1996.
3. Алякринского, О.А. Сюзан Роуз-Аккерман. Коррупция и государство. Причины, следствия, реформы. Перевод с английского О.А. Алякринского. - М. Логос. 2003.-С.43-44.
4. Абакумов, С.А. Гражданское общество в России (от древной Руси до наших дней) [Текст] /. С.А. Абакумов. «Имидж-Пресс», 2004. –С.73-74.
5. Аузан, А., Тамбовец В. Экономическое значение гражданского общества [Текст] / А. Аузан, В.Тамбовцев. Вопросы экономики. 2005. №5. – с.28-49
6. Абакумов, С.А. На пути к гражданскому обществу. Книга VI. Гражданское общество и власть: противники или партнеры? / С.А. Абакумов – М., Галерия, - 2005.
7. Алиҷонов, Ҷ.А. Макроиқтисод. [Текст]/. Сумани Қудрат, Ҷ.А. Алиҷонов. Душанбе., 2011. 384 с.
8. Abueva, Jose V. 1966. «The Contribution of Nepotism, Spoils, and Graft to Political Development», East-West Center Review 3: 45-54. Aderinwale, Ayodele (ed). 1994.
9. Albert H. The Neglect of Sociology in Economic Science / H. Albert. In: Powerin Economics.
10. Азизкулова, Г.С. Экскурс в историю коррупции государственных служащих// Таджикистан и современный мир. Г.С. Азизкулова. Вестник ЦСИ № 2 (6) 2005 стр. 54-60.
11. Асадуллоев, Р.Н. Ҷавонон дар ҷараёни демократикунонии ҳаёти мамлакат (дар мисоли Тоҷикистон). [Текст] /.Р.Н. Асадуллоев. – Душанбе: Сарпараст, 2004. - С.143.

## НАҚШИ ДАВЛАТИ БОСАМАР ДАР МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ВА ТАКМИЛИ ТАДБИРҲОИ СИЁСИЮ ИДОРАКУНӢ ДАР МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Дар замони ҳозира нақш ва вазифаҳои давлат дар иқтисодиёт мавриди бозбинӣ қарор мегирад. Азбаски тағйироти сифатии ба таври объективӣ дар ҳаёти ҷомеаи муосир ҷараёндошта ногузир боиси тағйироти моҳияти давлат гардиданд, ҳамзамон рушди заминаи иқтисодию иҷтимоии давлат дар муқоиса бо унсурҳои маҷбуркунии ҳокимияти он бо суръат тавсеа меёбад. Ҳамакнун, давлат бештар аз ҳама, ба неруи созмондиҳандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳомии манфиатҳои шахсӣ ва умумии одамон мубаддал мешавад. Ин равандҳо як силсила назарияҳоро ба монанди «давлати рифоҳи умумӣ», «демократияи чандандешӣ», «давлати ҳуқуқбунёд» ва ғайра ба вуҷуд оварданд.

**Калидвожаҳо:** коррупсияи ғайридоимӣ (алоҳида), коррупсияи сиёсӣ, коррупсияи маишӣ, коррупсияи тиҷоратӣ, коррупсияи ғайримутамарказ (хориҷӣ), иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва амният.

## ЭФФЕКТИВНОЙ РОЛЬ СТРАНЫ В БОРЬБЕ С КОРРУПЦИЕЙ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ И УПРАВЛЕНЧЕСКИХ МЕР В ОРГАНАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

В настоящее время задачи государства играют роль в экономике. Поскольку существенные качественные изменения в жизни современного общества неизбежно приводят к изменениям в сущности государства, одновременно ускоряется развитие экономической и социальной базы государства по сравнению с элементами принуждения его власти. Кроме того, государство все чаще превратится в энергию созидателя социально-экономической жизни во внутренние интересы личности и людей. Эти процессы создали ряд теорий, таких как «государство общей рифмы», «плюралистическая демократия», «правовое государство» и т. д.

**Ключевые слова**: незаконная коррупция (отдельное), политическая коррупция, местная коррупция, коммерческая коррупция, косвенная (иностранная), экономическая, правовая и безопасность.

## EFFECTIVE ROLE OF THE COUNTRY IN THE FIGHT AGAINST CORRUPTION AND IMPROVEMENT OF POLITICAL AND MANAGERIAL MEASURES IN PUBLIC AUTHORITIES

Currently, the state's tasks play a role in the economy. Since significant qualitative changes in the life of modern society inevitably lead to changes in the essence of the state, at the same time the development of the economic and social base of the state is accelerated in comparison with the elements of coercion of its power.

In addition, the state will increasingly turn into the energy of the Creator of social and economic life in the internal interests of the individual and people. These processes have created a number of theories, such as "the state of common rhyme", "pluralistic democracy", "the rule of law"and etc.

**Keywords:** illegal corruption (separate), political corruption, local corruption, commercial corruption, indirect (foreign), economic, legal and security.

**Дар бораи муаллиф**
Қозиён Шариф Қозӣ
н.и.ҳ., д.и.с. профессор, мудири кафедраи ҳуқуқ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Тел: (+992) 907442999;
Почтаи электронӣ: sharifhasanov@mail.ru

**Об автора**
Козиён Шариф Кози
к.ю.н., д.п.н., профессор, заведующий кафедрой право
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни,
Тел.: (+992) 907442999;
Электронная почта: sharifhasanov@mail.ru

**About the author:**
Qoziyon Sharif Qozi
candidate of juridical sciences, doctor of political sciences, professor, head of the Chair of Law
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
Tel.: (+992) 907442999;
E-mail: sharifhasanov@mail.ru

ТДУ 347.961.1(575.2)

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ОЛИМИ ҲУҚУҚШИНОС

***Сангинзод Д. Ш., Абдуллозода М. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш санаи 1-уми сентябри соли 2023 таъкид намуда буданд, ки: "Рушди босуръати техникаву технологияҳои муосир, ҷаҳонишавии низоми маориф, омезиш ва ба ҳам наздикшавии фарҳангу тамаддунҳо моро водор месозад, ки зимни татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ҷиҳати ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ хеле эҳтиёткор бошем. Дар ин раванд, мо бояд беҳтарин унсурҳои низоми маорифи ҷаҳони мутамаддинро интихоб намуда, пас аз таҳлилу омӯзиши дақиқ аз ҷониби олимону муҳаққиқони соҳаи омӯзгорӣ, мутахассисони мактабшинос ва бо ҷалби дигар мақомоти масъул онҳоро бо арзишҳои миллии соҳаи маорифи мамлакат мутобиқ сохта, пас аз гузаронидани озмоишҳои ҳамаҷониба ҷиҳати амалӣ сохтани ҳама гуна навоварӣ дар низоми маорифи мамлакат чораҳои зарурӣ андешем" [5].

Дар заминаи гуфтори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудан ба маврид аст, ки ин вазифаи пурмасъулро олимону омӯзгороне ба сомон мерасонанд, ки дорои маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ мебошанд. Маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ донишҳои илмиро дар бораи моҳият, хусусият ва таъсири мутақобилаи падидаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад. Маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ ба дониши кулли механизми танзими ҳуқуқӣ асос ёфта, дар сатҳи назариявӣ бо кӯшишҳои дастаҷамъии ҳуқуқшиносон, файласуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон ва олимони соҳаҳои дигар ташаккул ёфта, сарчашмаи идеявию назариявии ҳуқуқро ифода мекунад. Маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ шарту воситаи зарурии такмили қонунгузорӣ, рушди илм ва тайёр намудани мутахасисони ҳуқуқшиноси ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад.

Фаъолияти илмию назариявӣ тамоми хусусиятҳое, ки ба дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ хосанд, фаро мегирад. Марҳилаҳои зерини татбиқи фаъолияти илмию назариявӣ ҳуқуқӣ ҷой доранд: таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва шароити ташаккули таълимоти ҳуқуқӣ; таҳияи заминаи консептуалӣ ва назариявии таълимоти ҳуқуқӣ (ғояҳо, ақидаҳо, муқаррарот, тезисҳо ва дигар ҷузъҳо); санҷиши амалӣ ва қонунӣ гардонидани доктринаҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ; таҳлил ва ба низом даровардани натиҷаҳои дар амал татбиқ намудани доктринаи ҳуқуқӣ; таҳияи назарияи таълимоти ҳуқуқӣ ва тасҳеҳи принсипҳои амалии татбиқи он (қонунӣ гардонидан, табдил додан, қатъи истифода ва ғайра) [6, с. 5-21].

Ҳуқуқшиносе дорои маърифати ҳуқуқии илмию назариявии сатҳи баланд мебошад, ки дорои дониши доктриналии ҳуқуқӣ аст.

Дониши доктриналии ҳуқуқӣ дар хусусиятҳои зерин ифода меёбад:

1. Хусусиятҳои касбии корпоративӣ ва махсуси ҳуқуқӣ. Яъне ба шарофати ҷомеаи касбии ҳуқуқшиносон ва мактабҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ дар асоси кори таҳлилӣ бо ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва ё матнҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, ифода мегардад ва инкишоф дода мешавад.
2. Хусусияти бонизом. Яъне хоҳиши дарки ҳуқуқ дар робитаи мутақобилаи меъёрҳо ва сохторҳои он, ки дар низомсозӣ, таснифоти моводи ҳуқуқӣ, таҳияи принсипҳои ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, таълимотҳо оид ба тафсир, ташкил ва татбиқи ҳуқуқ ифода меёбад.
3. Хусусияти мақсаднокӣ. Яъне барои ҳалли масъалаҳое, ки барои танзими ҳуқуқӣ ва алимоти ҳуқуқӣ аҳамият доранд, коркард шудаанд.
4. Хусусияти консервативӣ. Яъне ба эҳёи низоми ҳуқуқӣ нигаронида шудааст[3, с. 42-48].

Доктринаи ҳуқуқӣ "ядрои марказии" маърифати касбии ҳуқуқшиносонро ташкил медиҳад, зеро дар сатҳи сохторҳо, мафҳумҳо ва консепсияҳо он хусусияти идеологӣ, меъёрӣ ва амалии онро ифода мекунад. Аз ин рӯ, доктринаи ҳуқуқии ҳар як одатҳои ҳуқуқии инкишофёфта хусусиятҳои таҳаввулоти таърихии он, сохтори консептуалӣ ва конструктивӣ, сохтори ҳуқуқи амалкунанда ва хусусияти намудҳои пешбари фаъолияти ҳуқуқиро ифода мекунад. Дониши доктриналии ҳуқуқӣ консептуализатсия ва ифодаи объективии мавқеъҳо,

мафҳумҳо, консепсияҳо ва принсипҳои муътабартарин мебошад, ки барои шуури ҳуқуқии академикии ҳуқуқшиносон ва ҳуқуқшиносони амалкунанда бештар мутаалиқ ва хос мебошанд. Он шакли махсуси инъикоси воқеияти ҳуқуқиро ифода мекунад, зеро субъекти инъикос, хусусияти ташкил ва фаъолияти шуури ҳуқуқии ӯ мушаххас аст[2, с. 74-90].

Мафҳумҳо, принсипҳо ва сохторҳои доктриналӣ аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ коркард мешаванд, ки бо фаъолияти академии ҳуқуқӣ (тадқиқотӣ, таълимӣ, экспертӣ) ё таҷрибаи ҳуқуқӣ дар асоси касбӣ машғуланд ва бо мазмуни догмаи ҳуқуқи позитивӣ шиносанд, дорои дониши махсус оид ба назарияи умумиҳуқуқӣ ва соҳавӣ мебошанд. Масалан, таълимоти махсуси ҳуқуқӣ дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ, субъектҳои ҳуқуқ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ, масъулияти ҳуқуқӣ ва ғайра. Маҳз забоне, ки дар он донишҳои доктриналии ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд, хусусияти махсус дошта, унсурҳои лексикаи ҳуқуқӣ ва умумиро муттаҳид мекунад. Аз рӯи табиати худ донишҳои доктриналии ҳуқуқӣ касбӣ, корпоративӣ ва махсус мебошанд. Он натиҷаи дарки воқеияти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи касбии ҷомеаи ҳуқуқшиносиро ифода мекунад. Сохторҳо, мавқеъҳо, мафҳумҳо ва консепсияҳои доктриналӣ хусусияти ташкили шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, махсусияти мақсад ва вазифаҳои ҳуқуқшиносонро дар ҳалли ҳолатҳои ҳуқуқӣ инъикос мекунанд. Ҷамъияти касбии ҳуқуқшиносон дар ҷомеа вазифаҳои махсусеро иҷро мекунад, ки дар намудҳои мушаххаси фаъолият ифода ёфтааст. Аз ин рӯ, мазмуни таълимоти ҳуқуқӣ дар ҳама гуна низоми ҳуқуқӣ дар ниҳоят аз намудҳои пешбари фаъолияти ҳуқуқшиносон ва табиати шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон сарчашма мегирад. Ба ин маъно, доктринаи ҳуқуқӣ ҳамчун амсоли судӣ элитарӣ ва корпоративӣ аст. Зеро он на бо тафаккури ҳуқуқии аҳолӣ, балки бо фаъолияти касбӣ, хусусиятҳои забони ҳуқуқшиносон, сохторҳои арзишии мақсаднок барои дарки воқеияти ҳуқуқӣ онҳо асос ёфтааст.

Барои соҳибони маърифати касбии ҳуқуқӣ ҳуқуқ наметавонад як соҳаи дуюмдараҷа ва ҳосилшудаи ҳаёти ҷамъиятро муаррифӣ кунад, зеро барои ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ маҳз ҳуқуқ, арзишҳои он, идеалҳо ва принсипҳои он, ки асоси ташкили ҷомеаро ҳамчун як низоми ягонаи муттаҳид ва институтҳои иҷтимоӣ ва равандҳо тавассути мафҳумҳои ҳуқуқӣ дарк карда мешаванд. Мафҳумҳо, мавқеъҳо ва принсипҳои доктриналӣ натиҷаи дарки воқеияти ҳуқуқиро ифода мекунанд. Ба ин маъно, дониши доктриналии ҳуқуқӣ хислати махсус ва элитарӣ дошта, дар бораи моҳияти институтҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти дуруст ва аҳамияти онҳо барои ҷомеа ақидаҳои муътабарро ифода мекунад.

Забони ҳуқуқшиносии доктриналӣ на танҳо бо забони оддии соҳаи ҳуқуқ, ки қисми зиёди аҳолӣ онро истифода мебарад, балки бо забони ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ ҳам мувофиқ нест. Агар номинаи забони маъмулӣ дар соҳаи ҳуқуқ ба ақли солим асос ёфта бошанд, ақидаҳои арзишманди ҷомеа, ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, забонҳои ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ комилан ба вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ ва ҳалли оптималии парвандаҳо итоат мекунанд. Пас забони доктриналӣ ҳуқуқӣ натиҷаи инъикоси аҳли ҷамъияти касбии ҳуқуқшиносон на танҳо институтҳои бевоситаи ҳуқуқӣ, амалияи татбиқи онҳо, балки конструксияҳои догмаҳои ҳуқуқӣ, амалияи тадқиқотии худи онҳо мебошад[1, с. 217-220].

Доктринаи ҳуқуқӣ шакли ҳуқуқ дар баробари урфу одатҳои ҳуқуқӣ қадимтарин роҳи мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ва мусулмонӣ ҳангоми баррасии парвандаҳо дар асоси асарҳои олимони барҷастаи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ истинод кардан мумкин аст. Чун қоида, доктрина ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар соҳаҳое амал мекунад, ки танзими қонунгузорӣ бо ин ё он сабаб то ҳол татбиқ карда нашудааст. Дар Тоҷикистон доктринаи ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат ҳамчун манбаи ҳуқуқ расман эътироф карда нашудааст. Ҳангоми баррасии парвандаи мушаххаси ҳуқуқӣ суд ё мақомоти дигари давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки қарори худро ба асарҳои илмӣ ё эродҳои онҳо асос диҳанд. Дар баробари ин, дар Тоҷикистон ягон доктринаи ҳуқуқӣ ё идеологияи ҳуқуқӣ ҳукмфармо, расман эътирофшуда ва умуман ҳатмӣ нест. Аммо ҳангоми қабули қарори ҳуқуқӣ шахсони мансабдор аз адабиёти илмӣ-таълимӣ, эродҳои олимон оид ба қонунгузорӣ ҳамчун маводи ёрирасони ғайрирасмӣ истифода мебаранд.

Аз дараҷаи инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ сатҳу сифати қонунгузорӣ, такмилёбии минбаъдаи он, ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими зиндагӣ, парвандаҳои ҳуқуқӣ, сифат ва самаранокии амалияи ҳуқуқшиносӣ, шуурнокӣ ва маданияти ҳуқуқӣ ва дар кул ҳолати қонуният дар ҷомеа вобастагӣ дорад. Дигаргуниҳои куллие, ки дар даврони соҳибистиқлолии

кишварамон ба вуқӯъ омад аҳаммияти илми ҳуқуқшиносиро боз ҳам баланд бардошт. Зеро гузаронидани ислоҳот дар соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатдорӣ зарурияти такмили қонунгузорӣ ва дар натиҷа қабули қонунҳои тамоман нави танзимкунандаи муносибатҳои муосирро талаб намуд, ки ба воситаи онҳо барои барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иқтисоди бозорӣ заминаи ҳуқуқӣ бавуҷуд оварда шуд. Таъсири муҳимро дар қабул ва мунтазам инкишоф ёфтани илми ҳуқуқшиносии тоҷик анъана ва мактабҳои илмие гузоштанд, ки дар илми ҳуқуқшиносии академикӣ ва донишкадаҳо ба вуҷуд омадаанд[4, с. 244-249]. Осорҳои маълум ва арзишноки олимони ҳуқуқшиносӣ солҳои то замони истиқлолият ва баъди ба даст овардани онро мушаххас номбар накарда, қайд менамоям ки саҳми олимони ҳуқуқшиносӣ тоҷик академикҳои АМИТ С.А. Раҷабов, Ф.Т. Тоҳиров ва М.А. Маҳмудзода, узвҳои вобастаи АМИТ О.У. Усмонов, М.З. Раҳимзода, ва Э.С. Насриддинзода, профессорон Л.С. Явич, В.И. Коретский, В.Г. Мелкумов, М.М. Муллоев, В.А. Ойгензихт, Е.М. Яковлева, Ш.М. Менглиев, Ҷ.Р. Ҷалилов, Ш.Т. Тағойназаров, А.И. Имомов, Р.Ш. Шарофзода, Ҷ.З. Маҷидзода, З. Ализода, У.А. Азиззода, А.Ғ. Холиқзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода. Э. Буризода, А.Қ. Назарзода, Ш.К Ғаюрзода, А.Д. Ғафурзода, Ҷ.С. Муртазозода, З. Искандаров, А.М. Диноршоев, Д.Ш. Сангинзод, Т.Ш. Шарипов, У.А. Меликов, П.З. Мирзозода, А.И. Сафарзода ва дигарон дар бораи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи сайёҳӣ, ҳуқуқи тиббӣ, ҳуқуқи энергетикӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, назорати пракурорӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ асоси фундаменталии таҳқиқотҳоро дар барқарор намудани низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он хело калон мебошад.

Ҳамин тариқ, маърифати ҳуқуқии олими ҳуқуқшинос ин фаҳмиши кормандони касбе (ҳуқуқшиносоне) мебошад, ки ҳуқуқро бо истифода аз методологияи махсуси илмӣ таҳқиқ мекунанд. Фаҳмиши доктриналии ҳуқуқ дар натиҷаи омӯзиши амиқи ҳуқуқ ва инкишофи ҳаматарафаи зеҳнии он ташаккул меёбад. Ҳуқуқшиносон ба инъикоси таҷрибаи ҳуқуқӣ дар миқёси давлат муроҷиат намуда, ҳуқуқи тамаддунҳои алоҳидаро омӯхта, таҷрибаи чандинасраи инкишофи ҳуқуқро дарк намуда, асосҳои нави назариявии институтҳои ҳуқуқиро коркард менамоянд. Мисли шуури ҳуқуқии муқаррарӣ, ки дар баъзе низомҳои ҳуқуқӣ метавонад манбаи ҳуқуқи одатӣ бошад, шуури ҳуқуқии илмию назариявӣ низ метавонад нақши сарчашмаи ҳуқуқро иҷро кунад. Маҳсули маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ кулли дастовардҳои ҳуқуқии ниёгони мо, ки дар шакли моддӣ ҷой доранд, одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқии таърихан ҷойдошта ва айни ҳол амалкунанда, мақолаҳои илмӣ, илмию оммавӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва ғайра мебошанд, ки дар худ арзишҳои ҳуқуқиро дарбар мегиранд.

## Адабиёт


1. Кунина, М. Н. Сотношение языка права и общеупотребительного языка / М. Н. Кунина // Общество и право. 2017. № 1 (59). С. 217 - 220.
2. Михайлов, А.М. Юридическая доктрина и профессиональное мышление юристов// Вестник Воронежского государственного университета. / А.М. Михайлов. Серия: Право. 2022. № 3 (50). - С. 74 - 90.
3. Перевалов, В.Д. Правовая доктрина: понятие и соотношение с иными близкими по содержанию категориями / В.Д. Перевалов // Российское право: образование, практика, наука. 2019. № 5 (113). - С. 42-48.
4. Раҳимзода, М. З. Илми ҳуқуқшиносии тоҷик: ташаккул, ҳолат ва проблемаҳо// Маҷмуаи маводи I-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели с. 2022) // зери таҳрири д.и.х., дотсент Ф.Р. Шарифзода. / М. З. Раҳимзода. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.244-249.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш, 1-уми сентябри соли 2023// president.tj/ru
6. Шагиева Р. В. Юридическая деятельность в системе категорий философии права деятельность юридическая и правовая: соотношение понятий // В книге: Юридическая деятельность: содержание, технологии, принципы, идеалы. Монография. Под общей редакцией О.Ю. Рыбакова. / Р. В. Шагиева. - Москва, 2022. С. 5-21.

## МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ОЛИМИ ҲУҚУҚШИНОС

Дар мақола масоили маърифати ҳуқуқии олими ҳуқуқшинос мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Ҳангоми таҳлил муайян гардид, ки маърифати ҳуқуқии олими ҳуқуқшинос ин фаҳмиши кормандони касбе (ҳуқуқшиносоне) мебошад, ки ҳуқуқро бо истифода аз методологияи махсуси илмӣ таҳқиқ мекунанд. Фаҳмиши доктриналии ҳуқуқ дар натиҷаи омӯзиши амиқи ҳуқуқ ва инкишофи ҳаматарафаи зеҳнии он ташаккул меёбад. Ҳуқуқшиносон ба инъикоси таҷрибаи ҳуқуқӣ дар миқёси давлат муроҷиат намуда, ҳуқуқи тамаддунҳои алоҳидаро омӯхта, таҷрибаи чандинасраи инкишофи ҳуқуқро дарк намуда, асосҳои нави назариявии институтҳои ҳуқуқиро коркард менамоянд. Мисли шуури ҳуқуқии муқаррарӣ, ки дар баъзе низомҳои ҳуқуқӣ метавонад манбаи ҳуқуқи одатӣ бошад, шуури ҳуқуқии илмию назариявӣ низ метавонад нақши сарчашмаи ҳуқуқро иҷро кунад. Маҳсули маърифати ҳуқуқии илмию назариявӣ кулли дастовардҳои ҳуқуқии ниёгони мо, ки дар шакли моддӣ ҷой доранд, одатҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқии таърихан ҷойдошта ва айни ҳол амалкунанда, мақолаҳои илмӣ, илмию оммавӣ, монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва ғайра мебошанд, ки дар худ арзишҳои ҳуқуқиро дарбар мегиранд.

**Калидвожаҳо:** маърифати ҳуқуқӣ, олим, ҳуқуқшинос, илм, назария, дониш, механизми ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносон, файласуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, фаъолияти илмию назариявӣ, хусусияти касбии корпоративӣ, хусусияти махсуси ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА УЧЕНОГО ЮРИСТА

В статье изучаются и анализируются вопросы правовой культуры ученого юриста. В ходе анализа определено, что правовая культура ученого юриста – это представления профессионалов (юристов), исследующих право с использованием специальной научной методологии. Доктринальное понимание права формируется в результате глубокого изучения права и его всесторонней интеллектуальной разработки. Юристы обращаются к отражению правового опыта на государственном уровне, изучают право отдельных цивилизаций, понимают многовековой опыт развития права, разрабатывают новые теоретические основы правовых институтов. Подобно обычному правосознанию, которое в некоторых правовых системах может быть источником обычного права, научно-теоретическое правосознание также может играть роль источника права. Продуктом научно-теоретического правовой культуры являются все юридические достижения наших предков, находящиеся в материальной форме, правовые обычаи, правовые нормативные документы, исторически существовавшие и действующие в настоящее время, научные, научные и общественные статьи, монографии, учебники и т.п. которые содержат юридические значения.

**Ключевые слова:** правовая культура, ученый, правовед, наука, теория, знание, правовой механизм, правовое регулирование, юристы, философы, социологи, политологи, научно-теоретическая деятельность, корпоративный профессиональный характер, специальний юридический характер.

## LEGAL CULTURE OF A LAWYER

The article studies and analyzes the issues of legal culture of a legal scholar. During the analysis it was determined that the legal culture of a legal scholar is the ideas of professionals (lawyers) who study law using a special scientific methodology. The doctrinal understanding of law is formed as a result of a deep study of law and its comprehensive intellectual development. Lawyers turn to the reflection of legal experience at the state level, study the law of individual civilizations, understand the centuries-old experience of legal development, and develop new theoretical foundations of legal institutions. Like ordinary legal consciousness, which in some legal systems can be a source of customary law, scientific and theoretical legal consciousness can also play the role of a source of law. The product of scientific and theoretical legal culture are all the legal achievements of our ancestors, which are in material form, legal customs, legal normative documents, which historically existed and are currently in force, scientific, scientific and social articles, monographs, textbooks, etc., which contain legal meanings.

**Keywords**: legal culture, scientist, jurist, science, theory, knowledge, legal mechanism, legal regulation, lawyers, philosophers, sociologists, political scientists, scientific and theoretical activity, corporate professional character, special legal characte

**Дар бораи муаллиффон**
Сангинзод Дониёр Шомаҳмад
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ.
Муовини ректор оид ба корҳоии илмии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Абдуллозода Муҳаммади Амонулло
ассистенти кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 934 80 62 62

**Об авторах**
Сангинзод Дониёр Шомахмад
доктор юридических наук, профессор кафедры права.
Заместитель ректора по научной работе
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Абдуллозода Мухаммади Амонулло
ассистент юридического кафедры
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 934 80 62 62

**About the authors**
Sanginzod Doniyor Shomakhmad
Doctor of Law, Professor of the Department of Law.
Deputy rector for scientific affairs
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Abdullozoda Muhammadi Amonullo
Assistant Professor of Law Department,
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
*Ph.: (+992) 934 80 62 62.*

ТДУ 323.15(575.2)

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

***Маҳмудов И. Т.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли маҳрумӣ аз идоракунии мустақилонаи давлатдории худ миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти комили давлатиро ба даст овард. Истиқлолияти давлатӣ - арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати халқи шарифи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун воқеаи фараҳбахши таърихӣ ва ҳодисаи муҳиму сарнавиштсоз ба тоҷикон озодиву соҳибихтиёриро ҳадя намуд. Он боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Тоҷикистон бо дарназардошти тамоми унсурҳои давлатдории миллӣ арзи ҳастӣ намояд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад.

Акнун мебоист, ки кишвари тоза ба истиқлол расидаи мо барои мустақилона ба роҳ мондани сиёсати дохилӣ оид ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва амалисозии сиёсати фаъоли хориҷӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи робитаҳои байналмилалӣ ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон гомҳои устувор гузорад. Зарур буд, ки ҷиҳати таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ Конститутсия ва рамзҳои давлатии кишвари соҳибистиқлол қабул гардида, дар мамлакат ислоҳотҳои амиқи сиёсиву ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ амалӣ карда шаванд, фаъолияти муназзаму муътадили мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шуда барои зиндагонии ҳар як сокини мамлакат шароити арзанда фароҳам оварда шавад.

Қисмат мардуми тоҷикро бо дарназардошти ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои истиқлоли давлатӣ ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошӯравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба бӯҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд. Гузашта аз ин якбора боло рафтани рӯҳияи озодфикрию гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси гуруҳу ҷунбишҳои гуногун, надоштани таҷрибаи кофии сиёсии идории кишвари соҳибихтиёр аз ҷониби роҳбарони давр ва авҷи майдоншиниҳо, хатари парокандашавии миллат, тамомияти арзӣ ва ҷудоиандозии минтақаҳои кишвар оварда расонид.

Мутаассифона, дар натиҷаи мухолифатҳои шадиди сиёсӣ, бар асари мудохилаи ошкорои қувваҳои муайян аз ҳориҷи кишвар, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа бо мақсади ба сари мардуми тоҷик таҳмил кардани мазҳабу фарҳанги бегона ва бунёди давлати исломӣ сурат мегирифт, оқибат Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуда ба хоҷагии халқи мамлакат ҳисороти азими иқтисодӣ ва талафоти ҷуброннопазири ҷониву маънавӣ расонида шуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати навтаъсиси тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор гирифта роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафташ зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини оромию субот, сарҷаъмии миллат ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи тоҷик дар оғози

солҳои соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба миён овард.

Маврид ба зикр аст, ки иҷлосияи мазкур аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 идома ёфта дар рӯзномаи он 23 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул шуданд, ки минбаъд онҳо дар ба низом даровардани вазъи сиёсиву ҳуқуқии кишвар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Ин иҷлосия заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои расидан ба сулҳу субот ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои азимро дар ҷомеаи Тоҷикистон фароҳам овард. Санадҳои меъёрии қабулшуда минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти мунтазами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд.

Ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд. Хурду бузурги Тоҷикистон ҳамарӯза назди оинаи нилгун бо ҳазор орзуву ниятҳои нек ҷиҳати ҳарчӣ тезтар ба эътидол омадани вазъияти нооромии сиёсӣ пахши мустақим ва ғайримустақими иҷлосияро бесаброна интизорӣ кашида, тамошо мекарданд ва аз қабули ҳар як қарори он худро хушҳолу болидахотир эҳсос мекарданд.

Мувофиқи рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19 ноябри соли 1992 масъалаи “Дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ аз шумораи 197 вакилони мардумӣ 186 вакил номзадии Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро ҷонибдорӣ карданд ва ӯ Раиси Шӯрои Олии мамлакат интихоб гардид.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар ҳамин иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1978) қабул карда шуда, мувофиқи он амали институти президентӣ боз дошта шуд ва мувофиқи ин тағйиротҳо салоҳиятҳои Президент миёни Раиси Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон ва Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда шуд. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат эълон гардид.

Аз лаҳзаҳои аввали оғози фаъолияти корӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро баҳри таъмини сулҳ, оромӣ, ризоияти миллӣ, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъ кардани ҷанги шаҳвандӣ ва ба ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ оғоз карданд. Аз ҷумла, зимни аввалин баромади хеш аз минбари баланди ин иҷлосияи таърихӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки тарафдори бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд буда, тамоми донишу таҷрибаи хешро барои дар ҳар хона ва оила барқарор кардани сулҳ ва ба Ватан баргардонидани охирон гуреза равон карда, агар лозим шавад барои расидан ба ин ният ҷон нисор мекунам.

Дар рафти Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати аввал ба ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои доғи рӯз, аз қабили хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва фирориёни иҷборӣ, ҳарчи зудтар гирифтани пеши роҳи хунрезӣ ва барқарор кардани ҳаёти осоиштаи мардум, барқарор намудани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои ҳокимият ва кори муътадили сохтору мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз байн бурдани хатари гуруснагӣ, бо маҳсулоти озуқаворӣ ва доруворӣ таъмин кардани мардум, барқарор кардани фаъолияти муназзами мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, танҳо бо роҳи музокироти миёни тарафҳо ҳал кардани мушкилоти мавҷуда, ҳифзи тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир карда шуд.

Қабули як қатор қонуну қарорҳои дахлдор дар иҷлосия, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд”, “Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992”, “Дар бораи гурезагон”, “Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд” ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиат ба мамлакатҳои ИДМ оид ба дохил кардани қувваҳои сулҳхоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон; Дар хусуси тасдиқи фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷорӣ кардани вазъияти фавқуллода ва қоидаҳои шабгардӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе», “Дар бораи Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳзоби сиёсӣ, ҳаракату созмонҳо, ба тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ”, “Дар бораи гуфтушунид бо тарафҳои мухолиф ба посёлкаи Айваҷ фиристодани гурӯҳи депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки дар мухолифати мусаллаҳона дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ зарар дидаанд” шаҳодати равшани иқдомҳои шоиста ва саривақтии Сарвари давлат ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон дар иҷлосия бо мақсади барқарор сохтани рукнҳои давлатдории миллӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардиданд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол соҳиби рамзҳои мустақили давлатдории худ гардид.

Қарорҳои таърихӣ ва сарнавиштсози иҷлосияи мазкур минбаъд дар самти бунёди рукнҳои давлатдорӣ, қабули Конститутсия, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, ба ҳам овардан миллати тоҷик, имзои созишномаи истиқрори сулҳ, зинда гардонидани ҳофизаи таърихӣ ва рушди бемайлони ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши бағоят муҳим гузоштанд.

Аз ҷумла, дар заминаи қарорҳои ҳамин иҷлосия 6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он низ аз дастовардҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибхтиёрии давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро Конститутсияи кишвар дурнамои пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян карда, тамоми орзуву ормон ва хуввияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард.

Бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағироту иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои ворид карда шуда барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд. Мазмуну моҳияти тағйироту иловаҳоро ба Қонуни асосии кишвар, пеш аз ҳама таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ; таъмини рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа; баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагониии мардум; мусоидат намудан ба рушди минбаъдаи равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи ҳифзи онҳо; таҳкиму такмили асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ; мутобиқ

гардонидани матни Конститутсия ба қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медоданд.

Ҳамакнун аз овони қабули ин ҳуҷҷати муҳимми таърихиву санади олии сарнавиштсоз 30 сол сипарӣ мегардад. Тавре ки иттилоъ дорем, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 28 декабри соли 2023 соли 2024-ро ба гиромидошти ҷашни 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Соли маърифати ҳуқуқӣ№ эълон карданд ва дар ин хусус фармони дахлдор ба имзо расониданд (аз 30 декабри соли 2023, № 668). Аз ҷумла, Пешвои миллат таъкид доштанд, ки: “Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем”.

Мавриди зикри хос аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як марҳилаи бисёр ҳассос ва тақдирсоз барои сарнавишти мардуми Тоҷикистон бо ташаббусу роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва бо вуҷуди авзои ноороми давр аз ҷониби шаҳрвандони бо нангу номуси мамлакат бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ қабул карда шуд. Мардуми сарбаланди кишвар бояд донанд, ки танҳо дар заминаи таъмин намудани маърифати баланди ҳуқуқии сокинони мамлакат метавонем ба рушду пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ноил гардем. Маҳз аз шарофати Истиқлоли давлатӣ, баракати Конститутсия ва файзу нусрати ваҳдати миллӣ давоми беш аз се даҳсола ст, ки шароити зиндагии арзанда ва орому осуда барои тамоми сокинони мамлакат таъмин шудааст. Риоя, эҳтиром ва ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси ба саодат ва хушбахтӣ расидани миллати тоҷик гаштааст, бояд ба одати ҳаррӯзаи ҳар як сокини мамлакат табдил ёбад.

Барои амалисозии шоҳкориҳои азим, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоии таъминкунандаи зиндагонии арзандаи сокинони мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакатро дар он шабу рӯз ҳарчи тезтар хомуш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик ва рӯй овардан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ташкил медод. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳиму дурахшони таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташкил медиҳад, ки қабули он низ маҳсули ҳамин Иҷлосияи таърихист. Пас аз баргузории чандин даври музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеан санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалан аз ҳамин иҷлосия сарчашма мегирад, низ дар замони соҳибихтиёрӣ ба пешравиҳои назаррас комёб гашт. Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз аз ҷониби 180 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои устувори дипломатӣ ба роҳ мондааст. Бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистон дар дунё ҳамчун давлати ташаббускори ҳалли як қатор масъалаҳои хусусияти глобалидошта эътироф шудааст. Бо шарофати заҳматҳои хастанопазири ин абармарди саҳнаи сиёсат Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати

тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар расид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ танинандоз гашт. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза, таъмини амният дар Афғонистон, пешгирии обшавии пиряххо ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Ҳамзамон, мавриди зикр хос аст, ки соли 2022 бо вуҷуди руйдодҳои ниҳоят муҳимму хотирмон ва саҳифаҳои таърихиву дурахшони худ - аз ҷумла ҷашни 25 солагии Ваҳдати миллӣ ва 30 солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сокинони сарбаланди Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи сифатан нави боло рафтани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ маънидод мешавад. Яке аз дигар рӯйдодҳои муҳими соли 2022 ин аз ҷониби СММ ҷонибдорӣ ёфтани ташаббуси навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва санаи 21 март - ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо ба шумор меравад, ки он далели возеҳи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудани иқдомҳои созандаи Пешвои муаззами миллат ҳамчун сиёсатмадори сатҳи баланди байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Роҳбари давлати тоҷикон бо туфайли фаъолияти густурдаи сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои созандаи сатҳи байналмилалӣ дар арсаи байнамилалӣ, хосатан миёни роҳбарони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва минтақа нуфузу эътибори баландро соҳиб буда, барои муаррифии шоистаи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон хизматҳои беназирро анҷом дода истодаанд.

Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд.

Аҳамияти Иҷлосияи XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду инкишофи давлатдории миллии тоҷикон беназир аст. Зимнан бояд эътироф намуд, ки бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки ба бахти миллати тоҷик бо амри Парвардигор фарзанди бонангу номус, қавиродаву ватандӯст, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари Давлат интихоб гардид. Ин фарзанди фарзонаи миллат такя ба хиради азалии мардуми тоҷик ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта ба наҷоти миллату давлати тоҷикон бархост. Дар натиҷаи азму талош, кушишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва Давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд[5, с. 20-21].

Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд.

Маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавиии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ

мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ дониста шуда, аз тариқи қонун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард.

Дар воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад.

Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Аминем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва мактаби давлатдории Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва тавоҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт.

Дар пайвандӣ ба ин масъала хотирнишон бояд сохт, ки хизматҳои беназир, талошҳои хастанопазир ва мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллат аз ҷониби қишрҳои мухталифи ҷомеа, олимону зиёиён, муаррихону давлатшиносон ва муассисаҳои таълимӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ба хотири эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ба хизматҳои таърихӣ ва беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Осорхонаи Пешвои миллат ва соли 2022 бошад Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат таъсис дода шуданд. Дар Осорхона ва Маркази мазкур тамоми асарҳои безаволи Пешвои миллат гирд оварда шуда барои пешбурди корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби олимону донишмандони донишгоҳ дар робита ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти созанда ва ибратомӯзи Пешвои миллат шароити мусоида фароҳам оварда шудаанд. Ба роҳ мондани корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ дар бастагӣ ба масъалаи мазкур аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти сохторҳои таркибии донишгоҳ ба ҳисоб мераванд.

Дар робита ба аҳамияти таърихӣ ва сарнавиштсози Иҷлосияи тақдирсози XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди давлатдории миллӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ дар кишвар, густариши ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии ҷомеа як силсила корҳои арзишманд ва асарҳои гаронбаҳову безаволи олимону донишмандон ва ходимони маъруфи сиёсиву давлатӣ ба табъ расида, ин масъала борҳо дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садо додаанд.

Аз ҷумла, дар робита ба аҳамияти таърихии иҷлосияи сарнавиштсоз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 иброз менамоянд, ки: “Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ барои барқарорсозии сохти конститутсионии кишвар ва эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон оғози устувор бахшид ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард... Иҷлосияи таърихии 16-ум сохти конститутсиониро дар кишвари тозаистиқлоли мо барқарор сохта, барои ташкил ва фаъолияти пурсамари тамоми сохторҳои давлатӣ асоси қонунӣ гузошт ва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро ба ҳам оварда, ваҳдати сартосарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуда ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон заминаи боэътимод фароҳам овард” [1].

Дар пайвандӣ ба аҳамияти таърихии ин иҷлосияи сарнавиштсоз раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими намоёни давлатӣ Рустами Эмомалӣ таъкид менамоянд, ки: “Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин буд, ки дар чунин марҳилаи муҳими таърихӣ шахсияти миллию мардумиро дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ овард. Дар чунин вазъи фоҷиабор он

кас ба арсаи сиёсати давлатдорӣ ворид гардида, бо эҳсоси баланди ватандорӣ ҷасурона дар масири ноҳамвори сиёсӣ қадам ниҳода, ба бунёди сохторҳои давлатдории миллӣ асос гузоштанд[12].

Пешвои миллат ба арсаи сиёсат бо ҷасорат, матонат, дилу нияти пок ворид шуданд ва чун фарзанди сарсупурдаи миллат дар муддати кутоҳи таърихӣ тавонистанд мардуми аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азияткашидаи Тоҷикистнро сарҷамъ намуда, барномаи дар ҷаҳони муосир беназири расидан ба сулҳ ва ризоияти миллиро таҳия ва амалӣ кунанд. Маҳз самараи талошҳои пайвастаи Сарвари давлат буд, ки Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндаагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид. Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистони азиз таҳти роҳбарии собитқадамонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паймудааст, ба садсолаҳо баробар мебошад – қайд менамояд, раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмадтоир Зокиров[4].

Дар тақвияти ҳамин масъала ходими намоёни давлатӣ Озода Раҳмон иброз менамоянд, ки: “Муҳимтар аз ҳама дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсияти бузурги миллӣ рӯйи кор омад, ки бо ҷасорати инсонӣ ва хиради сиёсӣ миллату кишварро аз вартаи парокандагӣ ва нобудӣ берун кашид”[11, с. 7-21].

Мувофиқи нуқтаи назари ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев: “Солҳо ва асрҳо мегузаранд ва наслҳои оянда, замоне ки таърихи навини давлатдории тоҷиконро меомузанд, аз дастовардҳои халқи тоҷик бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори давлатдории навин ва истиқлолияти воқеии кишвар, ки аз Иҷлосияи таърихии 16 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ибтидо мегирад, ифтихор хоҳанд кард” [3].

Шукурҷон Зуҳуров - ходими намоёни сиёсӣ ва давлатӣ бошад доир ба муҳиммияту аҳамияти баргузории иҷлосия чуни андеша дорад: “Банда кайҳо дар ин андеша будам ва ҳоло ҳам такрор мекунам: яке аз хидмат ва арзишҳои таърихии намояндагони Иҷлосияи Шурои Олӣ дар он буд, ки айёми ғамрез, печидароҳи басо мураккаб, бераҳму пуршебу фароз ва лаҳзаҳои басо ҳассос ба бахти тоҷикон фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб карданд” [16].

Ба андешаи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. бошад: “Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи гардиш дар ҳаёти сиёсӣ дар пайдоиш ва ташаккули арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, аз қабили давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ, соҳибихтиёр, ҷумҳурии президентӣ, дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкории хусусӣ, гуногунии сиёсиву мафкуравӣ, низоми сиёсии бисёрҳизбӣ, парламентаризм, мустақилияти ҳокимияти судӣ, худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар замони Шӯравӣ ҷой надоштанд, нақши ҳалкунанда дорад” [8, с. 128].

Мувофиқи нуқтаи назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зариф Ализода яке аз вазифаҳои асосии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон катъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон ба шумор мерафт. Дар як муддати кӯтоҳ бо заҳмату талошҳои Сарвари давлат ва роҳбарияти мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барқарор гардида, Артиши миллӣ ва неруҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуданд[2].

Дар ҳамин маврид, аз ҷониби Академики Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, устоди зиндаёд Фозил Тоҳиров санадҳоеро, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ба тасвиб расида буданд, вобаста ба мавзуи танзимнамоӣ ба панҷ гурӯҳ тақсим намуда буданд: 1) санадҳои меъерии ҳуқуқии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барқарор ва таҳкими фаъолияти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикитон; 2) санадҳои меъёрии ҳуқуқии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барқарор намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ, аз ҷумла фаъолияти

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот; 3) санадҳое, ки барои комёб шудан ба сулҳ ва ризоияти миллии халқҳои Тоҷикистон равона шудаанд; 4) санадҳое, меъёрии ҳуқуқие, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд; 5) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон[13, с. 3].

Дар пайванди ба аҳамияти сарнавиштсози қарорҳои иҷлосияи мазкур Академики Академияи миллии Ҷумхури Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҳмудзода М.А. таъкид менамоянд, ки қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳокимияти конститутсионӣ, шинохти Тоҷикистон аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ, расидан ба ваҳдати миллӣ ва бунёди давлатдории навин заминаҳои воқеӣ гузошта, рушди бемайлони давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва амнияти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ бозиданд[6, с. 5].

Ҳамин нуқтаи назарро узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки маҳз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуну қарорҳои дар он қабулшуда ба рушди давлатдорӣ ва қоннугузории миллӣ мусоидат намуд[9].

Масъалаи аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва хизматҳои беназири Сарвари давлат дар самти эҳёи суннати давлатдорӣ ҳамзамон дар асари арзишманди доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода Абдураҳим “Пешво ва мактаби давлатдорӣ” ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Мавсуф ба масъалаи интихоби Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар иҷлосия ба ҳайси раиси Шурои Олии мамлакат дахл карда иброз менамояд, ки: “Замона бо гузашти ҳодисот, вақт бо муборизаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақтӣ ва дуруст буд” [15, с. 39]. Дар ҳамин маврид муҳаққиқ андешаҳои худро идома дода таъкид менамояд, ки: “Роҷеъ ба он, ки Эмомалӣ Раҳмон барои давлати муосири тоҷикон нақши бунёдгузориро дорад, хизматҳои наҷотдиҳанда ва созандаи ӯ дар соҳаи сиёсати давлатӣ, тарҳрезии низоми ҳуқуқӣ, шаклгирии иқтисодиёти миллӣ, таҳияи низоми адолати иҷтимоӣ, ҳифз ва рушди фарҳанги пурғановат ва дигар ҷанбаҳо барои гӯши шунавою чашми бино далолати иловагиро талаб надорад” [14, с. 40-41].

Дар робита ба аҳамияти таърихии иҷлосияи мазкур Академики Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ чунин иброз менамоянд: «Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ он буд, ки шахсияти миллию мардумиро дар симои Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи раҳбарӣ ва давлатдорӣ дар марҳилаи навини таърихӣ овард ва ин марди майдони сиёсати минтақавӣ ва башарӣ бо рӯҳи қавии миллӣ, на танҳо вазъро ба эътидол оварда, созиши миллиро дар сатҳи иҷтимоӣ таъмин намуд, балки дар эъмори давлат, таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати миллӣ дар миқёси байналмилалӣ саҳми сазовор гузошт»[10, с. 41].

Гузашта аз ин, хизматҳои беназир ва талошҳои хастанопазири Пешвои муаззами миллат дар самти таҳкими ваҳдати миллӣ, барқарор кардани сулҳи комил ва рушди давлатдории миллии тоҷикон аз ҷониби як зумра олимону устодони шуҳратёри факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ махсус таъкид шудаанд[7].

Ҳамин тариқ, қайд кардан ба маврид аст, ки дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз дар иҷлосия, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсадноки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста заминаҳои боэътимоду устувори бунёди давлатдории миллӣ гузошта шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта дар як муҳлати кутоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ, Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

Соли 2024 мардуми сарбаланду меҳанпараст ва тамаддунофару фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ 32-юмин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар фазои сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил менамояд. Бо гузашти солҳо қадру қиммат, манзалат ва аҳамияту муҳиммияти ин руйдоди сарнавиштсоз меафзояд.

Бо қаноатмандӣ ва шукргузорӣ изҳор медорем, ки дар дарозои сиву ду соли сипаришуда аз он овони таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштаанд.

Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, аз вартаи нестӣ ва пароканҷагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, барқарор сохтани фаъолияти фалаҷшудаи мақомоти давлатӣ, таъмини қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ба роҳ мондани фаъолияти бомароми тамоми шохаҳои ҳокимият, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аз бузургтарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки дар масири 32 соли сипаришуда аз замони баргузории Иҷлосияи тақдирсоз аз ҷониби Сарвари давлат такя ба хиради азалӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи мардуми сулҳпарвар ва қадршиноси тоҷик анҷом дода шудаанд.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, авзои кунунии минтақа, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулотҳои босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақти дигар атрофи сиёсати созандаи Сарвари давлат миллат муттаҳид гашта, ҷиҳати ҳифз ва нигаҳдошти арзишҳои истиқлоли давлатӣ, дастовардҳои Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷлили сазовори бузургтарин ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок фаъолият намоем.

### *Адабиёт*


1. www.prezident.tj Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 (санаи мурочиат 26.10.2022)
2. Ализода Зариф. Нақши иҷлосияи XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баркарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон (маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оғози далатдори наивни тоҷикон», 5 сентябри соли 2022, ш. Душанбе) // Садои мардум. № 110 (4530), аз 5 сентябри соли 2022
3. Маҳмадсаид Убайдуллоев. Садои мардум аз 16 ноябри соли 2017, № 134-136 (3771-3773)
4. Маҳмадтоир Зокирзода. Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини тоҷикон (маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оғози далатдори наивни тоҷикон», 5 сентябри соли 2022, ш. Душанбе) // Садои мардум. № 110 (4530), аз 5 сентябри соли 2022
5. Маҳмудов И.Т. Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Минбари ҳуқуқшинос аз 24-уми ноябри соли 2017. № 16-17 (70-72). С. 20-21.
6. Маҳмудов М. Қарорҳои ояндасози Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рӯзномаи Ҷумҳурият. 14 ноябри соли 2017. №232 (23 313). – С. 5.
7. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ // маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (15-16-уми июни соли 2017) зери таҳрири н.и.ҳ. Раҳмон Д.С. Душанбе. 2017. 203 саҳ.
8. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: «Эр-граф», 2016. -316 с.

9. Раҳимзода М.З. Нақши Иҷлосияи 16 Шурои Олӣ дар рушди қонунгузории миллӣ // рузномаи Садои мардум аз 16 ноябри соли 2017, № 134-136 (3771-3773)
10. Раҳимӣ Фарҳод. Иҷлосяи XVI Шӯрои Олӣ заминаи давлатсозии навини миллӣ // Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ибтидои сулҳу субот (бахшида ба 25-умин солгарди иҷлосия). Маҷмӯаи мақолаҳо. Зери таҳрири Ф.Раҳимӣ ва дигарон.Душанбе: ҶСК "Чопхонаи Дониш". 2017. С.41.
11. Раҳмон О.Э. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – марҳилаи нави рушди давлатдории тоҷикон // Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ибтидои сулҳу субот (бахшида ба 25-умин солгарди иҷлосия). Маҷмӯаи мақолаҳо. Зери таҳрири Ф.Раҳимӣ ва дигарон / О.Э. Раҳмон. - Душанбе, 2017. С.7-21.
12. Рустами Эмомалӣ. Иҷлосияе, ки давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот дод (маводи конференсияи ҷумҳуриявии дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – оғози далатдори наивни тоҷикон», 5 сентябри соли 2022, ш. Душанбе) // Садои мардум. № 110 (4530). Аз 5 5 сентябри соли 2022
13. Тоҳиров Ф. Ин санадҳо ба беҳокимиятӣ нуқта гузоштанд // Рӯзномаи Ҷумҳурият. 13 ноябри соли 2012. № 140-141 (22121-122) – С. 3.
14. Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Асари ишорашуда. С. 40-41.
15. Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ) / А.Ғ. Холиқзода, М.М. Шарифзода, Шосаидзода Ш.Ш.–Хуҷанд: Ношир, 2022. – 512 с.
16. Шукурҷон Зуҳуров. Рузномаи Садои мардум аз 16 ноябри соли 2017, № 134-136 (3771-3773)

## НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти таърихии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои сарнавиштсози он дар бунёди давлатдории милли тоҷикон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Таъкид мешавад, ки баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи тоҷик дар оғози солҳои истиқлоли давлатӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф ишора менамояд, ки дар иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул шуданд, ки минбаъд онҳо дар ба низом даровардани вазъи сиёсиву ҳуқуқии кишвар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Санадҳои меъёрии қабулшуда минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти муназзами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд.

**Калидвожаҳо**: Истиқлолияти давлатӣ; конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои сарнавиштсоз; ваҳдати миллӣ; давлатдории миллӣ; давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд; ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд.

## РОЛЬ XVI СУДЬБОНОСНОЙ СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПОСТРОЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

В данной статье исследуется роль и историческое значение XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан и её судьбоносных актов в построении национальной государственности таджиков. Отмечается, что проведение в ноябре 1992 года XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан во Дворце Арбоб в древнем городе Худжанде является одной из ярких страниц и великих исторических достижений таджикского народа в первые годы государственной независимости. Автор указывает, что на сессии было принято 74 правовых акта, в том числе 15 законов, 52 постановления, 6 указов и одно обращение,

которые в дальнейшем внесли ценный вклад в упорядочение политико-правовой обстановке в стране, развитие общественных отношений и формирование национальной государственности. Принятые нормативные акты в дальнейшем заложили прочную основу для укрепления основ конституционного строя страны, укрепления национальной государственности, обеспечения верховенства закона и укрепления законности, предотвращения гражданской войны, укрепления зарубежных отношений, нормального функционирования деятельности государственных органов, в том числе правоохранительных органов.

**Ключевые слова:** Государственная независимость; Конституция Республики Таджикистан; XVI историческая сессия Верховного Совета Республики Таджикистан; судьбоносные акты; национальное единство; национальная государственность; демократическое и правовое государство; права человека и гражданина.

## THE ROLE OF THE XVI FATEFUL SESSION OF THE SUPREME COUNCIL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN BUILDING NATIONAL STATEHOOD

This article examines the role and historical significance of the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan and its fateful acts in building the national statehood of the Tajiks. It is noted that the holding of the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan in November 1992 at the Arbob Palace in the ancient city of Khujand is one of the bright pages and great historical achievements of the Tajik people in the early years of state independence. The author points out that 74 legal acts were adopted at the session, including 15 laws, 52 resolutions, 6 decrees and one appeal, which later made a valuable contribution to streamlining the political and legal situation in the country, the development of public relations and the formation of national statehood. The adopted normative acts further laid a solid foundation for strengthening the foundations of the country's constitutional system, strengthening national statehood, ensuring the rule of law and strengthening the rule of law, preventing civil war, strengthening foreign relations, and the normal functioning of government agencies, including law enforcement agencies.

**Keywords:** State independence; Constitution of the Republic of Tajikistan; XVI historical session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan; momentous acts; national unity; national statehood; democratic and rule of law; human and civil rights.

**Дар бораи муаллиф**
Маҳмудов Изатулло Тешаевич
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 935 04 43 52.
E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

**Об авторе**
Махмудов Изатулло Тешаевич
кандидат юридических наук, доцент
заведующий кафедрой судебного
права и прокурорского надзора
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17
Тел (+992) 935 04 43 52.
E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

**About the author**
Makhmudov Izatullo Teshaevich
Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor
Head of the Department of judicial law and
prosecutor's supervision of the
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
Ph.: (+992) 935-04-43-52.
E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

ТДУ 347.91(437)"1920/1930"

# МАХСУСИЯТИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ - ҲУҚУҚИИ СОЛҲОИ АВВАЛИ ТАЪСИСЁБИИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Шодиён И. Р.*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дар солҳои аввали барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ҳудудҳои имрӯзаи Тоҷикистон ба ҳайати Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистони ҶФШС Россия (қисматҳои шимолии Тоҷикистони муосир) ва Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҳудудҳои марказӣ ва ҷанубии имрӯзаи Тоҷикистон) дохил мешуд.

Бинобар ин мавзуи таҳқиқшаванда дар ин марҳилаи давлатдории тоҷикон равандҳои ислоҳоти судӣ – ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистони ҶФШС Россия ва Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро дар бар мегирад, ки басо ҷолиби диққат аст.

30 апрели соли 1918 анҷумани Y Шӯроҳои Туркистонӣ ботантана таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистонро дар ҳайати ҶФШС Россия эълон кард [1, с. 78]. Дар банди 1 Низомнома дар бораи Туркистони мухтор дар ҳамин анҷуман қабул шуда, муқаррар шуда буд, ки “Ҳудудҳои кишвари Туркистон ҳудудҳои Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистони ҶФШС Россия эълон карда шавад. Ба сарҳадҳои ҷуғрофии ҷумҳурии Туркистон ҳамаи ҳудудҳои кишвари Туркистон ба истиснои Хива ва Бухоро ворид мешавад” [2, с. 29, с. 152].

14 сентябри соли 1920 аввалин қурултойи Умумибухорогӣ Бухороро Ҷумҳурии Халқии Шӯравӣ (ҶХШБ) эълон намуд [3, с. 41].

24 ноябри соли 1917, дар рӯзномаи Ҳукумати муваққатии коргару деҳқон, Декрети №1 дар бораи суд интишор шуд [4, с. 20]. Аввалин дастурҳои самти системаи судии ҳамаи давлатҳои шӯравӣ дар оянда, аз ҷумла ҶМШС Туркистон ва ҶХШБ, аз ҷониби В.И. Ленин дар Декрети №1 дар бораи суд муқаррар карда шудааст [5, с. 39].

Бо мақсади иҷрои ин декрет, Шӯрои Комиссарони Халқии Туркистон 12 декабри соли 1917 фармоне таҳти рақами 17 “Дар бораи азнавсозии муқаррароти судӣ” баровард, ки дар он омадааст: “... дастурҳои умумии ҳозираи судӣ, ба монанди: судҳои округӣ, палатаҳои судӣ ва ҳама гуна судҳои ҳарбӣ бекор карда мешаванд» [6, с. 177].

Муқаррароти асосӣ қарори Шӯрои Комиссарони Халқии қаламрави Туркистон аз 12 декабри соли 1917 бо декрети №1 дар бораи суди Шӯрои Комиссарони Халқии ҶФШСР аз 24 ноябри соли 1917 мувофиқат мекард, аммо бо вуҷуди ин, миёни ин ду санад ҳанӯз ду фарқият ҷой дошт. Х. Сулаймонова дар ин бора менависад: [7, с. 11]

1. Дар моддаи 5 Декрети №1 дар бораи суди Шӯрои Комиссарони Халқии ҶФШСР муқаррар шуда буд, ки судҳои маҳаллӣ парвандаҳоро аз номи Ҷумҳурии Россия баррасӣ мекунанд ва дар қарорҳо ва ҳукмҳои худ танҳо дар ҳолатҳое қонунҳои ҳукуматҳои сарнагуншуда ба асос мегирад, ки онҳоро инқилоб бекор накардааст, бо виҷдони инқилобӣ ва шуури ҳуқуқии инқилобӣ мухолифат надорад. Дар қарори Шӯрои Комиссарони Халқии қаламрави Туркистон аз 12 декабри соли 1917 дар мавриди аз кадом қонунҳо истифода кардани судҳои маҳаллӣ дар қарорҳо ва ҳукмҳои худ чизе гуфта нашудааст.

2. Декрети №1 дар бораи суд таъсиси трибуналҳои инқилобиро барои мубориза бо зиддиинқилобчиён, инчунин барои баррасии парвандаҳои ғоратгарӣ, истисмор, тахрибкорӣ ва дигар сӯиистифода аз ҷониби тоҷирон, соҳибони ташкилотҳои саноатӣ, мансабдорон ва ғ. пешбинӣ мекард. Дар қарори Шӯрои Комиссарони Халқии қаламрави Туркистон аз 12 декабри 1917 дар мавриди ташкили трибуналҳо чизе гуфта нашуда буд [7, с.11].

Бояд қайд кард, ки дар қарор инчунин дар бораи сарнавишти қозихона ва бийҳо чизе гуфта нашудааст [8, с. 207-208].

Аммо, вазъи душвори сиёсӣ дар қаламрави Туркистон, аз ҷумла дар Тоҷикистони шимолӣ, имконият надод, ки Декрети №1 Шӯрои Комиссарони Халқии ҶФШСР ва қарори Шӯрои Комиссарони Халқии Туркистон фавран иҷро шаванд.

Декрети №1 дар бораи суд ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ ислоҳоти судиеро, ки ҳукумати инқилобии шӯравӣ дар дар назар дошт, амалӣ карда натавонист. Муқаррароти он дар Декрети №2 дар бораи суд аз 7 марти соли 1918 ва Декрети №3 дар бораи суд аз 20 июли соли 1918 тавсеа ёфтанд.

Бо Қарори Анҷумани VI Шӯроҳои Ҷумҳурии Туркистон Комиссариати Халқии Адлия таъсис ёфт ва моҳи июни соли 1918 дар КХА комиссияи махсус ташкил карда шуд, ки мебоист мунтазам системаи нави судиро ҷорӣ мекард [8, с. 207-208].

Аллакай дар фасли тирамоҳ комиссия лоиҳаи дастурамали “Дар бораи интихоботи судҳои халқии Ҷумҳурии Туркистон”-ро таҳия кард [9, с. 280]. Пас аз муҳокимаи дастурамал дар ҷаласаи КМИ Туркистон, декрет аз 16 ноябри соли 1918 қабул гардид, ки тибқи он лоиҳа тасдиқ ва дар матбуот интишор шуд [9, с. 280].

Мувофиқи Дастурамали зикршуда дар ҶМШС Туркистон чунин системаи судӣ таъсис дода шуданд: а) суди халқии маҳаллӣ (иборат аз як судяи доимӣ ва ду машваратчии халқӣ); б) Шӯрои судяҳои маҳаллии халқ, ба ҳайси марҳалаи доимии кассатсионӣ (иборат аз шаш узви коллегия, ки раиси шӯроро аз байни худ интихоб мекарданд); в) судҳои халқии округӣ дар маҷмӯи коллегияҳои гражданӣ (3 узви суд ва 4 машваратчии халқӣ) ва ҷиноятӣ (узви суд, ки ба ҳайси раисикунанда ҳам амал мекард ва 12 судя); г) Суди Кассатсионии Туркистон, ки аз аъзои доимӣ иборат буд, ки шумораи онҳоро КМИ Туркистон муайян мекард. Суди Кассатсионии Туркистон дертар нолозим дониста ва бекор карда шуд. Судҳои округӣ (вилоятӣ), тавре ки Х.С. Сулаймонова таъкид мекунад, он қадар маъруфият ҳам надоштаанд. Дере нагузашта пас аз ҷорӣ кардани Низомнома дар бораи Суди ягонаи халқии ҶШФСР аз 30 ноябри соли 1918 дар ҶМШСТ ин судҳо ҳам бекор карда шуданд [9, с. 281].

Фармони КМИ Туркистон аз 16 ноябр, инчунин “Низомнома дар бораи Суди ягонаи халқии ҶШФСР”, ки аз Москва фиристода буданд, дар матбуот барои муҳокимаи умум нашр ва сипас бо тағйиру иловаҳо дар Анҷумани VII ғайринавбатии Шӯроҳои Ҷумҳуриҳои Туркистон моҳи марти соли 1919 тасдиқ гардид [11, с. 63].

Дар асоси қарори Анҷумани VII Шӯроҳои ҶМШСТ, Комиссари халқии адлия “Низомнома дар бораи суди ягонаи халқӣ” -ро барои Ҷумҳурии Туркистон таҳия намуд.

Интихоботи судҳои халқӣ, ки дар охири соли 1918 - аввали соли 1919 дар асоси санадҳои дар боло зикршуда баргузор гардид, сарфи назар аз мушкилоти ҷиддии объективӣ ва ташфиқоти зиддишӯравии душманони синфии низоми шӯравӣ, дар маҷмӯъ муваффақ буданд. “Дар вилояти Сирдарё - 62, Самарқанд – 57 ва Фарғона – 45 суди маҳаллӣ” ташкил карда шуданд [11, с. 63].

Тадбири дигари таъсиси системаи судҳои халқӣ дар ҶМШС Туркистон дар доираи суди ягона тақсим кардани муассисаҳои судии мардуми таҳҷоӣ ва рус буд. Дар “Низомнома дар бораи суди ягонаи халқӣ”, ки дар миёнаҳои соли 1919 қабул карда шуд, тақсимоти зерин пешбинӣ шудааст: судҳои халқӣ ба судҳо барои аврупоиён ва мусалмонон тақсим карда шуданд, шӯроҳои минтақавӣ дар суди халқӣ шӯъбаҳои дахлдор доштанд. Аз судҳои халқӣ, ки ба фаъолияти худ пас аз интихоботи аввалини моҳи августи соли 1919 дар вилояти Сирдарё шурӯъ карда буданд, 31 нафар судяи “мусалмонӣ” ва 30 нафар судяи “русӣ”, дар Самарқанд 24 суд ва дар Фарғона 20 суд амал мекарданд [11, с. 67].

Бо қарори №167 КМИ Туркистон ва КШХ аз 23 декабри соли 1922 низомнома дар мавриди қозихона ва бийҳо бекор ва низомномаи нав дар бораи судҳои қозӣ ва бий, ки баъди муқаррар кардани ҳудудҳои миллӣ-давлатӣ дар Осиёи Миёна, яъне то солҳои 1928 амал мекард, қабул гардид [12, с. 791].

Таҳия ва қабули “Низомнома дар бораи системаи судии ҶМШС Туркистон”, ки асоси ислоҳоти судии соли 1923 буд, сабаби муҳокимаи масъалаи мурофиаи судӣ дар Анҷуманҳои

X ва XI Шӯроҳои умумитуркистонӣ, инчунин дар маҷлиси бюрои Осиёи Марказии КМ ҲКР (б) дар 2 октябри соли 1922 гашт.

Аз соли 1923 дар ҶМШС Туркистон, чун дар тамоми кишвар, кори ташкили мақомоти судӣ дар асоси Низомномаи зикршуда дар бораи сохтори судӣ оғоз ёфт. Дар асоси ин муқаррарот, дар Туркистон системаи судии зерин ҷорӣ карда шуд:

1. Суди халқӣ. 2. Суди вилоятӣ. 3. Шӯъбаи Туркистонии Суди Олии ҶШФСР [13, с.57].

Шӯъбаи Туркистонии Суди Олии ҶШФСР, ки соли 1923 таъсис ёфтааст, мутобиқи Низомнома дар бораи системаи судии ҶШФСР, ки аз тарафи Кумитаи иҷроияи марказии Умумироссиягӣ 11 ноябри соли 1922 дар асоси якҷояшавии вазифаҳои Трибунали олии инқилобӣ ва назорати судии КХА-и ҶМШС Туркистон қабул шуда буд, аз Раёсат ва ду коллегия иборат буданд: коллегияи кассатсионӣ ва коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ вуҷуд надошт [9, с. 293].

Дар натиҷа, шикоятҳои кассатсионӣ аз болои қарорҳои судҳои минтақавии ҶМШС Туркистон оид ба парвандаҳои гражданӣ мустақиман аз ҷониби худи Суди Олии ҶШФСР ҳал карда мешуд. Ҳамин тавр, ҳалли шикоятҳои кассатсионӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, баррасии парвандаҳои махсусан муҳими ҷиноятӣ ҳамчун суди марҳилаи аввал ва назорати фаъолияти судии ҳамаи судҳои ҷумҳурии Туркистон ба зиммаи шӯъбаи Туркистони Суди Олии ҶШФСР гузошта шуд. Вазифаи идораи судӣ дар Туркистон ба зиммаи Комиссариати Халқии Адлияи ҶМШС Туркистон гузошта шуд [7, с. 21].

Дар давраи мавриди назарамон дар минтақаҳои ҶМШС Туркистон, аз ҷумла дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, инчунин ҷаласаҳои меҳнатии судҳои халқӣ оид ба парвандаҳои марбут ба вайрон кардани қонунҳои меҳнат, комиссияҳои замин, салоҳияти судӣ ҳам доштанд ва судҳои махсус – трибунали ҳарбӣ ва трибуналҳои ҳарбӣ–нақлиётӣ амал мекарданд.

Дар адабиёти таърихӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла осорҳои М.М. Муллоев ва Ш.Ташлиев [3, с.23, с.66], Р.С. Гимпелевич ва Ш. Розиқов [15, с.12-14 ], Т. Каримов [17, с.271], Х.С. Сулаймонова [9, с.270.], А.Х. Расулов [18, с.64-65], М.С. Восиқова [19, с.44], Ш. Розиқов [20, с.70]. Н.И. Абидова, дар китоби "Таърихи давлат ва ҳуқуқи Ӯзбекистони шӯравӣ" [14, с.214] масъалаи барҳам додани ҳокимияти кӯҳна (истисморкунанда) -и давлатӣ дар қаламрави Туркистон ва ҶХШ Бухороро дар бар мегирад, санаҳои гуногуни барҳам додани системаи кӯҳнаи судӣ оварда шудаанд.

Ф. Тоҳиров дар асоси таҳлили маводи бойгонии давлатии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст қайд мекунад, ки «31 декабри соли 1917 Шӯрои Комиссарони Халқии Туркистон аз ҷониби ҳукумати марказии ҶФШСР санксия гирифта, дар асоси он фармони №32-ро содир намуд, ки мувофиқи он барҳамдиҳии системаи судии пеш аз инқилобӣ муваққатан мавқуф гузошта шуда, аз тамоми муассисаҳои судӣ хоҳиш карда шуд, ки вазифаҳои худро то фармонҳои дахлдор дар ин робита идома диҳанд. Ҳамин тавр, 11 марти соли 1918 ба суди оштидиҳандаи минтақаи якуми округи Хуҷанд фармони хаттӣ омад, ки дар он гуфта мешуд «тибқи фармони №1-и комиссари адлия аз 22 феврали соли 1918, дар асоси фармони №32-и Шӯрои Комиссарони халқии минтақа, меъёрҳои судӣ то ташкили судҳои нав, ки ба шумо дар ин мавриди барои маълумот ва иҷрои он хабар дода мешавад, амал мекунад" [16, с.108] (Бойгонии давлатии вилояти Суғд, ф.7, р. 1, п. 2, в. 4).

Ба ин ҳол бояд ба андешаи Ф. Тоҳиров розӣ шуд, ки дар асосиислоҳот низоми кӯҳнаи судӣ дар ҶМШС Туркистон, аз ҷумла дар Тоҷикистони шимолӣ танҳо баҳори соли 1919 барҳам дода шудааст, гарчанде ки баъзе муассисаҳои судӣ, ба монанди қозихона то 30 июни соли 1928 амал мекарданд [23, с. 90-91].

Раванди ташаккули ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Бухорои шарқӣ аз раванди ташаккул ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистони муосир, аз ҷумла қисматҳои шимолии Тоҷикистон ҶМШС Туркистон ба куллӣ фарқ мекунад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки қабл аз омӯхтани тартиби ташаккули ислоҳоти системаи судии шӯравӣ дар Бухорои шарқӣ, аввал сохтори ташаккули ислоҳоти системаи судии шӯравӣ дар ҶХШ Бухоро таҳлил намоем.

Маврид ба зикр аст, ки Бухорои шарқӣ (Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубии имрӯза) яке аз воҳидҳои марзию маъмурии ҶХШ Бухоро ба ҳисоб рафта, шароити мушкили ҷуғрофӣ барои ғалабаи Инқилоби Октябр монеъагиҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст ва ҷанги гражданӣ солҳои зиёд давом намудааст [24, с. 104].

Ш. Розиқов [20, с.81] ва А. Расулев [18, с.101] қайд мекунанд, ки дар асоси Декрети ҳукумати ҶХШ Бухоро аз 2 сентябри соли 1920 суди халқии шӯравӣ ва судҳои халқии қозигӣ ва шӯрои қозиҳои халқӣ ҳамчун марҳалаи кассатсионӣ таъсис дода шуданд [18, с.101].

Раванди баргузории ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ ва барҳамдиҳии низоми кӯҳнаи судӣ дар Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ - дар ҳудуди Бухорои шарқӣ, ки воқеан қаламрави ҶМШТоҷикистонро дар оянда ташкил медод, хусусиятҳои хоси худро дошт.

Яке аз муҳаққиқони таърихи ташкили ҶХШ Бухоро А.И. Ишанов дар ин бора менависад, ки «...гузариш аз шаклҳои кӯҳнаи пеш аз инқилобии суди шаръӣ ба шаклҳои нави демократии суди халқӣ фавран ба амал наомадааст...» [26, с. 202].

Ҳамин тариқ, дар ҳисоботи Нозирони Адлияи Ҷумҳурии Бухоро сохтори умумии системаи судӣ муайян карда шуд: Вазорати адлия мақоми олии судӣ мебошад, ки тамоми фаъолияти судҳои қозихонаро ташкил ва роҳбарӣ мекунад; Шӯрои Қозиёни халқ - аз як раиси доимӣ иборат буд, ки номзадии вай бо пешниҳоди Нозирони Адлия аз ҷониби КИБ ва аз аъзои доимии Шӯро, ки Нозирот таъйин кардааст, тасдиқ мешуд. Ҳамчун як мақоми назорати олии судӣ, Шӯрои Қозиёни Халқӣ ба ҷуз аз баррасии шикоятҳои кассатсионӣ, инчунин ҳақ доштанд, ки тамоми муассисаҳои судии адлияи гражданиро тафтиш кунанд. Ба ғайр аз судҳои қозигӣ, ба Нозироти Адлия инчунин Шӯрои судҳои халқӣ, ки дар қаламрави ҶХШБ ҷойгир буданд, тобеъ буд: дар Бухорои Нав ва Кӯҳна, Чорҷӯ, Тирмиз ва Кирк; марҳалаи кассатсионии Судҳои Шӯрои Халқӣ Шӯрои Қозиҳои Халқӣ буд [21, с. 102].

Бо ташкили ҶХШ Бухоро, судҳои дар боло номбаршуда ба Нозироти Адлия тобеъ шуданд. Марҳалаи кассатсионӣ барои онҳо, тавре ки дар боло ишора шуд, Шӯрои Қозиёни Халқӣ дар Бухоро буд. Ду Шӯрои Қозиёни Халқӣ таъсис ёфта буданд: дар шаҳри Бухоро барои вилоятҳои ғарбӣ ва дар шаҳри Душанбе барои вилоятҳои шарқӣ [20, с.81].

Дар қаламрави Бухорои шарқӣ се қозии халқӣ (дар Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа) ва як Шӯрои Қозиёни Халқӣ барои минтақаҳои зикршуда амал мекарданд [18, с. 101].

Дере нагузашта пас аз қарори зикршуда аз 27 майи соли 1922, ҳукумати ҶХШ Бухоро Қонуни муваққатӣ дар бораи қозиёни халқиро қабул [18, с.101] ва сипас 18 декабри 1922, он як Низомномаи нав "Дар бораи судҳои қозиёни халқӣ"-ро тасдиқ кард [21, с. 105].

Маъмулан, муҳаққиқон ҳангоми таваҷҷӯҳ ба масъалаи инкишофи ҳокимияти судии ҶХШ Бухоро асосан ба Низомнома дар бораи системаи судии ҶХШБ дар соли 1924 такя мекунанд (масалан, Ш. Розиқов [20, с.102], А. Расулев [18, с.83]). Ин, дар ҳақиқат, як санади муҳими меъёрист, ки дар мавзуи алоҳида таҳлил хоҳем кард. Низомномаи дуюми соли 1922 ҳатто дар адабиёти илмӣ зикр нашудааст. Дар ҳамин ҳол, Низомномаи соли 1922 қадами наве дар ислоҳоти системаи судии ҶХШБ дар роҳи бунёди низоми минбаъдаи судии шӯравӣ гардид. Дар ин бора "Нусхаи Протоколи №16 аз ҷаласаи якҷояи Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказии умумибухороӣ, Шӯрои Қозиёни Халқӣ ва Шӯрои Меҳнат" аз 18 декабри соли 1922 бо имзои Файзулло Хоҷаев шаҳодат медиҳад [21, с.106-107].

Соли 1923, бори аввал дар қаламрави ҶХШБ ташкили Шӯрои судҳои халқӣ барои аҳолии бумӣ оғоз ёфт [21, с. 106-107].

Қарори №30 "Дар бораи ҷорӣ намудани низомнома дар бораи системаи судии ҶХШБ"-хишти бунёдии азнавсозии ҷиддии мақомоти судии Бухорои Шӯравиро гузошт. Дар моддаи 1-и "Низомнома дар бораи системаи судии ҶХШБ" аз 5 январи соли 1924 омадааст: "Барои ҳифзи музаффариятҳои инқилоби пролетарӣ, таъмини манфиатҳои давлат, ҳуқуқҳои коргарон ва иттиҳодияҳои онҳо, дар қаламрави ҶХШБ системаи ягонаи муассисаҳои судии зерин амал мекунад" [27, л.113]:

1) Суди халқӣ ва Суди қозигӣ, ки аз як судяи доимии халқӣ ё Қозӣ иборат аст; 2) Суди халқӣ ё қозигӣ, ки аз ҳамон судяи доимии халқӣ ё қозӣ ва ду машваратчии халқӣ иборат аст; 3) Суди округӣ; 4) Суди Олии ҶХШБ [27, л.113].

Тибқи моддаи 2, барои баррасии парвандаҳои категорияҳои махсус, бо назардошти мураккабии мушаххаси чунин парвандаҳо, зарурати мавҷудияти дониш ва малакаи махсус барои баррасии онҳо ва бо сабабҳои аҳаммияти махсус доштани баъзе категорияҳои амалҳои ҷиноятӣ, ё ба қудрати ҳарбии ҷумҳурӣ ва пешрафти иқтисодии он вобаста, дар якҷоягӣ бо системаи ягонаи судҳои халқӣ ва судҳои қозигии ҶХШБ, судҳои махсуси зерин муваққатан амал мекарданд:

а) трибунали ҳарбӣ барои парвандаҳои ҷиноятҳое, ки ба таҳким ва қудрати Артиши Сурх ва милитсия таҳдид мекарданд;

б) Комиссияҳои арбитражӣ назди Шӯрои иқтисодии Бухоро барои ҳолатҳое, ки байни мақомоти давлатӣ баҳсҳои ҳуқуқии молумулкӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ёддошти ин сархат қайд карда мешавад, ки «Комиссияҳои арбитражӣ, ки барои ҳалли баҳсҳои моликият байни мақомоти давлатӣ ташкил карда шудаанд, мутобиқи муқаррароти он амал мекунанд ва бо тартиби назорат ба Нозирони Адлияи Халқӣ ва мақомоти маҳаллии он – ҷаласаҳои умумии судҳои округӣ (вилоятӣ) ва нозироти прокурорӣ (дар якҷоягӣ бо Суди Олӣ ва Прокурори ҷумҳурӣ) тобеъ мебошанд”. Х.М. Ғафуров дар монографияи худ нодуруст қайд мекунад, ки бори аввал Комиссияи арбитражӣ дар қаламрави Тоҷикистони муосир соли 1926 дар назди Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ташкил карда шудааст [28, с. 138]. Аз мундариҷаи банди б, моддаи 2 низомномаи дар боло овардашуда, фаҳмида мешавад, ки бори аввал ин мақомот оид ба ҳалли баҳсҳои молумулкӣ ҳанӯз соли 1924 таъсис ёфта будааст.

Дар асоси нуктаҳои боло, гуфтан мумкин аст, ки пас аз пирӯзии инқилоби шӯравӣ ва баргузории ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ низоми кӯҳнаи судӣ, яъне қозихонаҳо дар Бухорои Шарқӣ дарзамон барҳам дода нашуданд. Дақиқтараш, аввалан, низоми кӯҳнаи қозихона барҳам дода шуд, на худи қозиҳо. Қозиҳо бо маҳдуд гаштани салоҳияташон ба таври оддӣ ба қозиҳои халқӣ табдили ном карданд. Дар аввал онҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии ислом бо маҳдудияти тадриҷии доираи фаъолияти худ амал мекарданд; дуввум, дар қаламрави Бухорои Шарқӣ, бинобар вазъи фавқулоддаи вазнин ва муборизаи мусаллаҳонаи тӯлонӣ бар муқобили зиддиинқилобчиён, системаи судии кӯҳна каме дертар, яъне бо таъсиси Комиссияи Фавқулоддаи Диктаторӣ оид ба Бухорои Шарқӣ 8 январи 1922, ки ҳокимияти номаҳдуд, аз ҷумла салоҳияти амалӣ намудани адолати судиро ҳам дошт, барҳам дода шуд [29, с. 84 – 85, с. 61].

Аз таҳлили мазмуни ин санадҳои таърихии тақдирсоз ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин санадҳои фавқуззикр, виҷдони инқилобӣ ва шуури ҳуқуқии инқилобӣ ҳамчун заминаи нахустин барои ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳуриҳои шӯрави шароит фароҳам овард.

Солҳои аввали таъсисёбии ҳокимияти шӯравӣ ҳангоми амалӣ намудани ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ба системаи судии амалкунанда тағйирот ворид карданд, агар мумкин ҳам мебуд, лекин имкони фавран барҳам додани судҳои маҳаллии миллӣ (қозихонаҳо, бийҳо, оқсаққолҳо) вуҷуд надошт.

Ба фикри мо, ҳангоми баргузории ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ ва бо барҳам додани судҳои маҳаллии миллӣ ҳукумати ҳамон вақтаи инқилобии шӯравӣ мебоист эҳтиёткорона муносибат менамуд. Бояд барои ба бовари аҳолӣ даромадан амалан бартарии судҳои шӯравӣ ҳамчун ҳимоятгари ҳақиқии халқ нишон дода мешуд. Бо вуҷуди ин, раванди барҳамдиҳии ин судҳо дар баъзе ҷойҳо тӯлонӣ шудааст. Дар баъзе маврид, ин ҳолатро инчунин бо барқароркунии минбаъдаи ҳокимияти шӯравӣ дар ин минтақа шарҳ додаанд.

Бояд қайд намуд, ки арҷ гузоштан ба арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ҳангоми баргузории ислоҳотҳо, аз ҷумла ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ барои ҳукумати инқилобии шӯравӣ тадбирҳои дурандешона ва воқеъбинона андешидан зарур мебуд. Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки баръакс мардум аз ин ислоҳот норозӣ шуданд ва амалишавии он дар мӯҳлатҳои тӯлонӣ давом ёфт ва ё боиси ошӯби мардуми таҳҷойи ва зидиинқилобчиён гардид. Бо вуҷуди ин, ҳангоми ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШ Бухоро хусусиятҳои динӣ, таърихӣ, урфу одатӣ, иҷтимоию сиёсӣ,

иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи кӯҳистон, инчунин таъсири қавии меъёрҳои ислом дар ҳаёти ҳаррӯза ва шуури аҳолии таҳҷоӣ на он қадар баназар гирифта шуданд.

Маврид ба зикр аст, ки яке аз сабабҳои дер давом кардани ҷанги гражданӣ ва ба фаъолият оғоз накардани муассисаҳои давлати шӯравӣ, аз ҷумла системаи судӣ аз ҷониби инқилобчиён арҷ нагузоштан ба муқаддасоти миллии мардуми минтақа буд.

***Адабиёт***


1. Уразаев, Ш. З. Туркестанская АССР и ее государственно-правовые особенности / Ш. З.Уразаев. - Ташкент, 1958. - 322 с.
2. Турсунов, Х.Т. Образование Узбекской Советской Социалистической Республики. / Х.Т. Турсунов. - Ташкент, 1957. - 239 с.
3. Муллаев М. М. История уголовного права Таджикской ССР. / М. М. Муллаев. - Сталинабад, 1960. Ч. 1. 158 с.
4. Иркаев, М. Барпо ва мустаҳкам намудани ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон / М. Иркаев. - Душанбе, 1966. - 470 с.
5. Сапаргалиев, М. История народных судов / М. Сапаргалиев. - Казахстана Алма-Ата, 1966. - 447 с.
6. Алакпаров К.А. Становление отечественного суда и формирование принципов судопроизводства в 1917 - 1936 гг. Дис… к. ю. н. / К. А. Алакпаров. - М ., 2005. - 182 с.
7. Каримов, Т. Победа Великой Октябрьской социалистической революции и решение аграрного вопроса в Таджикистане. Душанбе, 1968. Ч. 1. 209 с.
8. Сулайманова, Х.С. К истории организации советских судов в Узбекистане. Ташкент, 1950. - 210 с.
9. Материалы к истории советского государства и права Узбекистана. 232 с.
10. Сулайманова, Х.С. Собрание сочинений. / Х.С. Сулайманова. - Ташкент, 1967. Т.1. 217 с.
11. Табаров, Н.Д. Институт военного судьи в досоветском Таджикистане (историко – правове исследование): автореф. дис. … к. ю. н.:12.00.01. / Н.Д. Табаров. - Душанбе, 2015. - 25 с.
12. Абидова, Н. И. Суды казиев и особенности их ликвидации в Узбекской ССР. Ташкент, 1974. 215 с.
13. БМД ҶТ. ф.10, оп.1, д.35, л.9; Систематическое собрание действующих законов Таджикской ССР. / Н. И. Абидова. - Сталинабад, 1932. - 810 с.
14. Дурдыев, Б. Создание и развитие советского суда в Туркменистане / Б. Дурдыев. - Ашхабад, 1960. 234 с.
15. Ташлиев, Ш. Установление и упрочение Советской власти в Туркестане (1917 – июнь 1918 гг.). / Ташлиев. - Ашхабад, 1957. - 243 с.
16. Сулейманова, Х.С. История советского государства и права Узбекистана / Х.С. Сулейманова. - Ташкент, 1978. Т. 1. 294 с.
17. Гимпелевич, Р.С. Слом старого и создание нового советского суда в Таджикистане // Вопросы уголовного права, прокурорского надзора, криминалистики и криминологии. / Р.С.Гимпелевич, Ш. Разыков. - Душанбе, 1968. - 287 с.
18. Тахиров, Ф. Т. История государства и права Таджикистана (1917 – 1929 гг.). / Ф. Т. Тахиров. - Душанбе, 2001. ч.1.Т.2. 493 с.
19. Каримов, Т. Победа Великой Октябрьской социалистической революции и решение аграрного вопроса в Таджикистане / Т. Каримов. - Душанбе, 1968. Ч. 1. 310 с.
20. Расулев, А.Х. Создание и развитие советского суда в Узбекистане / А.Х. Расулев. - Ташкент, 1957. 232 с.
21. Васикова, М. Законодательная деятельносгь Узбекской ССР. / М. Васикова. - Ташкент, 1973. – 44 с.
22. Разыков, Ш. К истории советского суда в Таджикистане. / Ш. Разыков. - Сталинабад, 1960. 205 с.
23. Кахаров, А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР: Дис… к.ю.н. / А.А. Кахаров. - Д., 1999. - 194 с.
24. Тахиров, Ф. Т. Становление советского права в Таджикистане / Ф. Т. Тахиров. - Душанбе, 1987. - 220 с.
25. Иркаев, М. История гражданской войны в Таджикистане / М. Иркаев. - Душанбе, 1971. - 231 с.
26. Уразаев, Ш.З. В.И. Ленин и строительство советской государственности в Туркестане. / М. Уразаев Ташкент,1964. 406 с.

27.Ишанов, А.И. Бухарская Народная Советская Республика / А.И. Ишанов. - Ташкент, 1969. - 250 с.
28.БМД ЧТ, ф. 47, оп.1, д.30, л.113.
29.Гафуров, Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. / Х.М. Гафуров. - Душанбе, 2007. - 130 с.
30.Абдурахманов, М. К вопросу о ЧДК Восточной Бухары // Ученые записки юридического факультета. Душанбе, 1968. 213 с.
31.Тоҳиров, Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон / М. Абдурахманов. - Душанбе, 1994. - 258 с.

## МАХСУСИЯТИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ - ҲУҚУҚИИ СОЛҲОИ АВВАЛИ ТАЪСИСЁБИИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ин тадқиқот ба таҳлили ҷараёни ислоҳоти судӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон дар давраи барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ бахшида шудааст. Диккати асосии муаллиф ба Республикаи Советии Социалистии Туркистон (ТАСС) ва Республикаи Халкии Советии Бухоро, ки районхои шимолӣ ва чанубии Точикистони имрузаро дарбар мегирифтанд, нигаронида шудааст.

Ин тадқиқот давраи аз соли 1917 то соли 1918-ро дар бар мегирад, ки дар он дар системаи судӣ мувофиқи воқеияти нави сиёсӣ дигаргуниҳои фаъолона ба амал омадаанд.: Дар ин бахш санаҳо ва муқаррароти асосии санадҳои ҳуқуқӣ, ки боиси таъсиси ин ниҳодҳои сиёсӣ гардиданд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таъсири декретҳои Ҳокимияти Советӣ ба сохти судии Туркистон: Дар ин бахш карорҳои Комитети Иҷроияи Марказӣ, махсусан декрети № 1 дар бораи судҳо ба инкишофи сохти судии Туркистон чи гуна таъсир расонидаанд, таҳқиқ карда мешавад.

Муаллиф хусусиятҳои хоси ислоҳоти судиро дар Туркистон, монанди нигоҳ доштани баъзе унсурҳои сохти судии куҳна ва душвориҳои татбики қонунҳои навро нишон медиҳад. Раванди таъсиси низоми нави судӣ, аз ҷумла сохтори судҳо, салоҳияти онҳо ва усули ташаккули онҳо муфассал тавсиф карда шуд.

Умуман, ин тадкикот дар омузиши таърихи суд дар давраи советй хиссаи арзанда дорад ва имкон медихад, ки мархалахои асосии ташаккули системаи судиро дар яке аз минтакахои мухимтарини Осиёи Миёна пайгирӣ намоем

Калидвожаҳо: ислоҳоти судӣ, Туркистон, Тоҷикистон, Ҳокимияти Советӣ, декретҳо дар бораи суд, судҳои шариат.

## ОСОБЕННОСТИ СУДЕБНО-ПРАВОВОЙ РЕФОРМЫ В ПЕРВЫЕ ГОДЫ СОЗДАНИЯ СОВЕТСКОЙ ВЛАСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Данное исследование посвящено анализу процесса судебной реформы на территории современного Таджикистана в период становления советской власти. В фокусе внимания автора находятся Туркестанская Автономная Советская Социалистическая Республика (ТАССР) и Бухарская Народная Советская Республика, в состав которых входили северные и южные районы современного Таджикистана соответственно.

Исследование охватывает период с 1917 по 1918 годы, когда происходила активная трансформация судебной системы в соответствии с новыми политическими реалиями. Провозглашение Туркестанской АССР и Бухарской НСР: Анализируются даты и основные положения актов, легализовавших создание этих государственных образований. Влияние декретов советской власти на судебную систему Туркестана: Исследуется, как декреты ВЦИК, в частности Декрет № 1 о суде, повлияли на трансформацию судебной системы в Туркестане.

Автор выделяет специфические черты судебной реформы в Туркестане, такие как сохранение некоторых элементов старой судебной системы и сложности в реализации новых законодательных актов. Детально описывается процесс создания новой судебной системы, включая структуру судов, их компетенцию и порядок формирования.

В целом, исследование представляет собой ценный вклад в изучение истории советского правосудия и позволяет проследить основные этапы формирования судебной системы в одной из важнейших регионов Средней Азии.

**Ключевые слова:** судебная реформа, Туркестан, Таджикистан, советская власть, декреты о суде, шариатские суды.

## FEATURES OF JUDICIAL AND LEGAL REFORM IN THE FIRST YEARS OF THE ESTABLISHMENT OF SOVIET POWER IN TAJIKISTAN

This study is devoted to the analysis of the process of judicial reform in the territory of modern Tajikistan during the formation of Soviet power. The author focuses on the Turkestan Autonomous Soviet Socialist Republic (TASSR) and the Bukhara People's Soviet Republic, which included the northern and southern regions of modern Tajikistan, respectively.

The study covers the period from 1917 to 1918, when there was an active transformation of the judicial system in accordance with new political realities. Proclamation of the Turkestan ASSR and the Bukhara NSR: The dates and main provisions of the acts that legalized the creation of these state entities are analyzed. The influence of the decrees of Soviet power on the judicial system of Turkestan: It is investigated how the decrees of the All-Russian Central Executive Committee, in particular Decree No. 1 on the court, influenced the transformation of the judicial system in Turkestan.

The author highlights the specific features of judicial reform in Turkestan, such as the preservation of some elements of the old judicial system and the difficulties in implementing new legislative acts. The process of creating a new judicial system is described in detail, including the structure of the courts, their competence and the procedure for their formation.

In general, the study represents a valuable contribution to the study of the history of Soviet justice and allows us to trace the main stages of the formation of the judicial system in one of the most important regions of Central Asia.

**Keywords**: judicial reform, Turkestan, Tajikistan, Soviet power, court decrees, sharia courts.

**Дар бораи муаллиф:**
Шодиён Исматуллло Раҳматуллозод
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 888 88 83 12
E-mail: shodiyon-ismatullo@maill.ru

**Об авторе:**
Шодиён Исматулла Рахматуллзод
Кандидат юридических наук,
Доцент кафедры теории и истории государства и права
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17
Тел.: (+992) 888 88 83 12;
E-mail: shodiyon-ismatullo@maill.ru

**About the author:**
Shodiyon Ismatulla Rahmatullozod
Candidate of Law,
Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 17
Dushanbe highway, Buni Hisorak, house 12, phone: (+992) 888 88 83 12;
E-mail: shodiyon-ismatullo@maill.ru

ТДУ 659.11

# ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ БОЗОРГОНӢ ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ (РЕКЛАМА ВА БРЕНДИКУНОНӢ)

***Абдуҷаборзода Х. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Маҷмӯи пешбурди коммуникатсияҳои маркетингӣ маҷмӯи усулҳо ва фаъолиятҳоест, ки ба ташаккул ва нигоҳдории муносибатҳои муайяне, ки аз ҷониби ташкилот бо шунавандагони мақсаднок ба нақша гирифта шудааст, барои эҷод ва ҳавасманд кардани талабот ва баланд бардоштани обрӯи ширкат дар назди ин аудиторияҳо нигаронида шудааст. Сохтори ин маҷмаа аз реклама, пешбурди фурӯш, фурӯши шахсӣ, робита бо ҷомеа иборат аст. Ҳар як элементи комплекси пешбарӣ техника ва усулҳои мушаххас дорад. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо як ҳадаф доранд - саҳм гузоштан дар татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳои стратегӣ ва тактикӣ барои амалӣ намудани консепсияи маркетинг. Ба туфайли моҳирона ба ҳам пайвастан ва ҷорӣ намудани тамоми чор звенои комплекс пешбарии маҳсулот ба бозор таъмин карда мешавад. Пешбурди коммуникатсияҳои маркетингӣ маҷмӯи усулҳо ва фаъолиятҳоест, ки ба ташаккул ва нигоҳдории муносибатҳои муайяне, ки аз ҷониби ташкилот бо шунавандагони мақсаднок ба нақша гирифта шудааст, барои ташкил ва ҳавасманд кардани талабот ва таҳкими симои бренд дар назари шунавандагон нигаронида шудааст. [2, с. 270]

Дар асоси таҳлили асарҳои зиёд мо ба хулоса омадем, ки воситаҳои муосири бозоргонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ маҷмӯи воситаҳо, каналҳо, робитаҳои мустақим (паёмҳо) ва баръакс (реаксияи қабулкунанда) дар раванди таъсири мутақобилаи низоми маркетинг бо муҳити беруна, инчунин маҷмӯи шаклу воситаҳои муносибатҳои байнишахсии он мебошад. Барои расонидани паёмҳои банақшагирифташуда ба истеъмолкунанда чунин намудҳои воситаҳои муосири бозоргонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд: реклама; пешбурди фурӯш; робита бо ҷомеа (PR); маркетинги мустақим; фурӯши шахсӣ; сарпарастӣ; додани иҷозатнома; нигоҳдории хизмат.

Реклама дар ҷаҳони муосир нақши хеле муҳимро мебозад. Ҳеҷ гуна маҳсулот ё хизматро бидуни рекламаи дуруст ва босифат пешниҳоди бозор намгардад. Банақшагирии маъракаи таблиғотӣ ба ташкилот имкон медиҳад, ки маблағҳо дар тамоми ҷараёти муомилот чӣ гуна тақсим карда шаванд. Инчунин, он имкон медиҳад, ки фаъолияти таблиғотиро дар як давраи муайян танзим намуда, онро пурмазмунтар ва мақсаднoктар кунед. Ҳамаи ин дар навбати худ боиси сердаромад гардондани маблағҳо ва кам шудани хароҷот ба буҷети реклама мегардад.

Дар соҳаи доимо васеъшавандаи маркетинг, реклама ҳамчун воситаи муҳим барои муошират бо аудиторияи мақсадноки онҳо хидмат мекунад. Бо вуҷуди ин, бо афзоиши таъсири реклама ба рафтори истеъмолкунандагон, таъмини рақобати одилона ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон қабули меъёрҳои нави ҳуқуқӣ барои мақомоти қонунгузор ва иҷроия аҳамияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад. [3,с.349]

Реклама ҷузъи ҷудонашаванда ва дар навбати худ қисми ҷудонашавандаи на танҳо маркетинг, балки тамоми системаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Он дар тиҷорати муосир нақши муҳим мебозад ва ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки диққати истеъмолкунандагони эҳтимолиро ба маҳсулот ё хидматҳои худ ҷалб кунанд.

Ба андешаи Мавлоназаров О.А. “Бозори рекламавии Тоҷикистон асосан ба рекламаи беруна - 48%, рекламаи телевизионӣ - 21% ва рекламаи радио - 20% тақсим карда мешавад. Саҳмҳои боқимонда ба таври зерин тақсим карда шудаанд: 7% газета ва журналҳо ва танҳо 4% реклама дар Интернет. Дар охири соли 2017 ҳаҷми умумии рекламаи Тоҷикистон аз сатҳи соли 2008 зиёд набуда, тақрибан 9 миллион долларро ташкил дод. Агар муқоиса кунем, Қиризистон бо аҳолии камтар аз Тоҷикистон 20 миллион доллар дар бозори рекламавӣ мубодила намуд. Яке аз сабабҳои бартарияти рекламаи беруна дар бозори рекламаи Тоҷикистон ин манъ кардани реклама аз ҷониби операторҳои мобилӣ дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон дар соли 2010 мебошад. Бинобар ин, ширкатҳои

телекоммуникатсионӣ баннерҳои беруниро истифода карданд. Бо вуҷуди ин, дар бозори рекламавии Тоҷикистон, рекламаи молҳои истеъмолӣ (техникаи маишӣ) дар ҷойи аввал мебошад. Танҳо баъд аз ин хизматрасонии мобилӣ, хизматрасонии молиявӣ ва хизматрасонии нақлиётӣ меистад. Ҳамзамон хароҷот ба рекламаи техникаи маишӣ тақрибан 1,4 миллион долларро ташкил дод. Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон тамоми намудҳои рекламаи муосир рушд накардааст, ки яке аз сабабҳои он мукаммал набудани танзими ҳуқуқии бозори реклама мебошад.

Дар замони муосир ба рушди бозори реклама таснифоти реклама низ нақш дорад. Айни ҳол реклама бо назардошти маҳакҳои гуногун тасниф карда мешавад:

1). Аз рӯи мақоми рекламадиҳанда: истеҳсолкунандагон, шахсони хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, Ҳукумат;

2). Аз рӯи ҳудуди фаро гирифта шудан: рекламаи дохилӣ, рекламаи минтақавӣ, рекламаи умумимиллӣ, рекламаи байналмилалӣ, рекламаи глобалӣ;

3). Аз рӯи намуди шунавандагони мақсаднок: реклама барои бахши соҳибкорӣ, реклама барои истеъмолкунандагон;

4). Аз рӯи воситаи таъсиррасонӣ: аёнӣ, овозӣ, аёниву овозӣ;

5). Аз рӯи паҳннамой: рекламаи чопӣ, реклама дар матбуот, реклама дар радио, рекламаи телевизионӣ, реклама дар Интернет, рекламаи беруна, реклама дар нақлиёт. [4, с. 105].

Банақшагирии реклама як раванди хеле мураккаб ва тӯлонӣ аст. Дар банақшагирии маъракаи таблиғотӣ ду субъекти асосӣ - рекламадиҳанда ва паҳнкунандаи реклама ҷалб карда мешаванд. Дар раванди банақшагирии маъракаи таблиғотӣ аз ҷониби рекламадиҳанда намояндагони хадамоти маркетингӣ, таблиғотӣ ва молиявӣ иштирок мекунанд. Тамос бо паҳнкунандаи реклама одатан аз ҷониби менеҷери таблиғот анҷом дода мешавад, ки онро агентии таблиғотӣ меноманд ва тамос бо рекламадиҳада аз ҷониби мудири шӯъбаи хизматрасонӣ ба мизоҷон амалӣ карда мешавад. Дар раванди банақшагирии маъракаи таблиғотӣ намояндагони шӯъбаи эҷодӣ (директори эҷодӣ, дизайнер, копирайтер) ва медианақшагир низ иштирок мекунанд.

Натиҷаи амалҳои муштараки сохторҳои дар боло овардашуда таҳияи нақшаи маъракаи таблиғотӣ барои як давраи муайян мебошад. Барои оғози кор, ширкат бояд шартҳои техникиро барои гузаронидани маъракаи таблиғотӣ таҳия кунад. Шартҳои техникӣ комилан ба вазифаи муштарӣ (рекламадиҳанда) асос ёфтаанд. Дар ин вазифа у маҳсулотеро, ки маъракаи таблиғотии он бояд ба нақша гирифта шавад, таърихи он, дар бораи он, ки пештар барои таблиғ чӣ гуна кӯшишҳо гузаронида шуда буданд, чӣ натиҷаҳо ба даст оварда шудаанд, пурра тавсиф мекунад. Ҳамаи ин маълумот бояд дар ихтиёри муштарӣ бошад ва дар сурати набудани он бояд аз шӯъбаи маркетинги ширкати муштарӣ маълумоти иловагӣ талаб кунад. Агар саволҳое вуҷуд дошта бошанд, ки фармоишгар ба онҳо ҷавоб наёбад, дар ин ҳолат зарур аст, ки бо фармоишгар бо саволҳои иловагӣ тамос гиред. Фармоишгар ба таври возеҳ мураттаб мекунад, ки чӣ гуна ҳадафҳо ва вазифаҳоро дар назди ширкати таблиғотӣ мегузорад, то натиҷа ӯро қонеъ гардонад. Ҳадафҳо метавонанд комилан гуногун бошанд, масалан: баланд бардоштани огоҳии бренд то 20%, зиёд кардани фурӯш 10%, шинос кардани истеъмолкунандагон дар бораи беназирии маҳсулоти ин бренд. Инчунин муайян кардан лозим аст, ки ширкат барои ин таблиғ чӣ маблағ сарф кардан мехоҳад ва иҷрокунандагон бояд дар кадом давра таблиғ пешниҳод кунанд.

Мониторинг инчунин маълумотҳои зеринро дар бар мегирад: дар кадом барномаҳои телевизионӣ таблиғи рақибон ҷойгир карда шудааст, дар кадом маҷаллаҳо, чӣ қадар давомнокии реклама ва андозаи таблиғоти чопӣ. Умуман, мониторинг нишон медиҳад, ки рақибон кадом омехтаи медиаро истифода кардаанд. Дар натиҷа, марказҳои тадқиқотӣ дар бораи рӯйхатҳои рақибон, хароҷоти таблиғи онҳо, қуллаҳои баландтарини фаъолияти рақибон, муносибати истеъмолкунандагон ба маҳсулоти рақибон маълумот медиҳанд. Пас аз он, бевосита ба таҳияи стратегияи таблиғотӣ гузаштан лозим аст. Пас аз таҳлили ҳадафҳо ва вазифаҳои дар боло зикршуда, вазъияти рақибон, банақшагир ва менеҷер ба таҳияи стратегияи таблиғи бренд идома медиҳанд. Онҳо хусусиятҳои истеъмолкунандаро муайян мекунанд (чӣ гуна ҷинс, чандсола, вазъи оилавӣ ва молиявӣ, дар бораи ин бренд чӣ медонад).

Ҳадафи нақшакаш дар ин марҳила муайян кардани мушкилоти муҳимтарини истеъмолкунанда ва маҷбур кардани тамоми агентӣ оид ба ҳалли кор аст. [6, с. 20].

Дар ин мархила ба ихтиёри мутахассисон ду вазифа гузошта мешавад: вазифаи эҷодӣ ва меди. Баъд аз ин кор ба таври мақсаднок ба шуъбаи эҷодӣ мегузарад, вале вай танҳо баъди иҷрои вазифаи эҷодӣ ба кор шуруъ мекунад ва нақша аз ҷониби сардори шӯъбаи мизоҷ имзо карда мешавад. Кори шӯъба аз вохӯриҳо бо мизоҷон оғоз мешавад. Мутахассисон бояд ҷувваи худро ба самти дуруст равона кунанд. Баъди шуъбаи эҷодӣ шуъбаи медиа ба кор дохил карда мешавад. Вазифае, ки ба он сардори шуъба имзо мекунад, пас он ба шуъбаи ВАО меравад, аммо, дар ин марҳила танҳо як вохӯрӣ бо муштариён имконпазир аст, ки дар он ҷузъиёти супориш муҳокима карда мешавад ва баъд аз он шӯъба ба кори худ оғоз мекунад. Кори шӯъбаи ВАО ба дарёфти посух ба саволҳо нигаронида шудааст: аудиторияи мақсаднок чист, минтақавӣ, мавсимӣ, вақти таблиғ. Пас аз он, таҳияи тақвими таблиғот оғоз мешавад, яъне кори шӯъбаи таблиғот. Вазифаи ин шӯъба таҳияи он таблиғоте мебошад, ки натиҷаҳои таблиғоти мустақимро дастгирӣ ва такмил медиҳанд. [1, с. 198].

Пас аз омода ва ба ВАО интишор гардидани таблиғот, онро таҳлил кардан, ба самаранокии он баҳо додан, бартарӣ ва нуқсонҳои кори анҷомдодаро муайян кардан лозим аст, то дар оянда кори он беҳтар шавад.

Реклама ба рушди соҳибкорӣ ва ташаккули иқтисоди иттилоотӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, истеъмолкунандагон – шахрвандон бояд аз суиистифодаи иштирокчиёни касбии бозори реклама эмин бошанд. Дар муносибатхои байни ин шахсон барои таъмини дастрасии реклама ба шумораи номаҳдуди шаҳрвандон давлат бояд аз як тараф ҳамчун кафили боэътимоди озодии реклама ва соҳибкорӣ, аз тарафи дигар ҳимоятгари қонунии манфиатҳо ва ҳуқуқҳои мадании истеъмолкунандагони реклама бошад.

Хулоса, бояд қайд кард, ки ҳангоми банақшагирӣ ва ташкил ташкилот бояд кӯшиш кунад, ки аз хатогиҳои маъмултарине, ки ҳангоми эҷоди реклама рух медиҳанд, пешгирӣ кунед. Онҳо метавонанд набудани тасвири доимии маҳсулот ё хизмати рекламашуда, идеяе, ки моҳияти брендро инъикос намекунад, инчунин муаррифии маҳсулот дар дараҷаи паст бошад. Ҳамаи ин метавонад ба молу хизмати рекламашуда зарари ҷуброннопазир расонад ва кӯшишҳоро барои ба бозор пешбарӣ кардани молу хизматро коҳиш диҳад. Ҳангоми интихоби шарик дар соҳаи пешниҳоди хизматҳои маркетингӣ дар маҷмӯъ ва бахусус гузаронидани тадқиқот, бояд ба назар гирифт, ки он бояд агентии брендинг ё маркетинг ё агентие бошад, ки дар соҳаи тадқиқоти маркетингӣ ва рушди хадамоти маркетинг барои ширкати муштарӣ пештар лоиҳа дошт. Стратегияи маркетинг дар асоси як қатор таҳқиқоти маркетингии баланди касбӣ таҳия мегардад.

***Адабиёт***


1. Золотухин, А.В. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник / А.В. Золотухин, Т.И. Султонова. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.
2. Макушева, О.Н. Интегрированные маркетинговые коммуникации как концепция продвижения продуктов и услуг компании / О.Н. Макушева // Молодой ученый. 2019. № 20 (258). - С. 269-271.
3. Маҳмудзода, М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо) / М.А. Маҳмудзода. – Душанбе: Эрграф, 2017. – 632 с.
4. Мавлоназаров, О.А. Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии бозори реклама / О.А. Мавлоназаров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2021. № 1 (33). - С. 102-108.
5. Мавлоназаров, О.А. Право потребителей на надлежащую рекламу и его защита по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук/ О.А. Мавлоназаров. – Душанбе, 2017. – 197 с.
6. Маҳмудзода, М.А. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ / М.А. Маҳмудзода // Қонунгузорӣ. – 2018. – №4 (32). – С. 19 - 23.


## ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ БОЗОРГОНӢ ДАР СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ (РЕКЛАМА ВА БРЕНДИКУНОНӢ)


Муаллиф дар мақола пас аз таҳлили асарҳои зиёд ба хулоса омадаст, ки воситаҳои муосири бозоргонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ маҷмӯи воситаҳо, каналҳо, робитаҳои мустақим (паёмҳо) ва баръакс (реаксияи қабулкунанда) дар раванди таъсири мутақобилаи низоми

маркетинг бо муҳити беруна, инчунин маҷмӯи шаклу воситаҳои муносибатҳои байнишахсии он мебошад.

Барои расонидани паёмҳои банақшагирифташуда ба истеъмолкунанда чунин намудҳои воситаҳои муосири бозоргонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд: реклама; пешбурди фурӯш; робита бо ҷомеа (PR); маркетинги мустақим; фурӯши шахсӣ; сарпарастӣ; додани иҷозатнома; нигоҳдории хизмат.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, бозор, реклама, маркетинг, PR, савдо, брендинг, хизматрасонӣ, истеъмол, ВАО, ҳуқуқҳои конститутсионӣ.

## СОВРЕМЕННЫЕ ИНСТРУМЕНТЫ МАРКЕТИНГА В СФЕРЕ УСЛУГ (РЕКЛАМА И БРЕНДИНГ)

В статье автор, изучив большое количество материалов, пришёл к заключению, что современные инструменты маркетинга в сфере услуг — это комплекс методов, каналов, прямых (отправка информации) и обратных (ответная реакция получателя) коммуникаций маркетологов с внешней средой, а также совокупность способов и средств межличностного общения.

Чтобы обеспечить доставку запланированных сообщений клиентам в сфере услуг, применяются различные современные маркетинговые инструменты: реклама, стимулирование сбыта, связи с общественностью (PR), прямой маркетинг, личные продажи, партнёрство, предоставление лицензий, сервисное обслуживание.

**Ключевые слова:** право, рынок, реклама, маркетинг, PR, торговля, брендинг, услуги, потребление, СМИ, конституционные права.

## MODERN MARKETING TOOLS IN THE SERVICES SECTOR (ADVERTISING AND BRANDING)"

The author has thoroughly examined a wide range of data and has come to the conclusion that modern marketing tools in the service sector are a combination of approaches, channels, and methods for directly exchanging information and receiving feedback between marketers and external parties. These tools also include techniques and methods for personal communication.

To effectively communicate with customers in the service industry, companies use various modern marketing tools. These include advertising, sales promotion, public relations (PR), direct marketing, personal selling, partnerships, licensing, and service maintenance.

**Keywords:** law, market, advertising, marketing, PR, trade, branding, services, consumption, media, constitutional rights.

**Дар бораи муаллиф**
Абдуҷаборзода Хушбахт Абдуҷабор
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 30 50 40
E-mail: hushbaht84@yandex.ru

**Об авторе**
Абдуджаборзода Хушбахт Абдуджабор
Соискатель юридической кафедры.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 30 50 40
E-mail: hushbaht84@yandex.ru

**About the author**
Abdujaborzoda Khushbakht Abdujabor
Applicant for the Department of Law.
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 30 50 40
E-mail: hushbaht84@yandex.ru

ТДУ 347.74

# ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ ТАЪСИСИ ИТТИҲОДИЯИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

***Амирзода Ф. А.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқи дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шомил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз шомилшавӣ ба онҳо, инчунин аз ин иттиҳодияҳо бе мамониат баромаданро дар бар мегирад. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд мустақилона, бе иҷозати пешакии мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, инчунин ба ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо шарти риоя кардани меъёрҳои оинномавии онҳо дохил шаванд.

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъсиси иттиҳодияҳо ҳам бевосита тавассути иттиҳодияи шахсони воқеӣ ва ҳам тавассути шахсони ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Муассисони ассотсиатсия ва иттифоқҳо инҳо мебошанд:

- шахсони воқеӣ,
- шахсони ҳуқуқӣ.

Тибқи моддаи 51 Кодекси мадании ҶТ шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шудан таъсисгардида дониста мешавад. Ассотсиатсия ва иттиҳодия низ бинобар сабаби вазъи ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ доштани аз вақти бақайдгирии давлатӣ мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

Қонунгузорӣ ду роҳи таъсиси ташкилоти ғайритиҷоратро муқаррар мекунад:

- дар натиҷаи таъсис;
- бо роҳи аз нав ташкил кардан.

Асоси ташкили ташкилоти ғайритиҷоратӣ бо рохи таъсиси он қарори муассисон (муассисон) мебошад.

Муассисони ассотсиатсия ва иттиҳодия шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ буда метавонанд, агар дар қонунгузории ҷорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Мақомоти давлати инчунин ҳуқуқ доранд ташкилотҳои ғайритиҷоратиро танҳо дар шакли муассисаи давлатӣ таъсис диҳанд.

Ассотсиатсияро (иттиҳодияҳоро) як шахс таъсис дода наметавонад, бинобар ин шумораи муассисон бояд на камтар аз се нафар бошад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муассис, аъзо ва иштирокчии ассотсиатсия ва иттиҳодия шуда метавонанд, ба шарте ки ҷои доимии зисти онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд. Ҳолатҳои маҳдуд кардани ин ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон муқаррар менамоянд. Як шахси ҳуқуқӣ, дар ҳоле ки комилан мустақил боқӣ мемонад, метавонад дар як вақт узви якчанд ассотсиатсия ва иттиҳодиҳо, аз ҷумла иттиҳодияҳое бошад, ки хусусияти фаъолияташон якхела аст. Муассисон бо ассотсиатсия ва бо ҳамдигар на аз рӯи молу мулк, ӯҳдадориҳо ва муносибатҳои узвият алоқаманд нестанд. Дар айни замон шумораи муассисон амалан номаҳдуд аст, ки ин имконияти аз ҷониби як шахс таъсис додани ассотсиатсия ва иттиҳодияро дорад, ба истиснои ҳолатҳои таъсиси ширкатҳо, ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) ғайритиҷоратӣ ва ҳолатҳои дигаре, ки қонун пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр, муассисон то қабули оинномаи ассотсиатсия (иттифоқ) бояд байни худ шартномаи таъсисӣ банданд, ки дар он тамоми шароити иштироки онҳо дар таъсис ва фаъолияти ин шахси ҳуқуқӣ инъикос ёфта бошад.

Маҳз шартномаи таъсисӣ, ки аз лаҳзаи баста шудан эътибор пайдо мекунад ва дар давоми тамоми мавҷудияти ассотсиатсия (иттифоқ) эътибор дорад, муассисонро бо ҳамдигар ва бо худи ассотсиатсия бо ӯҳдадориҳо мепайвандад, ки имкон медиҳад: дар сурати ба амал

омадани вазъияти душворҳои ғайричашмдошт, ба осонӣ онҳо ҳал карда шаванд. Бартарии шартнома дар он аст, ки ин санади ҳуқуқии тағйирпазир имкон медиҳад, ки дар муносибатҳои байни муассисон ва ассотсиатсия (иттифоқ) дар маҷмӯъ ҳангоми ҳалли мушкилот, аз қабили маблағгузорӣ, интихоботи мақомоти идоракунӣ, иваз кардани мақоми иҷроия мувофиқаи мусоид падо карда шавад. Шартномаи таъсисии шахси ҳуқуқиро муассисон (иштирокдорон)-и он баста, оинномаро тасдиқ менамоянд. Дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ), бояд номи шахси ҳуқуқӣ, маҳалли ҷойгиршавии он, тартиби идораи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, мавзуъ ва мақсади фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, тартиби фаъолияти якҷоя дар мавриди таъсиси он, шартҳои ба он додани молу мулки худ ва иштирок дар фаъолияти он, тартиби идоракунии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, аз ҳайати он баромадани иштирокдорон муайян карда шаванд.[4, с. 15]

Бо мувофиқаи тарафҳо ба шартномаи таъсисӣ мумкин аст шартҳои дигар низ дохил карда шаванд ғайр аз маълумоти дар моддаи 53-уми Кодекси мадании ҶТ зикргардида, бояд маълумот дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия (иттифоқ) ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯйи онҳо якдилона ё бо аксарияти мутлақи овози аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) қабул карда мешавад ва дар бораи тақсими молу мулке, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия (иттифоқ) боқӣ мондааст, дарҷ гарданд.

Тибқи м 130 Кодекси мадании ҶТ ҳуҷҷатҳои таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ) шартномаи таъсисии аз ҷониби аъзои он имзогардида ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошад. Агар дар шартномаи таъсиси мақсадҳои таъсиси иттиҳодия ё ассотсиатсия ва шароити иштирок дар он муайян карда шавад, оиннома мақоми худи ассотсиатсия ва иттиҳодияро муайян мекунад.[2]

Оиннома дар тафавут аз шартномаи таъсисӣ дорои хусусияти санади меъёрии локалӣ дошта барои танзими муносибатҳои муассисон бо ҳамдигар ва муносибатҳои байни муассисон ва иттиҳодияи ғайритиҷоратии ба қайд гирифташуда дар ҷараёни фаъолияти он, инчунин чун дар мавридҳои аз нав ташкил кардан ва бархам додани он қабул мегардад.

Дар ин замина маврид ба зикри хос аст, ки шартномаи таъсисӣ шартномаи бисёрҷонибаи ҳуқуқи маданӣ мебошад. «Тибқи шартномаи таъсисӣ иштирокчиёни (муассисони) он ӯҳдадор мешаванд, ки шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд ва тартиби фаъолияти муштаракро барои таъсиси он, шартҳои ба он додани молу мулки худ, иштирок дар фаъолияти он ва идоракунии ин фаъолият, шароит ва тартиби таксими фоида ва зиён дар байни худ, инчунин тартиби баромадан аз шахси ҳуқуқиро муайян кунанд».[3]

Дар шартномаи таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ) бояд инҳо муайян карда шаванд:

- номи ассотсиатсия (иттифоқ), ки хусусияти фаъолият ва шакли ташкилию ҳуқуқии онро дар бар мегирад;

- маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсия (иттиҳод), ки мутобиқи Кодекси мадании ҶТ аз рӯи маҳалли бақайдгирии давлатии он муайян карда мешавад. Дар навбати худ бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти иҷроияи доимии ассотсиатсия (иттифоқ) сурат мегирад; –

- уҳдадории муассисон оид ба таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ);

- тартиби фаъолияти муштараки муассисон оид ба таъсиси ассотсиатсия (иттифоқ); –

- шартҳои ба ассотсиатсия (иттифоқ) додани молу мулки муассисон;

- шартҳои иштироки муассисон дар фаъолияти ассотсиатсия (иттифоқ);

- шарт ва тартиби баромадани иштирокчиён аз ассотсиатсия (иттифоқ);

-тартиби идоракунии фаъолияти ассотсиатсия (иттифоқ);

- субъект ва мақсадҳои ассотсиатсия (иттифоқ);

- -ҳайат ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсия (иттифоқ);

-тартиби қабули қарор аз тарафи мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсия (иттифоқ), аз ҷумла аз руи масъалаҳое, ки аз руи онҳо қарорҳо якдилона ё бо аксарияти овозҳо қабул карда мешаванд;

- тартиби тақсимоти молу мулки баъди барҳам хурдани иттиҳодия (иттифоқ) боқимонда;

-маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои ассотсиатсия (иттиҳодия);

- ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ);

- шарт ва тартиби қабул ба узвияти ассотсиатсия (иттифоқ) ва баромадан аз он;

- манбаъҳои ташаккули моликияти ассотсиатсия (иттифоқ);

- тартиби ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ);

- тартиби истифодаи молу мулк дар сурати барҳам хурдани ассотсиатсия (иттифоқ);

- дигар муқаррароте, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, ки қонунҳо пешбинӣ кардаанд.

То бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ шартномаи таъсисӣ метавонад дар асосҳои умумӣ тағйир ё бекор карда шуда, уҳдадориҳое, ки аз он бармеоянд, катъ карда шаванд. Аз ҷумла, шартномаи таъсис метавонад бинобар имконнопазирии таъсиси шахси ҳуқуқӣ қатъ карда шавад. Баъди факти бақайдгирии давлатии ассотсиатсия (иттифоқ) ҳама гуна тағйирот ё қатъ намудани шартномаи таъсис бевосита ба тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ байни муассисон ва шахси ҳуқуқӣ вуҷуддошта вобаста аст.

Аъзоёни ассотсиатсия (иттифоқ) низ бояд оинномаи ассотсиатсияро тасдиқ кунанд. Мақсади асосии оиннома ин фардикунонии ҳуқуқии ассотсиатсия (иттифоқ) ҳамчун субъекти ҳуқуқ, иштирокчии мустақил ва мушаххаси муомилоти маданӣ мебошад. Ин мақсади оинома аз ошкорбаёнии он гувоҳӣ медиҳад, зеро дигар субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқие, ки ассотсиатсияи (иттифоқ) дахлдор иштирокчии онҳо мебошад, бояд дар бораи шарики худ маълумоти пурра ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ боэътимод дастрас карда тавонанд. Тавре маълум аст, қобилияти ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти роҳбарикунандаи он амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, риояи оинномаи иттиҳодияи ғайритиҷоратӣ, пеш аз ҳама, аз ҷониби тамоми мақомоти роҳбарикунанда, инчунин аз ҷониби ҳамаи аъзоёни ассотсиатсия (иттифоқ), ҳатто онҳое, ки дар таҳия ва тасдиқи иттиҳодия иштирок накардаанд, ҳатмист.[1, с. 19-23]

Аз руи моҳияти ҳуқуқӣ оиннома санади меъёрии локалӣ буда, на танхо барои муассисон (аъзоёни) ассотсиатсия, балки барои шахсони сеюме, ки бо ин ташкилот муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ доранд, хатми мебошанд.

Оинномаи ассотсиатсияи маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- ном, мақсад, вазифаҳо ва маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсия;

- принсипҳои асосии фаъолияти ассотсиатсия;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои ассотсиатсия ва аъзои он;

- шартҳо ва тартиби қабул ба узвияти ассотсиатсия ва баромадан аз он, инчунин асосҳо барои хориҷ кардан аз узвият;

- сохтор, ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии асостсиатсия, аз ҷумла салоҳияти маҷлиси умумӣ, тартиби ташкили мақоми иҷроия ва назорату тафтишӣ, инчунин масъалаҳое, ки ба ваколатҳои маҷлиси умумӣ мансубанд, тартиби қабули қарорҳо, тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои ассотсиатсия;

- тартиби ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудани директор ва сармуҳосиби мудирияти ассотсиатсия;

- манбаъҳои ташаккулёбии воситаҳои молиявӣ ва моликияти ассотсиатсия, ташаккул ва истифодаи фонди рушди ассотсиатсия;

- тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи ассотсиатсия;

- тартиби таъсиси филималҳо;

- тартиби ҷуброни зараре, ки аз тарафи ассотсиатсия ба аъзои он, инчунин зараре, ки аз тарафи аъзо ба ассотсиатсия расонида шудааст;

- тартиб ва шакли иштироки аъзои ассотсиатсия дар ҳалли масъалаҳои умумии хоҷагидорӣ;

- тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ассотсиатсия;

- маълумоти дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- номи ассотсиатсия (иттифоқ), ки дорои зикри хусусияти фаъолият ва шакли ташкилию ҳуқуқии он бо дохил намудани ҳатмии калимаҳои «ассотсиатсия» ё «иттифоқ»;

- маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсия (иттифоқ);

-тартиби идоракунии фаъолияти ассотсиатсия (иттифоқ);

- субъект ва максадҳои ассотсиатсия (иттифоқ);

- ҳуқуқу ухдадориҳои аъзоён;

- ҳайат ва салоҳияти мақомоти роҳбарикунандаи ассотсиатсия (иттифоқ);

- тартиби қабули қарор аз тарафи мақомоти рохбарикунандаи ассотсиатсия (иттифоқ), аз ҷумла аз руи масъалаҳое, ки аз руи онҳо қарорҳо якдилона ё бо аксарияти овозҳои тахассуси қабул карда мешаванд;

- тартиби тақсимоти молу мулки баъди барҳам хурдани иттиҳодия (иттифоқ) боқимонда;

- маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои ассотсиатсия (иттиҳодия);

- ҳуқуқ ва ухдадориҳои аъзои ассотсиатсия (иттифоқ);

- шарт ва тартиби қабул ба узвияти ассотсиатсия (иттифоқ) ва баромадан аз он;

- манбаъҳои ташаккули моликияти иттиҳодия (иттифоқ);

- андоза ва тартиби масъулияти субсидиарии аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) аз руи ухдадориҳои он;

- тартиби ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия (иттифоқ);

- тартиби тақсими молу мулки баъди барҳамдиҳии ассотсиатсия (иттифоқ) боқимонда, дигар муқарраротҳое, ки хилофи қонунҳо нестанд, ки қонунҳо пешбини кардаанд.

Тағйирот ба оинномаи ассотсиатсия (иттифоқ) бо қарори мақомоти олии роҳбарикунандаи он ворид карда мешавад. Пас аз бақайдгирии давлатии ассотсиатсия (иттифоқ) вазифаҳои шартномаи таъсисӣ ва оинномавӣ мувофиқ омада, аз танзими муносибатҳои ҳуқуқии байни иштирокчиён ва байни иштирокчиён ва шахси ҳуқуқии таъсисдода, инчунин таъмини мақоми ҳуқуқии ташкилот иборатанд. Дар амалия тасодуфӣ нест, ки шартномаи таъсисӣ ва оиннома якдигарро на танҳо пурра мекунанд, балки аксаран такрор мекунанд, зеро аксари нуқтаҳои шартномаи таъсисӣ дар оиннома дохил карда шудаанд.

Мувофиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» иттиҳодияи ҷамъиятӣ аз вақти бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқи шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад. Ассотсиатсия ва иттифоқҳое, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад, дар моликияташ биноҳо, иморатҳо, иншоот, фонди манзил, нақлиёт, таҷҳизот, асбобу анҷом, амволи таъиноти маданию маърифатӣ ва солимгардонӣ, маблағҳо, саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулк дошта метавонад, ки барои таъминоти моддии фаъолияти оинномавии ин иттиҳодияи ҷамъиятӣ заруранд. Дар моликият инчунин муассисаҳо, нашриёт, воситаҳои ахбори омма, ки аз ҳисоби маблағҳои ҳамин иттиҳодияи ҷамъиятӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи он таъсис мегарданд ва ба даст оварда шудаанд, буда метавонанд.

Барои ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) муҳим он аст ки онҳо ҳангоми татбиқи ҳуқуқи моликият моликияти худро танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисиашон пешбинишуда истифода мебаранд, дар ҳоле ки чунин ҳадаф гирифтани фоида ва тақсими он дар байни иштирокчиён (аъзоён) буда наметавонад.

Ассотсиатсия (иттифоқ) дар асоси узвият фаъолият мекунад. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқ) танҳо шахсони ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки мустақилият ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд ва фарк надорад, ки онҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ мебошанд. «Ба ибораи дигар, онҳо дар интихоби шарикон, дар муайян кардани нархи маҳсулот, дар нақшаи фаъолияташон мустақиланд».

Ду категорияи аъзогӣ вуҷуд дорад. Аъзои комилҳуқуқ ҳақ дорад дар маҷлисҳои корӣ ширкат варзад, овоз диҳад ва вазифаи интихобӣ дошта бошад. Категорияи дуюм, узвияти шарик, метавонад барои ҷалби дигарон ҳангоми маҳдуд кардани ҳуқуқҳои онҳо барои иштирок, овоздиҳӣ ё ишғоли мансаб бошад. Азбаски ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) ихтиёрӣ

таъсис ёфтаанд, онҳо ҳақ надоранд ба фаъолияти иқтисодии иштирокчиёни онҳо дахолат кунанд, фаъолияти онҳоро идора кунанд.

Дар баробари ин шумораи муассисони иттиҳоди ҷамъиятӣ амалан номахдуд аст, ки ин имконияти аз ҷониби як шахс таъсис додани ташкилоти ғайритиҷоратиро дорад, ба истисноӣ ҳолатҳои таъсиси ширкатҳо, ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо) ва ҳолатҳои дигаре, ки қонуни пешбинӣ кардааст.

Ҳамин тавр, тибқи моддаи 9 Қонуни ҷумҳурии Тоҷикисион “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” муассисони иттиҳодияҳои динӣ на камтар аз 10 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонанд, ки дорои эътиқоди динии умумӣ мебошанд ва ба синни 18-солагӣ расидаанд.

Бояд қайд намуд, ки ассотсиатсия (иттифоқ) аслан иттиҳодияи ашхос, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ мебошад, барои таъсиси он на камтар аз ду иштирокчӣ зарур аст, вагарна таъсиси чунин ташкилоти ѓайритиҷорати ба моҳияти он мухолифат мекунад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда шахсони зерин ҳуқуқ надоранд ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис диҳанд:

1) шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки нисбат ба онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи номатлуб будани будубоши (иқомати) онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст;

2) ташкилот ё шахси воқеие, ки нисбат ба онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар бораи иштироки онҳо дар фаъолияти экстремистӣ ё терроризм маълумот гирифта шудааст ё шахси ҳуқуқӣ, ки бевосита ё ғайримустақим ба чунин ташкилот ё шахс тааллуқ дорад ё таҳти назорат қарор дорад; шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз номи ё бо супориши чунин ташкилотҳо ё шахсон амал мекунад;

3) иттиҳодияи ҷамъиятӣ ё ташкилоти динӣ, ки фаъолияти он дар натиҷаи фаъолияти экстремистӣ боздошта шудааст, ки боиси вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расонидани зарар ба шахс, саломатии шаҳрвандон, ба муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, моликият, манфиатҳои қонунии иқтисодии шахсони воқеӣ ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат ё ба вуҷуд овардани хатари воқеии расонидани чунин зарар (моддаи 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм»);

4) шахсе, ки дар нисбати у бо карори эътибори конуни пайдокардаи суд муқаррар шудааст, ки дар кирдори у аломатҳои фаъолияти экстремисти мавҷуданд;

5) шахсе, ки ба талаботи қонунҳои ҶТ нисбат ба муассисон (иштирокчиён, аъзоён)-и ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии намудҳои алоҳидаи ғайритиҷоратро муайян мекунад, мувофиқ нест.

Пеш аз бақайдгирии давлатӣ бояд маҷлиси муассисони ассотсиатсия ва иттиҳодия гузаронида шавад, ки дар он муассисон сарнавишти минбаъдаи онро муайян намуда, ҳадафҳо, вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳоро дар оинномa муайян мекунанд.


***Адабиёт***

1. Иванова, С. Г. Особенности правового регулирования деятельности ассоциаций (союзов) / С. Г. Иванова // Вестник МГУУ. – 2014. – № 2. – С. 19-23. – EDN VLCDJX.C.19
2. Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.07.2023).
3. Козлова Н.В. Учредительный договор: понятие, содержание, сущность и правовая природа (Комментарий действующего законодательства). Законодательство, N 3. 2008.
4. Правовое регулирование деятельности некоммерческих организаций. Учебное пособие/ Под ред. Х.Т. Насирова - Душанбе: Изд-во РТСУ 2005.С. 15


## ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ ТАЪСИСИ ИТТИҲОДИЯИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола тарзҳои ҳуқуқии таъсиси иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ аз он ҷумла ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳо муайян карда мешавад. Дар ҷараёни таҳлили масъалаи болозикр муқаррарортҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон

ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ барои таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба таври пурра ифшо мегардад. Бо баробари ин дар ҷараёни таҳлили нуктаҳои асосии таъсиси шахсони ҳуқуқӣ, масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисон муайн мегардад. Дар ин самт барои расидан ба ҳадафҳои гузошта шуда, як қатор шартномаҳо аз он ҷумла шартномаҳои таъсиси мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Воситаи асосии қабули ойннома барои танзими муносибати муассисон дар доираи мақолаи мазкур дарҷ мегардад. Ҳамзамон масъалаи бақайдгирии умумии шахсони ҳуқуқи ҳамчун субъекти муносибатҳои соҳибкорӣ таҳлил мегардад.

**Калидвожаҳо**: ассотсиятсияҳо, иттиҳодияҳо, иттифоқҳо, шахсони хуқуқӣ, субъектон, тарзи таъсис, фаъолияти соҳибкорӣ.

## ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ СОЗДАНИЯ СОЮЗА ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ

В статье определены правовые способы создания объединений юридических лиц, в том числе ассоциаций и союзов. В процессе анализа вышеуказанного вопроса учитываются положения нормативно-правовых актов. При этом в полной мере раскрывается право граждан объединяться для создания общественных объединений. При этом в ходе анализа основных способов создания юридических лиц определяются вопросы прав и обязанностей учредителей. В этом направлении для достижения поставленных целей анализируется ряд договоров, в том числе учредительных. В данную статью включены основные способы принятия подзаконных актов, регулирующих отношения учредителей. При этом анализируется вопрос общей регистрации юридических лиц как субъектов предпринимательских отношений.

**Ключевые слова**: ассоциации, союзы, юридические лица, субъекты, способ создания, предпринимательская деятельность.

## THE PRIMARY GOALS OF CREATING AN ASSOCIATION OF LEGAL ENTITIES

The article defines the legal methods of creating associations of legal entities, including associations and unions. In the process of analyzing the above issue, the provisions of regulatory legal acts are taken into account. At the same time, the right of citizens to unite to create public associations is fully disclosed. At the same time, during the analysis of the main methods of creating legal entities, the issues of the rights and obligations of the founders are determined. In this direction, to achieve the set goals, a number of agreements are analyzed, including constituent ones. This article includes the main methods of adopting by-laws regulating the relations of the founders. At the same time, the issue of general registration of legal entities as subjects of entrepreneurial relations is analyzed.

**Keywords:** associations, unions, legal entities, subjects, method of creation, entrepreneurial activity.

**Дар бораи муаллиф**
Амирзода Фарнуш Амир
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёб. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: +992026651001
E-mail: zaynidinzoda_07@mail.ru

**Об авторе**
Амирзода Фарнуш Амир
ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Телефон: +992026651001
Электронная почта: zaynidinzoda_07@mail.ru

**About the author**
Amirzoda Farnush Amir
assistant of the department of business and commercial law
Tajik National University
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Phone: +992026651001
E-mail: zaynidinzoda_07@mail.ru

ТДУ 658.815

# ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ БРОКЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Қобилҷонзода К.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Амалиётҳои андеррайтингӣ ва назорати дохилии фаъолияти брокер- дилер дар бозори молиявӣ Фаъолияти брокерӣ (комиссионӣ) – ин бастани аҳду паймонҳо бо коғазҳои қиматнок аз ном ва аз ҳисоби мизоҷ ва ё аз номи худ ба манфиати шахси дигар дар асоси созиши тарафайн бо мизоҷ мебошад. Пас савол ба миён меояд, ки худи Брокер Чист? Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти брокериро анҷом медиҳад, брокер номида мешавад.

Байни мизоҷ ва брокер (ширкати брокерӣ) шартномаи супоришӣ ё шартномаи комиссия барои расонидани хизматҳои брокерӣ баста мешавад, ки дар он фоизи муайяни маблағ барои иҷроиши фармоиш ба брокер пардохт мешавад. Яъне брокер созишро аз номи худ, вале аз ҳисоби мизоҷ ба анҷом мерасонад. Брокер метавонад супориши гирифтаашро дар савдои биржавӣ ва ғайрибиржавӣ иҷро намояд. Ҳамаи маблағҳои пулии мизоҷон, ки барои сармоягузории коғазҳои қиматнок ба брокер пардохт шудаанд, инчунин маблағҳое, ки дар натиҷаи хизматрасонии брокерӣ ба даст омадаанд, бояд дар суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ ё ташкилоти молиявию қарзии ғайрибонкӣ нигоҳ дошта шаванд. [1, с. 943].

Фаъолияти дилерӣ – ин бастани аҳду паймонҳо оид ба хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз номи худ ва аз ҳисоби худ бо роҳи расман эълон намудани нархи харид ва ё фурӯши коғазҳои қиматноки муайяншуда бо ӯҳдадории харид ва ё фурӯши ин коғазҳои қиматнок бо нархи эълоншуда аз тарафи шахсе, ки ин фаъолиятро амалӣ менамояд. [1,с.941].

Иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки фаъолияти дилериро амалӣ месозад, дилер ном дорад. Ғайр аз нарх дилер ҳуқуқ дорад дигар шартҳои шартномаи хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро эълон намояд, аз ҷумла: шумораи камтарин ва зиёдтарини коғазҳои қиматноки харидашаванда ва фурӯхташаванда, инчунин мӯҳлате, ки дар давоми он нархҳои эълоншуда амал мекунанд. Тибқи модаи 38-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» фаъолияти брокерӣ – ин бастани аҳду паймонҳо бо коғазҳои қиматнок аз ном ва аз ҳисоби мизоҷ ва ё аз номи худ ба манфиати шахси дигар дар асоси созиши тарафайн бо мизоҷ мебошад.

Ҳоло дар дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 иҷозатнома барои фаъолияти брокерию дилерӣ дода шудааст. Рӯйхати иштирокчиёни касбие, ки иҷозатнома барои фаъолияти брокерию дилерӣ доранд: ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Капитал-плюс», ҶСК «Тоҷпромбонк», БДА ҶТ«Амонатбонк», ҶСК «Агроинвестбонк»** ҶСК «Бонки Эсхата»** ҶСК «Сомон Капитал» ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ҶДММ «Рахшон» ҶДММ «Ширкати аввалини брокерӣ» **Аз ин 6-иҷозатномае, ки барои фаъолияти бокерию дилерӣ дода шудааст, саннаи додани иҷозатномаашон 18.11.2010 мебошад. Ин нишонаи он аст, ки дар соли 2010 барои фурӯхтани саҳмияҳои Роғун онҳо иҷозатномаи фаъолияти брокерию дилериро гирифтаанд. [7].

Аз соли 2011 то ин ҷониб иштирокчиёни касбӣ ҳисобот оиди фаъолияташон ба Вазорати молия пешниҳод накардаанд, чунки дигар фаъолияти брокерию дилериро ин иштирокчиёни касбӣ нагузаронидаанд. Барои ҷонок намудани ин намуди фаъолият биржа фаъолият карданаш лозим, чунки бештари фаъолияти клирингӣ, брокерӣ, дилерӣ, депозитарӣ бештар ба воситаи суратҳисобҳои бонкӣ амалиёт гузаронида мешвад. Дилерҳое, ки мунтазам хариду фурӯши коғазҳои қиматноки муайяншударо бо нархҳои муайян, дар асоси қоидаҳои бозори муташаккил амалӣ месозанд маркет-мейкерҳо номгузорӣ шудаанд. Дар бозор чунин маркет-мейкерҳо аз рӯи намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок бояд на камтар аз 2 нафар бошад. [7].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ» фаъолияти дилерӣ метавонад дар асоси иҷозатнома, ки аз тарафи мақомоти дахлдор

дода мешавад, амалӣ гардад. Дилерҳо ва брокерҳо метавонанд дар ҷойгиркунии аввалияи коғазҳои қиматнок иштирок кунанд, аз ҷумла метавонанд хизматҳои маслиҳатдиҳӣ оид ба бадастории коғазҳои қиматнок ва пешниҳоди қарз барои харидани коғазҳои қиматнок (бо 50%-и гарави худи ҳамин коғазҳои қиматнок). Вазифаи брокер ва дилер аз инҳо иборат аст: а) омода сохтан ва пешниҳоди маълумоту тавсияҳое, ки барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ аз тарафи муштариёни ӯ заруранд; б) анҷом додани муомилот бо қоҷазҳои қиматнок аз ҳисоби худ ва аз ҳисоби муштариҳо, аз номи худ ва аз номи муштарӣ, бо ҳуҷҷатҳо ба расмият даровардани муомилот бо қоғазҳои қиматноки муштарӣ; в) фароҳам овардани хизматрасонии машваратию иттилоотӣ бо мувофиқаи муштарӣ. [7].

Ӯҳдадориҳои брокер ва дилер аз инҳо иборатанд: а) муайян кардани мақсаду вазифаи сармоягузорӣ ба қоғазҳои қиматнок аз ҷониби муштарӣ ва анҷом додани фаъолияти хеш тибқи мақсадҳои мазкур; б) дар доираи салоҳияте, ки тибқи шартҳои шартнома бо муштарӣ барои ӯ муқаррар шудааст, фаъолият намудан; в) иҷрои супоришҳои муштарӣ бо шарт ва нархҳои барои муштариён фоиданок; г) мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қарордод оид ба хизматрасонии брокерӣ ба муштарӣ пешниҳод кардани тасдиқот доир ба ҳар як муомила ва иҷрои ӯҳдадориҳои марбут ба он; д) қабул накардани супориш барои амалӣ сохтани муомила бо қоғазҳои қиматноки муштарӣ, ки кафолати пардохти муомиларо надорад, дар мавриди доштани қоғазҳои қиматнок ва пешниҳодӣ онҳо ба ихтиёри брокер-дилер дар мӯҳлати се рӯзи бонкӣ аз лаҳзаи интиқоли супориши муштарӣ ҳангоми бастани қарори муомила.

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи фаъолияти брокерӣ-дилерӣ» брокер ва дилер ӯҳдадор аст, ки аз вақти пайдо шудани ихтилофи байни манфиатҳои муштарӣ бо манфиатҳои брокер- дилер яке аз онҳо ҳатман муштариёнро оиди ин масъала огоҳ намояд, инчунин ҳангоми ба миён омадани сабабҳои пастравии ҳолати молиявӣ ва ё аз тарафи мақомоти салоҳиятдор таъин шудани муҷозот онҳоро дар мӯҳлати се рӯз хабар диҳад. Огоҳиномаи мазкур аз тарафи брокер- дилер мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қарордоди хизматрасонии брокерӣ амалӣ мегардад. Зери мафҳуми пастравии ҳолати молиявӣ номувофиқии меъёрҳои устувории молиявии брокер-дилер ба талаботи Вазорати молия дар назар дошта шуда аст. [7].

Қоидаҳои гузаронидани амалиётҳо бо коғазҳои қиматнок Коғазҳои қиматноке, ки ба брокер-дилер тааллуқ доранд, аз қоғазҳои қиматноки муштарӣ ҷудо дар суратҳисоби махсусӣ брокер- дилер дар Депозитарии марказӣ маҳфуз дошта мешаванд. Ҳангоми гирифтани пул ё қоғазҳои қиматноки муштарӣ брокер- дилер вазифадор аст, ки онҳоро дар суратҳисоби зикршуда ҷой диҳад. Дар як суратҳисоби брокер-дилер мумкин аст қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои ҳамаи муштариёни ӯ ҷойгир карда шаванд. Брокер-дилер ҳуқуқ дорад маблағҳои муштариро ба манфиати ӯ барои пардохтҳои комиссионӣ ва ғайра, ки марбути амалигардонии муомилаанд, истифода намояд, вале ин маблағҳоро барои муомилаи муштариёни дигар ва муомилоти дигар, ки ба таври махсус дар қарордоди хизматрасонии брокерӣ дарҷ нашудаанд, ҳуқуқ надорад, ки сарф намояд. Маблағҳои муштариёни брокер-дилер аз тарафи шахси сеюм бидуни мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда забту мусодира намешаванд. Брокер-дилер муомилотро бо супориши муштарӣ амалӣ месозад ва ҳуқуқ дорад дар як муомила ба ҳайси брокер ё дилер ширкат намояд. Ҳангоми фаъолият ба ҳайси дилер брокер-дилер қоғазҳои қиматнокро аз ҳисоби худ мехараду мефурӯшад.

Талабот барои амалигардонии фаъолияти дилерӣ аз тарафи брокер-дилер дар бозорҳои ташкилшаванда мутобиқи меъёрҳои созмондиҳандагони музояда бо қоғазҳои қиматнок муқаррар карда мешавад. Брокер-дилер амалиётро бо қоҷазҳои қиматноки муштарӣ ба тариқи зайл амалӣ месозад: а) иҷрои супориши бозории муштарӣ тавассути ба амал овардани хариду фурӯши фаврии қоғазҳои қиматнок барои муштарӣ бо нархи бозорӣ; б) иҷрои супориши меъёрии муштарӣ тавассути ба амал овардани хариди қоғазҳои қиматнок барои муштарӣ бо нархи на бештар аз нишондоди дар супориш дарҷшуда, ё фурӯши қоғазҳои қиматнок бо нархи на пасттар аз нишондоди, дар супориш буда; в) иҷрои супориши шартии муштарӣ — тавассути иҷро кардани амалҳои марбути дороии (активи) муштарӣ баъди иҷрои супориши пешина. [3, с. 59].

Брокер-дилер вазифадор аст ҳамаи кӯшиши худро барои иҷрои супориши муштарӣ равона намояд, инчунин вай ҳангоми ба миён омадани мухолифати манфиатҳо бояд принсипи бартарияти манфиатҳои муштариро риоя намояд. Брокер-дилер ҳуқуқ надорад, ки ахбори беэътимод оид ба пешниҳоди хариду фурӯш, нарх ва миқдори қоғазҳои қиматнокро аз тариқи васоити ахбори умум намояд. Аз нав боварӣ намудан барои муомила ба брокер-дилер вақте иҷозат дода мешавад, агар он дар шартнома пешбинӣ шуда бошад ё дар мавриде, ки брокер-дилер дар вазъияти ғайричашмдошт ба миёномада хотири ҳимояи манфиатҳои муштарӣ бо розигию огоҳии ӯ ва бо сабти ҳуҷҷатии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он даст мезанад. Дар асоси қарордоди хизматрасонии брокерӣ, аз ҷониби муштарӣ ба брокер-дилер ҳуқуқи қабули қарори сармоягузорӣ дода мешавад.

Тартиби таҳияи дастур барои қабул намудани қарори сармоягузорӣ аз тарафи муштарӣ ва қабули қарори мустақилонаи сармоягузорӣ аз тарафи брокер-дилер нисбати дороии фаъоли муштарӣ масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: а) номгӯи шахсони брокер-дилер, ки барои қабули қарори сармоягузорӣ ва таҳияи дастур оид ба аз тарафи муштарӣ қабул намудани қарори сармоягузорӣ, инчунин сабти аснодии амалҳои зикршуда масъуланд; б) тартиби сабти сарчашмаҳои ахбор, ки дар асоси таҳлили онҳо қарори сармоягузорӣ қабул гардидааст ва ё барои он дастур дода шудааст. Пешбурди ҳуҷҷатҳо Брокер-дилер ҳангоми амалигардонии муомила бо қоғазҳои қиматнок ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро таҳия ва қайд мегирад: а) шартнома бо муштарӣ дар хусуси хизматрасони брокерӣ; б) супоришномаи муштарӣ; в) феҳристи қабули супоришномаҳои муштарӣ; г) супориши трейдер; д) шартномаи брокер-дилер, ки барои иҷрои шартномаи хизматрасонии брокерӣ ва супориши муштарӣ дар бозори қоғазҳои қиматнок баста шудааст. [2, с. 739].

Шартномаи хизматрасонии брокерӣ бо муштари то оғози ҳаргуна муомилот бо қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои пулии муштарӣ, инчунин баъди шиносоии муштарӣ бо қоидаҳои дохилии амалисозии фаъолияти брокер-дилер баста мешавад. Шартномаи хизматрасонии брокерӣ илова ба шартҳое, ки дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ мегардад, тартиби фаъолиятро муайян намуда ва иборат аст аз: а) реквизитҳои тарафҳои шартнома; б) мавзӯи шартнома: пешниҳоди хизматрасонии брокерӣ, аз ҷумла хизмати нигаҳдории номии қоғазҳои қиматнок; в) ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳо; г) шартҳои эътибор пайдо намудани шартнома ва қатъи амали, он; д) тартиби даровардани иловаҳо бақарордод; е) ҳисоби байни тарафҳо, аз ҷумла ҳангоми қатъ гардидани амали шартнома; ж) тарзи ба брокер додани супоришномаи муштарӣ; з) ҳалли ихтилофоти ба муносибати тарафҳо тааллуқдошта; и) ҳаҷми даромади комиссионӣ барои хизматрасонӣ ва муомилоти ба анҷом расида бо қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла ҳангоми барои пардохти брокер-дилер маблағ надоштани муштарӣ; к) мубодилаи маълумот байни брокер-дилер ва муштарӣ; л) ба анҷом расонидани муомилоти қоғазҳои қиматнок бо шахсони вазифадор намудаи муштарӣ; м) муомила намудан ҳангоми мавҷудияти якчанд моликон. [5, с. 134].

Дар мавриди хизматрасони аз рӯи нигаҳдории номиналии қоғазҳои қиматнок дар шартнома, инчунин бояд шарту тартиби пешниҳоди маълумот ба муштарӣ доир ба ҳолати суратҳисобҳои ӯ пешбинӣ шаванд. Мӯҳлати амали шартнома бо розигии тарафҳо муайян карда мешавад. Амали шартнома дар ин маврид қатъ мешавад: а) бо розигии тарафҳо; б) бо хоҳиши яке аз тарафҳо, ки дар мӯҳлати 20 рӯз пеш тарафи дигарро огоҳ намудааст; в) ҳангоми қатъ намудани амали брокер-дилер ва ё бозхондани он; г) ба тарзи яктарафа ҳангоми иҷро нагардидани шартҳои шартнома. Ҳангоми қатъи амали шартнома брокер-дилер вазифадор аст дар хусуси баргардонидани қоғазҳои қиматнок ва маблағҳои муштарӣ дар мӯҳлати на зиёдтар аз 10 рӯзи бонкӣ чораҳо андешад, ба шарте, ки дар шартнома ҷиҳати хизматрасонии брокерӣ тадбирҳои дигар пешбинӣ нашуда бошад. Аҳду муомилот бо қоғазҳои қиматноки муштариро брокер-дилер дар асоси супоришномаи муназами муштарӣ анҷом медиҳад. [4, с. 203].

Супоришномаи муштарӣ инҳоро дар бар мегирад: а) рақами супоришномаи муштарӣ; б) таърихи вақти қабули супоришнома; в) номи муштарӣ ё рақами ҳисоби шахсии ӯ; г) навъи супоришнома; д) навъи супориш — харид ё фурӯши қоғазҳои қиматнок; е) навъи номи қоғазҳои қиматнок; ж) вақти амали супоришнома; з) тартиби пардохт ё таҳвили қоғазҳои қиматнок; и) миқдори қоғазҳои қиматнок; к) нархи пешбинишавандаи муомила; л) маълумот

оид ба ӯҳдадории пардохти қоғазҳои қиматноки муштарӣ ҳангоми болоравии нархҳои бозории он; м) имзои муштарӣ ва барои шахси ҳуқуқӣ нусхаи мӯҳр; н) маълумот доир ба мутахассиси брокер-дилере, ки супоришномаро қабул кардааст; о) маълумот оид ба мавҷудияти нишондод аз тарафи брокер-дилер доир ба иҷрои муомилаи мазкур; п) маълумот дар бораи қоғазҳои қиматнок, ки муштарӣ барои фурӯш пешниҳод менамояд ва сабти муназзаму дақиқи санадии он; р) маълумоти дигар. Супоришномаи муштарӣ ба брокер-дилер метавонад ба шакли хаттӣ ва аз тариқи воситаҳои алоқаи электронӣ бо дарназардошти ба даст овардани нусхаи аслии ҳуҷҷатҳотаҳвил гардида, мувофиқи тартиби воридгардӣ ба иҷро мерасонад, ба шарте ки дар шартномаи хизмати брокерӣ чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад. [6, с. 93].

Брокер-дилер ӯҳдадор аст, ки қабули супоришномаи муштариро дар мӯҳлати як рӯзи бонкӣ, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи шартномаи хизмати брокерӣ ва қоидаҳои созмондиҳандаҳои музояда тасдиқ намояд. Нусхаи супоришномаи муштарӣ бояд ба воҳидҳои брокер-дилер таҳвил мегарданд, ки бевосита баҳисобгирии муомилотро бо қоғазҳои қиматнок анҷом медиҳанд ва дар феҳристи супоришномаи муштарӣ инъикос меёбанд, ки он ба таври хронологӣ пешбурда мешавад. Ҳангоми аз тарафи брокер-дилер ба муштарӣ расонидани хизмати яквақтаина, шартномаи хизмати брокерӣ ва супоришномаи муштариро метавонад бо шартнома — супориш иваз намояд.

Иҷрои супориши муштариро мутахассиси брокер-дилер трейдер дар бозори муташаккил ва номуташаккил ба анҷом мерасонад, ки он дар асоси супориши брокер-дилер, чунин маълумот бояд зикр гарданд: а) рақами ҷории супоришномаи трейдер; б) таъриху вақти додани супоришнома барои иҷро ба трейдер; в) навъи супориш; г) маълумот доир ба супоришномаи трейдер; д) номгӯи коҷазҳои қиматнок; е) миқдори қоҷазҳои қиматнок; ж) маълумот оид ба иштирок дар муомилаи брокер-дилер ба сифати брокер ё дилер; з) таъриху вақти қабули ҳисобот доир ба иҷрои супориш. Иҷрои муомила бо қоҷазҳои қиматноки брокер-дилер ба сифати брокере, ки маъмур супориш додааст, бояд иловатан инҳоро дар бар гирад: а) таърих, рақам ва вақти аз тарафи брокер-дилер гирифтани супориши муштарӣ; б) маълумот дар бораи мавҷудияти тавсияҳои брокер-дилер ба муштарӣ оид ба муомилаи мазкур. [3, с. 186].

Шарту тартиби додани супориш ба маъмур, маълумоти иловагӣ ва шакли супоришдиҳӣ ба трейдерро метавонад мувофиқи қоидаҳои дохилии созмондиҳандагони музояда, инчунин брокер-дилер муқаррар намоянд. Муомилот ва амалиёт бо қоғазҳои қиматнок аз тарафи маъмур дар асоси супориши ба трейдер дадашударо ё шахси дигари салоҳиятдодаи брокер-дилер дар бозори бенизом анҷом дода мешавад.

Шартномае, ки брокер-дилер ба имзо расонидааст, ҳангоми анҷом додани муомила бо қоғазҳои қиматнок дар бозори номуташаккил илова ба муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории ҷорӣ бояд дарбар гирад: а) маълумот дар бораи шахсе, ки муомиларо анҷом додааст ва асноди тасдиққунандаи салоҳияти ӯ; б) номгӯи пурраю расмӣ ва суроғаи брокер-дилер ва контрагенти муомила; в) намуд ва арзиши қоғазҳои қиматнок; г) тартиби ҳисоббаробаркунии тарафҳо ва ҳаҷми умумии барои ҳисоби тартиби пӯшонидани хароҷот ҳангоми анҷом додани аҳд; д) маълумот дар хусуси иштироки брокер-дилер ба сифати диллер ё брокер; е) таърихи вақти қарори аҳд; ж) ва ғайраҳо. [5, с. 167].

Ҳангоми амалӣ намудани муомилот аз тарафи брокер-дилер ҳамчун брокер шартнома доир ба муштарӣ бояд маълумоти иловагӣ дошта бошад. Шартнома ё нусхаи он бояд ба муштарӣ ё шахси салоҳиятноки ӯ пешниҳод шавад ва нусхаи онро брокер-дилер бояд ҳамроҳи дигар маълумот оид ба муштарӣ нигоҳ дорад. Қоидаҳои ташкили музояда бо қоғазҳои қиматнок мумкин аст санадҳои дигарро, ки муомиларо бо қоғазҳои қиматнок тасдиқ мекунанд, пешбини намояд. Ҳуҷҷатҳои марбути муомиларо бояд трейдер дар рӯзи анҷом додани муомила ба брокер-дилер таҳвил намояд. Баъди имзои муомила бо қғазҳои қиматнок брокер-дилер бояд чунин нишондиҳандаҳои боқимондаи супоришномаи муштариро пур кунад: а) ҷои имзои муомила; б) таърих ва вақти дақиқи амалигардии муомила; в) таърихи иҷрои ӯҳдадории дахлдори муомила; г) арзиш ва миқдори қоҷазҳои қиматнок; д) маълумот оид бақарордоди муомилаҳо. [4, с. 243].

Амалиётҳои андеррайтингӣ ва назорати дохилии фаъолияти брокер- дилер дар бозори молиявӣ Брокер-дилер ҳуқуқ дорад фаъолияти андеррайтингиро тибқи қарордод бо эмитент оид ба ҷой додани коғазҳои қиматноки ӯ анҷом диҳад, ки он аз эмитент гирифтани коғазҳои қиматнок ва фурӯши онро ба сармоягузор фаро мегирад, аз ҷумла: а) арзиши техникии он ҳангоми ҷой додани коғазҳои қиматнок; б) шакли андеррайтинг, бо нишондоди ӯҳдадориҳои брокер- дилер ҳангоми ҷой додани коғазҳои қиматнок; в) музди комиссионии брокер-дилер барои бурдани назорат, санадгузории иттиҳодияҳои эмиссионӣ ҳамчунин бо дарназардошти хизмати маслиҳатгари ҳуқуқӣ; г) ӯҳдадории брокер-дилер дар расонидани хизмат ба эмитент; д) маблаҷҳои комиссионие, ки аз рӯи ҳисоб ба як қоҷази қиматнок ситонида мешавад ва тақсими қоҷазҳои қиматнок бо дарназардошти як андеррайтер; е) паст кардани нарх ба ҳар брокер-дилери дар ҷойгирнамоии коғазҳои қиматнок иштироккунанда, ки аз ҳисоби як қоҷази қиматнок пардохта мешавад; ж) шарту тартиби пардохти ҳар муомила бо коғазҳои қиматнок; з) таърихи эътибори қонуни пайдо намудани қарордоди андеррайтингӣва мӯҳлату шарти қатъи амали он. [2, с. 740].

Ҷойгирнамоии коғазҳои қиматнок аз тарафи брокер-дилер то сабти бароришии онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун наметавонад амалӣ гардад. Қарордоди андеррайтингӣ метавонад тарзи дигари хизматрасониро пешбинӣ намояд, ки онҳо марбут ба андеррайтер ё иттиҳодияи эмиссионӣ дар роҳи ташкили бароориш ва хизматрасонии ибтидоии ҷойгирсозии коғазҳои қиматнок мебошанд.

Мудири андеррайтер, ки ҷойгирнамоии қисми начандон зиёди эмиссияи коғазҳои қиматнокро қабул менамояд, иттиҳодияи эмиссиониро сарварӣ намуда, вазифаҳои зерро ба ӯҳда дорад: а) идораю ташкили кори иттиҳодияи эмиссионӣ; б) ҷо баҷокунии ҳайат ва танзими кори иттиҳодияи эмиссионӣ; в) таҳияю бастани қарордоди андеррайтингӣ ва паймони эмиссионӣ; г) намояндагии иттиҳодияи эмиссионӣ барои алоқа бо ноширони саҳмия ва шахсони сеюм. [1, с. 943].

Андеррайтер ҳуқуқ надорад: а) ба сармоягузорони потенсиалӣ иттилои нодуруст диҳад; б) ба эмитент оид ба таҳқиқоти гузаронида ҳисоботи хато диҳад, инчунин лоиҳаи эмиссияро нопурраю нокомил ва ё ба ӯ иттилои нокомил пешниҳод намояд; в) дар вақти бароориши коғазҳои қиматнок дурнамои эмиссиониро истифодаю паҳн намояд, ки он аз дурнамои тибқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузории ҷорӣ сабт шуда фарқ намояд. Агар дар натиҷаи амали ғайриқонунии андеррайтер ва иттиҳодияҳои эмиссионӣ ба эмитент зарари назаррас расида бошад, онҳо дар назди эмитент масъулияти амволи доранд. [1, с. 943].

Назорати дохилӣ. Брокер-дилер бояд аз ҷониби шахсоне, ки мустақиман вазифаҳои баҳисобгириро иҷро наменамоянд, гузаронидани назорати дохилиро барои таъмини пуррагии маълумот ва махфияти иттилоот ки ҳангоми муқарраршавӣ ва риояи қоидаҳои зайл ба миён меоянд, таъмин намояд: а) сабт, нигаҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани ҳуҷҷатҳо, дастрас будани бойгонӣ ва аз нав барқароршавандагии рақамҳо аз бойгонӣ; б) нигаҳдории бахши электронии омор; в) дастрас будани иттилоот ба кормандон ҳангоми кор бо васоити барномавии омор оид аз коғазҳои қиматнок ва маблағҳои муштарӣ; г) аз ҷониби ҳайати корӣ анҷом додани дастури амал; д) одоби касбии брокер-дилер; е) чораҳои зидди сӯхтор ва амали мутахассисон ҳангоми ҳолатҳои ғайричашмдошту фавқулодда. Қоидаҳои зикршуда аз тарафи брокер-дилер ва муассисаи худтанзим мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мешавад.

***Адабиёт***


1. Алуян, В.С. Мушкилот Ва самтҳои такмили банақшагирии молиявии ташкилотҳо дар шароити муосири иқтисодӣ / В. С. Алуян, О. Г. Ким / В.С. Алуян // Иқтисод ва соҳибкорӣ. - 2020. - № 1. С.941-944.
2. Балашов, П.В. ҷанбаҳои Мушкилии идоракунии молияи корхонаи хурд / П. В. Балашов // Иқтисод ва соҳибкорӣ. - 2021. - № 5. С. 738 - 741.
3. Бурмистрова, Л. М. Молияи ташкилотҳо ( корхонаҳо): омӯзиш. дастур / Л.М. Бурмистрова. - Москва: ИНФРА-М, 2010. - 240 с.
4. Жилкина. А. Н. Идоракунии молия. Таҳлили молиявии корхона: китоби дарсӣ / А. Н.Жилкин. - Москва: ИНФРА-М, 2014. - 331 с.
5. Ивасенко, А.Г. Молияи ташкилотҳо (корхонаҳо) : омӯзиш. дастур / А. Г. Ивасенко, Я. И. Никонова. - Москва: КноРус, 2013. - 208 с.
6. Клишевич, Н. Б. Молияи ташкилотҳо: менеҷмент ва таҳлил: омӯзиш. дастур / Н. Б. Клишевич. - Москва: КноРус, 2012. - 304 с.
7. Сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [манбаи электронӣ] https://moliya.tj/Documents/Index/125 Санаи истифода: 18-уми августи соли 2024.

## ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ БРОКЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Байни мизоҷ ва брокер (ширкати брокерӣ) шартномаи супоришӣ ё шартномаи комиссия барои расонидани хизматҳои брокерӣ баста мешавад, ки дар он фоизи муайяни маблағ барои иҷроиши фармоиш ба брокер пардохт мешавад. Яъне брокер созишро аз номи худ, вале аз ҳисоби мизоҷ ба анҷом мерасонад. Брокер метавонад супориши гирифтаашро дар савдои биржавӣ ва ғайрибиржавӣ иҷро намояд. Ҳамаи маблағҳои пулии мизоҷон, ки барои сармоягузории коғазҳои қиматнок ба брокер пардохт шудаанд, инчунин маблағҳое, ки дар натиҷаи хизматрасонии брокерӣ ба даст омадаанд, бояд дар суратҳисоби алоҳидаи бонкӣ ё ташкилоти молиявию қарзии ғайрибонкӣ нигоҳ дошта шаванд.

**Калидвожаҳо:** Брокер, шартнома, савдои биржавӣ ва ғайрибиржавӣ,сармоягузории коғазҳои қиматнок, хизматрасонӣ.

## ДОГОВОР НА ОКАЗАНИЕ БРОКЕРСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Между клиентом и брокером (брокерской фирмой) заключается договор поручения или договор комиссии за оказание брокерских услуг, в котором брокеру выплачивается определенный процент от суммы, необходимой для выполнения заказа. То есть брокер заключает сделку от своего имени, но за счет клиента. Брокер может выполнять полученные поручения в биржевой и внебиржевой торговле. Все денежные средства клиентов, уплаченные за вложение ценных бумаг брокеру, а также средства, полученные в результате оказания брокерских услуг, должны храниться на отдельном банковском счете или в небанковском финансово-кредитном учреждении.

**Ключевые слова:** Брокер, контракт, биржевая и внебиржевая торговля,инвестирование в ценные бумаги, услуги.

## CONTRACT FOR THE PROVISION OF BROKERAGE SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

An assignment agreement or commission agreement for the provision of brokerage services is concluded between the client and the broker (brokerage firm), in which the broker is paid a certain percentage of the amount required to complete the order. That is, the broker concludes the transaction on his own behalf, but at the expense of the client. The broker can execute the received orders in exchange and over-the-counter trading. All customer funds paid to the broker for the investment of securities, as well as funds received as a result of the provision of brokerage services, must be kept in a separate bank account or in a non-bank financial and credit institution.

**Keywords:** Broker, contract, exchange and over-the-counter trading, investment in securities, services.

**Дар бораи муаллиф**
Қобилҷонзода Комилҷон
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 501 02 42 43
E-mail: komiljonqobiljonzoda@gmail.com

**Об авторе**
Кобилджонзода Комилджон
соискатель кафедры права историко-правового факультета
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Рудаки, 121.Тел.: (+992) 501 02 42 43
E-mail: komiljonqobiljonzoda@gmail.com

**About the author**
Kobildzhonzoda Komildzhon
Applicant of the Department of Law of the Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe highway, Dushanbe city. Rudaki, 121
Ph.: (+992) 501 02 42 43
E-mail: komiljonqobiljonzoda@gmail.com

ТДУ 327.3(470.2)(575.3)

# СИЁСАТИ РОБИТАҲОИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЛАТВИЯ ДАР ДОИРАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Шарифзода А.А.***
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
***Шарифзода Ф.А.***
*Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҷумҳурии Латвия пас аз шомилшавӣ ба Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва СААШ (НАТО) дар соли 2004 аз мансубияти фазои пасошуравӣ ба узвият дар ҷомеаи сиёсию иқтисодӣ ва низомию амниятии евроатлантикӣ гузариш кард. Аъзогӣ дар ИА ба Латвия имкон дод, ки дар баробари иттиҳоди гумрукии мавҷуда бо Литва ва Эстония, робитаҳои тиҷоратиашро бо давлатҳои аврупоӣ, бахусус Олмон, Шветсия ва Британияи Кабир, вусъат диҳад. Бартарияти мавқеи ҷуғрофии ин кишвари назди Балтика дар имкониятҳои фарохи транзитӣ миёни Русия, Белоруссия, Қазоқистон, инчунин дигар кишварҳои дуру наздик ифода ёфта, 8 бандари баҳрияш, бо шумули 3 бандари бузургтарини Рига, Вентспилс ва Лиепая, онро ба яке аз марказҳои мутараққии логистика ва ҳамлу нақли бору коло табдил додааст. Баҳри ошноии бештар бо бархе аз ҷанбаҳои табиию ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратии Латвия, ба диққататон маълумоти зеринро пеш аз таҳлили муносибатҳои ин давлати аврупоӣ бо Тоҷикистон, манзур менамоем.

Ҷумҳурии Латвия бо аҳолии 1,9 млн. нафар ва масоҳати 64,589 км2 кишвари рушдкардаи дорои даромади баланди (бо инобати ММД-и 25,100 долл. ИМА ба ҳар сари аҳолӣ) Аврупои Шимолӣ буда, дар қаламраваш 2585 дарё (дарозтаринашон Гауя (452 км) ва Даугава (352 км) ва 2288 кӯл (кӯли калонтаринаш Лубанс (80,7 км2) ва чуқуртаринаш Дридзис (65,1 м) мешоранд. Дар баландии Видзем қуллаи баландтарини кишвар – теппаи Гайзинкалнс (312 метр) ҷойгир аст [12].

Латвия давлати ягона ва ҷумҳурии парлумонӣ (бо парлумони якпалатагӣ, Сейм) мебошад. Дар натиҷаи охирин интихоботи парлумонӣ дар Латвия санаи 1 октябри соли 2022 бо иштироки ҳизбҳои “Ваҳдати нав”, Феҳристи муттаҳида ва “Иттиҳоди миллӣ” эътилофи ҳукуматӣ ташаккул ёфт. Президенти Латвия ҷаноби Эдгар Ринкевич (аз 8 июли соли 2023; собиқ вазири корҳои хориҷӣ) бештар бо ваколатҳои маросимӣ Сарвари давлат буда, Ҳукуматро Сарвазир (номгӯи расмии мансаб – Президенти вазирони Латвия) хонум Эвика Силиня (аз 15 сентябри соли 2023) бо масъулият дар назди Сейм роҳбарӣ мекунад [12].

Аз оғози солҳои 1990-ум Латвия саргарми ташвиқи ҳамкориҳои сеҷониба дар сиғаи Балтика бо ҳамсоягонаш Эстония ва Литва шуда, ҳамзамон бо онҳо иштирокчии фаъоли сиғаи ҳамгироии “Нордик-Балтик 8” (NB-8) дар якҷоягӣ бо Дания, Финляндия, Исландия, Норвегия ва Шветсия гардид. Дар соли 2006 пойтахти Латвия Саммити СААШ-ро мизбонӣ намуда, аз он замон ҳамасола Конфронси Рига ба ҳамоиши пешбаранда дар самти сиёсати хориҷӣ ва амниятӣ дар Аврупои Шимолӣ мубаддал шуд. Латвия дар равандҳои ҳамгироии ИА нақши фаъол дошта, аз соли 2007 узви Минтақаи Шенген ва аз соли 2014 – Минтақаи Евро гардид [13].

Бахшҳои калидии саноатии иқтисоди Латвияро, ки маҷмуи маҳсулоти дохилияш дар соли 2023 – 40,3 млрд. евроро ташкил дод, коркарди хӯрока ва маснуоти чӯбӣ, бофандагӣ, коркарди металҳо, дорусозӣ, наххои синтетикӣ, истеҳсоли техникаю таҷҳизот (қисмҳои компютерӣ,

асбобҳои алоқаи бесим, техникаи сохтмонӣ, муҳаррикҳои электрикӣ ва ғ.), тавлиди вагонҳои роҳи оҳан, электроника ва электротехника, мебелсозӣ муаррифӣ мекунанд. Латвия соли 1999 дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва соли 2016 дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд узвият ба даст овард [14]. Баъзе аз бузургтарин ширкату корхонаҳои латвиягӣ инҳоянд: ширкати авиатсионии "Konkors", маркази калонтарини Балтия оид ба хизматрасонии тайёраҳо; ширкати "Jensen Metal", истеҳсоли навъҳои гуногуни таҷҳизот ва таъминоти шартномавӣ барои саноатҳои хӯрока, нақлиёт, электронӣ; Корхонаи киштисозии Рига, сохтмону таъмири киштиҳо; Корхонаи таъмири локомотивҳои Даугавпилс, таъмир ва сохтмони локомотивҳо; ширкатҳои пешсафтарини дорусозӣ – "Olainfarm" ва "Grindex"; "Latvijas Finieris" – корхонаи бузурги коркарди чӯбу тахта; "Spilva" – ширкати коркарди меваю сабзавот (истеҳсоли кетчупҳо, соусҳо, ҷему майонезҳо ва ғ.) [12].

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Латвия 11 майи соли 1994 барқарор гардида, соли 2024 ба онҳо 30 сол пур шуд. Новобаста аз ин, қадамҳои нақшофарин дар самти рушди бесобиқаи муносиботи созандаи ду кишвар дар сатҳи оливу баланд, бавежа муколамаи сиёсӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҳамёрӣ оид ба масоили таъмини амну суботи минтақа, тақрибан 10-15 сол пеш гузошта шуданд. Дар маҷмуъ Тоҷикистон Латвияро шарики муҳим ва боэътимоди худ дар арсаи Иттиҳоди Аврупо шумурда, ҷонибҳо ба густариши бемайлони муносибатҳои байнидавлатӣ бо ҳавасмандии амиқ ва усули некбинона мудом саъю талош меварзанд. Пояи қарордодию ҳуқуқии ду кишвар 14 санади ҳамкориро дар бар мегирад [15].

Нахуст бояд зикр кард, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба ИМА ҷиҳати иштирок дар иҷлосияи 63-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи сентябри соли 2008 бо Президенти Ҷумҳурии Латвия ҷаноби Валдис Затлерс мулоқот намуданд, ки ин иқдоми волои сиёсӣ барои танзими сафари сатҳи олӣ ба Рига заминаи қавӣ фароҳам овард [2, с. 140]. Дар вохӯрӣ масоили барқарорсозии шарикии анъанавии иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ баррасӣ шуда, зарурати ба роҳ мондани робитаҳои сиёсии сатҳи олӣ ва муҳайё сохтани заминаи қарордодию ҳуқуқӣ барои густариш додани ҳамкориҳои гуногунсоҳа таъкид гардид. Бахусус соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат, гидроэнергетика, саноати хӯрокворӣ ва кимиёвӣ, коммуникатсия ва сайёҳӣ аз самтҳои манфиатбори ҳамкориҳо номида шуданд [5, с. 298]. Дар ин росто, Тоҷикистону Латвия аз шарикони деринаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ ба шумор мераванд, ки шуруъ аз соли 2008-2009 барои азнавсозии пайвандҳои қаблӣ, барпо намудани равобити нави гуногунҷанба, муҳовараи густурдаи сиёсӣ ва дарёфти роҳҳои судбахши ҳамкорӣ тадбирҳои назаррас амалӣ намуданд.

Агар ба пасманзари умумӣ нигарем, сафарҳои аввалини давлатии Сарвари мамлакат Э. Раҳмон ба кишварҳои соҳили Балтика дар оғози соли 2009 ба таҷдид ва тавсеаи муносибатҳои анъанавии Тоҷикистон бо ин давлатҳо равона гардида буд. Ҳамин тариқ, 8-9 феврали соли 2009 Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ташрифи давлатӣ ба Ҷумҳурии Латвия бо Президенти Латвия Валдис Затлерс, Сарвазир Ивар Годманис, Раиси Сейм Гундарс Даудзе мулоқот намуда, бо ҳамтои худ дар анҷумани муштараки соҳибкорони ду кишвар иштирок ва суханронӣ карданд. Сафари мазкур ҳамчунин ба васеъгардонии пояи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳо мусоидати фаъол намуд. Дар чаҳорчӯби он Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Латвия; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба алоқаи ҳавоӣ; Протокол оид ба ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Латвия; Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни палатаҳои савдо ва саноати ду кишвар ба имзо расиданд [2, с. 153].

Президенти Ҷумҳурии Латвия В. Затлерс он замон дар Рига изҳор дошта буд, ки “Латвия омода аст роҳкушои Тоҷикистон ба сӯйи Аврупо бошад”. “Тоҷикистон метавонад дарвозаи Латвия ба сӯйи Осиёи Ҷанубӣ бошад”, - иброз доштанд дар посух Сарвари давлати тоҷикон Э. Раҳмон [6, с. 91]. Суханҳои ҳамоҳанги сарони ду кишвари ба ҳам дӯст нияту мароми неки онҳоро баҳри пешбурди ҳамгироии беш аз пеши давлату мардумонашон, хосатан дар ҷодаи иттисоли иқтисодию нақлиётӣ дар сатҳҳои дуҷонибаву фароминтақавӣ, ифода менамоянд.

Сарони ду давлат зимни музокироти сатҳи олӣ мушаххасан ба барқарорсозии робитаҳои анъанавӣ миёни Тоҷикистону Латвия, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ мавҷуд буд ва ташкилу вусъати ҳамкориҳо дар самтҳои коркарди нахи пахта, пӯст, пашм, меваю сабзавот, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок, азхуднамоии захираҳои табиӣ ва обию энергетикӣ, рушди нақлиёту коммуникатсия ва туризм ҳавасмандӣ зоҳир карданд. Ҳамзамон, перомуни тафсилоти ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвар Президенти Тоҷикистон бо Сарвазири Латвия И. Годманис гуфтугӯйи созанда анҷом доданд [10].

Президенти Латвия Валдис Затлерс рӯзҳои 11-14 июли ҳамон сол бо сафари давлатии ҷавобӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, ки ин нахустин сафари давлатии роҳбари кишвари узви Иттиҳоди Аврупо ба ҷумҳурии мо буд. Дар гуфтушунидҳои сарони ду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Валдис Затлерс муҳимтарин масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва дурнамои муносибатҳо матраҳ шуданд [7, с. 28]. Бавежа, таъсиси корхонаҳои муштарак доир ба коркарди алюминий, нахи пахта, пӯст, пашм, меваю сабзавот, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, ки дар Тоҷикистон захираҳои онҳо фаровонанд, аз самтҳоиояндадори ҳамкории иқтисодӣ маънидод гаштанд. Президент В. Затлерс таваҷҷуҳи хосса ба ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика зоҳир намуда, таъкид дошт, ки Латвия омода аст, ба Тоҷикистон дар бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи обӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин, роҳандозии алоқаҳои судманд дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илму техника ва сайёҳӣ, хусусан сайёҳии экологӣ низ дорои дурнамои умедбахш арзёбӣ карда шуд [4, с. 183-185].

Дар поёни мулоқотҳои сатҳи олӣ миёни Тоҷикистону Латвия якчанд санади ҳамкорӣ ба имзо расид, ки Изҳороти муштарак (бо имзогузории президентҳои ду давлат) дар бораи густариши минбаъдаи муносибатҳои дустӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Латвия, инчунин Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ, илмӣ ва техникӣ ва Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба алоқаи автомобилии байналмилалӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар нишасти матбуотӣ ҷонибҳо аз натиҷаи мулоқоту музокироти расмӣ изҳори қаноатмандӣ карда, хосатан ифтитоҳи хатсайри мустақими ҳавоӣ миёни шаҳрҳои Ригаю Душанбе ва аллакай се маротиба аз Тоҷикистон боздид кардани гурӯҳҳои калони соҳибкорони Латвияро аз ҷумлаи натиҷаҳои сермаҳсули ҳамин сафар маънидод карданд. Таъкид гардид, ки кушодани хатсайрҳои мустақими автомобилию роҳи оҳан ва роҳандозии робитаҳои бонкию саноатӣ аз ҷумлаи гомҳои навбатӣ барои густариши минбаъдаи ҳамкории иқтисодӣ хоҳанд буд. Завқмандии ҳарду ҷониб ба рушди ҳамкории самарабахш ҷиҳати мусоидат ба таҳкими амнияту субот дар Афғонистон ва эҳёи иқтисодиёти он иброз гардид [16].

Шоёни зикр аст, ки сарони ду давлат, пас аз музокирот ва маросими имзои санадҳои дуҷониба, ба ҳамдигар мукофотҳои олии давлатӣ тақдим намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Ордени «3 Ситора дараҷаи 1» бо занҷираи заррин ва Президенти Ҷумҳурии Латвия Валдис Затлерс бо Ордени «Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1» сарфароз гардонида шуданд, ки ин иқдом ба нишонаи қадрдонӣ аз нақши намоёни роҳбарияти олии Тоҷикистону Латвия дар рушди муносибатҳои ду кишвар амалӣ гардид [4, с. 184].

Президенти Латвия дар рафти сафар бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва Сарвазири кишвар Оқил Оқилов вохӯриҳои судманд дошт. Ӯ

ҳамчунин аз шаҳрҳои Хуҷанду Турсунзода дидан намуда, бо фаъолияти ширкати «ТАЛКО» аз наздик шинос шуд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳамкориҳо дар ҳавзаҳои энергетика, аз ҷумла бунёди иншооти барқӣ, марбут ба зерсохторҳои иртиботӣ (аз ҷумла логистика), корхонаҳои фароварии маҳсулоти кишоварзӣ, дорусозӣ, маориф, бунёди корхонаҳои муштарак дар ҳудуди 5 минтақаи озоди иқтисодии кишвар ва бахши сайёҳӣ аз самтҳои ояндадору афзалиятноки равобити иқтисодии Тоҷикистону Латвия мебошанд. Латвия қодир аст, то барои бароҳмонии равобити иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо, аз ҷумла бо Олмон, Лаҳистон, Финляндия, кишварҳои Скандинавия ва дигар аъзои ИА мусоидати муассир намояд [3, с. 138].

Яке аз падидаҳои муҳим дар доираи пешбурди муносибатҳои ду кишвар машваратҳои сиёсии байниидоравии вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Латвия ба ҳисоб мераванд, ки ҷаласаи нахустини он 4 апрели соли 2014 дар ш. Душанбе дар сатҳи муовинони вазирони корҳои хориҷии ду кишвар баргузор гардид. Зимни муҳокимарониҳо ҷонибҳо маҷмуи васеи масъалаҳо, аз ҷумла мавзуҳои мубрами муносибатҳои дуҷониба, омодагӣ ба сафари расмии Президенти Латвия ба Тоҷикистон, ҳамкориҳои минтақавӣ ва инчунин шарикии Тоҷикистон бо ИА ва вазъ дар Афғонистонро матраҳ намуданд [1, с. 137].

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Латвия ҷаноби Андрис Берзинш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзҳои 9-11 июни соли 2014 доир гардид, дар партави ҷашни 20-умин солгарди равобити дипломатӣ муносибатҳои ду кишварро ба сатҳи сифатан нав баровард. 10 июн зимни гуфтушунидҳо миёни сарони ду давлат масоили умдаи густариши робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва саҳмгузорӣ дар муборизаи глобалӣ зидди терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар хатарҳои ҷаҳони муосир матраҳ шуд. Аз натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ байни ду кишвар 4 санади зерини ҳамкорӣ ба имзо расид:

- Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Латвия;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм, ҷинояткории муташаккилона ва муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ва дигар ҷиноятҳо;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм;
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Латвия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм;
- Ёддошти тафоҳум байни Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муҳофизати давлатии сарҳадии Ҷумҳурии Латвия. [9]

Тавре аз Баёнияи муштарак бармеояд, Президентҳои ду кишвар "саъю талоши ҳамгироёнаро ҷиҳати мусоидати минбаъда ба анҷом додани мулоқотҳои мунтазам дар сатҳи олӣ, истифодаи фаъолонаи абзорҳои мавҷудаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангию башардӯстона, инчунин тавсеаи заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқии дуҷониба изҳор намуданд". Ҷонибҳо бахшҳои нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика, молиявӣ-бонкӣ, сохтмон, истеҳсолоти нассоҷӣ, кишоварзӣ, саноати коркарди ашё, сайёҳӣ ва маорифро ба сифати соҳаҳои бештар ояндадори ҳамкорӣ қайд карданд. Аз ин рӯ, зарурати фаъолсозии тадбирҳои амалӣ барои ташвиқи тамосҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои мазкур таъкид гардид. Гузашта аз ин, ҷонибҳо ба созиш омаданд, ки ба таҳкими имкониятҳои транзитӣ-интиқолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Латвия, рушди зерсохтори нақлиётӣ ҳамаҷониба мусоидат намуда, бунёди гузаргоҳҳои нақлиётии байналмилалиро, ки интиқоли борҳоро миёни Аврупо ва Осиё таъмин менамоянд, дастгирӣ мекунанд.

Худи ҳамон рӯз вохӯрии вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷидин Аслов ва Латвия Эдгар Ринкевич баргузор гашт, ки дар рафти он мусоҳибон масоили рушди ҳамкориҳои

ду кишварро дар заминаи созишҳое, ки дар натиҷаи мулоқоти сарони ду кишвар дар шаҳри Душанбе ба даст омаданд, баррасӣ намуданд. Роҳҳои татбиқи амалии созишномаҳои дуҷониба, тавсеаи минбаъдаи пояи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон ва Латвия ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди соҳибкорон ва дигар доираҳои алоқаманди ду кишвар дар бахшҳои гуногун дар меҳвари музокирот буданд [18].

Солҳои охир тадбирҳои мушаххас ба хотири нигоҳдории равобити сиёсӣ дар сатҳи матлуб андешида мешаванд. Чунончи, 2 декабри соли 2021 дар шаҳри Стокҳолм дар ҳошияи ҷаласаи 28-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои ширкаткунандаи САҲА вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Латвия Эдгар Ринкевич мулоқот барпо карда, дар мавриди муносибатҳои дуҷониба ва густариши минбаъдаи онҳо, ҳамкориҳои муштарак дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла вазъ дар Афғонистон, табодули афкор намуд [20]. Абзори доимоамалкунандаи машваратҳои сиёсӣ низ таҷассумгари дар маркази диққати ҷонибҳо қарор доштани матлаби вусъатдиҳии муносибатҳо буда, 6 декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе даври навбатии он дар сатҳи сардори раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳибназар Ғайратшо ва мудири якуми Департаменти муносибатҳои дуҷонибаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Латвия Улдис Микутс баргузор шуд. Гуфтушунид дар атрофи масъалаҳои вазъи кунунӣ ва дурнамои таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, нақлиёт, амнияти минтақавӣ, инчунин ҳамдастии ду кишвар дар чаҳорчӯби Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ сурат гирифт [19].

Мустаҳкам кардани ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар партави сиёсати хориҷии Латвия қарор дошта, он ҳангоми раёсаташ дар Иттиҳоди Аврупо дар соли 2015 минтақаи моро аз авлавиятҳои худ муайян карда буд. Дар марҳилаҳои гузашта ва имрӯзҳо низ амният ва суботи минтақа, хусусан марбут ба вазъ дар Афғонистон, аз мавзуоти муҳими ҳамкориҳои Латвия бо Тоҷикистон буда, ин кишвар дар татбиқи Барномаи мудирияти сарҳад дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) нақши фаъол доштааст. Дар ин зимн, бояд тазаккур дод, ки Мулоқоти 19-уми вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ (ш. Люксембург, 23 октябри соли 2023) гоми муҳиме дар таҳкими равобити миёни Латвия, ИА ва Осиёи Марказӣ буда, вазири корҳои хориҷии Латвия Кришянис Каринш дар рафти он ба аҳаммияти нақши давлатҳои назди Балтика дар амри пешбурди ин шарикӣ ва саҳм доштан дар устуворӣ ва шукуфоии минтақа, таъкид кард. Ӯ омодагии кишварҳои балтикиро ҷиҳати иштироки фаъол дар амалисозии Харитаи роҳи дар ҷаласа қабулшуда, бахусус тариқи рушди пайванду зерсохторҳои нақлиётӣ ва логистикӣ, инчунин оид ба интиқоли донишу таҷрибаи ислоҳотҳои пешқадам ба Осиёи Марказӣ иброз намуд [8].

Ба пайравии мантиқӣ аз тасмимоти эъломдоштаи ҷониби Латвия ва мувофиқи самтгириҳои қаблии ҷонибҳо дар сатҳҳои оливу баланд, 7 декабри соли 2023 Тоҷикистон ва Латвия дар Душанбе ҷиҳати афзоиши хамлу нақли байналмилалии нақлиётӣ Ёддошти тафоҳум ба имзо расониданд. Санади мазкур аз ҷониби ҳамраисони Гурӯҳи кории Тоҷикистон ва Латвия оид ба нақлиёт – муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шоиста Саидмуродзода, муовини Котиби давлатии Вазорати коммуникатсияи Ҷумҳурии Латвия Улдис Рейманис, ҳамчунин директори Агентии авиатсияи гражданин назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Сафарзода имзо гардид. Мутобиқи ин ҳуҷҷати дуҷониба, ҳавасмандии Тоҷикистону Латвия ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои соддагардонии ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ва роҳи оҳан, аз ҷумла васеъ намудани имкониятҳои боркашонӣ ва логистика (тариқи таъсиси марказҳои логистикӣ дар қаламрави кишварҳояшон), инчунин транзит тавассути қаламрави худ ба кишварҳои сеюм, инкишоф додани робитаҳои бевоситаи иқтисодии байни корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва маъмурияти роҳи оҳани Точикистон ва Латвия, бо мақсади рушди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои ҳамдигар, мусоидати фаъолона ба густариши

занҷирҳои нави нақлиётӣ ва логистикӣ, бо истифода аз долони нақлиётии «Аврупо-Қафқоз-Осиё» - ТРАСЕКА ва пайвастани он бо кишварҳои соҳили Балтика ва Скандинавия, иброз гардид. Ҳамчунин, бо дарназардошти ҳамкориҳои фаъолона ва рушдёбанда, аз ҷумла ҷаласаҳои Гурӯҳи кории Тоҷикистону Латвия дар соҳаи нақлиёт ва таъсиси Комиссияи муштараки Тоҷикистону Латвия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ аз 12 июни соли 2023 дар Рига, аҳамияти робитаҳои мустақим таъкид карда шуд. Гурӯҳи корӣ намояндагони мақомоти авиатсионии ҳарду ҷонибро ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои тарафайн даъват карда, пешниҳод намуд, ки корхонаҳои авиатсионии Тоҷикистон ва Латвия ҳамкориро ҷиҳати татбиқи барномаҳои омодасозии мутахассисони соҳаи авиатсия ба роҳ монанд [22].

Бояд қайд кард, ки ҳайати расмии Ҷумҳурии Латвия зимни боздид аз Душанбе (7-9 декабри соли 2023) бо вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим, инчунин бо роҳбарияти МД "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасониҳои логистикӣ"-и Вазорати нақлиёти кишвар, Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати ҶТ ва КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" мулоқотҳо доир намуд. Дар робита ба мавзуъ боиси ёдоварист, ки Тоҷикистон ва Латвия қаблан ба мувофиқа расида буданд, ки ба таҳкими зарфиятҳои транзитӣ-нақлиётии ду кишвар, рушди инфрасохтори нақлиётӣ, таъсиси долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ки интиқоли борҳоро байни Аврупо ва Осиё таъмин мекунанд, ҳамаҷониба мусоидат намоянд. Дар ин бора, аз ҷумла дар Изҳороти муштараки Сарони ду давлат оид ба натиҷаи гуфтушунидҳои онҳо дар Душанбе ва Рига дар солҳои 2009 ва 2014 дарҷ шудааст.

Миёни ду кишвар робитаҳои хуби байнипарлумонӣ аз солҳои 2010-ум роҳандозӣ шудаанд. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 2011 ва Сейми Ҷумҳурии Латвия моҳи майи соли 2012 гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Латвияро таъсис доданд, ки ҷиҳати густариши ҳамкориҳо ва омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар дар самти қонунгузории соҳаҳои мухталиф кор мебаранд [17].

Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Латвия дар солҳои 1990-ум бо он хос буданд, ки соли 1998 дар Латвия намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфта, дар давраи таҳкими равобити сиёсию дипломатӣ байни солҳои 2009-2015 онҳо дар сатҳи баланд қарор доштанд. Агар ба нишондиҳандаҳои савдои дуҷониба дар солҳои 2013 ва 2015 (дар асоси маълумоти Агентии омори ҷумҳурӣ) нигарем, он гоҳ мебинем, ки ҳаҷми табодули мол дар ин солҳо мутаносибан 35 млн. долл. ИМА ва 19,7 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод. Ин коҳиш ҳам нисбат ба солҳои пеш ба иллати бuҳрони молиявии ҷаҳонӣ сурат гирифта будааст. Молҳои асосии содиротшаванда аз Тоҷикистон ба Латвия нахи пахта ва алюминий буда, аз Латвия ба Тоҷикистон асосан воситаҳои нақлиётӣ, маҳсулоти нафтӣ, таҷҳизоти тиббӣ, электрикӣ ва доруворӣ ворид мегарданд.

Бояд зикр намуд, ки соҳибкорони тоҷикистонӣ даҳлези транзитиеро, ки тавассути бандарҳои Латвия – Лиепая ва Вентспилс мегузарад, самаранок истифода мебаранд. Дар Ҷумҳурии Латвия, – ба ҳолати солҳои 2014-2015 – 91 корхона бо маблағгузории Тоҷикистон ба қайд расида буд. Ба манзури рушди низоми бонкӣ дар шаҳри Душанбе намояндагиҳои се бонки Латвия кушода шуда буданд: «Trasta komercbank» (10 июли соли 2009), «Aizkraukles bank» (14 апрели соли 2011) ва «SMP Bank». Инчунин маълум аст, ки Корхонаи лизингии Латвия «Rishon Inter» дар сохтмони иншоотҳои ҷумҳуриявӣ иштирок менамояд [7, с. 31-32].

Дар қаринаи ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, 20 ноябри соли 2013 дар шаҳри Рига нахустин ҷаласаи Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Латвия оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ баргузор гардид, ки рӯзномаи корияш масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷониба – вазъи иқтисодии ду кишвар, ҳолати равобити иқтисодӣ, тиҷорат, ҳамкорӣ дар соҳаҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, энергетика ва сохтмон, саноат, маориф ва фанноварӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва фаъолияти бонкиро дар бар гирифт [7, с. 36]. Идома наёфтани фаъолияти ин абзори расмии рушди робитаҳои

тиҷоратию иқтисодӣ пас аз соли 2013 (зеро оид ба баргузории ҷаласаҳои навбатӣ дар солҳои баъдӣ маълумоте мавҷуд нест), инчунин қатъ гардидани занҷираҳои мавҷудаи таъминот ва додугирифти молу маҳсулот ба иллати буҳрони шадиди ҷаҳонӣ аз сабаби маҳдудиятҳои марбут ба ҳамагирии коронавирус ва таҳаввулоти ба ҳама маълуми чанд соли ахир дар авзои геосиёсии байналмилалӣ аз шадидан поин рафтани савдои дуҷониба дар солҳои охир (дар соли 2023 – 2,04 млн. долл. ИМА) дарак медиҳад.

Робитаҳои гуманитарӣ миёни ду кишвар бар соҳаи маориф, инчунин бар ҳамкорӣ миёни Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бойгонии миллии Ҷумҳурии Латвия асос ёфтаанд. Ҳамин тавр, ҳар сол тавассути барномаҳои таълимӣ оид ба қонуни аврупоӣ ва иқтисодӣ барои кишварҳои Шарикии Шарқӣ, Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Косово дар Мактаби баъдидипломии ш.Рига шумораи муайяни шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳлати 3 моҳ бо такмили ихтисос дар Латвия фаро гирифта мешаванд [1, с. 137].

Барои мутмаин шудан аз сатҳи равобити ҷонибҳо дар соҳаи маориф ва таҳсилоти олӣ, ба тақвияти мавзуи матраҳшуда якчанд далели равшан меорем. Нимаи моҳи марти соли 2017 дар доираи сафари кории ҳайати намояндагони Парлумони Латвия бо роҳбарии вакили Сейм, сиёсатшинос Вейко Сполитис ба вилояти Суғд бо иштироки панҷ сарвари муассисаҳои олии касбии вилоят дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ёддошти ҳамкорӣ байни муассисаҳои олии Ҷумҳурии Латвия ва муассисаҳои олии вилоят имзо гардид. Дар рафти мулоқот бо роҳбарони мактабҳои олии вилоят, Вейко Сполитис ва Евгений Грузновс, намояндаи муассисаҳои олии Ҷумҳурии Латвия дар минтақаи Осиё, аз сатҳи ҳамкориҳои Латвия бо Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, афзуданд, ки “мо бо таърихи куҳану фарҳангии тоҷикон аз осори гаронмояи академик Бобоҷон Ғафуров ошноӣ пайдо кардаем”. Каспарс Клявиниш, доктори илмҳои техникӣ, профессори Донишгоҳи техникии шаҳри Рига таҷрибаи пешрафтаи ин донишгоҳро дар самти навовариҳо тавсиф карда, изҳор дошт, ки ин мактаби олӣ дарояндаи наздик метавонад устодони донишкадаро ба Ҷумҳурии Латвия фиристад [11].

Мисоли дигари айёнии муносибатҳои ҳасана дар бахши маориф он аст, ки 28-30 августи соли 2017 гурӯҳи иборат аз намояндагони макотиби олӣ ва коршиносони саноатҳои хӯроквroutӣ ва коркарди Латвия аз Тоҷикистон боздид намуд. Тавре дар сарчашмаҳои дастрас зикр шудааст, якчанд сол қабл аз ин Донишгоҳи кишоварзии Латвия ҳамкориро бо чанде аз донишгоҳҳои Тоҷикистон барои тавсеаи шарикӣ ва такмили ихтисоси устодони мактабҳои олӣ дар самти сифат ва бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон оғоз кард [21].

Ҳамин тавр, таҳлили мадракҳо аз таърихи навин ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистону Латвия моро ба хулосае водор месозад, ки робитаҳои байнидавлатии бисёрҷанба дар солҳои 2009-2015 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба авҷи аъло расида, ҳамзамон айни ҳол барои такони тоза бахшидан ба муколамаи сиёсии сатҳи олӣ, ҷонноксозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ тариқи аз сар гирифтани кори абзори мавҷудаи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ, таҳкими шарикии соҳибкорони ду кишвар ва ҳамгироии бештари мардумони тоҷику латиш дар бахшҳои гуногуни иҷтимоиву илмиву таҳсилотӣ зарурат ба миён омадааст. Баҳри амалисозии чунин ниёзҳо ба рушди беш аз пеши равобити созанда тамоми шароит муҳайё буда, дар ин ҷода таҷдиди иродаи волои сиёсӣ ва талошҳои ҷомеаҳои дипломатии ду давлат бо корбасти ҳамаи воситаҳои робитасозӣ нақши калидӣ мебозад.

### *Адабиёт*


1. 25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 218 с.
2. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 296 с.

3. Сайидзода З.Ш. (Саидов З.Ш.). Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: монография. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2016. – 216 с.
4. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Имоми Аъзам (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009). Китоби 9. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2011. – 372 с.
5. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Рӯдакӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008). Китоби 8. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2011. – 372 с.
6. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2011. – 372 с.
7. Қоимдодов Қ. Кишварҳои назди Балтика дар доираи муносибатҳои Тоҷикистон // Маҷаллаи “Сиёсати хориҷӣ”. – 2014. – №1. – 190 с.
8. Мақолаи “Баҳамории Латвия ва Осиёи Марказӣ тариқи таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ” [Манбаи электронӣ] // Маҷаллаи “Weekly Briefing”-и Институти (маркази илмӣ-тадқиқотии) “China-CEE Institute”. Ҷилди 67, № 4. URL: https://china-cee.eu/2023/12/18/latvia-external-relations-briefing-bridging-latvia-and-central-asia-through-the-strengthening-of-political-and-economic-cooperation/ (Санаи нашр: 18.12.2023) (ба заб. англ.)
9. Садои мардум. – 2014. – 12 июн. – №62.
10. Гузориши муфассал аз сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Латвия [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/2886
11. Густариши робитаҳои муассисаҳои олии вилояти Суғд бо донишгоҳҳои Латвия [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. URL: https://khovar.tj/2017/03/gustarishi-robita-oi-muasisa-oi-olii-viloyati-su-d-bo-donishgo-oi-latviya/
12. Мақолаи “Латвия” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/ wiki/Латвия (ба заб. русӣ)
13. Мақолаи “Латвия” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/ wiki/Latvia (ба заб. англ.)
14. Мақолаи “Иқтисоди Латвия” дар Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Latvia (ба заб. англ.)
15. Маълумотномаи «Муносибатҳои Тоҷикистон ва Латвия» [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/164/munosibathoi-tojikiston-bo-latviya
16. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Латвия Валдис Затлерс ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/2683
17. Таъсиси гурӯҳ Тоҷикистонро бо Латвия наздик месозад [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. URL: https://khovar.tj/2012/05/tasisi-guru-1203-to-1207-ikistonro-bo-latviya-nazdik-mesozad/
18. Хабари иттилоотии “Вохӯрии вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Латвия” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/ view/363/vokhurii-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston-va-latviya
19. Хабари иттилоотии “Машваратҳои сиёсӣ миёни Тоҷикистон ва Латвия” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/13965/ mashvarathoi-sijosi-mijoni-tojikiston-va-latviya
20. Хабари иттилоотии “Мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Латвия” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/9299/muloqoti-vaziri-korhoi-khorijii-tojikiston-bo-vaziri-korhoi-khorijii-latviya
21. Хабари иттилоотии «Перспективы сотрудничества Таджикистана и Латвии» [Манбаи электронӣ] // Портали иттилоотӣ-таҳлилии «Диалог. Таджикистан и мир». URL: https://www.dialog.tj/news/perspektivy-sotrudnichestva-tadzhikistana-i-latvii

22. Хабари иттилоотии “Тоҷикистон ва Латвия ният доранд ҳамлу нақли байналмилалиро густариш диҳанд. Дар Душанбе ҷонибҳо Ёддошти тафоҳум имзо карданд” [Манбаи электронӣ] // Сомонаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mintrans.tj/news-page/details/474

## СИЁСАТИ РОБИТАҲОИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЛАТВИЯ ДАР ДОИРАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Зимни таълифи мақола мавзуоти мубрами роҳандозӣ ва рушди робитаҳои гуногунҷанбаи байнидавлатии Тоҷикистону Латвия дар зарфи 30 соли барқарории муносибатҳои дипломатӣ тадқиқу таҳлил шудаанд. Муаллифон мазмуну муҳтавои равобити ҳасана ва рӯйдоду воқеаҳои муҳим дар солномаи ҳамкориҳои ду давлатро, хусусан аз лиҳози ташрифу мулоқотҳои роҳбарияти олии Тоҷикистон ва Латвия, музокиротҳои ҳайатҳои сиёсӣ, фаъолияти абзорҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва нақлиётию логистикӣ баррасӣ кардаанд. Дар мақола хулосаҳои амалӣ оид ба беҳтару амиқсозии ҳамкориҳои ду кишвар дода шудаанд. Ҳангоми навиштани мақола аз китобҳову сарчашмаҳо дар бобати фаъолияти дипломатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар силсилаи “Сиёсати хориҷии Тоҷикистон”, инчунин дигар маводи расмии электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Латвия, муносибатҳои байнидавлатӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Президент, табодули сафарҳои сатҳи олӣ, машваратҳои сиёсӣ, санадҳои ҳамкорӣ, шарикии иқтисодӣ, ҳамкориҳо дар соҳаи нақлиёт ва логистика, робитаҳои гуманитарӣ.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ СВЯЗИ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И ЛАТВИЕЙ В КОНТЕКСТЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В статье исследована и проанализирована важная тематика установления и развития многоплановых межгосударственных отношений между Таджикистаном и Латвией за 30 лет установления дипломатических отношений. Авторы рассмотрели содержание прочных взаимоотношений и важные события и мероприятия в летописи сотрудничества двух стран, особенно относительно визитов и встреч высшего руководства Таджикистана и Латвии, переговоров политических делегаций, деятельности механизмов торгово-экономического и транспортно-логистического взаимодействия. В статье приводятся практические выводы по улучшению и углублению сотрудничества между двумя странами. При написании статьи использовались книги и источники по внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и публикации Министерства иностранных дел из серии «Внешняя политика Таджикистана», а также официальные отечественные и зарубежные электронные издания и информационно-статистические материалы.

Ключевые слова: Таджикистан, Латвия, межгосударственные отношения, внешняя политика, история, Президент, обмен визитами на высшем уровне, политические консультации, документы о сотрудничестве, экономическое партнерство, сотрудничество в области транспорта и логистики, гуманитарные отношения.

## POLITICAL RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND LATVIA IN THE CONTEXT OF INTERNATIONAL RELATIONS

The article explores and analyzes the important topics of the establishment and development of multifaceted interstate relations between Tajikistan and Latvia over the 30 years of diplomatic relations. The authors examined the content of beneficial relationships and important events and activities in the chronicle of cooperation between the two countries, especially regarding visits and meetings of the top leadership of Tajikistan and Latvia, negotiations of political delegations, and the activities of mechanisms of trade, economic and transport and logistics interaction. The article provides

practical conclusions on improving and deepening cooperation between the two countries. When writing the article, books and sources on the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs from the “Foreign Policy of Tajikistan” series, as well as official domestic and foreign electronic publications and information and statistical materials were used.

**Keywords:** Tajikistan, Latvia, interstate relations, foreign policy, history, President, exchange of high-level visits, political consultations, cooperation documents, economic partnership, interaction in the field of transport and logistics, humanitarian relations

**Дар бораи муаллиффон**

Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб
доктори илмҳои таърих, профессор,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, х.Рудакӣ, 33,

Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох
номзади илмҳои таърих
котиби якуми раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734001, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33
E-mail firdavs.sharifzoda@mfa.tj

**Об авторах**

Шарифзода Абдуфаттох Абдуваххоб
доктор исторических наук, профессор,
Национальная академия наук Таджикистана
Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33,
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох
кандидат исторических наук
первый секретарь Управления стран Европы и Америки
Министерства иностранных дел Республики Таджикистан,
Адрес: Республика Таджикистан, 734001, город Душанбе, улица Шероз 33
E-mail firdavs.sharifzoda@mfa.tj

**About the authors**

Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob
Doctor of historical sciences, professor,
National Academy of Sciences of Tajikistan
Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

Sharifzoda Firdavs Abdufattoh,
candidate of historical sciences
First Secretary of the Department of European and American
Countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan,
Address: Republic of Tajikistan, 734001, Dushanbe, Sheroz street 33
E-mail firdavs.sharifzoda@mfa.tj

ТДУ 947.553.316.77

# СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

***Бедилзода Ҳ.К.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Муташаниҷ гардидани вазъияти иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир, ҷомеаи илмиро водор намуд, ки ба масъалаи вазифаҳо ва ваколатҳои давлат дар самти сиёсати фарҳангӣ таввачуҳи бештар намояд ва ба ақидаи онҳо ин сиёсат аз чунин присипҳои бунёдӣ бояд иборат бошад: ягон барномаҳои байналмилалӣ  инкишофи ҷамъиятӣ пурра ҷавобгӯй натиҷаҳои ниҳоӣ наметавонад бошад, агар талаботҳои инкишофи фарҳангии халқҳо, инчунин омилҳои муҳими онро ба назар нагирад; дар ҷаҳон наметавонад модели ягонаи ҷаҳонии ҷамъиятӣ амалӣ карда шавад, махсусан дар самти инкишофи фарҳангӣ, зеро дар чунин ҳолат аслияти фарҳангии халқҳо инъкор гардида ба худшиносии онҳо халал ворид мегардад; нигоҳдошт ва истифодаи захираҳои фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои ҷалби ҳамаи шаҳрвандони кишвар ба арзишҳои маънавӣ ва фаъолияти фарҳангӣ, тавсеаи иқтидори эҷодӣ ҳар як нафар, дар ин қатор таъмин шароити хуби ҳаёти, нигоҳдошти муҳити таббии ва амнияти миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.

Яке аз аввалинҳо шуда файласуфи фаронсавӣ Абраҳам Мол чор навъи сиёсати фарҳангии давлатҳоро нишон додааст. Ӯ дар таҳлили нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан радио ва телевизион ба ҳаёти маънавии ҷомеа ва нақши давлат дар ин самти ҳаёти ҷамъиятӣ чунин навъҳои сиёсати фарҳангиро нишон додааст:

1.популистӣ ва ё “демагогӣ”, мақсади ягонаи он қонеъ намудани талаботҳои қисмати зиёди одамон дар ҷомеаи худ. Ба ақидаи муаллиф чунин сиёсат дар ИМА амалӣ мешавад.

2.патерналистӣ ва ё "догматикӣ" сиёсати фарҳангиест, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои динӣ ва давлат коркард ва амалӣ карда мешаванд ва онҳо кӯшиш мекунанд ҷаҳонро бо ин идеология мутобиқ намоянд. А. Мол вобаста ба ташхиси ин сиёсат қайд мекунад, ки “дар ҳақиқат ин система бо маънои муайян муҳимтарин ҳолати махсусест аз системаи гузашта”.

3.электикӣ ва ё “фаҳангшиносӣ”, сиёсатест, мақсади асосии худ “муҷаҳҳазсозии” ҳар як фардият бо чунин фарҳанге, ки “ ба мисли инъикоси вайроннашуда бо интихоби “беҳтарин” аз миёни фарҳангҳои умуибашарӣ ва фарҳанги гуманистӣ – фарҳанге, ки ба ақидаи файласуфон маънои олитарини фаъолияти инсон, ки бо иқтидори идеяи худ метавонад ҷаҳонро забт намояд”.

4. “сотсиодинамикӣ” – сиёсати фарҳангисет, ки дар асоси мавҷудияти далелҳои “даврабандиҳои фарҳангӣ” “таъсири динамикӣ”- тағирпзирии ҷамъият дар замон, дар фазо ва дар самти муайян. [2, с. 298-328].

А. Мол худ тарафдори навъи чоруми сиёсати фарҳангӣ буд.

Сатҳи фарҳангии сиёсии ҷомеа ва ҳар як аъзоёни  алоҳидаи он бо дохил намудани ченаки муқарраротиғоявию арзишӣ, меъёрҳо вобаста ба амали мушаххаси сиёсӣ – яъне раванди сиёсӣ муайян карда мешавад. Дар раванди соҳагардоникунонии фарҳанги сиёсӣ он ба дастрасии тамоми ҷомеа табдил мегардад. Метавон зикр намуд, ки агар фарҳанги сиёсӣ меъёри рушди фаъолияти сиёсӣ бошад, пас меъёри худи фарҳанг дараҷаи муносибатҳои унсурҳои моддӣ ва маънавии он мебошад, зеро он дар ниҳоят имкон фароҳам месозад, ки ба равандҳои сиёсӣ таъсир расонад.

Таҷрибаи сиёсати фарҳангии давлати Фаронса лоиқи таввачуҳ буда дар он пешбурди сиёсати фарҳангӣ чун анъана яке қисматҳои асосии сиёсати хориҷӣ шинохта мешавад. Дар миёни кишварҳои саноати рушдёфтаи Ғарб, Фаронса ягона давлатест, ки барномаи сиёсати фарҳангии  хориҷиро хуб таҳия кардааст. Ҳадафи он ташаккул ва дастгирии элитаи роҳбарикунандаи рӯ ба тараққии романизабон (пеш аз ҳама дар давлатҳои Африқо) бо мақсади тавсеаи нуфузи сиёсии кишвар, пешбурди “модели” демократияи фаронсавӣ, ҳимояи мавқеи забони фаронсавӣ, ташвиқи гуногунии фарҳангӣ ва солҳои охир бошад назорат ба раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки Фаронса ин сиёсатро дар

доираи минтақаи ҳамбастагии афзалиятноки худ, ки ба он кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ дохил мегарданд, амалӣ менамояд. Ҳангоми баррасии моҳияти таълимоти фарҳангии фаронсавии охири асри XX-ум бояд арз намуд, ки он роҳҳои зеҳнӣ ва сиёсии нигоҳ доштани раванди сиёсиро дар доираи оқилона, гуманистӣ ва унверсиалӣ пешниҳод менамояд.

Тағири куллии рушди фарҳангии кишвар дар марҳилаи ҳазорсолаи сеюм таҳияи консепсияи нави сиёсати фарҳангиро талаб менамуд, ки он бояд идомаи мантиқии равандҳои дохилӣ бошад ва ба муқаррароти стратегӣ ва идеологияи роҳбарияти кишвар дар соҳаи сёсати хориҷӣ ҷавобгӯ бошад. Ин ғояҳо дар ҳуҷҷати барномавии “Лоҳиаи фаҳангии хориҷии Фаронса” инъикос ёфтаанд, ки ҳадафи марказии он механизми паҳн намудани таъсири фарҳангии кишвар ба хориҷа бо мақсади мустаҳкам кардани эътибори пешинаи он буд. Муаллифони лоиҳа ба он қоил буданад, ки дар аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта “таъсир”-и фаҳангии Фаронса ба ҷаҳони беруна зери зарбаҳои фарҳанги технологии америкоӣ монда хело ҳам суст гашта буд. Ин лоиҳа асосан ба муқобили фарҳанги америкоӣ равона шуда буд, ки Фаронса дар конференсияи байналмиллалии ЮНЕСКО дар шаҳри Мехико (Мексика) дар охирҳои солҳои 80-уми асри гузашта ИМА-ро ба “империалисти фарҳангӣ” айбдор карда буд. Таҳлили лоҳиа нишон медиҳад, ки ин ҳуҷҷат барои азнавсозии тамоми дастгоҳҳои сиёсати хориҷии кишвар ва вазифаҳои он дар шароити шиддат гирифтани рақобат миёни қудратҳои пешрафтаи ҷаҳон барои таъсири глобалӣ дар соҳаи фарҳанг ва бозори маҳсулоти фарҳангӣ аҳмияти бузург дорад.

Лоиҳа ба тақвияти манфиатҳои миллӣ равона шудааст, ки дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ҳамеша қудрати оқилонаи сиёсииро ҳимоя мекунад.Дар ҳамаи муносибатҳо ин ҳуҷҷат намунаи нармафзори оқилонаи фаъолияти фарҳангии ҳар як давлати мутамамаддин дар хориҷ буда, барои нигоҳ доштани мавқеъ ва нуфузи худ дар арсаи байналмилалӣ кӯшиш менамояд.

Сиёсати фарҳангӣ метавонад ҳамчун пайванди ҷудонопазири сиёсати хориҷӣ, омили асосии хусусияти кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ки дар он эътимод ба амалҳои он асос ёфтааст, муайян карда шавад. Дар ин қатор сиёсати фарҳангӣ бо манфиатҳои миллию сиёсӣ ва иқтисодии ҳар як кишвар ва бо тамоми маҷмӯи муносибатҳои хориҷӣ зич алоқаманди дорад. Ҳамин тариқ, муносибатҳо дар соҳаи фарҳанг ҳамчун “яке аз унсурҳои маркази табодули байналмилалӣ,дар баробари муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ба онҳо такя намуда ва қисман аз ҷониби охирин муайян карда мешавад”.[3, с. 14].

Дар сиёсати фарҳангӣ ба нигоҳдори ва таҳкими симои сунатии кишвар, ки ба тасавуроти умумии паҳнгашта дар бораи бузургии таърихи ва маънавии он, сарвати ёдгориҳои бадей, меъморӣ, фарҳангӣ ва дигар ёдгориҳои гузашта, дороии фарҳангии он (ба мисли мусиқӣ, балет, театр, саъати тасвирӣ, нақшу нигор дар чуб ва матоъ, хурокворихо ва ғайра) асос ёфтааст такя карда мешавад. Вазифаи дастгири ва таблиғи фаъоли “моддаи либосҳои миллӣ” ба фарҳанг ва санъати миллӣ аҳмияти бештар пайдо мекунад. Иҷрои ин вазифа ба коллективҳои эҷодӣ вогузор мегардад. Маҳз тавассути онҳо миёни сиёсати мутамарказсозии фарҳангӣ (таъсиси ҳунарҳои асили эҷодӣ дар маҳалҳо) ва сиёсати тавсеаи фарҳангӣ ба хориҷ (табодули коллективҳои театрӣ ва мусиқӣ, намоишгоҳҳои бадей) пайвастшавӣ амалӣ мегардад. Табодули фарҳангӣ хусусияти доими пайдо намуда ба рӯйдодҳо ва ҷашнвораҳои муҳим рост меояд. Хусусияти сиёсати фарҳангӣ аз татбиқи ҳадафҳои он дар бахшҳои асосӣ, ба монанди воситаҳои аудиовизуалӣ, забон, кино, китоб, мубодилаи ҳунарӣ ва илмӣ-техникӣ иборат мебошад. Он на ба таври абстрактӣ, балки дар заминаи дақиқи географӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои алоҳида, анъанашои маҳалӣ, ҳассосият ба фарҳанги миллӣ, хусусияти муносибатҳои ташаккулёфта, яъне омилҳои мушаххаси дипломатияи фарҳангӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 32 соли соҳбистиқлолии худ дар самти сиёсати фарҳангӣ ба як қатор дастовардҳои воқей ноил гардид.

Бо азму талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон барои поягузорӣ, созмон додани давлати миллӣ ва пешрафти кишвар дар равандаи бархурдҳои тамаддуни ҷаҳони муосир хизматҳои арзандае намуданд.

Пеш аз ҳама бояд ёдовар намуд, ки барои шиносои намудани халқи олам ба фарҳангу тамаддани миллати тоҷик бо қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон чорбаиниҳои сатҳи

байналмиллалӣ ба мисли соли 2006-ум эълон шудани соли таммадуни Ориёӣ, 1310- солагии мутаффакири бузурги соҳаи дин Имом Абуҳанифа, 700-солагии шоир ва мутаффакир Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 3000-солагии шаҳри бостонии Ҳисор, 700-солагии шоир ва мутаффакир Камоли Хуҷандӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангии сатҳи байналмиллалиро барпо намуданд.

Ҳамзамон, маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон яке аз ҷашнҳои таърихии халқи тоҷик "Наврӯз"мақоми ҷаҳониро гирфит, ки ҳадафи он ин ҳифзи фарҳанги халқи тоҷик мебошад.

Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон диққати сайёҳони хориҷро ҷалб намуда, солҳои охир ҳамасола зиёда аз миллион нафари онҳо аз мероси боюу рангини он баҳравард гашта аз таъриху фарҳанги гузашта ва муосири халқи тоҷик аз наздик ошно мегарданд.

Бо назардошти раванди сиёсати ҷаҳонӣ, ки бо номи "бархурди тамаддун"-ҳо машҳур гашта аз таълимоти олими америкоӣ С. Хангтинтон бамеояд дар ҷаҳони муосир фарҳангу тамаддунҳое, ки заминаи бою мустаҳками бунёдиро дороанд метавонанд дар тамаддуни ояндаи ҷаҳонӣ нақшгузор бошанд, тамаддунҳое, ки чунин қудратро доро нестанд дар ояндаи наздик бо дигар тамаддунҳо омехта мегарданд ва ё умуман нобуд мегарданд. Дар ҳақиқиат чунин равандро дар сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ бо истифодаи тамоми усулҳо ва роҳҳо мехоҳанд, фарҳангу тамаддуни худро болои давлатҳои рӯ ба тараққӣ таҳмил намуда, фарҳангҳои гунгуни миллатҳо ва халқҳоро бо фарҳанги ғарбии худ мутобиқ намоянд, ки аз ҳама дида амали норавое нисбати миллату халқҳои ҷаҳони муосир фаҳмида мешавад.

Аз ин хотир дар ин "мубоуризаҳои тамаддунӣ" давлати моро зарур аст, ки дар мусаҳкам намудани арзишҳои миллӣ, фарҳангу маданият, урфу одат, анъанаю сунатҳои миллии худ ҳамаҷониба саъю кӯшиш намуда, тамаддуни дар тули ҳазорсолаҳо эҷодгаштаи худро ҳифз намояд.

Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми масъулият дар назди насли имрӯза ва ояндаи миллати тоҷик барои нигоҳдошт ва тақвияти фарҳанги миллӣ аз тамоми имкониятҳо истифода менамояд.

Бо пешниҳоди Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҳамсоя ҷанши Наврӯз ба Феҳристи идҳои байналмиллалӣ дохил гардида, ҷашнҳои Тиргон, Меҳргон ва Сада дар мамлакат бошукӯҳ ҷашн гирифта мешавад, ки ин нишона аз эҳёи фарҳанги миллӣ ва баланд бурдани рӯҳияи худшиносӣ ва бедории миллӣ шинохта мешавад.

Чи гунае, ки Пешвои миллат дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28-декабри соли 2023 қайд намуданд "Дар соли 2023-юм 15 ёдгории таърихву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид". Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар ин қатор рушд бахшидани самти сайёҳӣ Пешвои миллат дастур доданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида- Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад.[1, с. 6.].

Дар чунин ҳолат халқи тоҷик метавонад таъриху фарҳанги худро ҳифз намуда ва барои рушди он қамари ҳиммат бандад.

Ин иқдом аз эҳтироми самимии Пешвои миллат нибати таъриху фарҳанги миллӣ далолат дода, ҳама вақт дар маркази таваҷуҳаш қарор дорад.

Мо халқи Тоҷикистон дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноороми равандҳои глобалӣ ин иқдоми Пешвои миллатро сармашқи кори худ қарор дода, дар пойдори ва рушди давлати миллӣ. нигоҳдошти фарҳангию таърихӣ, арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳо ва ободии Ватан камари ҳиммат баста, ҷавононро дар рӯҳия хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба анъанаҳои сунатӣ тарбия намоем.

***Адабиёт***


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Душанбе., 28.12.2023.
2. Моль А. Социодинамика культуры. / А. Моль. - М. Издательство ЛКИ, 2008. - 416 с.

3. La Documentation francaise, Paris, 1983, p.13.
4. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / Пер. с англ. Т. Велимеева. Ю. Новикова.. — М.: ООО «Издательство АСТ», 2003. 603с. — ISBN 5-17-007923-0.

## СИЁСАТИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Вазъияти иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир ҷомеаи илмиро водор кардааст, ки ба вазифаву ваколатҳои ҳукумат дар самти сиёсати фарҳангӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд ва ба ақидаи онҳо, ин сиёсат бояд бар асоси принсипҳои бунёдии зерин сурат бигирад: ягон барномаи байналмилалӣ ва агар талаботи тараккиёти мадании халкхо ва омилхои мухими он ба назар гирифта нашавад, тараккиёти чамъиятй натичахои дилхох ба даст овардан мумкин аст; Дар ҷаҳон имкон надорад, ки модели ягонаи ҷаҳонӣ барои рушди иҷтимоъӣ, ба хусус дар соҳаи рушди фарҳанг татбиқ шавад, зеро дар ин сурат асолати фарҳангии миллатҳо нодида гирифта шуда, худшиносии онҳо мушкил мегардад; Ҳифз ва истифодаи сарватҳои фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои иштироки тамоми шаҳрвандони кишвар дар арзишҳои маънавӣ ва фаъолияти фарҳангӣ, густариши эҷодиёти ҳар як шахс, инчунин фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ, ҳифзи саломатии муҳити зист ва амнияти миллӣ , аз вазифахои аввалиндарачаи хар як хукумат мебошанд.

**Калидвожаҳо:** сиёсат, фарҳанг, миллат, тамаддун, арзишҳо, таърих, анъана.

## КУЛЬТУРНАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Напряженность социальной ситуации в современном мире заставила научное сообщество уделять больше внимания вопросу о задачах и полномочиях государства в направлении культурной политики, и, по их мнению, эта политика должна состоять из следующих основополагающих принципов: никаких международных программ, общественного развития, полного соответствия конечным результатам быть не может, если оно не учитывает потребности культурного развития народов, а также важные его факторы; в мире не может быть реализована единая глобальная общественная модель, особенно в направлении культурного развития, поскольку в таком случае отрицается культурная аутентичность народов и затрудняется их самопознание; сохранение и использование культурных ресурсов, создание условий для приобщения всех граждан страны к духовным ценностям и культурной деятельности, расширение творческого потенциала каждого человека, а также обеспечение хороших условий жизни, поддержания здоровья окружающей среды и национальной безопасности. считается первоочередной задачей каждого государства.

**Ключевые слова:** политика, культура, нация, цивилизация, ценности, история, традиции.

## CULTURAL DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN SINCE INDEPENDENCE

The tension of the social situation in the modern world has forced the scientific community to pay more attention to the issue of the tasks and powers of the state in the direction of cultural policy, and, in their opinion, this policy should consist of the following fundamental principles: there can be no international programs, social development, full compliance with the final results if it does not take into account the needs of cultural development peoples, as well as its important factors; a single global social model cannot be implemented in the world, especially in the direction

of cultural development, since in this case the cultural authenticity of peoples is denied and their self-knowledge is hindered; preservation and use of cultural resources, creation of conditions for introducing all citizens of the country to spiritual values and cultural activities, expansion of creative the potential of each person, as well as ensuring good living conditions, maintaining the health of the environment and national:

***Keywords:*** politics, culture, nation, civilization, values, history, traditions.

**Дар бораи муаллиф:**
Бедилзода Ҳусайн Кабут
Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 42 44 22.

**Об авторе:**
Бедилзода Хусейн Кабут
Кандидат политических наук, доцент кафедры политологических наук
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 42 44 22.

**About the author**
Bedilzoda Hussein Kabut
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the department of political Sciences
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 42 44 22.

ТДУ 327.7

# СОТСИОЛОГИЯИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН МАВЗУИ ИЛМҲОИ СИЁСӢ

***Нуриддин П. Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ – илми алоҳида буда, масъалаҳои бунёдии таърих, дипломатия, ҳуқуқи байналмилалӣ, сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ, стратегия, донишҳои ҳарбӣ ва бисёр фанҳои дигарро дарбар мегирад. Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ маҷмӯи хулосаҳои бунёдие мебошад, ки аз тарафи мактабҳои гуногуни илмӣ пешниҳод мешаванд.

С. Хоффманн таъкид менамояд, ки назарияи муносибатҳои байналмилалӣ», аз як тараф хеле «пир» ва аз тарафи дигар, илми ҷавон мебошад. Ҳанӯз дар давраҳои қадим фалсафа ва таърихи сиёсӣ сабабҳои низоъҳо, ҷангҳо, воситаҳо, усулҳои таъмини субот ва сулҳ байни халқҳо, қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи онҳоро ба миён мегузоштанд. Аммо омӯзиши муназзами раванду ҳодисаҳо ва ошкор намудани моҳияти онҳо дар давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ, дар нимаи аввали асри XX оғоз гардид. Фақат дар солҳои 50-60-уми асри XX назарияи муносибатҳои байналмилалӣ аз «буғикунонии» илми таърих ва «фишори» ҳуқуқшиносӣ раҳоӣ ёфт [9].

Дар ҳамин давра шаклгирии сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ низ чун фанни мустақил сурат гирифт. Солҳои 70-уми асри XX боз як самти дигари илми муносибатҳои байналмилалӣ – иқтисоди сиёсии байналмилалӣ зуҳур намуд. Ҳамзамон, дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ атрофи масъалаҳои асосии он баҳсҳои бузург миёни намояндагони мактабу равияҳои илмӣ авҷ гирифтанд [9].

С. Смит даҳ баҳси бузургро таъкид намудааст, ки асоси онҳоро нуқтаи назари гуногун ба мавзуъ ва объекти таҳқиқоти илми назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои илми назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат масъалаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналмилалиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд.

Гурӯҳи якуми донишмандон меъёрҳои ҷуғрофиро ба инобат гирифта, назарияҳои англосаксонӣ, шӯравӣ ва хитойии муносибатҳои байналмилалиро ҷудо мекунанд;

Гурӯҳи дуюми муҳаққиқон назарияҳои реализми сиёсӣ, таърихи фалсафа ва мактаби бихевиористиро ҷудо мекунанд. Муҳаққиқи швейтсарӣ Ф. Брайар ба назарияҳои зикргардида, реализми сиёсӣ, сотсиологияи таърихӣ ва марксистии муносибатҳои байналмилалиро дохил мекунад.

Онҳо инчунин назарияи акторҳои байналмилалӣ (Б. Корани); назарияи алоқамандӣ дар доираи низоми байналмилалӣ (Д. Моделски, С. Амин, К. Кайзер); назарияи стратегия, низоъҳо ва таҳқиқоти ҷаҳон (Л. Пуаре, Д. Сингер, Й. Галтун); назарияи ҳамгироӣ (А. Этсиони, К. Дойч) ва назарияи созмонҳои байналмилалиро (И. Клод, Ж. Сиотис, Э. Хаас) ҷудо менамонд;

Гурӯҳи сеюми олимон чунин мешуморанд, ки меъёри асосии тақсим усуле мебошад, ки ин ё он муҳаққиқ ба кор мебарад;

Гурӯҳи чоруми коршиносон тақсимбандиро аз рӯйи масъалаҳои марказии ин ё он назария анҷом медиҳанд;

Гурӯҳи панҷуми донишмандон ба меъёрҳои комплексӣ такя мекунанд (Б. Корани) ва тақсимбандии назарияи муносибатҳои байналмилалиро ба асоси истифодаи усулҳои («классикӣ» ва «модернистӣ») ва дарки консептуалии ҷаҳон («либералӣ-плюралистӣ» ва «материалистӣ-структуралистӣ») анҷом медиҳанд.

Дар маҷмӯъ аксари донишмандон чунин мактабҳои илми муносибатҳои байналмилалӣ – реализми сиёсӣ (Ҳ. Моргентау, Р Арон, Х. Бул), бихевиоризм (Д. Сингер, М. Каплан),

марксизми классикӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс, В.И. Ленин) ва марксизми навро (И. Валлерстайн, С. Амин, А. Франк, Ф. Кардозо) ҷудо менамоянд.

Д. Коляр назарияҳои классикии реализми сиёсӣ, идеализми сиёсӣ, марксизми сиёсӣ ва англосаксониро ҷудо менамояд.

М. Мерл чунин мешуморад, ки самтҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ дар назарияи суннатгароён – ворисони мактаби анъанавӣ (Ҳ. Моргентау, С. Хоффманн, Ҳ. Киссинҷер), андешаҳои сотсиологии англосаксонии бихевиоризм ва функсионализм (Р. Кокс, Д. Сингер, М. Каплан, Д. Истон) ва ҷараёни марксистӣ ва марксистии нав (П. Баран, П. Суизи, С. Амин) ифода меёбанд.

Яъне, имрӯз дар доираҳои илмӣ он самти таҳқиқот бештар густариш меёбад, ки дар пайвандии илмҳои сотсиологӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омадааст. Пайванди илмҳои сотсиология ва муносибатҳои байналмилалӣ соли 1966 дар Конгресси умумиҷаҳонии сотсиологҳо дар шаҳри Эвианаи Ҷумҳурии Франсия сурат гирифт. Дар Конгресси соли 1970 қарор қабул шуд, ки Кумитаи таҳқиқоти сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ таъсис дода шавад [15].

Бар хилофи реалистони нав ва либералҳои нав, намояндагони мактаби сотсиологӣ зимни таҳқиқоти муносибатҳои байналмилалӣ, дар сиёсати ҷаҳонӣ на танҳо аҳамияти манфиатҳои миллӣ, балки арзишҳо, меъёрҳо, айниятҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва ғояҳоро таъкид мекунанд.

Дар сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ мавзуъҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ (хислати муҳити байналмилалӣ, дурнамои тағйироти он, равандҳои асосӣ, иштирокчиён, мушкилот ва роҳҳои танзими онҳо) ва назарияҳои нисбатан маъмул (манфиатҳои миллӣ, амният, тавозуни қувва, ҳамкорӣ, ҷаҳони демократӣ), ба тарзи дигар шарҳу тафсир мешаванд.

Дар ибтидо сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ муносибатҳои байналмилалиро чун соҳаи махсуси алоқамандии иҷтимоӣ баррасӣ карда, кӯшиш мекард, ки таҳқиқоти онҳоро дар доираи фанҳои анъанавӣ – таърих, ҳуқуқ, иқтисод ва ғайра такмил диҳад. Масалан, дар таҳқиқоти мактаби франсиявӣ сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ саравал чун як навъ назарияи сатҳи миёна шарҳ дода мешуд, ки вазифааш ҷамъбандӣ кардани омӯзиши алоқамандии байналмилалӣ дар доираи фанҳои гуногун бо роҳи ошкор намудани қонунмандиҳои умумии хоси онҳо мебошад. Сотсиологияи муносибатҳои байналмилалии ин давра чунин хусусиятҳо дорад:

– сотсиологияи муносибатҳои байналмилалии хислати таърихӣ дошта, ба мисолҳои таърихӣ такя менамояд;

– сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ таҳти таъсири воқеияти Ҷанги сард қарор дошта, ҳам дар мазмун (реализми сиёсӣ) ва ҳам дар таҳқиқоти идеологии он зоҳир мешавад.

Хусусиятҳои зикршудаи марҳалаи ибтидоии рушди сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ барои мактаби британӣ, ки муносибатҳои байналмилалиро чун умумияти давлатҳои соҳибихтиёр, манфиатҳо, арзишҳо ва ҳуқуқу уҳдадориҳои муштараки онҳо баррасӣ мекунад. Намояндагони мактаби британӣ зимни таъкиди аҳамияти ниҳодҳои суботи муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи байналмилалиро чун воситаи асосӣ барои ҳифзи тавозуни мавҷуда дар ҷаҳон баррасӣ мекунанд.

Хатми Ҷанги сард ба тақвияти шавқу рағбат ба сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ ва тағйирёбии масъалаҳои он мусоидат кард. Тарафдорони равияи сотсиологӣ ба зарурати таҳлили муносибатҳои байналмилалӣ дар доираи алоқамандии глобалии фаромиллӣ исрор меварзанд. Дар вазъияти нав маҳдудияти ҳам равияи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам реализми нав ва либерализми нав ошкор шуд. Нуқсони онҳо аз ин иборат аст, ки сиёсат, манфиатҳои давлатӣ, тавозуни қувва ва некуаҳволии моддиро чун меъёрҳои муносибатҳои байналмилалӣ эътироф намуда, аз он дур намеравнанд. Аммо таҳлили муносибатҳои байналмилалии нав талаб менамояд, ки ба нақши меъёрҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳо, арзишҳо, айниятҳои гурӯҳӣ, фарҳанг ва анъанаҳо низ таваҷҷуҳ карда шавад.

Намояндагони мактаби британӣ М. Уайт ва Ҳ. Булл дар солҳои 1960 назарияи ҷомеаи байналмилалиро таҳия намуда, системаи ҷаҳониро чун танзими ҳамкориҳои мутақобилаи байнидавлатӣ муайян кардаанд, ки арзишҳо ва меъёрҳои муайянро ҳимоя мекунад. Ин назария се ҷузъи асосии ҳадафи аввалияи аъзои ҷомеаи байналмилалиро дар бар мегирад:[9]

– тамоюли тамоми давлатҳо ба амният;
– алоқамандии давлатҳо ба иҷрои созишномаҳои бадастомада;
– ғамхорӣ дар бораи ҳифзи истиқлоли худ.

Намояндагони мактаби британии сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ се нуктаро ба инобат мегиранд:

1) ҷомеаи байналмилалӣ – ин далели муносибатҳои байналмилалӣ мебошад;
2) аз ин далел уҳдадориҳои аъзои ҷомеаи байналмилалӣ нисбат ба якдигар бармеоянд;
3) ҷомеаи байналмилалӣ дар раванди гузариш аз ҷомеаи давлатҳо ба ҷомеаи одамон (яъне ба ҷомеаи ҷаҳонӣ) ва аз низоми байналмилалӣ ба низоми ҷаҳонӣ қарор дорад.

Нуқтаи сеюм ба ин маънӣ аст, ки зимни чунин гузариш, афкори иҷтимоии байналмилалӣ ва эҳсоси умумият доштан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбад.

**Хулоса,** намояндагони самти сотсиологии муносибатҳои байналмилалӣ чунин мешуморанд, ки тамоюли муҳимми раванди мазкурро шаклгирии ниҳоди ғайрирасмии «худидоракунии ҷаҳонӣ» ташкил медиҳад, ки зарурати онро алоқамандии сартосарӣ ва шиддатёбии моҳияти ҳастии инсоният эҷоб мекунад. Афзалияти «идоракунӣ бе ҳукумат» дар он аст, ки он аз «пойин» ташаккул меёбад, бинобар ин, қобилияти аксуламали зуд ба шароити тағйирёбанда ва талаботи субъектҳоро дорад. Дар «идоракунии бе ҳукумат» барои тамоми акторҳо – ҳам қудратмандҳо ва заифҳо ҷой пайдо мешавад. Он ба дарки тадриҷии манфиатҳои умумӣ аз тарафи тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ниҳоди «идоракунии ҷаҳонӣ» на танҳо тақвият ва ислоҳоти ниҳодҳои мавҷуда (Созмони Милали Муттаҳид), балки таъсиси ниҳодҳои расмӣ ва тартиботи мусоидатрасон ба рушди ҳамкории байнидавлатиро низ дар назар дорад. Нуқсони асосии ин матлаб имконияти нобаробари иштирокчиёни «идоракунии бе ҳукумат» мебошад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёнро асосан акторҳои ҳукмрон муайян мекунанд. Зиёда аз ин, баъзе иштирокчиёни ҷомеаи байналмилалӣ аз раванди идоракунии ҷаҳонӣ ва ҳамкории бисёрҷониба амалан дар канор мемонанд, ки ин боиси тақвияти ҳар гуна ихтилоф дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад.

К. Браун таъкид менамояд, ки мафҳуми «ҷомеаи ҷаҳонӣ» ҳеҷ гоҳ ба маънои манфӣ ба кор бурда намешавад: шояд чандон муҳим набошад, ки таҳти ин истилоҳ чиро дар назар доранд, ё чиро бояд дар назар гирифт, аммо равшан аст онҳое, ки онро истифода мебаранд, итминон доранд, ки агар дунё «ҷомеаи ҷаҳонӣ» номида шавад, он беҳтар хоҳад шуд. Ба ибораи дигар, мафҳуми мазкур зиддияти амиқи дохилӣ дорад.

Воқеан, мафҳуми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷанбаҳои гуногунро фаро мегирад: меъёрӣ, ақлонӣ, арзишӣ ва эҳсосотӣ. Он гуногунандешӣ ва таҳаммулпазириро дар муносибатҳои байни давлатҳо дар назар дошта, дар айни замон, дар тамоми ҷаҳон паҳншавии арзишҳои ғарбиро (иқтисоди бозорӣ, худпарастӣ, ҳуқуқи инсон) пешбинӣ менамояд. Ниҳоят, мафҳуми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба эътиқод ба усулҳои либералии некӣ ва адолат асос ёфта, ба назария ва амалияи ниҳодҳои сиёсӣ таҳлил карда мешаванд. Дар натиҷа, назарияи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба субот ва ҷаҳони боадолат, рафъи сабабҳои низоъҳои байналмилалӣ равона шудааст, тақвият ёфт. Ва ин чиз норавшан мемонад: ки роҳи ҳаракати инсониятро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян мекунад, меъёр ва қоидаҳои рафтори аъзои он ва зиндагиро муқаррар менамояд?! Дар ҳар сурат, мафҳуми ҷомеаи ҷаҳонӣ мубоpизаи манфиатҳо ва арзишҳои давлатҳо ва халқҳои ҷаҳонро инъикос менамояд.

Конструктивизм бо вуҷуди гуногуннавъии дохилии худ, мазмуни умумӣ низ дорад, ки аз инҳо иборатанд:

1) мавзуи асосии таҳлили муносибатҳои байналмилалӣ – давлатҳо мебошанд;
2) сохторҳои меҳварии системаи байнидавлатӣ омилҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд.

Аз назари конструктивистҳо, беназмӣ нишонаи сириштии системаи байнидавлатӣ набуда, маҳсули эътиқод ва иродаи ашхоси қабулкунандаи қарор мебошад. Масъалаҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ на бо манфиатҳо, қувва ва ҳокимият, балки бо меъёрҳо

ва арзишҳое муайян карда мешаванд, ки роҳбарони сиёсӣ онҳоро эътироф менамоянд. Бинобар ин, истиқлол, амният, мудофиа ва ғайра аз фарҳанг, ба маънои васеи он, вобаста аст.

Бадин тартиб, таҳлили сотсиологӣ имконоти таҳқиқоти муносибатҳои байналмилалиро густариш бахшида нисбат ба равишҳои дигар афзалияти муайян дорад. Имрӯз равшан шудааст, ки низоми муносибатҳои байналмилалӣ қобилият дорад, ки таносуби гуногуни самтҳои умуминазариявӣ ва барномаҳои таҳқиқотиро пешниҳод намояд.

***Адабиёт***


1. Алексеева, Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. – М.: Аспект Пресс, 2018. – 624 с.
2. Валлерстайн, И. Анализ мировых систем: современное системное видение мирового сообщества // Социология на пороге XXI века: новые направления исследований / И. Валлерстайн. – М., 1998.
3. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник / Под редакцией А. Торкунова. – М.: Аспект Пресс, 2017. – 400 с.
4. Каримова, А. Социология международных отношений. Учебник / А. Каримова. – М.: Юрайт, 2014. – 336 с.
5. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. – М.: Юрайт, 2016.
6. Моргентау Г. Политические отношения между нациями. Борьба за власть и мир // Социально–политический журнал. 1997. №2.
7. Най Дж. Взаимозависимость и изменяющаяся международная политика // Мировая экономика и международные отношения. – 1989. – №12.
8. Никитина, Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. – М.: Аспект Пресс, 2017. – 160 с.
9. Нуриддинов, Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми иловадор / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 450 с.
10. Нуриддинов, Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе, 2020. – 258 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 576 с.
12. Нуриддинов, Р.Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 388 с.
13. Нуриддинов, Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ таҳлилӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми такмилёфта / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 490 с.
14. Нуриддинов, Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 352 с.
15. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 352 с.
16. Саидов, Х. Теория международных отношений. Учебник / Х. Саидов, Г.В. Коваленко. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 497 с.


## СОТСИОЛОГИЯИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ҲАМЧУН МАВЗУИ ИЛМҲОИ СИЁСӢ


Дар мақола баъзе мулоҳизаҳо оид ба мавзуи сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ ва масъалаҳои асосии он аз назари мактабҳои илмии ғарбӣ, хусусан англасаксонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз дидгоҳи муаллиф, бар хилофи реалистони нав ва либералҳои нав, намояндагони мактаби сотсиологӣ зимни таҳқиқоти муносибатҳои байналмилалӣ, дар сиёсати ҷаҳонӣ на танҳо аҳамияти манфиатҳои миллӣ, балки арзишҳо, меъёрҳо, айниятҳо, хусусиятҳои фарҳангӣ, анъанаҳо ва ғояҳоро таъкид мекунанд.

Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки намояндагони самти сотсиологии муносибатҳои байналмилалӣ чунин мешуморанд, ки тамоюли муҳимми раванди мазкурро шаклгирии ниҳоди ғайрирасмии «худидоракунии ҷаҳонӣ» ташкил медиҳад, ки зарурати онро алоқамандии сартосарӣ ва шиддатёбии моҳияти ҳастии инсоният эҷоб мекунад.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои байналмилалӣ, сотсиологияи муносибатҳои байналмилалӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ, арзишҳои ғарбӣ, системаи байнидавлатӣ, манфиатҳои миллӣ ва ғ.

## СОЦИОЛОГИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ КАК ПРЕДМЕТ ПОЛИТИЧЕСКОЙ НАУКИ

В статье проанализированы некоторые выводы по теме социологии международных отношений и ее основным проблемам с точки зрения западных научных школ, особенно англосаксонской. По мнению автора, в отличие от неореалистов и неолибералов, представители социологической школы в ходе исследования мировой политики подчеркивают не только важность национальных интересов, но и ценностей, норм, намерений, культурных особенностей, традиций и идей.

При этом автор отмечает, что представители социологического направления международных отношений считают, что формирование неформального института «глобального самоуправления» является важной тенденцией этого процесса, необходимость которой вызвана отношениями между лидерами и интенсификацией сущности человеческого существования.

**Ключевые слова:** международные отношения, социология международных отношений, международное общество, западные ценности, межгосударственная система, национальные интересы и др.

## SOCIOLOGY OF INTERNATIONAL RELATIONS AS A SUBJECT OF POLITICAL SCIENCE

The article analyzes some conclusions on the topic of sociology of international relations and its main problems from the point of view of Western scientific schools, especially Anglo-Saxon. According to the author, unlike neorealists and neoliberals, representatives of the sociological school in the course of studying world politics emphasize not only the importance of national interests, but also values, norms, intentions, cultural characteristics, traditions and ideas.

At the same time, the author notes that representatives of the sociological direction of international relations believe that the formation of an informal institution of «global self-government» is an important trend of this process, the need for which is caused by the relations between leaders and the intensification of the essence of human existence.

**Keywords:** international relations, sociology of international relations, international society, Western values, interstate system, national interests, etc.

**Дар бораи муаллиф**
Нуриддин Парвин Раймалихон
Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент
Мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: panurama@mail.ru

**Об авторе**
Нуриддин Парвин Раймалихон
Кандидат политических наук, доцент,
заведуюший кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: panurama@mail.ru

**About the author**
Nuriddin Parvin Raimalikhon
Candidate of political science, associate professor
Head of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki Avenue
E-mail: panurama@mail.ru

ТДУ 323.351

# СОХТИ ТАШКИЛӢ ВА АНАТОМИЯИ СОЗМОНҲОИ ТЕРРОРИСТӢ

***Қудратов К.А., Шарифов И.И.***
*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

Мехоҳем дар навбати аввал заминаҳои пайдоиши истилоҳи терроризмро баррасӣ намоем, зеро то имрӯз муаллифони зиёд дар натиҷаи таҳқиқоти сершумор таърифи падидаи терроризмро ба як чиз мувофиқат накарданд, ки ин барои додани таърифи дақиқ ва ҳамаҷонибаи терроризм ниҳоят душвор аст. Ва ин боиси то ҳол пайдо нашудани таърифи ягонаи моҳияти "террор" гардидааст. Дар адабиёти бисёр мафҳумҳои "террор" ва "терроризм" барои таърифи падидаҳои дараҷаҳои гуногун, ки дар як чиз ба ҳам шабоҳат доранд, яъне зӯроварӣ нисбат ба шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҳатто синфҳо истифода мешаванд. Муаррихон дар бораи "террори якобинсҳо", террори сурху сафеди даврони ҷанги шаҳрвандии рус ва ғайра менависанд, аммо публисистҳои муосир дар бораи терроризми динӣ, терроризми сиёсӣ, терроризми ҷиноӣ ва терроризми рабудани одамон, гаравгонгирӣ, тарсонидан, даҳшатафканӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳ доранд. Бинобар ин назарияи "илмӣ" -и терроризм мавҷуд нест аммо дар яке аз нашрҳои охирини "Луғати энсиклопедии калон" таърифи зерини терроризм оварда шудааст: Терроризм (лотинӣ terror - тарс, даҳшат) амалҳои зӯроварӣ (таъқиб, харобкорӣ, гаравгонгирӣ, куштор ва ғ.) бо мақсади тарсонидани мухолифони сиёсӣ, рақибон, муқаррар кардани як хатти муайяни рафтор мебошад. Байни терроризми инфиродӣ ва гурӯҳӣ (масалан, амалҳои гурӯҳҳои экстремистии сиёсӣ) ва терроризми давлатӣ (саркӯб кардани режимҳои диктаторӣ ва тоталитарӣ) дар он фарқият гузошта мешавад.

Коршиносон ҳам дар мавриди замони пайдоиши терроризм ва ҳам дар бораи он ки оё воқеаҳои гузаштаи дурро аз нуқтаи назари истилоҳоти муосир арзёбӣ кардан мумкин аст, ихтилофи назар доранд. Бархе дигар, ҳама гуна куштори сиёсиро бо терроризм баробар мекунанд ва ҳамин тавр, решаҳои терроризмро ба замонҳои қадим ва ба давраи аз ин ҳам пештар медонанд (Валтер Лакер), бархе терроризмро падидаи охири асри XX мешуморанд (И. Александр, В. Чаликова ва ғ). Муаррихи фаронсавӣ Марк Ферро терроризмро ба "анъанаи хоси исломии ассосинҳои асрҳои XI–XII" медонад ва Норман Неймарк пайдоиши терроризми муосирро ба давраи барқарорсозии пас аз ҷангҳои Наполеон нисбат медиҳад. [6]

Як пажӯҳиш бо номи "Терроризми сиёсӣ" 109 таърифи онро номбар кардааст. Коршиноси амрикоии соҳаи амният Дэвид Такер қайд мекунад, ки огоҳӣ дар болои дарвозаҳои дӯзах навишта шудааст: "Умедро тарк кунед, эй касоне, ки ба ин ҷо медароед". Шояд ин ҳушдор ба онҳое, ки кӯшиши таърифи терроризмро доранд, дода мешавад. Коршиноси исроилӣ Боаз Ганор оид ба мубориза бо терроризм мегӯяд, ки "мубориза барои таърифи терроризм баъзан мисли мубориза бо терроризм қавӣ аст". [12]

Аммо бархе аз коршиносон набудани таърифи возеҳи терроризмро як мушкилоти муҳими сиёсати давлатӣ ифода мекунанд. Аз ин рӯ, терроризм бо тамоми оқибатҳои ҳуқуқӣ ва молиявии худ наметавонад мафҳуми норавшан ва субъективӣ боқӣ монад, балки таърифи дақиқ ва возеҳро тақозо мекунад, ки пайваста истифода бурда шавад.

Формулаи таъсисёбии созмонҳои террористӣ. Ҳоло дар ҷаҳон ҳудуди 1000 гурӯҳи террористӣ фаъолият доранд, ки сохторҳои гуногун доранд. Дар байни онҳо гурӯҳҳои террористӣ ва созмонҳои террористӣ низ ҳастанд, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳои боэтимоди байналмилалӣ дорои шабакаи фароминтиқавӣ ва муташаккили сохторӣ буда, ҳамасола дар соҳаи терроризм ва экстремизм аз 5 то 20 миллиард доллар сарф мегардад.

Мувофиқи маълумотҳо дар дунё аз соли 1968 то соли 1980 зиёда аз 6700 амалҳои террористӣ амалӣ шудааст, ки дар онҳо 3668 нафар ҳалок гардиданд.

Дар солҳои 1982 то 2002 дар ҷаҳон наздики 300 амалҳои террористӣ аз ҷониби террористони худкуш аз тарафи 11 ташкилот роҳандозӣ карда шудааст, ки дар натиҷа беш аз 3000 нафар ба ҳалокат расидаанд.

Дар соли 2005 дар ҷаҳон 11111 амалиёти террористӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо 16600 нафар кушта шудаанд. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки терроризм ҳамарӯза домани нопок ва ғаразноки худро васеъ намуда истодааст.

Дар соли 2011, дар маҷмӯъ дар 70 давлати ҷаҳон зиёда аз 10000 амалҳои террористӣ ба вуқӯъ пайваста, дар натиҷаи онҳо зиёда аз 12500 ҳазор одамон ҷон бохтаанд. [5]

Гурӯҳҳои террористӣ маъмулан барои як муддати кӯтоҳ барои анҷом додани як ё якчанд амалиёти террористӣ таъсис ёфта, аз шумораи нисбатан ками иштирокчиён иборатанд. Баръакси ин, созмонҳои террористӣ сохторҳои хеле калони худташкилкунанда мебошанд, ки муддати тӯлонӣ фаъолият мекунанд, сохтори мураккабе доранд, ки тақсимоти вазифаҳои ташкилию иҷроия ва мавҷудияти воҳидҳои сохториро таъмин мекунанд. Воҳиди сохторӣ унсури конструктивии чунин ташкилот ҳамчун маҷмӯи ягона фаҳмида мешавад, ки вазифаҳои инфиродии худро иҷро мекунанд, аз ҷумла, банақшагирии амалиётӣ, муносибат бо мақомот, таъминот, разведка, амнияти дохилӣ, молиявӣ, таблиғот ва ғ. [13, с. 6]

Дар мавриди муайян кардани аломатҳои созмонҳои террористӣ, мо бояд дар бораи он чизҳое сухан ронем, ки метавонанд ба таъсиси ташкилоти террористӣ, роҳбарӣ ва иштирок дар он ишора кунанд.Таъсиси ташкилоти террористӣ бояд ҳамчун амалиёти гуногуне фаҳмид, ки боиси пайдоиши ташкилоти террористӣ гардид: таҳияи сохтори ташкилот, идеология, стратегия ва тактикаи он, фаъолият, системаҳои идоракунӣ ва тобеият; қабули аъзоёни ташкилот; гузаронидани корҳои ташкилию тарбиявӣ; ба вуҷуд овардани системаи таъминоти моддию техникӣ ва дигар таъминоти ташкилот ва ғайра.

Ҳар кадом ташкилоти террористӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки бо хусусиятҳои стратегия ва тактикаи фаъолияти он, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлим, анъанаҳо ва ғайра муайян карда мешаванд. Террористон ҳангоми ташаккули сохтори худ аз таҷрибаи ҳам инқилобии рус ва ҳам марказҳои ҷосусӣ истифода мебаранд. [14, с. 6] Ба ҳар ҳол, сохтори шаклбандии террористӣ, аз рӯи ба андешаи созмондиҳандагони он, бояд дар ҳалли мушкилоте, ки дар назди чунин ташкилот истодаанд, саҳм гузорад, аз ҷумла ба шароити тағйирёбандаи фаъолияти берунӣ ва дохилӣ мутобиқ шавад, идоракунии самараноки ташкилот, бехатарии фаъолияти он, тавлиди моддӣ, техникӣ, молиявӣ ва инсониро таъмин намояд ва ғайраҳо.

Гуногун будани ҷиноятҳои аз ҷониби аъзои созмонҳои террористӣ содиршаванда, нишонаи муташаккилӣ, устуворӣ ва назоратшаванда будани онҳо мебошад. Дар баробари пайдо шудан ва инкишоф ёфтани гурӯҳҳои террористӣ, мазмуни фаъолияти ҷиноии онҳо метавонад ба самти мураккабии бештар ва афзоиши навъҳои ҷиноятҳои содиршаванда тағйир ёбад. Дар сохтори ҳар як созмони террористӣ метавон роҳбарият (аслӣ) ва аъзоёни оддӣ бо ҳам алоқамандро фарқ кард. Узви ташкилоти террористӣ дар сохтори ташкилоти террористӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, дар он ба манфиати ташкилот вазифаҳои муайян: таъмини ягонагии идеологӣ ва ташкилӣ ё фаъолияти самаранокӣ онро иҷро мекунад.

Аломатҳои узвият дар созмон инҳоянд: гузаштан аз маросими дохилшавӣ ба созмон; риояи қоидаҳои рафтори дар ин ташкилот мавҷудбуда; иҷрои фармонҳои аъзои болоӣ ё роҳбарони ташкилот; додани ҳаққи аъзогӣ ё иштироки дигар дар фаъолияти ташкилот аз номи он ё ба манфиати он.

Ҳангоми муқоисаи гурӯҳҳои террористӣ, ки аз рӯи тарҳи ташкилии онҳо се типологияи созмонҳои террористиро муайян кардан мумкин аст: (1) созмони тиҷоратӣ; (2) созмони гибридӣ; ва (3) созмони прото -давлатҳо.

Созмони тиҷорӣ як чаҳорчӯбаи типологӣ мебошад, ки аз ҷониби Арон Зелинский ва Мартин Шубик барои моделсозии гурӯҳҳои террористӣ дар асоси сатҳҳои мувофиқи онҳо аз ҷиҳати мутамарказсозии захираҳо ва амалиёти онҳо таҳия шудааст. Махсусан, омезиши байни ин ду меҳвар ба чор намуди гурӯҳҳо оварда мерасонад, ки ба модели шинос

мувофиқат мекунанд. Ин чор намуд инҳоянд: (1) иерархия; (2) сармояи венчурӣ; (3) франшиза; ва (4) бренд.

Ба гуфтаи муаллифон, иерархияи террористӣ амалиётҳо ва захираҳои мутамарказро истифода мебаранд. Бо нигоҳ доштани мутамарказии ҳам молия ва ҳам амалиёт, иерархияҳо қобилияти амалӣ кардани лоиҳаҳои васеъ ва дарозмуддат доранд, ба монанди лагерҳои омӯзишӣ ва ҳамлаҳои устувор. Одатан, “модели иерархия барои ҳамаи созмонҳои террористӣ ҷолиб аст, ки заминаи бехатарии амалиёт дорад”, зеро он сатҳи баланди амнияти ҷисмониро “барои ҳифзи унсурҳои муҳими сатҳҳои болоии иерархия” талаб мекунад. [3] Баръакс, гурӯҳҳои сармояи венчурӣ амалиёти ғайримарказонидашуда ва захираҳои мутамарказ, аксар вақт бо ҳуҷайраҳои ҷудошуда ва изолятсияшуда доранд. [1, с. 187]

Ин гурӯҳҳо наметавонанд лоиҳаҳои дарозмуддатро иҷро кунанд, аммо иерархияҳо метавонанд, ҳамлаҳои устувор ва муттасилро анҷом диҳанд. Аз тарафи дигар, гурӯҳҳои франчайзинг амалиёти мутамарказро бо захираҳои ғайримарказонидашуда муттаҳид мекунанд. Тавре ки Арон Зелинский ва Мартин Шубик таъкид кардаанд, “ба монанди гурӯҳҳои сармояи венчурӣ, созмонҳои террористии франшизӣ наметавонанд амалиёти густардаро пеш баранд. Барои франчайзингҳо, ин нотавонӣ аз ғайримарказизатсияи молиявӣ бармеояд ва мақомоти марказӣ наметавонанд барномаҳоро маблағгузорӣ кунанд. Аз ин рӯ, омӯзиш ба ихтиёри гурӯҳҳои алоҳида гузошта мешавад. Аммо, бар хилофи сармояи венчурӣ, франчайзингҳо қодиранд банақшагирии дарозмуддати ҳамлаҳо ва ба ин васила метавонанд амалиёти тӯлонӣ анҷом диҳанд. Ниҳоят, гурӯҳҳои модели брендӣ дараҷаи пасттарини мутамаркази имконпазирро бо захираҳо ва амалиётҳои ғайримарказӣ доранд. Онҳо асосан ба “худшиносии идеологӣ ва ҳамкории муваққатӣ дар тамоми созмонҳои бо ҳам пайвастаи худ” такя мекунанд. Дар маҷмӯъ, ворид шудан ба гурӯҳҳои брендӣ душвор аст, зеро “дар байни созмонҳо алоқаи кам вуҷуд дорад, агар вуҷуд дошта бошад, дар ин ҳангом идеологияи умумӣ ширешест, ки созмонҳои брендиро бо ҳам мепайвандад”. [11]

Дар тӯли даҳсолаҳои охир, созмонҳои террористии гибридӣ ба яке аз ташкилотҳои фаъолони калидӣ табдил ёфтанд, ки Боаз Ганор инро “ҷанги бисёрҷанбаи муосир” номидааст. Ба гуфтаи профессори исроилӣ, созмони гибридӣ як шакли нави созмони террористӣ аст, ки аз ду ва баъзан се ҷузъ иборат аст: ҷиноҳи низомӣ ё ниманизомӣ, ки ба амалҳои террорӣ машғул аст; ҷиноҳи сиёсӣ, ки метавонад танҳо идеологияи гурӯҳро намояндагӣ кунад ё он метавонад дар маъракаҳои интихобот рақобат кунад; ва як ҷиноҳи бахшида ба пешниҳоди хидматҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва хидматҳои ройгон ё субсидиявии динӣ ва таълимӣ бо мақсади ба даст овардани дилҳо ва зеҳни потенсиал ё ҳавзаи воқеии худ равона шудааст. Аз ҷумла, робитаи мутақобилаи созмони гибридӣ ва ҷомеа, ки онро Баоз Ганор ҳамчун муносибати “таъсири мутақобила” муайян кардааст, зеро ҷомеа метавонад ба ҳамлаҳои террористии созмон мусоидат кунад ё баръакс, онҳоро маҳдуд кунад.

Дар заминаи созмони террористӣ, як созмони гибридӣ “Даъва” -ро барои пешниҳоди хидматҳои динӣ ва таълимии ройгон ё ба таври васеъ субсидияшаванда истифода мебарад. Баоз Ганор иддао мекунад, ки “ин раванди ба даст овардани дилу зеҳни мардум на танҳо барои созмони гибридӣ муҳити кории бароҳат” фароҳам меорад, балки доираи онро васеъ мекунад. Илова бар ин, тавассути таблиғ ва пешниҳоди хидматҳои муҳим, ташкилоти гибридӣ имкони “комёбиҳои сиёсӣ ва интихоботиро, ки аз ҷониби дастаҳои сиёсии созмон ё ҳизби сиёсие, ки ҷомеа бо созмон муайян мекунад, ба даст овардааст” зиёд мекунад. Аммо бояд қайд кард, ки баъзе созмонҳои террористӣ тадриҷан ба ин раванд ворид мешаванд.

Дар аввал, аъзоёни онҳо кӯшиш мекунанд, ки тавассути интихоб шудан ба ассотсиатсияҳои касбӣ ва академӣ, иттифоқҳои донишҷӯён ва ғайра ба ҷомеа дохил шаванд. Баъзан, ташкилот ҷидду ҷаҳди худро ба системаи муниципалӣ, иштирок кардан дар интихоботи маҳаллӣ равона мекунад. Баъдан, созмон метавонад дар интихоботи парлумонӣ ширкат кунад. Вақте ки ин тактика муваффақ мешавад, намояндагони созмон метавонанд қудрати кофии сиёсӣ ба даст оранд, то аъзои муҳими эътилофи ҳокими ҳукумат шаванд. Ҳеҷ гоҳ ташкилоти террористии гибридӣ ба саҳнаи сиёсии давлат дохил намешавад. Ҳамин тариқ, моҳияти он ҳамчун ташкилоти террористӣ нигоҳ дошта мешавад ва он метавонад

фаъолияти террористиро идома диҳад, дар баробари талошҳои сиёсии худ, раванди маккоронатарине ба миён меояд, ки агар ташкилоти террористии гибридӣ тавассути интихоботҳои демократӣ ба сари давлат ва бо истифода аз имкониятҳои худ муваффақ гардад. механизмҳои амниятӣ ва иктишофӣ, муассисаҳо ва захираҳо барои нигоҳ доштан ва пурзӯр кардани фаъолияти террористии он, оғоз ва дастгирии ҳамлаҳои дигар созмонҳо. Чунин давлатро “давлате, ки терроризм содир мекунад” донистан мумкин аст.

Созмони прото - давлатиро метавон ҳамчун як сохтори сиёсие муайян кард, ки баъзе хусусиятҳоро бо давлат мубодила мекунад, аммо бинобар набудани захираҳо, институтҳо ва эътирофи байналмилалӣ қодир нест, ки соҳибихтиёрии миллии худро пурра амалӣ созад. Одатан, як сохтори прото - давлатӣ дар заминаи таърихӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки дар он ҷангҳо ё ақаллиятҳои этникӣ бартарӣ доранд, ки сарват ва аҳолии он метавонад хеле маҳдуд бошад.

Дар мақолаҳои худ барои фаҳмидани созмонҳои прото-давлатҳо, таърихшиноси норвегӣ Бринҷар Лиа чаҳор хусусияти асосиеро, ки аз ҷониби давлатҳои прото-давлатҳои ҷиҳодии муштаракро муайян мекунад. Ин хусусиятҳо инҳоянд: (1) лоиҳаҳои идеологӣ; (2) лоиҳаҳои интернатсионалистӣ; (3) рафтори хашмгинона; ва (4) ӯҳдадорӣ ба идоракунии муассир.

Ба гуфтаи муаллиф, лоиҳаҳои идеологӣ ба ақидае ишора мекунанд, ки таъсиси давлатҳои ҷиҳодӣ танҳо бо “фармоиши идеологӣ барои истиқрори шариат ва ҷиҳод алайҳи душманони Худо” асоснок карда мешавад. [2] Ин лоиҳаҳо метавонанд бо роҳҳои гуногун зоҳир шаванд, аз қабили дар муомилаи дағалона бо ақаллиятҳо, татбиқи оммавии ҷазоҳои ҷисмонӣ ва маркетинги амали идеологии онҳо дар фазои киберӣ.

Хусусияти дуюм ин лоиҳаҳои интернатсионалистӣ мебошад, ки онро хоҳиш ва қобилияти ҷалб намудани ҷангиёни хориҷӣ ва ба даст овардани маблағ ва дастгирии моддии ҳавзаҳои берунӣ метавон хулоса кард. Тавре ки Бринҷар қайд мекунад, “гурӯҳи ҷангҷӯёни хориҷӣ ва ӯҳдадории ҷиҳодӣ” ба сабабҳои интернатсионалистӣ боиси вазъиятҳое гардид, ки дар он лоиҳаҳои пайдошуда аморат таъсис диҳанд.

Хусусияти сеюми давлатҳои прото - давлатҳо “рафтори таҷовузкоронаи онҳо нисбат ба давлатҳои ҳамсоя ва ҷомеаи ҷаҳонӣ” мебошад ва далели ин, ки маъмулан давлатҳои ҷиҳодӣ сарҳадҳои байналмилалиро эҳтиром намекунанд. Дар робита ба ин, истифодаи терроризмро давлатҳои прото-давлати ҷиҳодӣ ҳамчун “силоҳи қонунӣ барои густариши минбаъдаи ҳудудӣ” мешуморанд ва шояд муҳимтар аз он бояд ҳамчун “қувваи боздоранда” бар зидди кӯшишҳои дубора забт кардани қаламрави давлати ҷиҳодӣ хидмат кунад.

Хусусияти охирини муайянкардаи Бринҷар Лиа ин ӯҳдадории давлатҳои прото-давлатҳои ҷиҳодӣ ба идоракунии муассир аст. Аз ҷумла, муаллиф иддао мекунад, ки давлатҳои ҷиҳодӣ ҳангоми назорат дар қаламрави худ “дар идора ва идораи ҳудуди худ ва аҳолии осоишта, захираҳои зиёдеро барои расонидани хадамоти шаҳрвандӣ, низоми муассири адолати судӣ, ӯҳдадорӣ дар тарбияи идеологии кадрҳо ба вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ, шуроҳои ташкилии миёнарав байни қабилаҳо ва монанди инҳо ба таври муқоисавӣ самаранок нишон доданд. [2]

Анатомияи гурӯҳҳои террористӣ. Сохторҳои террористӣ метавонанд сохтори радиалӣ, пирамидавӣ (ё иерархӣ) ва омехта (радиал-пирамида) дошта бошанд.

Дар сохтори радиалӣ як роҳбар мавҷуд аст ва ҳамаи узвҳои дигар дар “доираҳои мутамарказ” ҷойгир шудаанд.

Сохтори пирамидавии созмони террористиро метавон ҳамчун пирамидаи дусатҳа муаррифӣ кард, ки дар боло роҳбари гурӯҳ ва поёнаш аъзоёни оддии он мебошанд. Бо ин сохтор, аъзоёни оддии гурӯҳ, чун қоида, роҳбари худро медонанд ва имкон доранд, ки аз менеҷерони болоӣ гузашта, бевосита бо ӯ тамос гиранд.

“Сохтори мураккаби пирамида” низ ба пирамида монанд аст, аммо сатҳҳои бештар дорад. Бо сохтори оддӣ аъзоёни оддии гурӯҳ, чун қоида, сарвари худро мешиносанд ва ӯ дар навбати худ, на танҳо дар тайёрӣ, балки дар амалӣ намудани ҷиноятҳои мушаххас, пеш аз ҳама амалиёти террористӣ иштирок мекунад. Бо сохтори мураккаб аъзоёни оддӣ метавонанд

аз фаъолияти дигар воҳидҳои сохтории ташкилот ва андешаҳои роҳбарияти он огоҳ бошанд. [10, с. 180]

Сохторҳои террористӣ метавонанд таркиби гуногуни сохторҳои иерархӣ ва радиалӣ дошта бошанд. Бояд тазаккур дод, ки қисми муҳими созмонҳои террористӣ аз лаҳзаи таъсиси худ як ҷиноҳи ба истилоҳ "ҳуқуқӣ" ("сиёсӣ") ва "ҷангӣ" доштанд. Аз рӯи формулаи классикии ленинӣ дар бораи зарурати ба ҳам пайвастани кори қонунӣ ва ғайриқонунӣ, қаноти "сиёсӣ" аксар вақт дар зери шиорҳои ёрии молиявӣ ё гуманитарӣ ба диндорон, ақаллиятҳои миллӣ ва ғайра ба таври қонунӣ (ё нимқонунӣ) амал мекунад ва ҳатто метавонад фаъолияти террористиро ошкоро маҳкум кунад, агар инро вазъияти сиёсӣ талаб кунад. Ба ҷиноҳи ҳуқуқӣ пойгоҳҳои таълимӣ ва таблиғотӣ, корхонаҳои таҳти назорати тиҷоратӣ, молиявӣ ва дигар корхонаҳо дохил мешаванд, ки эҳтиёҷоти моддию техникӣ, молиявӣ, тиббӣ ва ғайраро таъмин мекунанд.

Қариб ҳамаи гурӯҳҳои террористӣ бо ҷалби аъзои нав ба фаъолияти худ ё ба истилоҳи техникӣ, ҷалби аъзоён машғуланд. Вобаста ба хусусиятҳои ҷалби аъзои онҳо гурӯҳҳои террористии кушода ва пӯшидаро фарқ кардан мумкин аст. Охирин сохторҳои амиқ "махфӣ" мебошанд, зеро шумораи онҳо хеле камтар аст, аммо баъд онҳо ба афзоиши назарраси шумораи аъзоёни худ такя намекунанд. Дар ҳоле ки созмонҳои кушода кӯшиш мекунанд, ки шумораи тарафдорони худро ба ҳадди аксар расонанд.

Ин гурӯҳбандӣ аҳамияти муҳими амалӣ дорад, зеро тактикаи минбаъдаи онҳо ва мувофиқан фаъолияти зиддитеррористӣ аз хусусиятҳои усулҳои ҷалби аъзои гурӯҳҳои террористӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, сохторҳои пӯшида саъй мекунанд, ки танҳо амалҳои террористиро анҷом диҳанд, ки метавонанд вазъи иҷтимоию сиёсии минтақаро ба таври қобили мулоҳиза ноором созанд ва ба ин васила барои расидан ба ҳадафҳои дар пеш гузоштаи террористон ҳавасманд шаванд. Дар ҳоле, ки созмонҳои ошкоро шумораи худро зиёд карда, кӯшиш мекунанд, ки нуфузи афзояндаи худро барои ноором сохтани минбаъдаи вазъият барои ба даст овардани қудрат истифода баранд.

Чунин тактикаи амалии ташкилоти террористии ошкоро имконпазир аст: ба шуури тарафдорон ворид намудани идеяҳо, интихоб ва зиёд кардани шумораи аъзоён, васеъ намудани заминаи иҷтимоии он, ВАО, мақомоти маҳаллии динӣ ва давлатӣ - ташкили лобби дар давлат ва мақомоти маъмурӣ, ба вазифаҳои роҳбарӣ пешбари намудани намояндагони худ, ташаккул додани базаи мустаҳками молиявию кадрӣ, тарбияи ҷанговарон, худро қувваи тавонои сиёсӣ эълон кардан, - обруи ҳокимиятро паст кардан, ноором кардани вазъият, аз ҷумла бо амалҳои гуногуни эътирозӣ ва содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта, забт кардани ҳокимият ва ғайраҳо. Ҳамин тариқ, созмони террористии "Ҳизб-ут-таҳрир" аз созмонҳои террористии ошкоро маҳсуб мешавад, ки ҷалби ҷонибдоронро яке аз самтҳои асосии фаъолияти худ медонад, ки муваффақияти ҳадафҳои стратегии ин созмон аз татбиқи он вобастагӣ дорад.

Аз рӯи принсипи ҳудудӣ гурӯҳҳои террористиро метавон ба минтақавӣ - ки дар ҳудуди як вилоят, минтақаи муайян амал мекунад, байниминтақавӣ - ки дар ҳудуди якчанд минтақа ё дар саросари як кишвар амали террористӣ анҷом медиҳад, байналмилалӣ - дар ҳудуди ду ва зиёда давлатҳо содир намудани амалҳои террористӣ ҷудо кард. [7, с. 145]

Одатан, созмонҳои байналмилалии террористӣ асосан дар заминаи этникӣ-миллӣ ва мазҳабӣ-сиёсӣ (аксаран исломгароӣ) ба вуҷуд омада, дорои як дастгоҳи муҳими марказии дорои шӯъбаҳо дар самтҳои гуногуни фаъолият, инчунин шабакаи васеи сохторҳои периферӣ (филиалҳо) мебошанд, аз ҷумла дар хориҷа. [7, с. 27] Дар баробари ин, тавре коршиносон қайд мекунанд, созмонҳои террористӣ дар солҳои охир аз сохтори созмонҳои солҳои 1960-70-уми асри гузашта дур шудаанд. Созмонҳои террористӣ дар баробари сохторҳои ҷангҷӯёна, сохторҳои ба истилоҳ ғайримарказонидашударо бо тахассуси функсионалии унсурҳои ба назар қонунӣ, нимҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ истифода мебаранд.

Дар айни замон, дар шароити суст шудани робитаҳои расмӣ байни пайвандҳои созмони террористӣ, ба истилоҳ принсипи шабакавии сохторбандӣ торафт васеъ паҳн мешавад.

Дар сурати мавҷуд будани роҳбарияти ягонаи “маънавӣ” (як ядрои муайян) ҳуҷайраҳои алоҳида (унсурҳои сохторӣ) асосан мустақилона амал мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки дар чунин ташкилот то андозае парокандагии идоракунию назорат мушоҳида мешавад. Воситаҳои муосири иртибот (масалан, Интернет) ба онҳо имкон медиҳанд, ки ба таври ғайришахсӣ муошират кунанд, дастурҳои рамзшударо аз “марказ” дархост кунанд, дар ҳоле, ки дар ҳама кишвари ҷаҳон, алоқаи боэътимод ва беном бо асосии роҳбарии худ нигоҳ медоранд. Ҳамин тариқ, ташкилоти “Ҳамос” инфрасохтори густурдаи интернетӣ, аз ҷумла тақрибан 20 сайт ба ҳашт забон (арабӣ, англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, форсӣ, урду, малайӣ ва индонезӣ) фароҳам овардааст, ки онро барои паҳн кардани ташвиқ ба терроризм фаъолона истифода мебарад. [9]

Ба гуфтаи коршиносони Шӯрои миллии иктишофии ИМА, мубо="ризаи ҷаҳонӣ бо терроризм ва рушди технологияҳои иттилоотӣ террористонро маҷбур мекунад, ки шаклҳои ташкилии фаъолияти худро ба таври назаррас тағйир диҳанд. То соли 2020 терроризми ҷаҳонӣ як навъҳои эклектикии гурӯҳҳои террористӣ ва ҷангҷӯёни алоҳидаро муаррифӣ мекунад, зарурати банақшагирии мутамарказ ва роҳбарии саҳмияҳои террористӣ аз байн меравад. Ҷангиёни гурӯҳҳои террористӣ маводи таълимӣ, дастурҳо, технологияҳои истеҳсолӣ ва маблағҳоро барои анҷом додани амалиёт тавассути Интернет ва дигар системаҳои электронии пешрафтаи оянда мегиранд. [8]

То соли 2001 Ал-Қоида як ниҳоди марказӣ дошт, ки ба он кумитаҳои низомӣ, динӣ, молӣ ва иттилоотӣ, инчунин шӯъбаҳои канории беш аз 50 кишвари ҷаҳон шомил буд. [4] Айни замон Ал-Қоида аз табиати шабакавии сохтори ташкилии худ истифода мекунад, ки ба он имкон медиҳад тавассути шабакаҳо ва гурӯҳҳои сершумори террористии ғайримарказонидашуда фаъолият кунад. Ал-Қоида як созмони мутамарказ нест, балки як навъ иттиҳоди созмонҳои террористӣ аст, ки ҳадафҳои тактикии худро пайгирӣ мекунанд, вале барои расидан ба ин як идея, ном ва захираҳои муштаракро истифода мебаранд.

Созмонҳо ва гурӯҳҳои сершумори террористӣ бахше аз ҷунбиши Байналмилалии исломии зидди яҳудиён ва салибдорон, ки таҳти роҳбарии Ал-Қоида мебошанд. Ҳар як сохтор дар фаъолияти худ мустақилиятро нигоҳ медорад, вале ба манфиати иҷрои як барномаи ягона амал мекунад.

Идоракунии ташкилоти террористӣ аз фаъолиятҳо оид ба идоракунии ташкилоти террористӣ, яъне иҷрои чунин амалҳо, ба монанди банақшагирии фаъолияти ташкилот; таҳияи қоидаҳои ҳатмии рафтор барои аъзоёни ташкилот; тасдиқи нақшаҳои содир намудани ҷиноятҳои алоҳида; ихтиёрдории моддию воситаҳои дигари ташкилот; қабули аъзоёни нав ба ташкилот ва хориҷ кардани онҳо; додани фармонҳои ҳатмӣ ба ҳар як узви созмон барои иҷрои ҳама гуна амалҳо ба манфиати ташкилот ва ғайра. Қайд кардан ба маврид аст, ки роҳбарияти ташкилоти террористӣ метавонад инфиродӣ ё дастаҷамъӣ бошад.

Иштирок дар ташкилоти террористӣ бояд ҳамчун шомил шудан ба он, далели дар он будан, инчунин андешидани амалҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои (мақсадҳои) ин ташкилот нигаронида шудаанд, фаҳмида шавад. Набудани мафҳуми возеҳи мафҳуми “ташкилоти террористӣ” дар амал, ба он оварда мерасонад, ки ба ташкилотҳои террористӣ баҳои гуногуни ҳуқуқии ҷиноӣ дода мешавад ва ҳамчун гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва ҳамчун иттиҳодияҳои ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) баромад кунад.

Хулоса, донистани хусусиятҳои сохторӣ, ташкилии воҳидҳои террористӣ ба мо имкон медиҳад, ки корҳои пешгирикунандаро дар муҳити эҳтимолии ҳаракати террористӣ самаранок гузаронем, системаи кадрии онҳоро пурра нобуд созем ва ба такрористеҳсолкунии он имкон надиҳем.

Аммо мутаассифона, террористон ба суръати тезутунди модернистӣ чунон мутобиқ шудаанд, ки табиати худро торафт васеътар карда, чун як падидаи глобалӣ, делокализатсияшуда ва паҳншуда, сулҳ ва амнияти байналмилалиро ба таври ҷиддӣ зери хатар мегузорад ва ҳар сол боиси даҳҳо ҳазор қурбониҳо мешавад.

Созмонҳои террористии муосир пайваста як хатти омӯзишро тай мекунанд. Онҳо ҷомеаҳои гуногунро меомӯзанд ва нуқтаҳои заифтаринро меҷӯянд, то имкони муваффақияти

амалиёти худро афзоиш диҳанд. Онҳо дар саросари ҷаҳон фаъолият буда, дар кишварҳои гуногун чанд офис, қароргоҳ ва лагерҳои омӯзишӣ доранд ва дар бисёр мавридҳо аз давлатҳои мухталифи дорои фарҳангҳои гуногун кӯмак ва дастгирӣ мегиранд. Илова бар ин, террористон кӯшишҳои байналхалқии зиддитеррористиро меомӯзанд ва ба онҳо мутобиқ мешаванд, ки ин маънои онро дорад, ки онҳо метавонанд услуби амалиёти худ, ҳадафҳои бевоситаи худ, инчунин сохтор ва ҷойгиркунии созмонҳои худро дар ҳолати зарурӣ тағйир диҳанд.

Дар ин чаҳорчӯба, шарҳ додани чӣ гуна амал кардани террористҳои муосир, фарқ кардани ақидаҳо ва ангезаҳои мухталифе, ки ба гурӯҳҳои террористӣ роҳнамоӣ мекунанд, мушкил аст. Бо дарназардошти ин, бо мақсади таҳияи фаҳмиши васеъ дар бораи созмонҳои террористии муосир имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст, то ки табиати онҳо, ҳадафу мақсадҳои онҳо пурра омӯхта шуда, барои хунсо намудани амалиётҳои террористӣ саҳм гузоштааст.

Бо вуҷуди ин, табиати созмонҳои террористӣ ва намуди зоҳириву амалиёти онҳо рӯз аз рӯз намуди дигар каст карда, раванди мурраккабшавиро аз сар мегузаронанд. Масалан, роҳбарияти асосии Ал-Қоида “на барои идора кардани амалиёти ҳаррӯзаи франшизаҳои худ, барои мутамарказ кардани паёмнависӣ ва стратегияи созмон кӯшиш мекунад”. Давлати Исломӣ бошад 27 шӯъбаҳои мутамаркази корпоративиро муттаҳид кардааст, ки барои банақшагирӣ, дастгирӣ ва назорати минтақаҳо бо сохтори муҳими ғайримарказии маъмурӣ аз рӯи кишвар, минтақа, шаҳр ва ҳатто деҳот истифода мешаванд.

Гуногунӣ дар моделҳои ташкилии гурӯҳҳои террористии муосирро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки терроризм як сохтори иҷтимоӣ буда, дар шароити муайяни таърихӣ ва иҷтимоӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, омилҳои зиёди гуногун, аз қабили омилҳои иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба таъсис ва рушди ташкилоти террористӣ мусоидат намуда, онро ба як воҳиди ягонаи дорои хусусиятҳои хоси худ табдил додааст.

Бешубҳа, ҳадди ин кор бисёр аст. Таснифи ҳама гуногун сохторҳои ташкилӣ ва муайян кардани ҳама тактикаҳои оперативие, ки Ал-Қоида, Ҳамос, Давлати Исломӣ, Толибон ва дигар созмону ташкилотҳои террористӣ истифода мебаранд, кори бениҳоят душвор аст, зеро дар бисёр ҳолатҳо маълумот дар бораи динамикаи дохилии ин созмонҳо мавҷуд нест.

### *Адабиёт*


1. Schmid, Alex P. “Defining Terrorism.” In Combating Trasnational Terrorism, 1-16. Sofia: Procon Ltd, 2016. 187p.
2. Torreblanca, José Ignacio. “Estados-embrión", El Pais, July 12, 2010. elpais.com/diario/2010/07/12/ 7 internacional/1278885612_850215.html
3. Zelinsky, Aron and Martin Shubik. “Research Note: Terrorist Groups as Business Firms: A New Typological Framework.” Terrorism and Political Violence 21, no.2 (2009)
4. Авдеев Ю.И. Современный экстремизм: понятие, структура, связь с терроризмом // Экстремизм и другие криминальные явления. - М.: Российская криминологическая ассоциация, 2008. - С. 11-20
5. Аз таърихи терроризми байналмилалӣ. https://new.kgu.tj/tj/news/384
6. Будницкий О.В. Терроризм: история и современность. АЙРЕКС (1994-1995). Дата обращения: 1 декабря 2011. Архивировано из оригинала 11 января 2012 года.
7. Коршуновой О.Н. Преступления террористической направленности: уголовное преследование на досудебных стадиях ///.: Юридический Центр Пресс, 2003. С. 145.
8. Отчет Национального совета по разведке США: на смену «Аль-Каиде» идут профессионалы террора /// http://www.nationalsecurity.ru/library/00016/00016future.htm
9. По данным Информационного центра изучения терроризма, действующего при Израильском центре специальных исследований, 2006 г. terrorism-info.org.il
10. Сокол Валерий Юрьевич, Останин Владимир Викторович. Особенности структуры террористических формирований. ОБЩЕСТВО И ПРАВО 2008 №2(20). Стр – 180

11. Террористические группы как бизнес-фирмы: новая типологическая структура. https://www.researchgate.net/publication/233215522_Research_Note_Terrorist_Groups_as_Business_Firms_A_New_Typological_Framework
12. Трудности определения терроризма. Даниэль Пайпс. https://ru.danielpipes.org/15145/tudnosti-opredeleniya-terrorizma
13. Фридинский С.Н. Борьба с экстремизмом (уголовно-правовой и криминологический аспекты): Дис. … канд. юрид. наук. Ростов н/Д, 2003. С. 78.
14. Шепелем Н.И. Террористическую сеть на Кавказе начали создавать в 1980-х годах. Интервью с заместителем генерального прокурора РФ. Газета «Сольжа». 2006. 20 февр. С. 6.

## СОХТИ ТАШКИЛӢ ВА АНАТОМИЯИ СОЗМОНҲОИ ТЕРРОРИСТӢ

Имрӯз созмонҳои террористӣ дорои шаклҳои гуногуни ташкилии сохторӣ мебошанд, ки барои ноил шудан ба онҳо аз тамоми имкониятҳои замони муосир истифода мебаранд. Аз ҷумла, интернет ва дигар дастгоҳҳои муосири технологияи иттилоотиро ба сифати абзори мубориза̣ҳои худ истифода мебаранд. Ин тамоюл имконият дод, ки созмонҳои террористӣ аз истифодаи абзорҳои сахти асри гузашта, ба истифодаи абзорҳои соддаи муосир гузаранд. Бинобар ин сабаб терроризм имрӯз ба терроризми байналхалқӣ табдил ёфтааст.

Ҳадафи ин мақола консептуализатсияи баъзе хусусиятҳои сохтории созмонҳои террористӣ ва зуҳури онҳо мебошад, ки барои муайян кардани намунаҳои умумӣ, меъёрҳо ва моделҳои шабеҳи сохторҳои ташкилии онҳо равона шудааст. Барои ин вазифа, методологияи таҳқиқотӣ дар асоси шабакаи тафсирӣ пешниҳод шудааст, ки се сатҳи асосии таҳлилро дар назар дорад: (1) зоҳирӣ; (2) сохторӣ ва (3) амалиётӣ. Инчунин методи муқоисавӣ, ки усулҳои сифатӣ ва миқдориро ба ҳам мепайвандад, истифода шудааст. Ҳамзамон дар мақолаи мазкур ба зуҳури падидаи терроризм, формулаҳои созмонёбии созмонҳои террористӣ, анатомияи фаъолият ва мавҷудияти онҳо аҳамияти хос зоҳир гардидааст.

**Калидвожаҳо:** терроризм, созмонҳои террористӣ, анатомияи терроризм, таърихи терроризм, марҳилаҳои таҳаввули терроризм

## ОРГАНИЗАЦИОННАЯ СТРУКТУРА И АНАТОМИЯ ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Сегодня террористические организации имеют различные формы организационной структуры, которые используют для достижения своих целей все возможности современности. В частности, они используют Интернет и другие современные средства информационных технологий в качестве инструментов своей борьбы. Эта тенденция позволила террористическим организациям перейти от использования жестких инструментов прошлого века к использованию простых современных инструментов. По этой причине сегодня терроризм стал международным терроризмом.

Целью данной статьи является концептуализация некоторых структурных особенностей террористических организаций и их проявления, что направлено на выявление общих закономерностей, норм и схожих моделей их организационных структур. Для этой задачи предлагается методология исследования, основанная на интерпретационной сети, которая включает три основных уровня анализа: (1) внешний вид; (2) структурный и (3) оперативный. Также использовался сравнительный метод, сочетающий качественные и количественные методы. При этом в данной статье особое значение приобретают возникновение феномена терроризма, организационные формулы террористических организаций, анатомия их деятельности и существования.

**Ключевые слова**: терроризм, террористические организации, анатомия терроризма, история терроризма, этапы развития терроризма

## ORGANIZATIONAL STRUCTURE AND ANATOMY OF TERRORIST ORGANIZATIONS

Today, terrorist organizations have various forms of organizational structure, which use all the possibilities of modernity to achieve their goals. In particular, they use the Internet and other modern means of information technology as tools in their fight. This trend has allowed terrorist organizations to move from using the harsh tools of the last century to using simple modern tools. For this reason, terrorism has become international terrorism today.

The purpose of this article is to conceptualize some of the structural features of terrorist organizations and their manifestations, which is aimed at identifying general patterns, norms and similar models of their organizational structures. For this task, a research methodology based on an interpretive network is proposed, which includes three main levels of analysis: (1) appearance; (2) structural and (3) operational. A comparative method combining qualitative and quantitative methods was also used. At the same time, in this article, the emergence of the phenomenon of terrorism, the organizational formulas of terrorist organizations, and the anatomy of their activities and existence are of particular importance.

**Keywords**: terrorism, terrorist organizations, anatomy of terrorism, history of terrorism, stages of development of terrorism

**Дар бораи муаллифон**
Қудратов Комрон Абдунабиевич
номзади илмҳои таърих, мудиришуъбаи ИДМ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиёва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Телефон: (+992) 935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Шарифов Искандар Иброҳимович
ходими илмии шуъбаи ИДМ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел:+992 928083451.
E-mail: iskandarsharifi10@mail.ru

**Об авторах**
Кудратов Комрон Абдунабиевич
кандидат исторических наук, заведующий отделом СНГ
Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.
Телефон: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Шарифов Искандар Ибрагимович
научный сотрудник отдела СНГ
Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел: +992 928083451.
E-mail: iskandarsharifi10@mail.ru

**About the authors**
KudratovKomronAbdunabievich
Candidate of Historical Sciences, Head of the CIS Department,
Institute for the Study of Asian and European States,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbesity, Rudaki Ave. 33.
Phone: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Sharifov Iskandar Ibrahimovich
research fellow of the CIS
Department of the Institute for the Study of Asian and European States,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbesity, Rudaki Ave. 33.
Tel.: +992 928083451.
E-mail: iskandarsharifi10@mail.ru

ТДУ 17.02+37.02.07.09

# АЛОҚАМАНДИИ АХЛОҚ ВА СИЁСАТ АЗ НИГОҲИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

***Саъдулоев А., Муминов М. А., Давлатзода А. Б.***
*Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Муслиҳиддин Ибни Абдуллоҳ маъруф ба Саъдии Шерозӣ шоир, ҳаким, муаллими ахлоқ ва аз орифони машҳури форсу тоҷик, соли 606/1210 дар шаҳри Шерози Эрон ба дунё омада, соли 690/1293 аз дунё рафт. Дар замонаи Саъдӣ Эронзамин ва бахшҳои зиёде аз Хуросони бузургу Мовароуннаҳр аз ҳар тараф мавриди тохту този неруҳои веронгари қарор гирифта буд. Аз суйи ғарб Салибиҳо ҳукумати Салҷуқиёнро ба самти нобудӣ мекашонид. Аз ҷиҳати шарқ Муғул ба Эронзамин ҳамлаҳои беамон менамуданд. Инчунин дар канори ин хатарҳои хориҷӣ таҳдидҳои дарунӣ низ барои барошуфтани аҳволи ҷомеаи замони Саъдӣ таъсири ҷиддӣ мерасонид. Асарҳои асосии Саъдӣ «Бустор», «Гулистон» ва «Насиҳатулмулук» мебошад.[3, с. 443, 4, с. 484]

Ба фарқ аз бисёре аз донишмандони сиёсию ҳуқуқӣ, Саъдӣ маҳали ворид шудан ба масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро мафҳумҳои ахлоқӣ дониста, меҳвари асосӣ ва андешаи калидии худро бар онҳо устувор мегардонад.[4, с. 490, 5, с. 550] Аз ин бармеояд, ки Саъдӣ дар масъалаи нисбати ахлоқу сиёсат тарафдори вуҷуди робитаи мусбату зиҷ байни он ду мафҳум мебошад. Яъне, Саъдӣ ба фарқ аз дигарон бар ин бовар аст, ки сиёсат ва ҳуқуқ аз ахлоқ ҷудо набуда, балки ахлоқ бар онҳо таъсири мустақим ва ҷиддӣ хоҳад гузошт.

Саъдӣ файласуфи ахлоқ нест, балки муаллими ахлоқ мебошад. Яъне, монанди файласуфони ахлоқ аз пайи сабабҳо ва омилҳои амали ахлоқӣ намегардад, балки масъалаҳо ва мафҳумҳои ахлоқии мавҷуд дар ҷомеаро бо диққати комил мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода, ҷиҳати ривоҷ ёфтани онҳоҳ миёни ҳокимон, қозиҳо, коргарони давлат, мардуми оддӣ ва ғайра онҳоро бо панду андарзҳои ширину ҷаззоб баён менамояд. Албатта, пандҳои ахлоқии Саъдӣ арсаҳои мухталиферо дар бар мегирад, ки бештарин такия ва кушиши вай бар панду насиҳати ҳокимону сиёсатмадорон, қозиҳову раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҳар касе, ки масъулияте дар баробари мардум дошта бошад, равона шудааст. Саъдӣ бидуни он, ки назарияпардозиҳои сиёсию иҷтимоии роиҷшудаи замони худро пайравӣ намояд, ба ислоҳи рафтор ва гуфтори сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқии масъулони давлату ҷомеа мепардозад. Ба ин маъно, ки он чӣ дар амали онҳо мушоҳида менамудааст, ки аз назари вай бар зарари мардум ва ё сабаби аз байн рафтани ҳуқуқи ҷомеа гардад ва инчунин, агар боиси заъиф шудани иқтидори ҳокимият гардад, онҳоро бо хушмандӣ пайдо менамояд ва бо таҳлилу баррасии зиракона онро ба як ҳикоят ё панди зебое табдил карда, ба мухотабонаш пешниҳод менамояд.

**Адолати ҳоким, кафили иқтидори ҳокимият**

Арсаҳои саханони танзомези Саъдӣ ҳамаи пахлуҳои фаъолияти сиёсию ҳуқуқии ҷомеаро дар бар мегирад. То ҳадде, ки аз роҳи танзҳои Саъдӣ метавон ба авзоъу аҳволи сиёсию иҷтимоии замонаи у пай бурд. Рузгоре, ки аз тарафе бо ҳокимони ҷаббору зургу ва вазифадорони золиму ситамгари онҳо ва аз тарафи дигар бо олимони риёкору зоҳидони зоҳиргаро даромехтааст. Дар ин вазъу ҳолат Саъдӣ барои баёни андешаҳои баланди сиёсию ҳуқуқии худ ниёз ба чеҳраи дигари суханпарварӣ дорад, ки он танзи сиёсӣ мебошад. Яъне, рафтору гуфтори Саъдӣ нишондиҳандаи он аст, ки агар фурсате барои баёни ҳақиқат ба таври ошкоро мавҷуд набошад, метавон онро дар пардаҳои танзу лифофаҳои ҳаҷв барои мардум бозгу намуд. Дар воқеъ, заминасози баёни танзи сиёсӣ барои Саъдӣ авзоъи сиёсию иҷтимоии замонаи вай мебошад. Ин сухани Саъдиро намунаи ошкори ин масъала метавон ба ҳисоб овард:

*«Даҳ дарвеш дар гилеме бихусбанд ва ду подшоҳ дар иқлиме нагунҷанд.»* [6, с. 100]

Яке аз андешаҳои сиёсии Саъдӣ нақду радди рафтори шоҳон ва амирони замони худ мебошад. Нуктаи асосие, ки Саъдӣ ба онҳо ёдоварӣ менамояд, зулму ситами шоҳон аст. Яъне, оқибатҳои зулму ситам аз нигоҳи Саъдӣ дар ин ҳикоят барои подшоҳон ба таври

ошкоро баён шудааст, ки онҳо аз ин суханон панд гиранд ва даст аз рафтори ғалати худ бардоранд. Саъди дар як ҳикоят чунин меоварад:

*«Яке аз мулуки Аҷамро ҳикоят кунанд, ки дасти татовул ба моли раъият дароз карда буд ва ҷавру азият карда, то ба ҷое ки халқ аз макоиди феълаш ба ҷаҳон бирафтанд ва аз курбати ҷавраш роҳи ғурбат гирифтанд. Чун раият кам шуд, иртифои вилоят нуқсон пазируфт ва хизона тиҳӣ монд ва душманон зӯр оварданд.*

*Ҳар кӣ фарёдраси рӯзи мусибат хоҳад,*
*Гӯ, дар айёми саломат ба ҷавонмардӣ кӯш.*
*Баланди ҳалқабагӯш ар нанавозӣ, биравад.*
*Лутф кун, лутф, ки бегона шавад ҳалқабагӯш.»* [6, с. 63 - 64, 7, с. 884]

Саъдӣ дар ин ҳикоят ба шоҳон ва амирон ёдрас менамояд, ки барои ҳифзи иқтидори ҳокимияти сиёсию давлатдории худ бояд бо мардум ҳушрафторӣ ва лутфу таваҷҷуҳи фаровон намоянд, на зулму ситам. Зеро, агар бар онҳо зулму ситам раво дошта шавад фармонбарӣ ва итоат аз ҳокимият кам шуда, давлату ҷомеа бо хатарҳои зиёде мувоҷиҳ хоҳад шуд ва дар ин сурат иқтидори ҳокимият заъиф мегардаду заминаи ҳуҷуми душманон фароҳам мешавад. Боз дар идома Саъдӣ барои панд гирифтани шоҳон аз саргузашти дигар шоҳони гузаштаи худ ва сабаби қудратмандтар шудани пояҳои қудрати ҳоким ва лашкариёни вай чунин менависад:

*«Боре ба маҷлиси ӯ китоби «Шоҳнома» мехонанд дар заволи мамлакати Заҳҳок ва аҳди Фаредун. Вазир маликро пурсид:*

*– Ҳеҷ тавон донистан, ки Фаредун, ки ганҷу мулку ҳишам надошт, чӣ гуна бар ӯ мамлакат муқаррар шуд?*

*Малик Гуфт:*

*– Ончунон ки шунидӣ, халқе бар ӯ ба таасуб гирд омаданд ва тақвият карданд, то подшоҳи ёфт.*

*Вазир гуфт:*

*– Эй малик, чун гирд омадани халқе муҷиби подшоҳияст, ту мар халқро парешон барои чӣ мекунӣ? Магар сари подшоҳӣ кардан надорӣ?*

*Ҳамон беҳ, ки лашкар ба ҷон парварӣ,*
*Ки султон ба лашкар кунад сарварӣ.*

*Малик гуфт:*

*– Мӯҷиби гирд омадани сипоҳу раият чӣ бошад?*

*– Гуфт:*

*– Подшоҳро карам бояд, то бар ӯ гирд оянд ва раҳмат, то дар паноҳи давлаташ эмин нишинанд ва туро ин ҳар ду асло дар ҷибиллат нест:*

*Накунад ҷаврпеша султонӣ,*
*Ки наёяд зи гург чӯпонӣ.*
*Подшоҳе, ки тарҳи зулм афканд,*
*Пойдевори мулк хеш биканд.»*[6, с. 65]

Тавре, ки аз ин ҳикояти Саъдӣ маълум мегардад, рафтори неки шоҳ бо зердстон ва зулм накардан ба онҳо сабаби иқтидори бештари ҳокимияти давлатии ҳоким мегардад. Оқибати амал накардани шоҳон ба ин панди Саъдӣ ва натиҷаи зулму ситам бар зердастон боз дар идома чунин баён шудааст:

*«Маликро панди вазири носеҳ мувофиқи табъи мухолиф наёмад, рӯй аз ин сухан дар ҳам кашиду ба зиндонаш фиристод.*

*Басе барнаёмад, ки банӣ аъмоми султон ба мунозаат хостанд ва мулки падар хостанд. Қавме, ки аз дасти татовули ӯ ба ҷон омада буданд ва парешон шуда, бар эшон гирд омаданд ва тақвият карданд, то мулк аз тасарруфи ин бадар рафт ва бар онон муқаррар шуд.*

*Подшоҳе, к-ӯ раво дорад ситам бар зердаст,*
*Дӯстдораш рӯзи сахтӣ душмани зӯровар аст.*
*Бо раият сулҳ кун в-аз ҷанги хасм эмин нишин,*
*З-он ки шоҳаншоҳи одилро раият лашкар аст.»*[6, с. 66]

Хулоса, Саъдӣ ба шоҳон ва амирон мехоҳад ин паёмро расонад, ки оқибати бадрафторию зулм ва ситам бар мардум саранҷом чуни аст:

*«Яди зул ҷое, ки гардад дароз*
*Набини лаби мардум аз ханда боз»*[6, с. 66]

Ё барои озору азияти мардум тавассути шоҳон чунин ёдрас мегардад:

*«Эй зибардасти зердастозор*
*Гарм то кай бимонад ин бозор*
*Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ*
*Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ»*[6, с. 66]

Боз дар аҳволи зиндониёну маҳрумони ҷомеа чунин менависад:

*«Назар кун дар аҳволи зиндониён,*
*Ки мумкин бувад бегуноҳ дар миён»*[6, с. 51]

Боз дар бораи хушнуд нигоҳ доштани лашкариён ва сипоҳиён Саъдӣ чунин баён мекунад:

*«Сипоҳе, ки хушдил набошад зи шоҳ*
*Надорад ҳудуди вилоят нигоҳ»*[6, с. 52]

**Таъмини амнияти давлату ҷомеа**

Ҳифзи амнияту суботи давлат ва ҷомеа вазифаи асосии дигари ҳокимон ба ҳисоб меравад, ки Саъдӣ боз дар китобҳои худ мисолҳои фаровонеро бозгу менамояд. Масалан:

*«Шаҳаншаҳ, ки бозаргонон бихаст*
*Дари хайр бар шаҳру лашкар бибаст,*
*Кай онҷо дигар ҳушмандон раванд?*
*Чӯ овозаи расми бад бишнаванд»*[6, с. 43]

Дар ин шеър, Саъдӣ аҳамияти таъмини амнияти иқтисодӣ ва фурсати кору фаъолияти иқтисодиро барои мардуми оддӣ ва тоҷирон баён мекунад. Ин масъала чунон муҳим ба назар мерасад, ки агар овозаи рафтори бади ҳоким бо тоҷирону бозаргонон ва набуди амният барои фаъолони иқтисодӣ бар дигар шаҳрҳо ва кишварҳои атроф бирасад, фаъолият ва сармоягузориҳои дигар сарватмандон ва тоҷирон дар давлату ҷомеа кам хоҳад шуд ва сабаби заъиф шудани арсаҳои фаъолияти иқтисодӣ мегардад. Саъдӣ боз барои таъмини амнияти мусофирон, тоҷирон, сармоягузорон ва ғайра чунин менависад:

*«Бузургон мусофир ба ҷон парваранд,*
*Ки номи накуе ба олам баранд*
*Табоҳ гардад он мамлакат анқариб,*
*К-з у хотирозурда ояд ғариб*
*Ғарибошно бошу сайёҳдуст,*
*Ки сайёҳ ҷаллоби номи накуст»*[6, с. 44]

Ба андешаи Саъдӣ агар дар ҷомеа амнияти ҳамаҷониба ҳукмфармо бошад иқтисоду тиҷорат низ рушд намуда, сабаби хушномию эътимоднокии давлат дар дигар минтақаҳои ҷаҳон хоҳад шуд, то боз ҳам бештар ба онҷо сафар намуда, бо сарвату сармояи худ дар онҷо кору фаъолият намоянд.

Ба андешаи Саъдӣ ҳокими давлату ҷомеа ин масъаларо дар рафтори зердастони худ низ бояд мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор диҳад. Зеро, агар коргарони ҳокимият, аз ҷумла қозиҳо, раисони шаҳру ноҳияҳо, вакилони халқ ва ғайра дар ин рафторҳо аз худ таваҷҷуҳ ва аҳамият нишон надиҳанд, боз сабаби вайрон шудани сохтори ҳокимият ва бадномии он мегарданд. Саъдӣ дар ҷой-ҷойи асарҳои худ ба ин масъала низ чунин ишора менамояд:

*«Шоҳ аз баҳри дафъи ситамгарон аст ва шиҳна барои хунхорон ва қозӣ маслиҳатҷӯйи тарророн. Ҳаргиз ду хасми ба ҳақ розӣ пеши қозӣ наравад.»*[6, с. 189 // 7, с. 937]

Дар шарҳи ин ҷумлаи Саъдӣ бояд гуфт, ки коркард ва вазифаи асосии ҳоким зулму ситам накардан ба мардум, инчунин дафъи зулму ситам аз онон аст. Шиҳна, ки ба маънои масъулон ва гумоштагони ҳоким дар шаҳру ноҳияҳои ҳокимият мебошад,[1, с. 143] вазифаашон дафъи хатари хунхорону ваҳшиён ҳисобида мешавад. То инҷои сухани Саъдӣ дурусту бидуни киноя ва таъна баён шудааст. Аммо, Саъдӣ дар идома бо киноя ба судияҳо ва қозиҳои дуруя ва риёкору фасодзада онҳоро маслиҳатчуйи тарророн меномад. Таррор маъноаш роҳзан ва кисабур аст.[2, с. 947] Кинояи Саъдӣ ба қозиҳову судияҳои замони худ ба ин маъност, ки онҳо вазифаашон ҳифзу ҳимояи молу сарвати мардум буда, аммо ба ҷойи ин кор онҳо бо дуздону роҳзанони моли мардум машғул шудаанд. Дар идома Саъдӣ мефармояд ҳечгоҳ ду даъвогаре, ки дар ҳақиқат аз пайи равшан шудани воқеият ва ҳақиқат бошанд,

пеши қозӣ намераванд. Балки, танҳо касоне пеши қозиҳои дар боло зикршуда мераванд, ки битавонанд ба вай ришва диҳанд, ё бар зидди даъвогарҳои дигар тавонанд ҳилаву найранг барангехта, ҳукми қозиро ба манфиати худ ба даст оваранд.

Масалан, дар ҷойи дигар чунин мегуяд:

*«Қозӣ, ки ба ришват бихурд панҷ хиёр*
*Собит кунад аз баҳри ту даҳ харбузазор»*[6, с. 190]

Яъне, агар қозӣ аз як нафар ришва гирад, метавонад даҳҳо баробари он чизе, ки гирифтааст барои ришвадиҳанда манфиат ба даст оварад.

**Пешгирӣ аз поймол намудани ҳуқуқи мардум**

Пешгирӣ ва муқобила бо нобаробарию поймол намудани ҳуқуқи мардум яке дигар аз андешаҳои ҳуқуқии мардум дар идораи давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад. Мустаҳкам намудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ ва идораи беҳтари ҷомеа илова бар масъалаҳои зикршуда ба риояти масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ҳифзу ҳимояи онҳо низ вобаста мебошад.

Аз нигоҳи Саъдӣ ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи қишри заъиф ва ниёзманди ҷомеа аз аслитарин масъалаҳоест, ки ҳокимият бояд ба он таваҷҷуҳи вижа дошта бошад. Масалан, Саъдӣ чунин овардааст:

*«Овараанд, ки кисаи зар ва тифле аз касе боз монд. Ҳокими он рӯзгор кас пеши васӣ фиристод ва зар талаб кард. Васӣ зар дар канори тифл ниҳод ва пеши ҳоким фиристод ва пайғом дод, ки:*

*Ин зар аз они ман нест, аз они он тифл аст. Агар меситонӣ аз вай биситон, то ба қиёмат ҳам ба вай боздиҳӣ. Ҳоким ба ҳам баромад ва бигирист ва сару чашми тифл бӯсид ва дар канор гирифту гуфт: Маро дар қиёмат тоқати ин мутолибат набошад.*

*(Кӯдакро) пеши васӣ фиристод ва нону ҷома ва асбоби тифл аз хазина муҳайё дошт то ба ҳангоми булуғ.»*[8, с. 25]

Ин ҳикоят баёнгари ҳамин вазифаи бисёр муҳими сиёсию ҳуқуқии давлат мебошад, ки ҷиҳати мустаҳкамтар намудани қудрати ҳокимият зарурати ҳаётан муҳим дорад. Ба андешаи Саъдӣ ҳатто ҳоким бояд барои шунидани арзу шикоятҳои мардуми таҳти ҳокимияти худ ҳамаи роҳу чораҳоро андешида, барои расидагӣ ба онҳо кушиши фаровон намояд. Саъдӣ ин масъаларо дар ҳикояте чунин баён намудааст:

*«Овардаанд, ки Нӯшервони одил занҷире овехта ва ҷарасҳое бар он баста буд ва тарафе аз он зери болин карда ва дигар тараф дар майдон бар дарахте баста буд, то агар касе муҳимме доштӣ, он силсиларо дарҷунбонидӣ.»*[8, с. 34]

Тавассути ин ташаббус, ҳоким метавонад ба таври комил арзу шикоятҳои ҳамаи афроди ҷомеаро худ мустақиман баррасӣ намояд. Нуктаи муҳими дигар дар ин ҳикоят, ки бисёр қобили таваҷҷуҳ мебошад он аст, ки бисёре аз наздикон ва гумоштагони ҳоким арзу шикоятҳои мардуми оддиро ба ҳоким намерасонанд ва ба хотири хуб ҷилва додани авзоъи давлату ҷомеа чунин изҳор мекунанд, ки ҳама чиз хуб пеш рафта истодааст. Аммо, ба андешаи Саъдӣ худи ҳокимон бояд роҳе дошта бошанд, ки битавонанд ҷудо аз масъулони зердасти худ аз аҳволи мардум огоҳ шаванд ва дар сурати ниёз ба онҳо расидагӣ намоянд.

Саъдии ширинсухан бо овардани ҳикояти дигаре ҳифзу ҳимояи моли мардумро таъкиди фаровон намуда, бар ин бовар аст, ки ҳоким дар баробари поймол шудани ҳатто камтарин миқдори он бояд аз худ сахтгирию иқтидори лозимро нишон диҳад.

*«Овардаанд, ки Ҳорун-ар-рашид бар яке аз мутааллиқони девон ба диноре хиёнат бидида, ӯро маъзул кард. Тоифае аз бузургон пас аз чанд рӯз ба шафоати ӯ бархостанду гуфтанд, ки: Бо ин қадар хиёнат хидматгорони қадимро маҳрум кардан раво набошад.*

*Гуфт: Ғараз миқдор нест. Ҳар он кас, ки моли ман бибарад ва бок надорад, хуни раъият бирезад ва ғам нахурад.»*[8, с. 21]

Тавре, ки дида мешавад муҷозот намудани касоне, ки ҳуқуқи мардумро поймол менамоянд, новобаста аз миқдори он, аз вазифаҳои асосӣ ва писандидаи ҳоким дар идораи давлату ҷомеа ба ҳсиоб меравад.

**Адабиёт**

1. Алиакбар, Деххудо. Луғатнома Деххудо Алиакбар. - Теҳрон, 1945. – Ҷ. 18, 358 с.
2. Анварӣ, Ҳ. Фарҳанги Сухан / Ҳ. Анварӣ. - Теҳрон.: Заррин, 2007. 1832 с.
3. Мосса, Ҳ. Таҳқиқ дар бораи Саъдӣ / Ҳ. Мосса. - Теҳрон.: Тус, 1991. – 443 с.

4. Сайидалӣ, О. Доиратулмаъорифи бузурги Исломӣ; Мақолаи Атобакони форс / О. Сайидалӣ. - Теҳрон.: Марказ, 2020. – Ҷ. 6, 554 с.
5. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон / З. Сафо. - Теҳрон: Фирдавс, 1996. – Ҷ. 3, 650 с.
6. Саъдӣ Шерозӣ. Гулистон. Тасҳиҳи Юсуфӣ, Ғ. / Шерозӣ Саъдӣ. - Теҳрон.: Хоразмӣ, 1996. – 622 с.
7. Саъдӣ Шерозӣ. Куллиёти Саъдӣ. Тасҳиҳи Фуруғӣ, М. / Шерозӣ Саъдӣ. - Теҳрон.: Ҳермес, 2000. – 1114 с.
8. Саъдӣ Шерозӣ. Насиҳатулмулук / Шерозӣ Саъдӣ. - Душанбе.: ДСРТ, 2011. – 145 с.

## АЛОҚАМАНДИИ АХЛОҚ ВА СИЁСАТ АЗ НИГОҲИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Аз ҳамон ибтидои пайдоиши дониши сиёсат, миёни файласуфони сиёсӣ доиман баҳсу низоъ будааст, ки оё сиёсат бо мафҳумҳое монанди ахлоқ, қонун, ҳуқуқ ва ғайра алоқамандӣ дорад ё надорад. Донишмандони ва файласуфони сиёсӣ дар ин боар назарияҳои мухталифе ироа карданд, ки баъзе бо алоқамандии мафҳумҳои сиёсат, қонун, ахлоқ ва ҳуқуқ мувофиқ буда, баъзе дигар мухолиф мебошанд.

Саъдии Шерозӣ маҳали ворид шудан ба масъалаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқиро мафҳумҳои ахлоқӣ дониста, меҳвари асосӣ ва андешаи калидии худро бар онҳо устувор мегардонад. Ин мақола бо баррасии осори Саъдии Шерозӣ алоқамандии мафҳуми сиёсат, ҳуқуқ ва қонунро бо мафҳуми ахлоқ мавриди баррасӣ қарор дода, ба чанд маврид аз таъсири мутақобилаи мафҳумҳои мазкур ба якдигар ишора менамояд.

**Калидвожаҳо:** Саъдӣ Шерозӣ, сиёсати ахлоқӣ, ҳуқуқ ва ахлоқ, адолати сиёсӣ, иқтидори ҳокимият, амнияти иҷтимоӣ, ҳуқуқи сиёсӣ.

## СВЯЗЬ ЭТИКИ И ПОЛИТИКИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ САДИ ШИРАЗИ

С самого начала познания политики среди политических философов велись постоянные споры о том, связана ли политика с такими понятиями, как мораль, право, право и т. д. или нет. Политологи и философы представили на этот счет различные теории, некоторые из которых совместимы с соотношением понятий политики, права, этики и права, а другие противоречивы.

Саади Ширази считает моральные концепции местом входа в философские, политические и правовые вопросы и стабилизирует на них свою главную ось и ключевую идею. В данной статье рассматривается взаимосвязь понятия политика, право и право с понятием этики на основе обзора работ Саади Ширази, а также указывается на несколько случаев взаимного влияния этих понятий друг на друга.

**Ключевые слова:** Саади Ширази, моральная политика, право и этика, политическая справедливость, власть власти, социальная безопасность, политическое право.

## THE RELATIONSHIP BETWEEN MORALITY AND POLITICS FROM THE POINT OF VIEW OF SAADI SHIRAZI

Since the beginning of the knowledge of politics, there has been a constant debate among political philosophers whether politics is related to concepts such as morality, law, law, etc. or not. Political scientists and philosophers have presented various theories in this regard, some of which are compatible with the relationship between the concepts of politics, law, ethics and law, while others are contradictory.

Saadi Shirazi considers moral concepts to be the place of entry into philosophical, political and legal issues and stabilizes his main axis and key idea on them. This article examines the relationship between the concept of politics, law and law with the concept of ethics by reviewing the works of Saadi Shirazi, and points to several cases of the mutual influence of these concepts on each other.

**Keywords:** Saadi Shirazi, moral policy, law and ethics, political justice, power of authority, social security, political right.

**Дар бораи муаллифон**
Саъдулоев Абдулвосит
д.и.с. (PhD), дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.:(+992) 918 78 12 12.
E-mail: prof asrt@mail.ru

Муминов Мустақим Абдувакилович
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 926 16 09 18
Email: muminovmustaqim@gmail.com

Давлатзода Айниддини Баҳодур
унвонҷуи кафедраи идораи молияи давлатӣ
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.:(+992) 93 42 45 324.
E-mail: davlatzoda.a_b97@mail.ruт

**Об авторах**
Садулоев Абдулвасит
д.п.н. (PhD), доцент кафедры политологии и связей с общественностью
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
Телефон: (+992) 918 78 12 12.
Email: prof.asrt@mail.ru

Муминов Мустаким Абдувакилович
ассистент кафедры политологии и связей с общественностью
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
Тел.: (+992) 926 16 09 18
Email: muminovmustaqim@gmail.com

Давлатзода Айниддин Баходур
соискатель кафедры управления государственными финансами
Академия государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан
Тел.: (+992) 934 24 53 24.
Email: davlatzoda a_b97@mail.ru

**About the authors**
Saduloev Abdulvasit
Doctor of Pedagogical Sciences (PhD),
Associate Professor of the
Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Phone: (+992) 918 78 12 12.
E-mail: prof.asrt@mail.ru

Muminov Mustakim Abduvakilovich
Assistant of the Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
Ph.: (+992) 926 16 09 18
E-mail: muminovmustaqim@gmail.com

Davlatzoda Ainiddin Bakhodur
Applicant of the Department of Public Finance Management
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
Ph.: (+992) 934 24 53 24.
E-mail: davlatzoda a_b97@mail.ru

ТДУ 328

# МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ ДАР АФҒОНИСТОН

***Фазл А. М.***

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Давраи аввали парламентаризм дар давраи Нодирхон иттифоқ афтод. Нодиршоҳ пас аз он ки дар соли 1929 ба қудрат расид, давлати худро «Шоҳии машрута» хонд, аммо ин иддаои Нодирхон на танҳо бо сохтори давлати ӯ ҳамоҳангӣ надошт, балки дар таноқуз бо он низ қарор дошт [9, с. 32]. Давлати ӯ на шоҳии машрута, балки давлати шоҳии истибдодии хонаводагӣ бо ихтиёроти мутлақа буд. Ӯ тамомии қудратро дар миёни бародарон, аъзои хонадон ва ҳаводорони худ тақсим кард ва ба онҳо ихтиёроти густардае дод. Бад-ин гуна ӯ як давлати хонадонӣ ва қавиро дар Афғонистон падид овард. Аъзои хонаводаи ӯ дар ҳоле, ки ҳар манобеи калидии қудратро дар даст доштанд, худро дар баробари ҳеҷ мақом ва ниҳоди қонунӣ посухгӯ ва ҳисобдеҳ намедонистанд. Дар ҳақиқат онҳо болотар аз қонун буданд, ки чизе ба номи мафҳуми ҳокимияти қонунро намешинохтанд ва ба ибораи дигар иродаи онҳо худ қонуне буд, ки бар мардум татбиқ мешуд [9, с. 33-34]. Ин дар ҳолест, ки давлатҳо дорои ихтиёроти машрута дар баробари мардум посухгӯ мебошад. Давлати машрута, яъне давлати маҳдуд бо абзорҳои ҳуқуқӣ мисли қонун, Қонуни асосӣ (конститутсия), парлумони қавӣ, ҷудоии қувваҳо, адлия, адолати иҷтимоӣ, намояндагӣ, озодӣ ва баробарӣ, дар ҳоле, ки чунин чизе дар давлати Нодирхон вуҷуд надошт. Аммо пас аз тасвиби дуюмин Қонуни асосӣ (конститутсия) таҳти унвони «Усули асосии давлат олияи Афғонистон» дар асри подшоҳии Нодирхон, парлумони дар ду маҷлис, «Шурои миллӣ» ва «Аъён» ба таври расмӣ таъсис шуд [10, с. 54]. Аъзои Маҷлиси Шурои миллӣ интихобӣ аз тарафи мардум, аммо аъзои Маҷлиси аъён таъин ва аз тарафи подшоҳ таъин мешуданд. Давраи кори Шуро се сол буда ва вазоифу салоҳиятҳои он махсусан дар заминаи қонунгузорӣ ва молӣ ба тафсил дар матни усули асосӣ зикр гардидааст. Тибқи ин Қонуни асосӣ як ниҳоди намодин буд, ки тавассути бузургони қабилаҳо ва афроде, ки ба подшоҳ вафодор буданд, пеш бурда мешуд. Ҳамчунин, тибқи маводи ин қонуни асосӣ байни мақомоти иҷроӣ ва қонунгузорӣ ҷудоӣ вуҷуд надошт. Ба ақидаи муаррихон, нахустин Маҷлиси Шурои миллӣ ё парламент ихтиёроти чандоне надошт ва умдатан мавзуоти музокира ва баҳси онҳоро пешниҳодҳои давлат, ташкил медод[10, с. 55]. Марҳилаи дуюми парламентаризм дар замони шуруи салтанати Зоҳиршоҳ кори давраи аввали парламенти давраи Нодирхон дар Афғонистон ба поён расид ва мутобиқи ҳукми моддаи Усулномаи интихобот дар соли 1933 аввалин фармони подшоҳ Зоҳиршоҳ, Афғонистон дар робита ба кори намояндагон марҳилаи дуюми парламентаризм дар Афғонистон дар саросари кишвар содир шуд [7, с. 13]. Тибқи моддаҳои дарҷшудаи соли давраи қонунгузории Маҷлиси намояндагон ба раёсти Абдулаҳадхон ва Маҷлиси Сано ба раёсати Ато Муҳаммадхон дар мавзуоти марбута ва қонунҳо бо намояндагони ҳамон давра анҷоми вазифа намуданд. Баъди кушта шудани Муҳаммад Нодиршоҳ тибқи аҳкоми Усулномаи асосӣ намояндагони давраи аввал ва дигар бузургон ба марказ руҷуъ карданд ва байъати хешро бо Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ки писари бузурги Муҳаммад Нодиршоҳ буд, иброз карданд. Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба манзури ташкили парлумон фармони интихоботро содир намуд, ки бар асоси он интихобот баргузор шуд ва намояндагони интихобии миллат баъд аз тай кардани марҳилаҳои қонунӣ вориди Кобул ва парлумон шуданд[7, с. 14]. Дар асри подшоҳии Муҳаммад Зоҳиршоҳ мароҳили шаклгирииии парламентаризм давраи такомули худро мепаймуд, гоҳе интихоби намояндагон таъинӣ ва гоҳе ҳам интихобӣ буданд, аммо аз интихоботи озоду шаффоф ба шакли усули демократӣ хабаре набуд. Ин ҷо буд, ки ин вазъият ба самти бӯҳронитар ҳаракат мекард, бахусус Афғонистон вориди як даргирии дохилӣ, ки заминаҳои ҳамлаи Шуравиро ба Афғонистон мусоид кард ва даргирию низоъҳои дохилӣ низ шуълавар гардид, аммо давраи сеюм аз ин амр истисно аст, ки дар идома ба ин масоил хоҳем пардохт. Марҳилаи сеюми парламентаризм дар Афғонистон баъд аз роҳандозии интихоботи намоишӣ ва интихоби 101 нафар намояндаи мардум дар давраи Зоҳиршоҳ дар соли 1964 кушоиш ёфт[8, с. 18]. Нахустин иҷлосияи ин давра бо суханронии Зоҳиршоҳ, подшоҳи Афғонистон дар ҳоле, ки ҳайати вазирон ҳозир буданд, ифтитоҳ ва ба кори қонунгузории худ оғоз намуда, ҳайати раисикунандаашонро интихоб намуданд. Кори

қонунгузории давраи сеюми парлумон бо тасвиби муоҳидаҳо, қарордодҳои арсаҳои мухталиф, мувофиқатномаҳо, усулномаҳо ва лоиҳа ба поён расид. Ҳамчунин, ин аср дар таърихи Афғонистон ба унвони даҳаи демократия ё «даҳаи Қонуни асосӣ» шинохта мешавад[8, с. 19]. Тибқи Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и соли 1964 Шуро дорои ду маҷлис ё ду утоқ, Вулуси ҷирга (Маҷлиси намояндагон) ва Мишрона ҷирга (Маҷлиси бузургон) буд, ки аъзои Вулуси ҷирга тавассути интихоботи озод, умумӣ, ва мустақим аз тарафи мардуми Афғонистон барои 4-сол интихоб мешуданд ва аъзои Мишрона ҷирга 1/3 аз тарафи подшоҳ аз миёни рӯҳониён ва шахсиятҳои шинохташуда барои 5-сол таъин мешуданд. 1/3 дигари ин ашхос аз Ҷиргаҳои вилоятӣ барои муддати 3-сол ва 1/3 охирӣ аз сокинони вилоятҳо аз тариқи интихоботи мустақим интихоб мешуданд. Дар ин давра барои нахустин бор дар соли 1964 илова бар Шурои миллии муқтадир, тақсими қувваҳои сегона низ ба вуҷуд омад. Интихоботи парлумонии ин давра дар соли 1965 баргузор шуд, ки аз назари демократӣ будан то он замон дар Афғонистон собиқа надошт. Бар асоси тақсимоти идории ҷадид, тайи ин

вориди Маҷлиси намояндагон шуданд. Ин нахустин бор буд, ки намояндагони мардум аз манотиқи мухталиф ва бо забонҳо, қавмиятҳо, мазҳабҳо ва фарҳангҳои мухталиф ба шакли мустақил бо ҳам дар саҳни як Маҷлис гирди ҳам ҷамъ шуда буданд. Муҳаммад Сиддиқ Фарҳанг, узви давраи 12-уми Шурои миллӣ мегӯяд: «Интихоботи 1344 (1965) озодтарин ва мунсифонатарин интихобот дар таърихи Афғонистон буд. Низоми интихоботӣ, Шурои миллии низоми интихоботӣ аксарият содда буд ва тибқи ин низом кандидҳое (номзадҳое), ки дар ҳавзаҳои интихоботии худ бештарин раъйҳоро ба даст оваранд, пирӯз интихоб мешаванд [8, с. 20]. Дар ин давра метавон раванду мароҳили шаклгирии парламентаризм ба беҳтарин шакли он модерн гардида ва тавонист ҳадди ақал якчанд усули демократиро тамсил намояд.

Марҳилаи чаҳоруми парламентаризм бо эъломи масири муайяни масъалаҳои умумӣ дар кишвар ва падид омадани шароити муносиб барои эҷоди давлати эътилофӣ дар соли 1987, Луйя ҷиргаи Ҷумҳурии Афғонистон баргузор ва илова бар ҳаллу фаслҳои анҷомшуда аст, Қонуни асосии низоми ҷумҳурият низ мавриди тасвиб қарор гирифт. Қонуни асосӣ дар фасили 6 аз Шурои миллии Ҷумҳурии Афғонистон баҳс намуда ва Шурои миллиро олитарин ниҳоди қонунгузории Ҷумҳурии Афғонистон номид, ки аз ду Маҷлис бо номҳои Вулуси ҷирга (Маҷлиси намояндагон) ва Маҷлиси сано ташкил гардида буд [6, с. 22]. Мутобиқи Қонуни асосӣ, намояндагони Вулси ҷирга аз тариқи ҳавзаҳои интихоботӣ бар асоси теъдоди баробари аҳолии ҳар вилоят барои як давраи қонунии 5-сола интихоб мешуданд, аъзои Маҷлиси сано (сенаторҳо) ба ин тартиб интихоб ва таъин мегардиданд. Аз ҳар вилоят ва воҳидҳои баробари он ду нафар барои муддати 5-сол тавассути раъйи мардум интихоб мешуданд, аз ҷумла аъзои Шурои ҳар вилоят ва баробари он ду нафар барои муддати 3-сол тавассути аъзои Шурои марбута, як сеюми боқимондаи он аз ҷумла афроди огоҳ, донишманд, муътабар ва бошахсияти миллӣ ва мардумӣ барои муддати 4-сол тавассути Раиси Ҷумҳур таъин мешуданд. Сохтори ташкилотии парлумон (Шурои миллӣ)-и Афғонистон дар марҳилаи чоруми фаъолияти он таврест, ки Вулуси ҷирга аз ҷумлаи аъзои худ барои тамоми давраи қонунӣ дар аввалин ҷаласа ҳайати идории худро ба тартиб Раиси маҷлис, ду муовин ва ду муншӣ интихоб мекунанд. Маҷлиси Сано аз ҷумлаи аъзои худ ҳайати идориро ба таркиби Раис барои муддати 5-сол, ду муовин ва ду мунширо барои як сол интихоб менамуданд. Раисони Шурои миллӣ, роҳбарӣ ва таъмини назми ҷаласоти марбутаро ба уҳда доштанд, дар ғайби раисон вазифаҳои онҳоро яке аз муовинони он анҷом медод, ҳамчунон ҷаласаи оддии Шурои миллӣ солона ду бор дар ҳафта баргузор мегардид. Ҷаласаи фавқулоддаи Шурои миллӣ бар асоси тасмими Раиси Ҷумҳур, дархости раиси ҳар як аз маҷлисҳо ва ё бо тақозои аз панҷ як ҳиссаи аъзои ҳар Маҷлис баргузор шуда метавонист. Тибқи қонун ҳар ду Маҷлиси Шурои миллӣ салоҳият доштанд, ки ба сурати ҷудогона ё муштарак ташкили ҷаласа диҳанд ва ҷаласаҳои муштарак аз тарафи Раисони ҳарду Маҷлис ба тартиб раҳбарӣ мегардид. Ифтитоҳ ва хатми ҷаласоти Шурои миллӣ тавассути Раиси Ҷумҳур сурат мегирифт, тибқи қонун аввалин Иҷлосияи давраи қонунгузории Шурои миллӣ ба василаи Раиси Ҷумҳур тайи муддати 30 рӯз баъд аз хатми интихоботи Вулуси Ҷирга даъват мегардид ва барои ташкили Маҷлисҳо ҳузури аз се ду ҳиссаи аъзо шарт буд ва тасмимот бо аксарияти раъйҳои маҷмуи аъзои он гирифта мешуданд. Тибқи қонуни ин давра, тамоми ҷаласоти парлумон ё Шурои миллӣ ошкоро буд, магар ин ки Маҷлис ба сиррӣ будани он тасмим бигирад, ҷараёни баҳс дар ҳар ду Маҷлис дар ҳар сурат сабт мегардид [6,

с. 23]. Яъне, ин давра парламентаризм як қисмати зиёде аз шохаҳои парламондориро риоят ва тибқи усул пеш мерафтанд ва қадамҳои асосӣ ҷиҳати шаклгирӣ ва парламентаризми модерн бардошта шавад. Иҷрои қонунгузорӣ марҳилаи панҷуми парламентаризм ва Шурои миллӣ бо теъдоди 111 нафар намояндаи ба истилоҳ интихоби мардум тайи суханронии Зоҳиршоҳ дар Қасри «Саломхона» кушоиш ёфт[2, с. 32]. Иҷрои қонунгузории Маҷлиси намояндагон дар давраи панҷум масъалаҳои буҷавӣ буд. Тавозуни буҷаи умумӣ ва масрафҳо, танзими буҷаи вазоратхонаҳо ва дигар идораҳо, қарзҳои Вазорати молия ва «Де Афғонистон бонк» («Бонки марказии Афғонистон») бештар шуданд. Маоши кормандони мулкӣ ва низомӣ, бастани аҳдномаҳои байналмилалӣ, тасвиби усулномаҳо ва замимаҳо, аз муҳимтарин фаъолиятҳои ин марҳилаи парлумон буд. Дар ин давра парламентаризм шакли модернтаре ба худ гирифт.

Марҳилаи шашуми парламентаризм дар Афғонистон бо тасаллути комил, ба кори қонунгузории худ оғоз намуд. Мутобиқ ба лоиҳаи интихобот ва тибқи моддаҳои дарҷшуда дар Усулномаи асосии Давлати Афғонистон ба теъдоди 109 намояндаи интихобӣ аз саросари кишвар дар давраи 6-уми Парлумони Афғонистон ширкат намуданд. Оғози давраи 6-уми парламентаризм баробар бо хатми Ҷанги ҷаҳонии 2-юм ва сар задани чанд рӯйдодҳои сиёсӣ дар саҳнаи сиёсати байналмилалӣ, ки бо талоши сулҳхоҳона роҳро ба сӯйи ояндаи сулҳомез барои ҷаҳониён кушод. Тирандозӣ ва ғурриши бомбафканҳо поён ёфт ва заминаи рафъи оқибмондагиҳои иқтисодӣ, инкишофи фарҳангӣ ва рушди зеҳнии кишварҳо муҳайё гардид. Дар ин марҳила парламентаризми Афғонистон Абдулаҳадхон баъд аз 15 сол аз Раёсати Шуро канор рафт ва ба ҷойи ӯ Султон Аҳмадхон таъйин гардид, ки сабаби эҷоди тағйирот дар шеваи классикӣ ва анъанавии кори парламентаризм гардид, ки барои нахустин бор анҷуманҳои сегона ҷиҳати баррасӣ ва идомаи корҳо дар Шурои миллӣ ба миён омад. Дар ин давра корҳои арзишманде сурат гирифт ва ёдоварӣ кардани ҳамаи онҳо дар ин мақола намеғунҷад.

Давраи 7-уми парламентаризм дар Афғонистон пур аз таҳаввулоти амиқи иҷтимоӣ-сиёсӣ буд. Дар ин давра ҷунбишҳои равшанфикрӣ эҷод гардид, ҳизбу ҷараёнҳои сиёсии «Ҷавонони бедор», «Ватан», «Халқ» ба вуҷуд омад, мубориза дар роҳи таъмини демократия ва ҳуқуқи мардум оғоз гардид. Намояндагони «Ҷавонони бедор» дар парлумон аз тариқи интихобот роҳ ёфтанд, нашрияҳое таҳти номи «Ангори ватан», «Ватан», «Нидои халқ» ба нашр супурда шуданд ва амалан мубориზоти равшанфикрӣ дар дохили парлумон оғоз гардид. Ҷиноҳи намояндагони равшанфикр ва радикал ин давраро дар парламентаризм татбиқи бисёре аз принсипҳои демократӣ, ислоҳ ва такмили Қонуни асосӣ (Конститутсия), эҷоди қонуни нави интихоботи демократии парлумон, ҷудосозии қувваҳои сегонаи давлат (мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ), ташкили ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ, рушди озодии матбуот, манъи инҳисороти бонкӣ, эҷоди бонки кишоварзӣ ва кооперативи «Ширкати таовунӣ»-и деҳқонӣ ва рушди истеҳсолот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дар фарҷом аз байн бурдани бартариталабиҳо ва имтиёзоти ғайриқонунӣ ва татбиқи принсипҳои бародарӣ ташкил медод. Фаъолиятҳои сиёсии ин намояндагон, гомҳои амалӣ ҷиҳати татбиқи демократия, бахусус эҷоди қонуни матбуот, давлатро водор кард то дар заминаи ҷудосозии қувваҳои сегонаи давлат ва табдили парлумони машваратӣ ба як органи воқеии қонунгузорӣ тасмим бигирад. Ин иқдомот ва фаъолиятҳои чанде аз намояндагони миллат дар давраи 7-уми парлумон дар таърихи Афғонистон дорои аҳамият буда, қадамҳои муассиртар ва арзандае дар раванди бедории парлумон дар охирҳои нимаи аввали қарни XX ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, тағйирот дар ҳайати парламент низ ба вуҷуд омад. Тавре ки дар ин давра бар асоси тасвиботи давраи 6-уми парлумон ба теъдоди намояндагони мардум дар парлумон афзоиш ба амал омад ва дар ҳудуди 166 намоянда аз саросари кишвар дар давраи 7-ум вориди парлумон гардиданд. Давраи 7-уми парлумон ҳамон тавре, ки баёнкунандаи афкору андешаи равшанфикрон ҷиҳати рафъи нобасомониҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа буд, ҳамон гуна қадамҳое ба сӯйи демократизатсия сохтани умури иҷтимоии ҷомеа бардошт ва дар ҳақиқат парлумонро аз набуди равшанфикрон ва машваратӣ раҳонид ва ба он моҳияти тасмимгирӣ ва қонунгузорӣ дод ва бо дарки ҳадафҳо ва ба манзури расидагии беҳтар ба умури ҳаётии ҷомеа дар ин давра, комиссияҳои зерин дар ташкили парлумон ба миён омаданд: Анҷумани дифои миллӣ, Анҷумани мухобирот, Анҷумани умури хориҷа, Анҷумани муодилин, Анҷумани тадвин ва таҳқиқи қонунҳо, Анҷумани сарҳадот, Анҷумани

маориф ва омӯзишу парвариш, Анҷумани сиҳҳат, Анҷумани афоиди омма, Анҷумани матбуот, Анҷумани дохила ва билдия, Анҷумни иқтисод, Анҷумани идорӣ ва Анҷумани самъи шикоятҳо. Дар воқеъ ин давраро метавон заминасози як парламентаризми модерн дар Афғонистон номид.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар соли сеюми давраи 8-уми парлумон нақши муҳиму асосӣ дар раванди бедории миллат ва таҳарруки шуури сиёсии мардум ворид намуданд. Роҳбарони ҷунбишҳо ва ҳизбҳо тағйироти калидиро дар дастгоҳи давлатӣ дар барномаи худ инъикос мекарданд. Бунёдгузорони ҳизбҳо вазифаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худро дар нашри Қонуни асосӣ ва демократияи ба вуҷудомада аз афкори умумии мардум медонистанд. Дар паҳлӯи созмонҳои тундрав ва радикал, созмонҳо ва ҷамъиятҳои муътадилу миёнарав ва мазҳабӣ низ ба вуҷуд омаданд. Чунонки дар сафҳои яке аз ин гурӯҳҳо теъдоде аз соҳибмансабон, коргарони поинрутба, намояндагони режими мутлақият ва ҳатто таъсиси Хилофати исломӣ дар Афғонистон буд. Ба ҳамин тартиб, ҷараёнҳои мухталифи буржуазӣ, бавижа аз табақаи миёна дар ҷабҳаи мухолифи давлат қарор гирифтанд, ки зери номи «Клуби миллӣ» таҳти раёсати Сардор Довуд, писарамаки Шоҳ буд ва буҷаи ин Клуб аз тарафи Маҷидхони Зобулӣ, вазири иқтисод таъмин мешуд. Ҳадафи асосии ин гурӯҳҳо заиф кардани ҳукумати Шоҳ Маҳмудхони садри аъзам ва расидани Довудхон ба мақоми садорат буд, ки вай натавонист ба он ноил гардад. Пас аз ин давра, парламентаризм сайри нузулӣ мегирад.

Оғози кори давраи 9-уми парлумон ҳамзамон бо таҳаввулоти муҳим дар бахшҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишвар буд, ки ин амр эҷод менамуд то парлумон ба ҳайси яке аз маҳимтарин органҳои машваратии давлат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ давлатро ёрӣ расонад, зеро ҳамкории мардум дар корҳои давлатӣ ягона роҳи муваффақият ва ноил шудан ба мушкилоти умумии ҷомеа мебошад[8, с. 17]. Маҷлиси умумӣ ё Парлумон дар нахустин ҷаласаи худ раис, муовинон ва муншиҳои Парлумонро аз байни аъзои хеш интихоб намуданд. Барои давраи 9-уми парламентаризм ба теъдоди 173 намоянда, интихобии мардум мутобиқи аҳкоми усули асосӣ ва моддаҳои лоиҳаи интихоботи парлумонӣ ба амал омад. Давраи 9-уми парлумон бо дарназардошти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ва мушовара дар умури кишвардорӣ, ба манзури ҳалли мушкилоти мавҷуда, иқдомоти зерин ба амал омад: тасвиби маоши намояндагони Парлумон, тасвиб ва эҷоди комиссияҳои ҳаштгона ва тасвиби қарордоди барномаи кори гази вилояти Сарипул байни Вазорати маъдан ва Шветсия, тасвиби аҳдномаи вафодорӣ байни Ҳукумати Афғонистон ва Индонезия ва тасвиби мувофиқатномаи тиҷоратӣ байни Афғонистон ва Ҷумҳурии Чин аст [8, с. 18].

Давраи 10-уми парламент кори худро ҳамзамон бо сар задани таҳаввулоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар оғоз намуд. Иқдомоти давлат дар робита ба таҳаввулоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шароити он рӯзи ҷомеа ба вокунишҳои мухталифи қишрҳои гуногуни ҷомеа рубарӯ гардид. Дар ҳар ҳол, сиёсати иқтисодии давлат бо тарҳрезии планҳои 5-солаи инкишофи иқтисодӣ таҳаввулотеро дар соҳаҳои иқтисодӣ ва масоили иҷтимоии кишвар ворид намуд ва як теъдод пружаҳои саноатӣ таъсис гардиданд. Ҷаласаи умумии парлумон ташкили ҷаласа дод ва ба манзури умури қонунгузорӣ, комиссяҳои зиёдеро тасвиб намуд. Ин марҳила низ ба шакли нисбии парламентаризм шакл гирифт ва марҳилаи модернизатсияи худро сипарӣ кард.

Оғози давраи 11-уми парлумон ҳамзамон бо буруз кардани ҳодисаҳои ногувори сиёсӣ ва иқтисодӣ дар кишвар буд. Сиёсати бетарафии Афғонистон дар арсаи сиёсати байналмилалӣ хусусияти империалистӣ дошт ва муқобили сиёсат кишварҳои инҳисорӣ дар Осиё буд ва аз тарафи давлатҳои Осиёи ғарбӣ сахт мавриди таҳдид қарор дошт [9, с. 73]. То ҷое, ки матбуот ва расонаҳои гурӯҳии ин кишварҳо равобити сиёсии Афғонистон ва Иттиҳоди Шуравиро мавриди танқид қарор медоданд ва онро ба истилоҳ хатаре барои ҳамла ба Ҳинд таблиғ менамуданд, ки яке аз омилҳои муҳими фишор бар Афғонистон буд то битавонанд ин кишварро дар чорчӯби сиёсатҳои таҷовузкоронаи хеш дар бахшҳои низомӣ шомил созанд, ки ин таблиғот сабаби вайронии муносибатҳои сиёсии Афғонистон ва Покистон гардид. Роҳҳои транзити тиҷоратӣ ба сӯйи Афғонистон баста шуд, ки бо мақсади ҳалли ин мушкилот муоҳидаи тиҷоратӣ бо кишвари Эрон баста шуд. Ин тағйирот ва таҳаввулоти иқтисодӣ ва сиёсӣ нақши муҳимро дар равобити иҷтимоии ҷомеа бозӣ намуд. Фаъолиятҳои иқтисодии ҳукумати Сардор Довуд, ки бештар ба нафъи неруҳои буржуазӣ ва хурдабуржуазӣ буд, ба нафъи заҳматкашон ва қишрҳои пойини ҷомеа тамом нашуд ва ҳеҷ

навъ тағйироти мусбат дар вазъияти иҷтимоии ҷомеа ба амал наомад. Маҳдудияти сиёсати дохилии ҳукумати Довудхон якҷо бо заъфи ӯ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба мустаҳкам шудани режим, ҷараёнҳои сиёсӣ, ки муҳтавои мардумӣ дошт, иқдоме ба амал наомад. Дар натиҷа, ҷамъ шудани ин омилҳо сабаб гардид то ҳукумати Довудхон истеъфо диҳад ва кобинаи раёсти Муҳаммад Юсуф ташкил гардад. Дар ин давра, парламентаризм дар системаи идораи давлатӣ ва тақсимоти мулкии кишвар тағйироти ҷиддӣ омад ва Афғонистон ба 28 вилоят тақсим гардид, ки қадами муассире буд ҷиҳати рафъи мушкилоти мардум аз назари идорӣ. Ҳамчунин, бо имзои Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и соли 1964, ки сеюмин Қонуни асосӣ дар таърихи Афғонистон буд, марҳилаи кори қонунгузории давраи 11-уми Парлумон низ поён ёфт[3, с. 74-75]. То қабл аз давраи 12-ум аксари нависандагон ва пажӯҳишгарони Афғонистон бар ин назаранд, ки парламентаризм ба шакли назарӣ буда ва ба лиҳози демократӣ будан зери савол аст[7, с. 32]. Барои ҳамин, нахустин интихоботи парлумониро дар «Даҳаи демократӣ» соли 1965 медонанд, ки баргузор шуд ва ба лиҳози демократӣ будан то он замон дар Афғонистон собиқа надоштааст. Дар ин давра аст, ки ақвоми мухталиф аз манотиқи гуногуни Афғонистон дар парлумон ҳузур меёбанд. Аз назари Муҳаммад Сиддиқ Фарҳанг, узви давраи 12-уми Парлумон ва таърихнависи шаҳири Афғонистон, интихоботи соли 1965 озодтарин ва мунсифонатарин интихоботи парлумон дар таърихи Афғонистон будааст ва парламентаризм дар ин давра шакл гирифтааст. Қонуни асосии соли 1964 парлумонро то ҳудуде аз ҳуқуқи ширкат варзидан дар умури ташкили ҳукумат ва контроли фаъолияти он бархӯрдор сохта буд ва аъзои Парлумон метавонистанд аъзои ҳукумат, яъне нахуствазир ва вазиронро бозхост намоянд. Тарҳ ва тасвиби Қонуни асосии ҷадиди соли 1964, рӯйдоди муҳимме дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми Афғонистон буд. Эъломи ҳуқуқу озодиҳо ва маҳдуд кардани ҳуқуқи аҳли дарбор, тавсеаи заминаи фаъолиятҳои парлумонӣ, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ дар чорчӯби қонун, маҳдуд сохтани неруҳои мазҳабӣ ва баъзе таҳаввулоти дигар сабаби зиёд шудани ҷараёнҳо ва ҷунбишҳои мухталифи сиёсӣ, аз ҷумла ҷараёнҳои демократӣ гардид ва нисбат ба гузашта аз назари сиёсӣ ва ташкилотӣ тавсеа ёфт. Дар ин давра усули вазоифи дохилии парлумон, ки дар рӯзномаи расмӣ дар соли 1966 ба нашр расид, шомили 10 фасл ва 58 модда буд. Дар ин давра ҷаласоти парлумон аз тариқи радио ба нашр мерасид, зеро то ҳанӯз то он замон дар кишвар телевизион вуҷуд надошт. Ҳамчунин, дар ин давра комиссиюнҳои парлумонӣ ба 15 Анҷуман бештар гардиданд[5, с. 33-34]. Дар соли 1973 Муҳаммад Довудхон бо тавассул ба кудатои низомии сард, Зоҳиршоҳ писари бародарашро аз салтанат барканор кард ва барои аввалин бор низоми Ҷумҳуриро дар давраи 13-ум бино ниҳод [1, с. 89]. Бо кудатои Довудхон, нахустин Раиси Ҷумҳурии Афғонистон ва ташкили ҳукумати ҷадид, парлумон мунҳал (бекор) шуд. Ҳарчанд дар Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и соли 1977 Шурои миллии якмаҷлисӣ дар назар гирифта шуда буд, аммо ин қонун иҷроӣ нашуд. Ба ин тартиб, ҳукуматҳо дар Афғонистон ҳатто пас аз кудатое, ки сабаби қатли Довудхон шуд низ то замони Раёсати Ҷумҳурии доктор Наҷибуллоҳ барои муддати 14 сол бидуни парлумон буданд. Ин давра як давраи ҷанҷолангез байни миллат ва ҳукумат буд, ки нахуст бо интисоб ва таъйини Умар Вардак ба ҳайси Раиси парлумон ва омадани баъзе унсурҳои озодихоҳ ба Шуро ба ҳайси намоянда аз ҳамон оғози давраи намудорӣ аз як хафагиро пешбинӣ мекард. Давраи 13-уми парлумон охирин давра ба ҳисоб меояд, ки дар ин давра бӯҳронҳои амиқ дар арсаҳои мухталиф эҷод гардид, ки дар натиҷаи бесуботии сиёсӣ байни давлат ва парлумон, нахуствазирони шоҳӣ натавонистанд вазъиятро контрол намоянд, ки дар натиҷа яке баъд аз дигаре табдил гардида ва вазъият беш аз пеш бӯҳронитар мешуд. Саранҷом давраи 13-ум ба истиснои як теъдоди маҳдуди намояндагони равшанфикр ва андешамандон, дар ҳақиқат ба мошини раъйдиҳӣ ва тасдиқгузорӣ барои амалҳои зиддимиллӣ ва ба як дастгоҳи тороҷгару ғоратгар аз хазинаи байтулмол табдил гардида буд[4, с. 90-91].

Дар марҳилаи 14-уми парламентаризм доктор Наҷибуллоҳ дар соли 1986 Раиси Ҳукумати Афғонистон шуд ва ҷонишини Бабрак Кормал гардид. Доктор Наҷибуллоҳ, Раиси Ҷумҳури Афғонистон пас аз 14 соли холигии мақоми қонунгузорӣ дар Афғонистон, парлумони наверо дар соли 1988 эҷод кард. Камбудии куллии парлумони замони доктор Наҷибуллоҳ ин буд, ки он парлумон бештар иборат аз аъзо ва афроди вобаста ба Ҳизби демократии халқи Афғонистон буд. Ин парлумон то соли 1992 то замони фурӯпошии низом

ба роҳбарии доктор Наҷибуллоҳ идома дошт. Ин марҳила яке аз муҳимтарин давраҳои шаклгирии парламентаризми модерн аст.

Дар марҳилаи 15-уми парламентаризм дар соли 1992 доктор Наҷибуллоҳ тасмим ба канорагирӣ аз қудрат гирифт. Муҷоҳидин дар 28 апрели ҳамин сол вориди пойтахт шуданд. Ҷангҳои дохилӣ, ки шерозаи ҳукуматдориро дарҳам рехта буд, дар ниҳоят боис шуд, ки баъд аз фурӯпошии ҳукумати Наҷибуллоҳ, аз соли 1992 то соли 2005 ё то чанд сол пас аз суқути Толибон барои 14 сол Афғонистон бе мақоми қонунгузорӣ ё парламентаризм бошад. Ин давра яке аз ториктарин давраҳо дар шакл нагирифтани марҳилаҳои парламентаризми модерн аст, ки наметавон аз ин марҳила ба некӣ ёд кард.

Марҳилаи 16-уми парламентаризм пас аз суқути Толибон дар соли 2001 ва тасвиби Қонуни асосии ҷадид дар соли 2004 раъй бар ин шуд то Афғонистон дорои парлумони дума҆ҷлисӣ ва демократӣ бошад [9, с. 103]. Дар соли 2005 давраи 15-уми парлумонӣ, барои муддати 5-сол оғоз ба кор кард. Баъдан, давраи 16-уми Маҷлиси намояндагон дар соли 2009 рӯйи кор омад, ки ба далели нотавонии Ҳукумат дар баргузории интихоб 8 сол давом кард. Баҳс дар мавриди дастовардҳои ин давра дар ғунҷоиши ин мақола нест.

Ҳамин тавр, парламентаризм ба дастгоҳе гуфта мешавад, ки кори махсуси он вазъ кардани қонунҳо ё қоидаҳои куллӣ ва иҷрой кардани онҳо аст. Мумкин шакли ин парламентаризм аз як ё ду Маҷлис ташкил шуда бошад. Решаҳои парламентаризм дар Афғонистон ба давраи Нодирхон дар оғози соли 1931 бармегардад, вале идеяи асосии як парламентаризми миллӣ ва мустақил яке аз хостаҳо асосии ҷунбиши машрутахоҳони аввал ва дуюм, ба вижа Қонуни асосии машрутаи соли 1964 бармегардад, ки дар он маҳдудсозии қудрати беҳадди подшоҳ ва шиносоии ҳуқуқу озодии асосии мардум аз муҳимтарини онҳо ба шумор меояд. Ҷонишини Шоҳ Амонуллохон-Нодиршоҳ муътақид буд, ки парлумони миллӣ бояд эҷод шавад ва ташкили он набояд ба таъхир биафтад, аммо мисли Шоҳамонуллохон дар баробари ниҳодҳо ва абзорҳои ҳуқуқӣ, ки қудраташонро маҳдуд месохт, истодаанд ва ин инҳисори қудрат раванди тавсеаи парламентаризмро дар ин кишвар кунд сохт. Бинобар ин, баррасии фарояндаи шаклгирӣ ва сайри таърихии парламентаризм дар Афғонистон нишон дод, ки ин раванд фарозу нишебҳои зиёде дар тӯли 100 соли ахир доштааст. Аммо таҷрибаи таърихии Афғонистон бо демократияи парлумонии кӯтоҳмуддат буда ва ба далели набудани аҳзоби сиёсии қавӣ, поин будани мизони мушорикат дар интихобот, набудани шаффофияту озодӣ дар равандҳои демократӣ, бесаводии намояндагони интихобнамудаи мардум ва набудани таҳлили дуруст аз воқеияти дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ, сатҳи поини тавсеа, набудани робитаи созанда миёни ду мақоми қонунгузорӣ ва иҷроия, набудани назорати дурусти иқдомоти давлат, рафторҳои манфӣ ва ҷубронии қувваи иҷроияи дар муқобили иқдомоти парлумон, худкомагии салтанатии хонаводагии қудрат ва бефарҳангию сатҳи поини саводи умуми ҷомеа, аз муҳимтарин омилҳое будааст, ки тавсеаи парламентаризм дар ин кишвар ба сурати хиҷолатовар ба тасвиби қонунҳо таназзул ёфта ва ба соддагии тасмими намояндагони нақз гардида ва парламентаризм дар Афғонистон шакл нагирифта ва муҳимтарин далоил барои шикасти демократияи парлумонӣ дар ин кишвар мебошад. Бинобар ин, ҷанбаҳои назарӣ ва фароянди шаклгирии парламентаризм дар Афғонистон низ заиф арзёбӣ мегардад.

***Адабиёт***


1. Абдулҳай Ғаффор Чолиши парлумон ва дастгоҳи салтанат дар Англистони нимаи дуюми асри XVII, пойнномаи коршиносии аршад, риштаи таърих, 1384.
2. Вазорати адлияи Афғонистон. Усули асосии давлат олияи Афғонистон, 1310
3. Зеварӣ, Акбарӣ Афғонистон ва парлумон / Акбарӣ Зеварӣ. -Кобул: Конуни мутолиот ва пажӯҳишҳои Афғонистон - Лондон
4. Илёсӣ, Муҳаммадқосим Ҳуқуқи асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон, чопи аввал. / Муҳаммадқосим Илёсӣ. - Кобул, интишороти «Амирӣ», 1395.
5. Муҳаммадӣ, Абдуалӣ Ҳуқуқи асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон, чопи дуюм / Абдуалӣ Муҳаммадӣ. –Кобул: нашрияи «Вожа», 1395.
6. Ҳазратӣ, Ҳасан Тӯлобӣ, Тӯрон. Алӣ Саовӣ ва андешаи парламентаризм дар Императории Усмонӣ. Пажуҳишномаи таърихи ислом //Фаслномаи Анҷумани эронии «Таърихи ислом»), (4)1, 49-71. 2012.

7. Файзӣ, Савобгул Таҳил ва осебшиносии низоми интихоботии Вулуси Ҷиргаи Афғонистон. Поённомаи коршиносии аршад, гурӯҳи ҳуқуқи умумӣ, Донишгоҳи Қум, 1398.
8. Фозилӣ, Ходимҳусейн Низоми сиёсии Афғонистон ва таомули қувои сегона. //Маърифат. соли 16, –1386.–№115.
9. Шарифӣ, Фарид Баррасии парлумон ва сайри таърихии он дар Афғонистон. Поённомаи коршиносии аршад, гурӯҳи ҳуқуқи умумӣ. Донишгоҳи Буалӣ Сино, 1399.
10. Яъқубӣ, Абдураззоқ Баррасии нақши амалкарди парлумон дар сохтори сиёсии Афғонистон пас аз Толибон. Поённомаи коршиносии аршад, гурӯҳи улуми сиёсӣ, Донишгоҳи Исфаҳон, 1392

## МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМ ДАР АФҒОНИСТОН

Дар мақола марҳилаҳои таъсис ва рушди парламентаризм дар Афғонистон мавриди тащлил қарор гирифтааст. Дар мақола, қайд гардидааст, ки нахустин парламент дар ин кишвар дар соли 1931, дар замони Нодиршоҳ эҷод ва ифтитоҳ гардид, ки аъзои он аз миёни иштироккунандагони Луйя Ҷирга ё Маҷлиси бузург аз саросари кишвар интихоб шуда буданд. Аз он замон то кунун Афғонистон порлмонҳои зиёдеро таҷриба карда ва тасмими муҳимме низ дар баъзе аз ин маҷлисҳо аз сӯйи намояндагони мунтахаби мардум гирифта шудааст ва дар соли 2021, яъне қабл аз суқути ҷумҳурият ба дасти Толибон, парлумони ин кишвар 17-умин давраи худро то қабл аз таърихи 15 августи соли 2021 таҷриба кард.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, парламент, демократияи парлумонӣ, Маҷлиси Бузург, Луйя Ҷирга, қонунгузорӣ, Довудхон

## ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ПАРЛАМЕНТАРИЗМА В АФГАНИСИАНЕ

Данная статья посвящена анализу этапов становления и развития парламентаризма в Афганистане. В статье отмечается, что первый парламент страны был создан и открыт в 1931 году во времена правления Надиршаха. Его члены избирались из числа участников Лойя Джирги, или Большого собрания, со всей страны. С тех пор Афганистан пережил множество парламентов, и в некоторых из них были приняты важные решения избранными представителями народа. В 2021 году, незадолго до падения республики в руки талибов, парламент страны завершил свой семнадцатый созыв.

Ключевые слова: Афганистан, парламент, парламентская демократия, Великая ассамблея, Луя джирга, законодательство, Давуд Хан.

## KEY STAGES IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF PARLIAMENTARISM IN AFGHANISTAN

This article is dedicated to analyzing the stages of formation and development of parliamentarism in Afghanistan. The article notes that the country's first parliament was established and opened in 1931 during the reign of Nadir Shah. Its members were elected from among the participants of the Loya Jirga, or Grand Assembly, from all over the country. Since then, Afghanistan has experienced numerous parliaments, and in some of them, important decisions were made by elected representatives of the people. In 2021, shortly before the fall of the republic to the Taliban, the country's parliament completed its seventeenth convocation.

Keywords: Afghanistan, parliament, parliamentary democracy, Grand Assembly, Loya Jirga, legislation, Daoud Khan.

**Дар бораи муаллиф**
Фазл Аҳмад Маънавӣ
докторант PHd-кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 110 99 99 88.
E-mail: mfaze1ahmad@gmail.com

**Об авторе**
Фазл Ахмад Манави
докторант PHd кафедры политологии.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 110 99 99 88.
E-mail: mfaze1ahmad@gmail.com

**About the author**
Fazl Ahmad Manavi
is a PHd doctoral student at the
Department of Political Science.
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 110 99 99 88.
Email: mfaze1ahmad@gmail.com

ТДУ 329.734(1-925.3)

# СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ ЯГОНАИ АМАЛ ДАР ИН САМТ

***Мирзоев С. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар пайи мушкилоти экологӣ мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ нуҳуфтаанд, ки ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва монеаи ҷиддӣ дар роҳи таъмини рушди устувори давлат маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин, имрӯз аз роҳу воситаҳо ва чораҳои гуногун ҷиҳати ҳалли масоили экологӣ дар минтақа рӯйи кор гирифта мешавад. Маълум аст, ки барои бартарафсозии дилхоҳ мушкилот ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ заминаҳои гуногун истифода карда мешаванд. Яке аз чунин заминаҳо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии сатҳҳои гуногун мебошад. Дар минтақаи Осиёи Миёна дар баробари амалкарди санадҳои меъёрию ҳуқуқии минтақавии экологӣ, инчунин санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқии дохилидавлатӣ низ амал мекунанд, ки онҳо асоси сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро ташкил менамоянд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии нишонаи мавҷудияти заминаи муосири қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи табиат ва муҳити зист дар минтақа мебошад. Аммо новобаста аз он, тавре мушоҳида мегардад, масоили экологии минтақа ҳам дар сатҳи миллию дохилидавлатӣ ва ҳам сатҳи минтақавӣ рӯ ба инкишоф дорад. Ин ҳолат инъикосгари дар рӯйи қоғаз боқӣ мондани талаботҳои қонунгузории кишварҳои минтақа дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зист мебошад.

Барои далел сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақаро бо заминаҳои қонунгузории соҳаи экология ва ҳолати воқеии экологии кишварҳои минтақа ба таври муқоисавӣ таҳлилу баррасӣ мекунем.

Сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Миёна ба ҳам алоқаманд буда, аз мушкилоти ягонаи экологии миллӣ сарчашма мегирад. Имрӯз таҳияи сиёсати минтақавии экологӣ бе омӯзиши сиёсати миллии экологии ҳар як кишвари минтақа дар алоҳидагӣ ва ба инобат гирифтани зарфиятҳои хосаи онҳо ғайриимкон мебошад. Бо дарназардошти ин, мо таҳлили мушкилиҳо ва сиёсати экологии ҳар як давлати минтақаро дар алоҳидагӣ зарур мешуморем. Имрӯзҳо давлатҳои минтақа дар баробари доштани мушкилоти ягонаи минтақавии экологӣ, ҳамзамон дорои як қатор мушкилиҳои экологии дохилидавлатӣ низ мебошанд.

Бо ворид шудан ба асри нав, Ҷумҳурии Қазоқистон, мисли аксари давлатҳо, ба мушкилоти ҷиддии экологӣ дучор гардид ва ҳоло ҳалли онҳо ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Дар барномаи ҳуҷҷатии "Стратегия - 2030" - и Ҷумҳурии Қазоқистон "беҳтар намудани ғизо, муҳити тоза ва экология" яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии ин давлат мебошад[3, с. 15]. Мувофиқи рейтинги ҷаҳонии экологӣ, Қазоқистон дар минтақаҳои офатҳои табиӣ, ки дар он ҷо деградатсияи экологӣ ба ҳадди ниҳоӣ расидааст, берун аз он хатари мустақим ба саломатӣ ва генетикии аҳолӣ, таркиби намудҳои олами набототу ҳайвонот инчунин кам шудани захираҳои табиии барқароршаванда вуҷуд дорад, дохил мебошад.

Оқибатҳои дарозмуддати озмоишҳои ҳастаӣ, ки таъсири он аз насл ба насл мегузаранд, торафт бадтар шуда истодаанд. Дар айни замон, барои барқарор кардани захираҳои ҳаётан муҳим кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешаванд. Дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Қазоқистон вазъияти экологӣ на танҳо номусоид, балки нигаронкунанда аст. Манбаъҳои асосии ифлос кардани муҳити атроф ва таназзули системаҳои табиӣ дар Қазоқистон инҳо маҳсуб меёбанд: саноат, кишоварзӣ, нақлиёти автомобилӣ ва дигар омилҳои антропогенӣ.

Имрӯзҳо, минтақаҳои баҳри Арал ва озмоишгоҳи Семипалатинск ҳамчунон минтақаҳои офатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд, ки дар он ҷо системаҳои табиии экологӣ хароб шуда, олами набот ва ҳайвонот таназзул ёфтааст ва бо сабаби шароити номусоиди муҳити зист ба саломатии аҳолии минтақаҳои зикргардида, ҳамасола таъсири зиёди манфӣ мерасад. Дар ҳудуди Семипалатинск 85 нуқтаи аҳолинишин бо тақрибан 72 ҳазор аҳолӣ ҷойгир мебошад. Бо сабаби вазъи ногувори экологӣ сатҳи баланди гирифторшавӣ ба бемориҳои системаи гардиши хун ва фавт, нуқсонҳо дар байни навзодон ва

пиршавии бармаҳали аҳолӣ дар ин минтақа ба қайд гирифта шудааст. Минтақаи баҳри Арал низ дар чунин вазъи ногувори экологӣ қарор дошта, дар он 178 шаҳраки аҳолинишин бо зиёда аз 186 ҳазор аҳолӣ ҷойгир мебошад. Бо сабаби таъсири манфии ҳолати бади экологӣ ба саломатии аҳолӣ дар ин минтақа низ сатҳи баланди бемориҳои меъдаву рӯда, камхунӣ, хусусан, дар байни занон ва кӯдакон, фавти кӯдакон ва нуқсонҳои модарзод мушоҳида мешавад[9, с. 3].

Яке аз мушкилоти мубрами экологӣ дар марҳилаи кунунӣ вазъи захираҳои об дар Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Дастрасӣ ва ҳолати захираҳои об омили муҳимест, ки ба рушди иқтисодии кишвар таъсири ҳалкунанда мерасонад. Дар айни замон, ҳолати умумӣ ва сифати захираҳои об дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба таври назаррас бад шуда истодааст.

Дар маҷмуъ, масоили умдаи миллии экологии Ҷумҳурии Қазоқистон, асосан, характери минтақавӣ доранд ва аз ҳар ҷиҳат ба фазои минтақавии экологӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Дар баробари Ҷумҳурии Қазоқистон Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дорои мушкилотҳои миллии экологие мебошад, ки фазои маъмурии ин кишварро убур намуда, ба фазои минтақавии экологӣ таъсиргузор мебошанд.

Вазъи экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бениҳоят нигаронкунанда аст. Дар ҳифзи муҳити табиӣ ва ҳалли мушкилоти экологӣ сатҳи фарҳанги экологии тамоми ҷомеа нақши муҳим мебозад. Барои ташаккул ва рушди фарҳанги экологӣ дар байни аҳолӣ, бояд методологияи махсуси таълими экологӣ эҷод карда шавад, ки дар асоси он одамон амалҳои худро нисбат ба табиат назорат карда тавонанд ва фарҳанги экологии худро ташаккул диҳанд. Дар шароити кунунӣ рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳалли масоили экологӣ вобаста аст. Рушди босуръати истихроҷ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ ба монанди нафт, газ, металлҳои ранга ва нодир дар минтақаҳои гуногуни ин кишвар боиси таназзули захираҳои замин ва об, инчунин ифлосшавии ҳаво гардидаанд.

Сарчашмаи дигари ифлосшавии экологӣ дар ин минтақа кони металлҳои рангаи Олмалик мебошад. Дар ин баробар дар масофаи начандон дуртар аз Янгиобод дар ҳаҷми ниҳоят калон зиёда аз 500 ҳазор метри мукааб партовҳои радиоактивӣ мавҷуд мебошанд, ки шиддатнокии радиатсияи он аз 60 то 1500 гамма мкР/соатро ташкил менамояд[5, с. 68].

Мураккабтарин мушкилиҳои муҳити зист ва ҳаёти аҳолӣ дар баъзе вилоятҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин нокифоя будани миқдори оби тозаи нӯшокӣ, ботлоқшавӣ, таназзули замин, ифлосшавии хок бо нитратҳо мебошад.

Мушкилоти дигари то ҳанӯз ҳалнашудаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба бадшавии ҳолати муҳити зист таъсири худро расонида истодааст, ин истифодаи бардавоми роҳу усулҳои куҳнашуда ва аз замони шуравӣ боқимондаи кишоварзӣ, махсусан, обёрии заминҳои кишт мебошад. Ин масъала дар соҳаи пахтакории ин кишвар бисёр ташвишовар боқӣ мемонад. Системаи обёрии соҳаи кишоварзӣ, махсусан, дар самти пахтапарварӣ ва шоликорӣ аз замони шуравӣ боқӣ монда, навсозӣ ва бо технологияҳои каммасрафи обӣ таъмин нагардидааст. Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои об ва аз меъёр зиёд ҷорӣ гардидани об дар майдонҳои кишт аз як ҷиҳат боиси шӯсташавии қабати ҳосилдеҳи хок, шӯршавии заминҳои корам ва ботлоқшавӣ оварда расонад, аз ҷиҳати дигар ҷорӣ нагардидани об ба баҳри Арал мегардад.

Масъалаи хушкшавии баҳри Арал мушкилоти минтақавӣ ба ҳисоб меравад, аммо барои ҳалли ин масъала Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳар кишвари дигари минтақа дида масъулияти бештар дорад, чунки ин кишвар дар минтақа аз ҳама бештар дида захираҳои оби минтақа, махсусан, миқдори зиёди оби дарёҳои фаромарзиро истифода менамояд.

Масоили миллии экологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбат ба ҳар кишвари дигари минтақа мураккабтару печидатар аст. Рушди босуръати демографӣ, таназзули заминҳои кишоварзӣ, куҳнаю фарсуда будани қисми аксари пойгоҳҳои обёрӣ ва вобастагии он аз захираҳои оби кишварҳои болооб (Тоҷикистон ва Қирғизистон) онро аз ҷиҳати экологӣ осебпазир гардонидааст.

Дар қатори дигар кишварҳои минтақа, Ҷумҳурии Туркманистон низ дорои як қатор мушкилоти миллии экологӣ ва миллии экологии аҳамияти минтақавидошта мебошад. Мушкилоти ҷиддитарини экологии ин кишвар биёбоншавӣ, аз гардиши кишоварзӣ

баромадани заминҳои кишоварзӣ, норасоии оби тозаи нӯшокӣ ва полезӣ, тағйирёбии ҳарорати ҳаво ва иқлим, масоили экологии вобаста ба баҳри Арал мебошанд.

Мушкилоти зикргардидаи экологӣ дар Ҷумҳурии Туркманистон ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсири зиёди манфӣ расонида, монеаи ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат гардидааст.

Масъалаи хушкшавии баҳри Арал барои Ҷумҳурии Туркманистон мушкилоти экологии асосӣ ба ҳисоб меравад. Нисбат ба дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна ин мушкилот Ҷумҳурии Туркманистонро бештар таҳдид менамояд ва оқибатҳои ногувори иқтисодию иҷтимоиро ба миён овардааст.

Аз ҷумла дар Конфронси рушди устувор дар Рио-де-Жанейро (RIO + 20) ҷониби Туркманистон рушди соҳаи алоҳидаи фаъолияти СММ-ро пешниҳод кард ва онро Барномаи махсуси СММ оид ба баҳри Арал номид, ки нақшаҳои мушаххаси ба эътидол овардан ва беҳтар кардани вазъро дар ҳавзаи баҳри Арал дар бар мегирад.

Мавқеи Туркманистонро дар ин самт ҷомеаи ҷаҳонӣ низ дастгирии ҳамаҷониба менамояд. Махсусан, санаи 12-уми апрели соли 2018 дар ҷаласаи 85-уми пленуми 73-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи "Ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид ва Фонди байналмилалии наҷоти Арал"[2], ки бо ташаббуси ҷониби Туркманистон оғоз ёфта буд, тамоми давлатҳои аъзо якдилона дастгирӣ намуданд.

Дар маҷмуъ, мушкилоти мураккабтарини экологии Ҷумҳурии Туркманистон тавъам ба масоили об буда, дурнамои рушди устувори он аз ҳалли масоили муҳити зист вобастагии ҳамаҷониба дорад.

Дар қатори дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Қирғизистон низ дорои мушкилоти хосаи миллии экологӣ буда, ҷиҳати бартараф сохтани онҳо сиёсати густурдаи экологиро таҳия ва татбиқ намуда истодааст.

Дар робита бо тағйирёбии ҷаҳонии иқлим дар Қирғизистон, мушкилиҳои мураккаб ба вуҷуд омада истодаанд. Масоҳати ишғолкардаи пиряххо дар солҳои охир 20% коҳиш ёфтааст[6].

Ҳамзамон Ҷумҳурии Қирғизистон ба мушкилоти шадиди биёбоншавӣ рӯ ба рӯ гардида, соли 1999 ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бо биёбоншавӣ ҳамроҳ гардид. Биёбоншавӣ таҳдиди воқеӣ барои Қирғизистон аст. Тибқи Стратегияи рушди кишвар барои солҳои 2018-2040, аз 10,6 миллион гектар замини кишоварзӣ, зиёда аз 88% таназзул ёфта, ба биёбон мубаддал гашта истодаанд. Майдонҳои шӯршавии хокҳо афзуда, 75%-и тамоми заминҳои корамро фаро гирифтаанд ва тақрибан нисфи чарогоҳҳо сифати худро аз даст додаанд[6].

Мушкилоти дигар ва нисбатан мураккаби экологӣ идоракунии партовҳои сахти саноатӣ дар ин кишвар мебошад. Дар Қирғизистон 92 корхонаи истихроҷи маъдан мавҷуданд, ки дорои 250 миллион метри мукааб партовҳои заҳролуд ва радиоактив мебошанд. Аз соли 1999 то 2007 масоҳати ин мавзеъҳо аз 189,3 гектар ба 381 гектар афзоиш ёфт. Ҳамзамон идоракунии партовҳои маишӣ низ ба талаботи санитарию экологӣ ҷавобгӯ нест ва партовгоҳҳои дурусти партовпартоӣ вуҷуд надоранд. Масалан, дар партовгоҳи шаҳри Бишкек, ки барои 3,3 миллион метри мукааб пешбинӣ шудааст, дар ҳоли ҳозир 24 миллион метри мукааб партовҳои маишӣ мавҷуданд[8, 3].

Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба таъмини бартариҳои манфиатҳои экологии ҷамъиятӣ бо назардошти пайвастагии илман асосноки инкишофи фаъолияти хоҷагӣ ва муносибатҳои он, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи кафолатноки ҳуқуқи инсон барои муҳити солиму мусоиди зиндагӣ нигаронида шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҳамкории васеъ самарабахши байналхалқиро бо мақсади эмин доштани табиати замин ва муқаррар намудани амнияти умумӣ ва пурраи экологии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба асос мегирад[4, с. 103].

Дар баробари мушкилоти экологие, ки омили асосии онҳо фаъолияти бевоситаи инсон ва муносибати нодурусти он ба табиат мебошад, инчунин мушкилоти дигари табиӣ низ ба монанди заминҷунбӣ, ярч, тарма, обхезӣ, сел ва ғайра таҳдид мекунад, ки ҳамасола ба саломатии одамон таҳдид намуда, зарари зиёди моддӣ расонида, талафоти ҷониро низ дар пай доранд.

Муҳимтарин ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлол гаштан то кунунро метавон ба қисмҳои зерин ҷудо кард, ки аксарияти онҳо дар соҳаи об мебошанд:

1. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (1 октябри 1999)-эълон намудани соли 2003-Соли оби тоза. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.
2. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт". 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард.
3. Пешниҳод оид ба таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез.
4. Ташаббус оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо. Ин масъала аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3 - юми Ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август - 4 сентябри соли 2009 дар шаҳри Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7 - 8 декабри соли 2009 пешниҳод гардида буд;
5. Эълон намудани соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об;
6. Пешниҳоди даҳсолаи байналмилалии амал "Об дар бораи рушди устувор", солҳои 2018 – 2028[1, с. 41-42];
7. 3 – юми марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки тариқи видеоконференсия баргузор гардид, иштирок карда, доир ба масъалаҳои об ва иқлим суханронӣ намуданд. Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардида, санаи "Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо" муайян карда шавад[10].

14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд.

Тибқи ин қатънома, аввалан, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон карда шуд.

Дуввум ин, ки аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил карда мешавад[7].

Хулоса, мушкилоти экологии кишварҳои Осиёи Миёна нишон дод, ки бисёре аз масоили миллии экологии давлатҳо ҷанбаи минтақавӣ доранд ва натанҳо марзҳои миллӣ, инчунин марзҳои минтақаро низ убур менамоянд.

Дар маҷмуъ, масъалаҳои миллии экологии кишварҳо ба муҳити зисти ҳамдигар дар ҳар ҳолат таъсири зиёд мерасонанд ва ҳадафу мақсадҳои давлату ҳукумати кишварҳои минтақа ба ҳам тавъам ва ҳамранганд.

Ин ҳолат ҷиҳати таҳияи стратегияи ягонаи амал дар соҳаи экология ва ҳифзи муҳити зистро осон ва содда намуда, ҳамоҳангӣ ва мураттабии таҳия ва пешбурду татбиқи сиёсати минтақавии экологиро натиҷабахш месозад. Бо назардошти ин, иҷрои амалҳои зеринро зарур мешуморем:

1. Таҳияи стратегияи ягонаи минтақавии экологӣ дар заминаи сиёсати миллии экологии кишварҳои минтақа;
2. Ба инобат гирифтани зарфиятҳо ва ягонагии масоили миллии экологии кишварҳои минтақа;
3. Инъикос ва омӯзишу татбиқи таҷрибаҳои муваффақи сиёсати миллии экологии кишварҳо дар сатҳи минтақа;
4. Муайян кардани манбаъҳои таҳдидҳои миллӣ ва минтақавии экологӣ ва пешбинӣ намудани роҳҳои пешгирии хатарҳо дар стратегияи минтақавии экологӣ;
5. Ҳамоҳангсозии сиёсати миллии экологӣ бо ҳадафҳои сиёсати минтақавии экологӣ.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати сари вақт бартараф нагардидани масоили экологӣ ва махсусан, масоили экологии аҳамияти минтақавию ҷаҳонидошта, боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти дигар гардида, масъала печидаю мураккаб мегардад. Мушкилоти экологӣ хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта, он метавонад ба мушкилоти иқтисодӣ ва ё иҷтимоию сиёсӣ табдил ёбад. Ин масъала хеле васеъ мебошад ва дар доираи як мақолаи илмӣ ҳал намудан ғайриимкон мебошад.

***Адабиёт***


1. Баҳромзода, М. З. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об / М. З. Баҳромзода. – Душанбе: “Сино”, 2018. С. 41-42.
2. Дар ҷаласаи 85-уми пленумии 73-юми Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи “Ҳамкории СММ ва Фонди Байналмилалии наҷоти Арал” якдилона қабул карда шуд. Қабули он бо ибтикори Туркманистон сурат гирифт ва 21 кишвари узви Созмон ҳаммуаллиф буданд.
3. “Казахстан-2030” — программа развития Казахстана до 2030 года, впервые озвученная в Послании Президента страны народу Казахстана в 1997 году.
4. Мирзоев, С.М. Сиёсат ва ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.М. Мирзоев // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ISSN 2076-2569, 2019. - №1 (005). С. 103-107
5. Мухаббатов, Х.М. Вода и связанные с нею стихийных бедствия в Таджикистане. В книге «Изменение климата и таяние ледников и ее влияние на водные ресурсы Центральной Азии» [Текст] / Х.М. Мухаббатов. – Худжанд, 2018.
6. Национальная стратегия развития Кыргызской Республики [Текст] // на 2018-2040 годы, Бишкек, ноябрь 2018 г.
7. Паёми шодбошии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [Манбаи электронӣ]. – URL: tnu.tj/index.php/tj/coli-2025-amchun-soli-bajnalmilalii-ifzi-pirjah-o/
8. Экологические проблемы в Кыргызстане [электронный ресурс]. – URL: https://ru.qaz.wiki/wiki/Environmental_issues_in_Kyrgyzstan (дата обращения: 16.04.2024).
9. Экологические проблемы Казахстана на современном этапе [электронный ресурс]. – URL: https://www.inform.kz/ru (дата обращения: 18.04.2024).
10. Эмомалӣ Раҳмон: Соли 2025 соли умумиҷаҳонии ҳифзи пиряххо эълон гардад! [Манбаи электронӣ]. – URL:www.mfa.tj/tg/berlin/view/ 7222/emomali-rahmon-soli-2025-soli-umumijahonii-hifzi-piryakhho-elon-gardad (Санаи муроҷиат: 20.04.2024).


## СИЁСАТИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ ЯГОНАИ АМАЛ ДАР ИН САМТ


Дар мақолаи мазкур сиёсати экологии давлатҳои Осиёи Миёна - Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қиргизистон ва Узбекистон мавриди баррасӣ рарор гирифтааст. Бисёре аз масоили миллии экологии ин давлатҳо ҷанбаи минтақавӣ доранд ва на танҳо марзҳои миллӣ, инчунин марзҳои минтақаро низ убур менамоянд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар Осиёи Марказӣ масоили экологӣ тавъам ба масоили ҳаётӣ буда, таъмини сулҳу субот, амният ва ваҳдат ба ҳалли мушкилоти экологӣ вобастагии ногусастанӣ доранд. Амнияти миллӣ бо амнияти минтақавии экологӣ мустақиман алоқаманд буда, он саъйю талоши якҷояи ҳамкориҳои тамоми давлатҳои минтақаро тақозо менамояд. Танҳо дар ҳолати баланд бардоштани фарҳанги экологии ҷомеа масъалаҳои марбути ҳифзи табиатро ҳал кардан мумкин аст. Аҳли ҷомеа бояд дарк намояд, ки ҳар як муносибати бешуурона нисбат ба табиат ва сарватҳои он ба сари худ ва дигарон хатар ба вуҷуд меорад.

Дар шароити муосир амалишавии тамоми ҷанбаҳои сиёсати иҷтимоӣ ба вазъи мухити зист ва ҳолати экологӣ вобаста аст. Бад будани вазъи мухити зист ва сиёсати ноустувори экологӣ метавонад мушкилотеро эҷод созад, ки на танҳо боиси беҳтар нашудани шароити иҷтимоӣ, балки мушкилоти наверо эҷод месозад, ки сарбории иловагии иҷтимоӣ дар назди давлат мегардад. Аз ин рӯ, пешгирӣ намудани мушкилоти экологӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ муҳим мебошад.



**Калидвожаҳо:** Сиёсати экологӣ, Осиёи Миёна, сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, заҳролудшавии ҳаво, оби тоза, атмосфера, мушкилоти экологӣ, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист.


## ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА ГОСУДАРСТВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И РАЗРАБОТКА ЕДИНОЙ СТРАТЕГИИ ДЕЙСТВИЙ В ЭТОЙ ОБЛАСТИ


В данной статье обсуждается экологической политики стран Средние Азии - Таджикистана, Туркменистана, Казахстана, Кыргызстана и Узбекистана. Многие национальные экологические

проблемы имеют региональное измерение и переходят не только национальные, но и региональные границы.

Автор подчеркивает, что в Средние Азии экологические проблемы переплетаются с жизненно важными вопросами, а мир, стабильность, безопасность и единство неразрывно связаны с решением экологических проблем. Национальная безопасность напрямую связана с региональной экологической безопасностью и требует совместных усилий всех стран региона. Только в случае повышения экологической культуры общества могут быть решены вопросы, связанные с охраной природы. Общество должно понимать, что любое неосознанное отношение к природе и ее ресурсам ставит под угрозу его самого и других.

В современных условиях реализация всех аспектов социальной политики зависит от состояния окружающей среды и экологической ситуации. Плохие экологические условия и неустойчивая экологическая политика могут создавать проблемы, которые не только препятствуют улучшению социальных условия, но и создают новые проблемы, которые ложатся дополнительным социальным бременем на государство. Поэтому важно предотвратить экологические проблемы и принять необходимые меры.

**Ключевые слова**: Экологическая политика, Средние Азия, социально-экономическая политика, загрязнение воздуха, чистая вода, атмосфера, экологические проблемы, , правовая база охраны окружающей среды.

## ENVIRONMENTAL POLICY OF THE CENTRAL ASIAN STATES AND THE DEVELOPMENT OF A UNIFORM STRATEGY OF ACTION IN THIS FIELD

This article reviews the environmental policies in Central Asia - Tajikistan, Turkmenistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan and Uzbekistan. Many national environmental issues have a regional dimension and cross not only national but also regional boundaries.

The author emphasizes that in Central Asia, environmental issues are intertwined with vital issues suchas peace, stability, security and unity are inextricably linked with the solution of environmental problems. National security is directly linked to regional environmental security and requires the joint efforts of all countries in the region. Only in the case of raising the ecological culture of the society, the issues related to nature protection can be solved. The socrety must realize that any unconscious attitude towards nature and its resources endangers itself and others.

In modern conditions, the implementation of all aspects of social policy depends on the state of the environment and the ecological situation. Poor environmental conditions and unsustainable environmental policies can cauze problems that not only prevent the implementation of the social conditions, but also create new problems that place an additional social burden on the state. Therefore, it is important to prevent environmental problems and take the necessary measures.

**Keywords:** Environmental policy, socio-economic policy, air pollution, clean water, atmosphere, Central Asia, environmental issues, legal framework of the environmental protection.

**Дар бораи муаллиф:**
Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович
Ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 988 35 34 50,
E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

**Об авторе**
Мирзоев Саидмузаффар Мирзомуродович
ассистент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 988 35 34 50,
E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

**About the author:**
Mirzoev Saidmuzaffar Mirzomurodovich
assistant of the Chair of Political Sciences
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: 988 35 34 50
E-mail: saidmuzaffar-1991@mail.ru

**Қоидаҳои таҳияи мақолаҳо**

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи мухтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ" нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва мухтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

**Правила оформления статей**

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.
2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.
3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.
4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.
5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.
6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.
7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.
8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.
9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].
10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.
12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.
13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета. Серия философия, право и политические науки». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.
14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).
15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.
16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.
17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).
18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

**Rules for the design of articles**

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University. Series philosophy, law and political sciences». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия философия, право и политические науки
**№ 2-3(14-15)2024.**

---

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета. Серия**
**философия, право и политические науки»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: http: // filosofiya.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 19,6
Подписано в печать 11.11.2024 Заказ №218
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.